Keywords: youth, family, educational organization, marriage, divorce, preparation for family life, psychological, economic and legal ground preparation of youth for family life.

Сведения об авторах: Мустафокулов Т., кандидат психологических наук, доцент Кулябского государственного университета имени А. Рудаки

Раджабзода Д., аспирант Кулябского государственного университета имени А. Рудаки, e-mail: dilafruz_s@mail.ru

About authors: Mustafokulov T., PhD in Psychology, Associate Professor, Kulob State University named after A. Rudaki

Rajabzoda D., post-graduate student of the Kulob State University named after A. Rudaki

НАҚШИ ЗАНУ ШАВҲАР ДАР ТАҲКИМИ ОИЛАИ СОЛИМ АЗ ДИДГОҲИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ

Каримова М. М.

Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав

Аз раванди таърих ба мо маълум аст, ки фарҳангу тамаддуни ҳар як халқу миллат дар рафти ташаккул ва рушд ба омезишҳои ҳархелаи фарҳангии дигар халқу миллатҳо рӯ ба рӯ мешавад. Равандҳои гуногуне, ки дар шароити ҷомеаи мусоири инсонӣ ба вуқуъ пайвастааст, ба вижа ҷаҳонишавии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро низ дар бар гирифтааст. Дар ин раванд омезиши фарҳангҳо бошад хоҳу нохоҳ дар урфу одат, расму ойин, анъана ва дигар маросимҳои халқӣ инъикоси худро меёбанд. Маҳз бо ин ва сабабҳои дигар дар давоми солҳои зиёд (даҳсолаҳо, садсолаҳо) рафтор, муоширату муносибатҳои оилавӣ-зану шавҳар, падару модар, фарзандон ва дигар аъзоёни оила омезиш ёфта ранги дигар мегиранд.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҳамчун олим, файласуф ва мутафаккири бузурги давр дар раванди таҷрибаву мушоҳидаҳои хеш масъалаи муносибатҳои зану шавҳарро дар тарбияи фарзандон ва солимии муҳити оила дарк намуда, барои наслҳои оянда баррасӣ кардааст. Ӯ ҳамчун мутафаккири бузург нуқсонҳои замони худро ҳам ба хубӣ дарк намуда, баҳри ҳалли онҳо бо ҷиддият кӯшиш намудааст. Яке аз ин гуна масъалаҳои муҳим масъалаи тарбияи оилавӣ буд, ки мутафаккир роҳҳои ҳалли онро ба хубӣ дарёфтааст. Ба ақидаи ӯ, агар завҷ ба завҷа дар муносибатҳои оилавии худ қоидаҳои аз тарафи шариат муқарар гардидаро риоя намоянд, бартараф намудани масъалаҳои дар ин раванд ҷой дошта барояшон осон мегардад. Ҳарчанд файласуф дар ҳалли ин масъала бештар ба нишондодҳо ва қоидаҳои дини ислом такя карда бошад ҳам, аммо саволҳое, ки ӯ ба миён гузоштааст, дар мустаҳкам ва пойдор нигоҳ доштани пояҳои оила, баланд бардоштани маданияти муносибатҳои зану шавҳар ва таъсири онҳо дар тарбияи фарзандон дар шароити ҷомеаи имрӯзаи мо аз аҳамият холи нест. Дар он давру замон ва муҳити шароити ҷомеаи онвақта барои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дигар хел рафтор кардан душвор буд. Чунки Шоҳи Ҳамадон марди диндор, содиқ ба урфу одат ва расму оини мардуми Шарқ буд. Аз ин рӯ, ҷонибдори он буд, ки падару модар дар муносибати оилавӣ ва тарбияи фарзанди хеш аз рӯи қонунҳои динӣ рафтор намоянд. Вале бо вуҷуди ин роҳҳое, ки мутафаккир пешниҳод намуда буд, гарчи ба талаби замони мо пурра мувофиқ набошад ҳам, аксар паҳлуҳои он аз нуқтаи назари педагогию равоншиносӣ дар ҳалли проблемаи мазкур нақши муайян бозида метавонанд.

Алии Ҳамадонӣ кӯшиш кардааст, ки паҳлуҳо ва имкониятҳои гуногуни дин, илму дониш, таҷрибаи ҳаётӣ, фарҳангу маърифат ва маънавиёти инсонро ҳамчун қувваи пешбаранда ва муттаҳидсозандаи пойдории ҳаёти оилавӣ ва таълиму тарбияи дурусти фарзандон равона кунад. Омӯзиш ва таҳқиқу таҳлили Алии Ҳамадонӣ нишон медиҳад,

ки чунин тарзи кор ба ӯ имконият додааст, ки мушкилоти проблемаи мазкурро аз мавқеи педагогию равоншиносӣ тибқи талаботи замони худ то андозае ҳаллу фасл намояд.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар ҳалли масъалаҳои муносибатҳои байни зану шавҳар: дӯстӣ, муҳаббат, ҳурмату эҳтироми якдигар, муносибатҳои дохили оилавӣ ва ғайра ба комёбиҳои нав соҳиб гашт. Барои ҳамин ҳам, асоси боби чоруми «Захират-ул-мулук»-ро муносибатҳои зану шавҳар дар оила, покию озодагӣ, дӯстию рафоқат, муҳаббату эҳтироми якдигар дар оила, илмомӯзӣ ва ғайра ташкил медиҳанд. Ӯ хусусан, нақши муносибати падару модарро, яъне зану шавҳарро дар муҳайё сохтани муҳити солим ва дар ин санад тарбия ва ба камол расонидани фарзандон басо бузург шуморидааст. Чунки дар замони ӯ насли наврасро дар рӯҳияи итоаткорӣ, фармонбардорӣ, меҳнатдӯстӣ ба ҷо овардани ҳурмату эҳтироми калонсолон ва ғайраро тарбия медоданд. Оилаҳо кӯшиш ба харҷ медоданд, ки фарзандон нисбат ба падару модар, калонсолонва аҳли оила муҳаббат ва ҳурмату эҳтироми бепоён пайдо карда, оиларо ҳамчун арзишоти муқаддас шуморанд.

Алии Ҳамадонӣ ҳамчун фарзанди пешқадами замони худ масъалаи нақши оиларо дар таълиму тарбияи инсон аз ҳамин ҷиҳат таҳлилу таҳқиқ намудааст. Аз ҳамин рӯ, ақидаҳои тарбиявӣ ва панду ахлоқие, ки Ҳамадонӣ дар асарҳояш доир ба масъалаи тарбияи хонаводагӣ (оилавӣ) ба миён гузошта буд, дар асл орзую умед ва муроду матлаби мардумӣ буданд. Бинобар ин, андешаҳои Ҳамадонӣ доир ба масъалаҳои тарбияи оилавӣ, то ҳол қимати педагогии худро нигоҳ доштаанд ва мо имрӯз низ метавонем, ки ақидаҳои ӯро дар раванди таълим ва тарбияи фарзандони худ пурсамар истифода барем.

Ба ақидаи Алии Ҳамадонӣ, оила қодир аст, ки дар тарбия ва ба воя расонидани фарзанд нақши бузург бозад. Аз ин лиҳоз, ӯ аз падару модар талаб кардааст, ки ба фарзандони худ таълиму тарбияи дуруст дода, дар онҳо сифатҳои ахлоқи неки инсониро ташаккул ва инкишоф диҳанд.

Аз нуқтаи назари Алии Ҳамадонӣ, барои он ки фарзанд дар оила тарбияи дуруст гирад, пеш аз ҳама лозим аст, ки худи оила хуб ташкил ёфта бошад. Барои ин ба зану мард зарур аст, ки оиларо дар асоси ақди никоҳ ташкил намоянд. Чунки никоҳ барои мустаҳкам гаштани оила аҳамияти калон дорад. Никоҳ оиларо пойдор намуда, барои ба дунё овардани фарзанд ва таълиму тарбияи ӯ шароитҳои зарурӣ фароҳам меорад.

Маълум аст, ки оиладорӣ кори саҳл нест. Ба фарде, ки оила ташкил медиҳад, дар баробари ташкили оила масъалаҳои зиёди ҳалталабе ба монанди: иқтисодӣ, иҷтимоӣ, педагогӣ, равоншиносӣ ва ғайра пеш меояд. Агар одамон дар ҳалли ин проблемаҳо ба ихтиёри худ мебуданду ба ҳеҷ гуна қонуну қоида риоя намекарданд, ҳеҷ гоҳ дар ҳаёти оилавӣ хушбахт шуда наметавонистанд. Аз ин рӯ, Алии Ҳамадонӣ бо мақсади пешгирӣ намудани пастравии ахлоқ никоҳро ҳамчун пойдорӣ ва устувории оила ва яке аз қонунҳои асосии оиладорӣ ҳисоб кард. Ӯ никоҳро суннати паёмбар ҳисобида, таъкид кардааст, ки ҳар як бандаи муъмин, агар худро дӯсти эшон ҳисобад, бояд ба суннати вай содиқ бошад. Бинобар ин, агар касе аз Шумо хоҳиш кунад, ки ӯро никоҳ кунед, қатъи назар аз бой ё камбағал буданаш, хоҳиши ӯро ба ҷо овардан лозим аст. Агар хоҳиши ӯро иҷро накунед, ба гуноҳи азим гирифтор хоҳед шуд.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ кӯшиш намудааст, ки аҳамияти никоҳро дар ҳаёти инсон кушоду равшан ва вазеҳу фаҳмо нишон диҳад. Аз тарафи дигар, шахсонеро, ки аз дасташон никоҳ кардан меояд таъкид кардааст, ки агар онҳо одамонро никоҳ накунанд, гуноҳ содир менамоянд. Инчунин шахсоне, ки аз никоҳ даст мекашанд, онҳо низ гунаҳкор ҳисобида мешаванд.

Дар ин хусус, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ овардааст: «Ва қола, алайҳиссалом: Ман рағиба он суннати фалайса минни ванникоҳу фаман иҷтанаба фалястанна биссунати. Расул, алайҳиссалом, фармуд, ки ҳар ки суннати ман руй тобад, аз ман нест ва никоҳ суннати ман аст, ҳар ки маро дӯст медорад, гӯй бар суннати ман собит бош» [4, с. 88].

«Ва қола Расулуллоҳи, саллаллоҳу алайҳи ва салама: Изо атокум ман тарзавна динаҳу ва амонатаҳу фазаввиҷуҳу ин ло тафъалу такун фитнатун филарзи ва фасодун кабирун. Фармуд, ки ҳар гоҳ ки касе ба дин ва амонати вай шуморо эътимод бувад, назди Шумо ояд ва талаби никоҳ кунад, ӯро никоҳ кунед, яъне агар инчунин кас дарвеш бувад аз дарвешии ӯ нанг мадоред ва тақво ва диёнати ӯро ғанимат шуморед ва, агар накунед, фитна дар замин ангехта бошад ва фасоди бузург карда, чун амри никоҳ аз

маҳосини умури дин аст ва масориқи чанд шаётин ва сабаби иқбои вуҷуди аном» [4, с. 88].

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар тайёр намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ падару модарро низ масъул ҳисобидааст. Ба ақидаи мутафаккир, падару модар вазифадор аст, ки фарзандони хешро ба ҳаёти оилавӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ, педагогӣ, психологӣ ва ғ., яъне ҳамаҷониба, омода созанд.

Таҷрибаҳо ва мушоҳидаҳо аз он далолат медиҳанд, ки дар замони муосир низ падару модароне ёфт мешаванд, ки ба ин масъала эътибори ҷиддӣ намедиҳанд. Оқибат фарзандони онҳо баъди ташкил намудани оила ба душвориҳои зиёд рӯ ба рӯ мегарданд. Аз ин рӯ, ба падару модар зарур аст, ки фарзандони худро ба ҳар роҳ, тарз ва усул ба ҳаёти оилавӣ омода созанд.

Дар ин мавзӯъ Алии Ҳамадонӣ чунин таъкид кардааст: «…ҳуқуқи никоҳ аз донистан ва амал кардан бад-он пора нест, ҳафт шарт аст: шарти аввал – муошират, шарти дувум – сиёсат, севум – ғайрат, чаҳорум – нафақа, панҷум – таълим, шашум – қисмат, ҳафтум – таъдиб» [5, с. 77].

Бо ҳамин, Алии Ҳамадонӣ бори дигар таъкид кардааст, ки ҳуқуқи никоҳро дониста никоҳ кардан лозим аст, на кӯркӯрона. Яъне шахсе, ки ба қайди никоҳ медарояд, бояд аз талаботҳои никоҳ огоҳ бошад, ки 7 шарт аст. Агар аз ӯҳдаи иҷрои ин корҳо баромада тавонӣ, ҳуқуқи ба қайди никоҳ даромадан дорӣ.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар боби оиладорӣ на танҳо нисбат ба мардҳо, балки нисбат ба занон ҳам талабҳо ба миён гузошта, гуфтааст: «Ҳақ ҷалла ва аъло мефармояд, ки он заноне, ки зиёдатӣ ва (бузургбинӣ кунад аввал эшонро ваъз гӯяд хуб насиҳат кунад), агар насиҳат суд надорад, аз ҷои хоб эшонро дур кунед ва агар он ҳам фоида накунад, эшонро бизанед ва адаб кунед, чунонки аз аъзои эшон чизе нашиканад ва нуқсон нашавад ва чун ба тоат ва салоҳ бозоянд, бар эшон зиёдатӣ макунед» [5, с.80-81].

Яъне зане, ки нисбат ба шавҳар калонгарӣ мекунад, шавҳар бояд аввал ӯро бо хубӣ насиҳат кунад, агар насиҳат суд набахшад, ӯро аз ҳамхобагӣ маҳрум кунад, агар ин ҳам суд набахшад, ӯро бизанад. Ҳамин тавр, Ҳамадонӣ зина ба зина барои суфта кардани рафтору кирдори зан чораҳо андешиданро тавсия кардааст. Яъне агар як тадбир натиҷа набахшад, тадбири дигарро ҷустан лозим. Агар он ҳам натиҷа надиҳад, дигар тадбирро ҷустуҷӯ кардан лозим.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо ин ақида ҳеҷ гоҳ поймол кардани ҳуқуқи занонро дар назар надошт. Ба ин, чунин гуфтаҳои ӯ шаҳодат медиҳад: «Шафқат кунед ва аз худо тарсед. Ҳуқуқи занонро риоя кунед» [5, с. 78].

Шарти дигаре, ки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ пешниҳод кардааст, ин сиёсат мебошад. Ба қавли ӯ, марди асил, ғаюр ва бо маърифату боиффат дар оила бо завҷаи худ чунон муносибатро пешаи худ месозад, ки дар оила муҳити солиму якдигарфаҳмиро ба миён меорад. Кӯшиш мекунад, ки муносибат нисбат ба ҳамсараш ба фасод наорад, ӯро ба густоҳӣ накашад, агар дар рафтору муносибати ӯ чизи номашруъро ҳам пай барад ба ӯ таҳдид нею, балки адаб медиҳад. Бо завҷаи худ чунон муносибату мушоварат менамояд, ки дили ӯ ҳамеша шоду хурам бошад. Чи тавре дар хабар аст, ки: «Шавируҳунна ва холифиҳунна. Фаинна фи хилофиҳин – нал бараката» [4, с. 90]. Яъне: Бо эшон мушаварат кунед, то дилҳои эшон бад – он хуш гардад, пас мухолифати раъйи эшон кунед, ки баракат дар хилофи раъйи эшон аст.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ оид ба масъалаи мазкур чунин меоварад, ки муъмини ғаюр бояд, ки дар эҳтимол ва ҳусни хулқ мутобаати ҳавои эшон накунад ва инбисот ба эшон ба ҳадде нарасад, ки ба васод анҷомад ва ҳайбат аз дили эшон бияфтад ва эшонро ба қуввати сиёсат ва савлати ҳамиият мақҳур ва зердасти худ гардонад ва маъмури эшон нагардад, хоссатан дар умури дин ба мушоварати эшон кор накунад, чи дар хабар аст, ки: «Шавируҳуна ва холифиҳунна. Фаинна фи хилофихин-нал бараката. Яъне: Бо эшон мушаварат кунед, то дилҳои эшон бадон хуш гардад, пас мухолифати раъи эшон кунед, ки баракат дар хилофи раъйи эшон аст» [4, с. 89].

Чи тавре маълум мегардад, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар мавзӯи сиёсати оиладорӣ доираи ҳуқуқҳои занро нисбат ба мард то андозае маҳдуд гардонидааст. Мақсад аз гуфтаҳои ӯ, дар асл на маҳдуд гардонидани ҳуқуқҳои зан, балки аз он иборат аст, ки дар оила бояд як кас хатман сардори оила бошад ва дар ҳалли масъалаҳои оилавӣ қарори мушаххас бароварда, ҳама раванди корҳои оилавӣ зери назорати доимӣ буда ба як тартибу низоми муайян ба роҳ монда шавад.

Агар аз мавқеи Алии Ҳамадонӣ назар афканем, ӯ таъкид кардааст, ки дар оила танҳо мард метавонад сардори оила бошад. Ҳамин нуқтаро бояд махсус таъкид намоем, ки фарқияти пойдорӣ ва устувории оилаи мардуми Шарқ аз оилаи мардуми Ғарб маҳз дар ҳамин зоҳир мегардад. Аз ҳамин лиҳоз, Алии Ҳамадонӣ ҳуқуқҳои занро на ҳамчун зан ва модар, балки ҳамчун сардори оила ҳуқуқҳои ӯро маҳдуд сохтааст.

Ақидае, ки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ оиди масъалаи таҳлилшаванда баён кардааст, тибқи талаботи замони худи мутафаккир буда, суннатҳои анъанавии мардуми худро ӯ риоя кардааст. Агар мо ба ақидаи файласуф аз нигоҳи замони имрӯза баҳо диҳем, то як андоза фикри ӯ маҳдуд аст. Аммо аз тарафи дигар, назар афканем, мо бояд ба хубӣ дарк намоем, ки таъкиди Алии Ҳамадонӣ маънои онро надорад, ки зан дар оила аз ҳамаи ҳуқуқҳои худ маҳрум бошад. Дар ҳалли ин масъала, мақсади Алии Ҳамадонӣ аз он иборат аст, ки дар оила зану модар, яъне падару модар бояд вазифаҳои худро иҷро намуда, дар таълиму тарбияи фарзандони худ саҳми баробари хешро гузаранд. Чунки падару модар дар ҳалли ин масъала масъулияти баробар доранд. Ин ақидаи мутафаккир дар замони мо низ яке аз вазифаҳои муҳими падару модар (зану шавҳар) ба ҳисоб меравад. Масалан, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» (2010) чунин оварда шудааст:

« - барои саломатӣ, инкишофи ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқии фарзанди худ ғамхорӣ намоянд;

–фарзандонро ба ҳаёти мустақилона ва меҳнати софдилона омода намоянд;

–фарзандонро дар руҳи эҳтироми Ватан, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ тарбия намоянд» [2, с. 24].

Шарти навбатие, ки аз тарафи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ пешкаш карда шудааст, ин ғайрат аст. Моҳият ва маънии ин шарт аз он иборат мебошад, ки муъмиин дар дохили маҳрами худ корҳои ғайримаҳрамиро раво надонад ва завҷаи худро аз зиёрати гӯристон, рафтан ба масҷид, мағоза ва маҷлисгоҳҳое, ки занон ва мардон дар як ҷо ҷамъ меоянд манъ кунад. Аммо дар ҳаққи зан бадгумонии аз ҳад зиёдро раво набинад, дар таҷассуси маълумотҳои дар бораи ӯ (зан) муболиға накунад ва беасос (баҳудаю беҳуда) айбҳояшро наҷуяд. «Расул алайҳиссалом, фармуд: «Алмаръату каззилъи. Ин истамтаъта биҳо стамтаъта ва биҳо ивачун ва ин аҳвамтаҳо кассартаҳо. Фармуд, ки зан ҳамчун устухони паҳлӯст. Агар хоҳӣ, ки аз ӯ таматтуъ гирӣ, бо кажии ӯ аз ӯ томаттуъ гир ва агар хоҳӣ, ки ӯро рост куни, шикаста шавад» [4, с. 90].

Дар ин ҷо дар зери мафҳуми ғайрат Алии Ҳамадонӣ устувории қалб ва ақли шахсро дар анҷоми андешаронӣ ва ҳалли масъалаҳои ҳаётиро (оилавиро) дар назар дорад. Аз ин рӯ, ӯ таъкид мекунад, ки шахсе, ки на бо ақлу заковат, донишу маърифати худ андешаронӣ карда, хулосабарорӣ менамояд, балки аз рӯи гуфтаю андешаҳои дигарон амал мекунад ӯ кӯтоҳандешӣ ва беақлу бемаърифатии хешро ба атрофиён маълум менамояд. Ба қавли файласуфи бузург, шахси соҳибақл дар амалҳои хеш ҳамеша мустақил аст. Вале ин ақидаи ӯ ҳеҷ гоҳ эътироф накардани занро надорад, ва балки ҳадафи ниҳоии ӯ мутеъ набудан ба зан аст. Аз ҷумла, Алии Ҳамадонӣ таъкид кардааст, ки мард бояд дар ҳама ҳолат ба зан ба хубӣ ва меҳрубонӣ рафтор намояд, роҳи муросоро пеша кунад, муомилаи хуб дошта бошад ва ҳамаи масъалаҳои оилавиро аз рӯи ақли расо ҳаллу фасл намояд. Чунки ба муносибат ва рафтори шоистаи худ падару модар (зану шавҳар) фарзандони хешро тарбия менамоянд, яъне чи тавре, ки онҳо бо якдигар муносибат ва рафтор намоянд дар замири фарзандони эшон маҳз ҳамон хислатҳо ташаккул ва рушд меёбанд.

Шарти чаҳорум, ки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ пешкаш кардааст ин нафақа мебошад. Дар таълими нафақа ҳар як муъмин бояд ҳадди эътидолро риоя намояд ва дар баробари ин бисёр сахтгирӣ накунанд, ки ба дараҷаи хассат ва буҳл расонад ва аз меъёр гузаронад. Агар нафақа аз аёл зиёдати кунад ба муҳтоҷон ва бечорагон диҳад. Ва ҳамеша ба он кӯшиш намояд, ки нафақаи ҳалол хурад. Чи тавре, ки дар ахбор омадааст: «Қалаллоҳу таъоло: Валлазина изо анфаку лам юсрифу ва лам яқтуру». Яъне: Аҳли начот ва арбоби дараҷаи он касонеанд, ки дар нафақа ҳадди эътидол риоят кунанд ва чунон танг нагиранд, ки ба хиссат ва бухл анҷомад ва чунон исроф накунанд, ки ба ҳадди табриз ва батор ва туғён кашад ва дар таҳсили нафақа ва кисвати аёл аз ҷамъи ҳаром ва шубаҳат эҳтироз кунад ва ҳарчи зиёдат аз қадри кифоят бувад, ба мустаҳаққон ва муҳтоҷон эсор кунад» [4, с. 91].

Чи тавре мебинем, ба ақидаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, ҳар касе, ки риояи ин шартро ба ҷо меорад, аз азобу шиканҷаи охират начот меёбад. Дар ин шарте, ки Алии

Ҳамадонӣ пешниҳод кардааст, моҳият ва муҳимияти ин шарт аз он иборат аст, ки ҳар як фард нишондодҳои ин шартро дар амал тасдиқ намояд, яъне ҳар як нафар дар харҷу сарфи хонавода бояд сарфакор бошад, нафақае, ки ба даст меояд ба ҳар корҳои ношоям, даркору нодаркор, баҳудаву беҳуда сарф накунад. Ва ба ҳамаи мо маълум аст, ки аҳли оилаҳое, ки чунин рафтор мекунанд оқибат ба кадом аҳвол гирифтор мешаванд. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар ҷомеа нафароне ҳастанд, ки ба аҳли оила, таъминоти оила ба дараҷаи зарурӣ диққат намедиҳанд, бо чунин муносибат пояи иқтисодии оиларо хароб мекунанд, аҳли оиларо ба мушкилиҳо мубтало мегардонанд ва то ба дараҷаи хонавайронӣ оварда мерасонанд. Мақсади асосии риоя намудани ин шарти мазкур ҳам аз пешгирӣ кардан ва ба чунин ҳолат гирифтор на намудани оилаҳо иборат мебошад.

Яке аз шартҳои муҳими дигаре, ки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ пешниҳод кардааст ин таълим мебошад. Дар ин шарти мазкур мутафаккири бузург аз номи Худованд таъкид кардааст: «Қалаллоҳу таъоло: Ё аюҳаллазина оману қу анфусакум ва аҳликум норан. Ҳақ ҷалла ва ало, мефармояд, ки эй касоне, ки имон овардаед, чунон ки нафсҳои худро аз оташ мераҳонед, бар ҳар муъмине воҷиб аст, ки аҳли худро он чӣ муътақиди аҳли суннат аст, аз умури дин таълим кунад ва эшонро аз азаб ва гирифтории охират битарсонад ва аз хатари тасоҳул дар бандагӣ ва уқубати мухолифати Ҳақ огаҳ кунад ва аҳкоми таҳорат ва ғусл ва намоз ва рӯза ва ҳайз ва нифос ва истеҳоза эшонро таълим кунад ва агар дар ин маонӣ тақсир кунад, осӣ ва осим бошад. Ва он заифаро воҷиб бувад, ки бе изни ӯ аз хона берун ояд ва аз аҳли илм суол кунад» [4, с. 91].

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба масъалаи омӯзиши илм ва гирифтани таълими зарурӣро ба ҳар як шахс, чӣ марду чи зан яке аз шартҳои асосӣ ҳисобидааст. Зарурат ба зикр аст, ки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар ҳалли ин масъала, пеш аз ҳама, ба Қуръони маҷид ва аҳодиси Расул (с) такя карда, фикру андешаҳои хешро баррасӣ намудааст. Масалан, дар бораи омухтани илму дониш Расули акрам (с) чунин фармудаанд: «Ҷустуҷӯ намудани илм фариза аст, бар ҳамаи мусалмонон. Ҳеҷ коре барои инсон фозилтар ва гуворотар аз илм нест» [3, с. 91]..

Агар аз талаботи замони муосир назар афканем, мебинем, ки зану шавҳар, хусусан зан-модар, ки бештар ба тарбияи фарзандон сару кор доранд, бояд дониши васеъ, ақлу хиради расо, маърифату маданияти баланд, ҷаҳонбинии ҳаматарафа ва маънавиёти бою ғанӣ дошта бошад. Чунки кӯдаконро дар боғчаю мактаб дар асоси таҷҳизот ва техникаю технологияи замонавӣ таълиму тарбия намуда, шавқузавқ ва ҳаваси онҳоро оиди илму дониш, фарҳанг, маърифат ва техникаю технологияи нав бедор мекунанд. Ва барои он ки модар пешичашми фарзандонашон оҷиз намонад, барои он ки фарзандонаш ҳамаи саволу дарди дилашро ба ӯ кушоду равшан изҳор намояд, модар бояд дар раванди камолоти хеш муттасил кор кунад.

Шарти шашуме, ки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ пешниҳод кардааст ин қисмат мебошад. Шарти мазкур ба ҳамон нафароне воҷиб дониста шудааст, ки зиёда як зан доранд. Бисёрзанӣ дар шароити кунунии ҷомеаи муосири мо тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст. Дар замони Алии Ҳамадонӣ, ки бисёрникоҳӣ қобили қабул буд, бинобар ин ӯ ин масъаларо мавриди баррасӣ қарор додааст. Ҳамадонӣ ба хубӣ дарк мекард, ки бисёрникоҳӣ дар ҷомеа, ки ӯ зиндагӣ мекард, қабули ҳама гаштааст ва ин масъаларо аз миён бардоштан мумкин набуд. Аз ин лиҳоз, масъалаи мазкурро бузургвор барои он баррасӣ намудааст, ки агар масъалаи мазкурро аз байн бардошта нашавад ҳам, ба ҳар ҳол адолатро пойдор намояд. Дар ин ҷо ҳаминро зикр кардан роиҷ аст, ки аз ҳаёт ва фаъолияти худи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ маълум аст, ки ӯ дар ҳаёт худ як бор хонадор шудааст. Яъне, мутафаккир як зан дошт, аз ин ҷо чунин бар меояд, ки ӯ худ ҷонибдори якканикоҳӣ будааст. Мутафаккир барои исботи фикри хеш ва побарҷо намудани адолат аз номи Абуҳурайра ривоятеро пешкаши хонанда менамояд, ки чунин аст: «Ан Абиҳурайрата, разияллоҳу анҳу, қола: Қола Расулуллоҳи саллалоҳу алайҳи ва салама: Изо кона инда раҷулин имраатони фалам яъдил байнаҳумо ҷоа явмалқиёмати ва шиққуҳу соқитун» [4, с. 91]. Абуҳурайра, розияллоҳу анҳу, ривоят кард, ки ҳар гоҳ ки мардеро ду зан бошад ва миёни эшон адл накунад, рӯзи қиёмат меояд як нимаи ӯ афтода бошад. Ва Расул, аллайҳиссалом, дар қисмати шаб ва нафақа ва кисват миёни азвоҷ савият нигоҳ дошти ва Оишаро аз ҳама дӯсттар дошти ва гуфти: «Аллоҳума ҳазо ҷуҳди фимо аммику фало талумни фимо тамлику ва ло амлику» [4, с. 92]. Яъне: Худоё, он чи ба ҷаҳди ман муяссар мешавад, ин аст, ки дар будани шаб ва нафақа ва кисват риоят мекунам, вале дил дар

қабза ва қудрати туст ва муҳаббати дил ба ихтиёри ман нест ва агар якеро дӯсттар дорам, маро бад-он магир.

Бояд ҳаминро арз намуд, ки агар ба ақидаҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз нуқтаи назари имрӯза нигоҳ кунем, асос бисёрзанӣ нею, балки ӯ адлу инсоф, муносибатҳои нек, меҳру муҳаббат ва эҳтироми инсонгаронаро дар байни зану шавҳар (падару модар) таъкид менамояд. Аммо чи тавре, ки мушоҳидаҳо ва таҷрибаи ҳаётии муносибатҳои баъзе падару модарон (бештар падарон) далолат мекунанд, ашхосе ёфт мешавад, ки ба хотири зани дигар, зану фарзандони хешро ба азобу шиканҷаҳои рӯзгор гирифтор ва дар роҳи зиндагӣ ба дасти тақдирашон ҳавола мекунанд.

Албатта, чунин рафтори баъзе падарон ба сари фарзандон, аз як тараф душвориҳои иқтисодиро пеш орад, аз ҷониби дигар, ба онҳо зарари калони дар баъзе ҳолатҳо, муолиҷа нашавандаи маънавӣ мерасонад. Чунки рафтор, гуфтор ва муносибати падар, пеш аз ҳама, ба рафтор, гуфтор ва умуман ба ахлоқи фарзандон таъсири бевосита мерасонад. Агар рафтор, гуфтор ва муносибати падару модар хуб (нек) бошад фарзандон низ чунин мекунанд, агар бад бошад аз фарзандон низ ҳамонро интизор бояд шуд.

Шарти ҳафтуме, ки Алии Ҳамадонӣ бо мақсади пойдорӣ, устуворӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати фарҳанг ва маърифату маданияти муносибатҳои зану шавҳар дар оила, пешниҳод намудааст – таъдиб (адабомӯзӣ) мебошад. Ба ақидаи мутафаккири бузург, агар эҳтиром, баробарӣ, риояи ҳуқуқҳои якдигар ва вазифаҳои шахсӣ дар рафтори оиладорӣ ва дигар рафтору кирдори хайрхоҳона дар байни зану шавҳар риоя карда шавад, пас ба камоли ҷисмонӣ ва маънавии худи волидон ва фарзандони онҳо таъсири мусбат мерасонад. Дар оила, ба қавли Алии Ҳамадонӣ, ҳамчун мард ва сарвари хонадон сабру таҳаммулро ба даст гирифта, ҳама гуна масъалаҳои оилавиро бояд аз рӯи ақлу хирад ва маданияти баланди одамӣ ҳаллу фасл намояд. Агар, дар ҳолате, ки зан аз ҳад зиёд худписандиву худнамоӣ ва саркашӣ кунад, дар навбати аввал, ба ӯ ваъз гӯяд ва насиҳат кунад, агар инсуд надиҳад, пас аз ҷои хоб ӯро дур созад ва он ҳам фоидае набахшад, «Эшонро бизанед ва адаб бикунед». Адабро ба ӯ чунон додан лозим, ки ягон ҷои бадани занро нашиканед ва нуқсон нарасонед. Агар бо адаби андак ба тоат (ислоҳ) биояд, «зиёдатӣ макунед». Агар мард бо завҷаи худ даҳ рӯз, ё як моҳ «сухан нагӯяд, раво бувад».

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар ин хусус, дар рисола чунин овардааст: «Ҳақ ҷалла ва аъло мефармояд, ки он заноне, ки зиёдати ва бузургбиниш кунанд, аввал эшонро ваъз гуед ва насиҳат кунед, агар насиҳат суд надорад, аз ҷои хоб эшонро дур кунед ва агар он ҳам фоида накунад, эшонро бизанед ва адаб кунед, чунон ки аз аъзои эшон чизе нашиканад ва нуқсон нашавад ва чун ба тоат ва салоҳ боз ояд, бар эшон зиёдатӣ макунед» [5, с. 80-81].

Аз омӯзиш ва таҳлили осори мутафаккир чунин бармеояд, ки мард дар оила на танҳо ҳамчун сардор, фармондеҳ ва амсоли ин, балки дорои ҳамаи хислатҳо ва ҳиссиётҳои неки инсонӣ, ба монанди: соҳибмаърифат, соҳибақл, соҳибхирад, меҳру муҳаббат, ботаҳаммул, ботамкин, устувор ва ғайра буда, барои аҳли оила ва дигарон намунаи ибрат бошад. Аз ин рӯ, Алии Ҳамадонӣ таъкид кардааст, ки завҷ бояд бо сабру таҳаммул, ақлу хирад ва маърифати баланд завҷаи худро таълим ва тарбия дода, ба роҳи адаб дар ӯ сифатҳои ахлоқи ҳамидаро ташаккул ва густариш диҳад. Дар таълимоти файласуфи бузург яке аз бартариҳо ва мардиву шуҷоатмандии мард нисбат ба зан маҳз дар ҳамин нуқта аён мегардад, ки завҷ бояд завҷаи худро бо гуфтору рафтори намунавии хеш тарбия намояд. Ба ақидаи Алии Ҳамадонӣ, Худованд аз ҳамин нуқтаи назар дар оила ҳаққи раёсатро ба мардон додааст. Аз ин нуқта чунин бармеояд, ки мардон дар назди Худованд барои беҳбудии зиндагӣ, хушбахтӣ ва таълиму тарбияи неки аҳли оилаи худ масъул мебошад. Ба ақидаи мо, агар андаке чуқуртар ва васеътар фикр намоем, ин худ дар ҳаққи занон як меҳрубонӣ, ҳурмату эҳтиром ва дараҷаи баланди маърифатнокиву маданиятнокӣ мебошад.

Боиси таасуф аст, ки ин ақидаи Алии Ҳамадониро дар ҷомеаи муосири мо на ҳама мардон ба қадри даркорӣ дарк намуда ва дар зиндагии оилавии худ риоя мекунанд. Ҳарчанд медонанд, ки занон ҷинси нозуку латифанд ва ба мушкилоти зиёд тоқат надоранд, аммо қисме аз мардон то имрӯз нисбати занҳои хеш суханони қабеҳ гуфта, даҳаливу зулму ситамро раво мебинанд, ҳатто дар баъзе ҳолатҳое мешавад, ки зери тозиёна мегиранд. Аз ин лиҳоз, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ маҳз ба мардон муроҷиат кардааст, ки онҳо пеш аз ҳама, мард ҳастанд ва чи аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва чи аз ҷиҳати

маънавӣ аз занҳо дида пурқуввату устувор мебошанд. Барои ҳамин ҳам, мутафаккир мардҳоро даъват кардааст, ки онҳо дар ҳалли масъалаҳои оилавӣ босабру ботаҳаммул буда, занони худро таълиму тарбия намоянд.

Алии Ҳамадонӣ дар рисолаи «Захиратулмулук» овардааст: «Аммо ҳуқуқи завҷ ба завҷа бисёр аст. Ва дар ҳақиқат, никоҳ навъе аз риққияш аст, чи дар шаръ мулк ду навъ аст: яке мулки ямин ва дуюм, мулки никоҳ. Ва, чунон чӣ, тоати сайид бар банда воҷиб аст, тоати завҷ бар завҷа воҷиб аст ва аз ин ҷо буд, ки Расул алайҳиссалом, фармуд: Лавамарту аҳодан он ясҷуда лиаҳадин лаамартул маръата ан тасҷуда лизавҷиҳо мин изами ҳақиқи алайҳо. Яъне: Агар якеро фармудаме, ки саҷдаи касе кунад, ҳароина занро фармудаме, ки саҷдаи шавҳари худ кардӣ аз бузурги ҳаққи шавҳар бар вай» [4, с. 92].

Дар ин ҷо, мақсад аз зикри ин ақида дар он аён мегардад, ки модоме парастиши зан зарурат аст, аз гуфта ва дастуру супоришҳои шавҳараш саркашӣ накунад ва ҳар он чи ки ӯ мефармояд бояд иҷро намояд.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ барои мустаҳкам ва пойдор сохтану пешравии кори оила ва баланд бардоштани муносибат ва муоширати зану шавҳар риояи даҳ нуқтаи асосиро аз тарафи завҷа ҳатмӣ донистааст: «Ва аз ҳуқуқи завҷ бар завҷа яке он аст, ки ҳар гоҳ ки завҷро рағбати ӯ бошад, ба ҳар ҳол ки бошад, манъ накунад; дувум он, ки аз хонаи шавҳар бе изни ӯ ба касе чизе надиҳад; севум, рӯзаи татаввӯъ бе фармони шавҳар надорад; чаҳорум он, ки бе иҷозати шавҳар пой аз хона берун наниҳад; панҷум он, ки ғайбати шавҳар пеши хешони худ нагӯяд; шашум он, ки зиёдат аз қадри ҳоҷат аз шавҳар талаб накунад; ҳафтум он, ки ба шодии шавҳар шод бошад ва ба андуҳи ӯ андуҳгин гардад; ҳаштум он, ки бар шавҳар бисёр ғайрат набарад; нуҳум он, ки худро покиза дорад ва феъле, ки шавҳар онро кореҳ бошад накунад; даҳум он, ки бар фарзандон дуои бад накунад» [4, с. 93].

Аз омӯзиш ва таҳлили осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ чунин бармеояд, ки ӯ кӯшидааст исбот намояд, ки дин зану мардро дар ҳамаи ҷабҳаҳои зиндагӣ мувофиқи имкониятҳои маънавию ҷисмониашон ҳуқуқу вазифаҳои баробар дода, зидди ҳар гуна зулму ситам ва бедодиҳову набаробариҳо мебошад. Ба ақидаи ӯ, дар оила мард на ҳамчун ситамгар, золим, балки хидматгор, посбон ва пушту паноҳи зану фарзандон буда, барои дар оила таъмин намудани фазои якдигарфаҳмӣ, меҳру муҳаббати инсонӣ ва баланд бардоштани қадру қимат ва мансабу манзалати худи инсон масъул мебошад.

Ақидаҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ оид ба муносибатҳои зану шавҳар ҳамчун яке аз омилҳои асосии бунёд сохтани муҳити солим дар оила ба талаботҳои замони ӯ пурра мувофиқат менамоянд. Ҳарчанд, ки мутафаккири бузург масъалаи мазкурро аз нуктаи назари дин шарҳ дода бошад ҳам, аммо консепсияи таълиму тарбиявие, ки ӯ пешкаш намудааст, дар шароити ҷомеаи муосир ҳам барои баланд бардоштани сифати таълиму тарбияи инсон мадад расонида метавонад.

Адабиёт:

1. Абӯалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб. Ҷ. 2. - Душанбе: «Ирфон», 1980.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». – Душанбе, 2010. 31 саҳ.
3. Лутфуллоев М. Мирзохоҷа Д. Адаб тоҷест аз нури илоҳӣ. - Душанбе, 2011.
4. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Захиратулмулук / таҳиягарон Ҳ. Асозода, Турдиев Қ. – Душанбе: «Ирфон», 2008. - 372 с.
5. Насиҳатномаи Мир Сайид Алии Хамадонӣ / таҳияи Ҳ. Асозода. – Кӯлоб, 1993.

РОЛЬ РОДИТЕЛЕЙ В УКРЕПЛЕНИИ СЕМЬИ ПО ВЗГЛЯДАМ МИР САЙИДА АЛИ ХАМАДАНИ

В статье автор основное внимание акцентирует на проблемах взаимоотношения мужа и жены как основного фактора создания здоровой атмосферы воспитания в семье по воззрениям великого персидско-таджикского мыслителя Мир Сайида Алии Хамадони. Автор приходит к выводу, что для создания благоприятной воспитательной атмосферы в семье основную роль играют взаимоотношения мужа и жены.

Ключевые слова: семейные отношения, семейное воспитание, семейное наследие, взаимоотношение родителей, взаимопонимание, семейные традиции.

THE ROLE OF PARENTS IN THE STRENGTHENING OF THE FAMILY AFTER THE SIGHT OF MIR SAID ALI HAMADANI

In article the author main attention is focused on the problem of the relationship of husband and wife as one of main factor in creating healthy atmosphere education in the family in the views of the great Persian-Tajik thinker of Mir Sayid Ali Hamadoni. The author conclude that to create a favorable educational atmosphere major role played by the relationship of husband and wife.

Keywords: family relationship, family education, family heritage, the relationship of parents, understanding, family tradition.

Сведения об авторе: Каримова Махфират Махмадалиевна, преподаватель кафедры педагогики и психологии Курган-Тюбинского государственного университета имени Н. Хусрава, e-mail: ktsu78@mail.ru

About author: Karimova Makhfirat, teacher of chair of Pedagogy and Psychology, Kurgantube State University named after N. Khusrav

ШАРОИТИ ДИДАКТИКИИ ОМОДАСОЗИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА БА ИСТИФОДАИ ТЕХНИКАИ КОМПЮТЕРӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

Латипов С. О., Тошпулотова Ф. А.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Ба туфайли рушди пуравҷи васоити информатикӣ, системаҳои телекоммуникатсионӣ ва технологияҳои иттилоотии навин нақши равандҳои иттилоотӣ низ баланд мешавад. Дар ин муҳити нави зиндагӣ фаъолияти ҳаётии одамон низ дигаргунӣ пайдо мекунад, рушди ҷомеа ба фарози нав мебарояд. Ин муҳит ва ҷомеаро зиёдтар иттилоотӣ гуфта ном мебаранд. Иттилоотикунонии глобалии ҷомеа, имрӯз на танҳо реалияти объективи асри XXI, инчунин рушди босуботи тамаддун дар ин аср гаштааст. Дар назди системаи таҳсилот проблемае ба миён меояд, ки одамонро ба шароити ҳаёт ва фаъолияти касбӣ ва ба тариқи олӣ автоматиконидашудаи муҳити иттилоотӣ омода карда шавад.

Якбора афзудан ва доимо иловашавандаи майдони иттилоотии мухталиф, ки ба ҳама ҷабҳаҳои ҳаёти ҷомеаи муосиру оянда дастрасӣ дорад, зиддиятро дар байни зарурати ҷустуҷӯи интихобӣ, коркарди амалиётӣ ва самаранок истифода кардани додашудаҳои иттилоотӣ – аз як тараф ва имкониятҳои интелектуалии реалии одам, аксуламали он ба миқдоран афзудани он ва сифатан мураккабшавии иттилоот - аз ҷониби дигар ба вуҷуд меоварад.

Дар ин ҳолатҳо ба таври васеъ истифода кардани васоити гуногунсифати информатикунонӣ ва техникаи ҳисоббарор, ки имконияти интелектуалии одамро хеле баланд мебардорад, барои ба таври оперативӣ қабул кардани қарори оптималӣ (беҳтарин) дар мавриди ҳолатҳои ҳам истеҳсолӣ ва ҳам рӯзгор ёрии амалӣ мерасонад.

Омили дигар низ мавҷуд аст, ки дохилшавии интенсивии техникаи компютериро дар ҷабҳаи илми омӯзгорӣ ва таҳсилот муайян менамояд. Ин омил ба талаботи дохилии худи системаи таҳсилот алоқаманд мебошад, мантиқи рушди илми омӯзгорӣ – зарурати хеле баланд бардоштани сифати таълимиву тарбиявӣ буда, беҳгардонии идора дар ҷабҳаи таҳсилот, мукаммалгардонии таҳқиқотҳои илмӣ - омӯзгорӣ, пурзӯр гардонидани таъсири натиҷаҳо ба таҷрибаи омӯзгорӣ ба он вобаста аст [1].

Системаи таҳсилот ва илм яке аз объектҳои раванди иттилоотикунонии ҷомеа мебошанд. Истифода аз технологияҳои иттилоотии навин боварӣ ба баланд бардоштани самаранокии раванди таълим, ба кам кардани фосилаи байни талаботи ҷомеа ба ҳатмкардагони муассисаҳои таълимӣ ва ба он, ки ин муассисаҳо ба ҳатмкунандагони худ чӣ медиҳанд, мерасонад. Аз ин рӯ, интихоби мазмуни маълумот, коркарди методикаи дарсдиҳии бе истиснои ҳама предметҳои таълимӣ дар бунёди ба таври васеъ истифода кардани системаҳои иттилоотии муосир, коркарди китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ, маводҳои дидактикӣ, тайёр кардани омӯзгорон ба истифодаи техникаи компютерӣ дар раванди таълим, ташкил ва методикаи тайёркунӣ

ва аз нав тайёркунии кадрҳои омӯзгорӣ, коркарди таъминоти методии худомӯзии омӯзгорон дар як қатор бо проблемаҳои актуалитарини азнавташкилкунии системаи таҳсилот мегардад.

Истифодаи самараноки татбиқи технологияи иттилоотӣ пурра ивазшавиро дар фаъолияти омӯзгории муаллим талаб менамояд. Таъмин намудани иқтидор ва тамоюли перспективии чунин тағйиротҳо аз системаи муосири омоданамоии омӯзгорон вобаста мебошад.

Новобаста аз тахассуси интихобкардааш, омода намудани омӯзгор ба истифодаи техникаи компютерӣ дар раванди таълим бояд ҳаҷми зарурии дониши мустаҳкам, маҳорат ва малакаи заруриро таъмин намояд, то омӯзгор бо боварӣ системаҳои автоматиконидашудаву иттилоотиро дар раванди таълим истифода карда тавонад.

Кӯшиши фаъолона татбиқ намудани технологияи иттилоотии муосир дар ҷабҳаи таҳсилот бояд ба баланд бардоштани фароз ва сифати тайёр кардани ихтисосмандон равона карда шавад. Ҳамин тавр, ин ё он иттилоотро аз худ кардан нокифоя мебошад. Ҳамон хусусиятҳо ва имкониятҳоро ҷудо намудан лозим аст, ки ҳалли чунин масъалаҳоро таъмин намояд: дастгирӣ ва рушди системанокии тафаккури омӯзанда; дастгирии ҳама намудҳои фаъолияти фикрии инсон дар азбаркунии дониш, рушд ва мустаҳкамкунии малака ва маҳорат; бароҳандозии принсипи фардикунонии раванди таълим бо нигоҳ доштани бутунияти он [2].

Яке аз тенденсияи пешбарандаи рушди таҳсилот имрӯз гузариш ба системаи таҳсилоти бефосила мебошад. Таҳсилоти бефосила зиёд кардани давомнокӣ ва қиматнокии марҳилаҳои худомӯзии одамро дар системаи умумии таҳсилотӣ пешниҳод менамояд. Дар ин ҳолатҳо роли васоити таълим меафзояд, васоити технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионии таълим, ки донистани он яке аз масъалаҳои асосии азхудкунии технологияи иттилоотӣ дар муассиса ва муаасиссаҳои олӣ мегардад, мавқеи махсусро ишғол менамояд.

Босуръат ивазшавии наслҳои техникаи компютерӣ, бефосила навгардии тавсифи техникӣ ва параметрҳои мошинҳои электронии ҳисоббарори истифодаи вазоифии мухталиф, умуман имкониятҳои педагогии онҳо, тағйирпазирии кулли дар таъминоти барномавии компютерҳо, рушди интерфейс талаботи ба омодасозии компютерии муаллимонро доимо баланд бардошта меистад.

Омӯзгор дар системаи таҳсилотии муосир аксари вақт дар нақши таҳқиқотчии кушояндаи имкониятхои нави технологияҳои навин қарор дорад. Ин нақш рушддиҳии малакаҳои рефлексӣ ва дар асоси он тавонистани мувофиқгардонии фаъолияти худро талаб менамояд. Рушддиҳии ин малакаҳо мақсади рафтори нав ба тайёркунии омӯзгорон мебошад [3].

Пайдошавии рушди босуръати технологияҳои навини иттилоотӣ талаб менамояд, ки омӯзгорон ба фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ҷалб карда шаванд. Дар корҳои В.И.Загвязинский, Л.В.Занков, В.М.Монахов, М.И.Скаткин, В.А.Сластенин масъала дар бораи фаъолияти илмӣ-омӯзгорӣ, дар бораи зарурати ташаккулдиҳии омӯзгори типи нав гузошта мешавад. Дар корҳои доир ба эҷодиёти педагогӣ (В.И.Андреев, Л.А.Казанцева, Н.В.Кузьмина, И.Я.Лернер, М.И.Махмутов, В.С.Шубинский, И.С.Якиманская ва дигарон) зарурати рушди потенсиалии эҷодӣ нишон дода шудааст. Ин кор ба ҳамон омӯзгоре муяссар мегардад, ки вай дорои таҷрибаи худӣ ва дар баробари ин фаъолияти таҳқиқотӣ дошта бошад. Яке аз васоити таъминоти тамоюли эҷодии раванди таҳсилотӣ ба таври васеъ истифода кардани технологияҳои иттилоотӣ мебошад.

Таҳлили таҷрибаи мавҷудаи омодасозии омӯзгорон барои дар раванди таълим истифода намудани техникаи компютерӣ, инчунин таҳқиқотҳои илмии дар масъалаи омодасозии омӯзгорони информатика, компютерикунонии раванди таълим имконият фароҳам меоварад, ки зиддиятҳои зеринро эҳсос намоем:

- байни интизории иҷтимоии ҷомеа нисбат ба компетентнокии касбии омӯзгорон дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ва номувофиқати ин интизориятҳо ба ташкили омодагии тайёрии омӯзгор барои истифодаи техникаи компютерӣ дар раванди таълим;

- байни зарурати ташаккулёбии шахсияти омӯзгори аз ҷиҳати эҷодӣ фаъол, ки ба фаъолияти интеллектуалӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ, инчунин номуташаккилии малака ва махоратҳои ба ҷо овардани фаъолияти таҳқиқотӣ бо истифода аз техникаи компютерӣ.

Ба ҳамин тариқ, бо ба ҳисоб гирифтани ин зиддиятҳо проблемаи таҳқиқот ба чунин шакл роҳандозӣ шудааст, ки муайян менамояд шароити дидактикии самаранок омодасозии омӯзгорони оянда барои дар раванди таълим истифода намудани техникаи компютерӣ дар кадом поя аст.

Адабиёт:

1. Александров Г. Н. Программированное обучение и новые информационные технологии обучения // Информатика и образование. - 1993. - № 5. – С. 7-19.
2. Андреев А. А. Введение в дистанционное обучение. Учебно-методическое пособие. - М., 1997. - 85 с.
3. Андреев В. И. Опыт компьютерной диагностики творческих способностей. - Казань, 1989. - 265 с.
4. Андреев В. И. Педагогика творческого саморазвития. Инновационный курс. 1 кн. – Казань, 1996. - 567 с.

ДИДАКТИЧЕСКИЕ УСЛОВИЯ ПОДГОТОВКИ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ К ПРИМЕНЕНИЮ КОМПЬЮТЕРНОЙ ТЕХНИКИ В УЧЕБНОМ ПРОЦЕССЕ

Эта статья посвящена исследованию дидактических условий подготовки будущих учителей к применению компьютерной техники в учебном процессе. На основе нового метода авторы статьи исследуют развитие подготовки будущих учителей к применению компьютерной техники в учебном процессе.

Ключевые слова: учитель, техника, процесс, подготовка, будущие, компьютер, пособие.

DIDACTIC TERMS OF PREPARATION OF FUTURE TEACHERS TO APPLICATION OF COMPUTER TECHNIQUE IN AN EDUCATIONAL PROCESS

This article is devoted researches of didactic terms of preparation of future teachers to application of computer technique in an educational process. On the basis of new method the author of the article investigates development of preparation of future teachers to application of computer technique in an educational process.

Keywords: teacher, technique, process, preparation, future, computer, manual.

Сведения об авторах: Латипов Сафарали Одинаевич, кандидат педагогических наук, доцент, декан математического факультета Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни, e-mail: safari_1973@mail.ru

Ташпулатова Фируза Ахтамбоевна, кандидат педагогических наук, заведующая кафедрой основы информационной технологии Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни, e-mail: firuza09@mail.ru

About authors: Latipov Safarali, PhD of Pedagogical Sciences, docent, dean of mathematics faculty, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini

Tashpulatova Firuza, PhD of Pedagogical Sciences, head of chair of basis of information technology, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini

ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛҲО - ВОСИТАИ МУҲИМИ ОМОДА НАМУДАНИ НАВҶАВОНОН БА ҲАЁТИ ОИЛАВӢ

Сарбозова З.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Қисмате аз арзишҳои маънавии халқро зарбулмасалу мақолҳо ташкил мекунанд, ки онҳо ҷабҳаҳои гуногуни ҳаёт, зиндагӣ, фарҳанг ва таҷрибаи халкро таҷассум мекунанд. Аз ин рӯ онҳо аз нигоҳи мардумшиносӣ, адабиётшиносӣ, педагогика, психология, фарҳангшиносӣ ва ғайраҳо тадқиқ гардидаанд (В. Асрорӣ, М. Фозилов, Б. Тилалов, Б. Раҳимов, А. Нуров, Т. Н. Волков ва дигарон). Зарбулмасалу мақолҳо ифодакунандаи боигарии забон, тафаккури миллӣ, андешаҳои тарбиявӣ, ақидаҳои панду ахлоқӣ ва таҷрибаи бойи таърихию иҷтимоии ҳар як миллат мебошанд.

Омӯхтан таҳлил ва тадқиқ намудани зарбулмасалу мақолҳои халқӣ нишон медиҳад, ки онҳо вобаста ба синну сол, ҷинсият, мақсаду вазифаҳои тарбиявӣ мавқеи

махсуси истифодабарӣ доранд. Онҳо эҷоди халқ буда, таҷрибаи зиндагиро инъикос менамоянд. Бинобар ин, барои ҳар як инсон фаҳмо ва нишонрас буда, ба ҳиссиёт, шуур ва рафтори ӯ таъсир мерасонанд.

Таҳлили тадқиқотҳои этнопедагогӣ (Т.Н. Волков, Б. Раҳимов, А. Нуров, Б. Маҷидова ва дигарон) нишон медиҳанд, ки зарбулмасалу мақолҳои халқӣ ҳамчун воситаи тарбия ба ташаккулёбии шахсияти бачаҳо дар халқи тоҷик васеъ истифода бурда мешаванд, аз насл ба насл чун таҷрибаи иҷтимоӣ дода мешаванд, барои пурқувват кардани фикр хизмат менамоянд, бо оҳанг ва қофияҳои худ диққати шунавандаро ба худ ҷалб мекунанд. Бояд қайд кард, ки дар зарбулмасалу мақолҳо панду андарзҳо, тамасхуру киноя, ҳазлу шӯхӣ, рамзу писханд бо ҳам омехта гардида, истифодаи калимаҳои маҷозӣ онро боз ҷаззобтар мегардонад.

Дар таҷрибаи амалии худ халқи тоҷик зарбулмасалу мақолҳое эҷод кардааст, ки чандин паҳлӯҳои тарбияи инсонро дар бар гирифта, дар омода намудани навҷавонон ба ҳаёти оилавӣ ва тарбияи фарзанд, сифатҳои ҷавонмардӣ, меҳнатдӯстӣ, меҳру садоқат, ватандӯстӣ, ахлоқи пок, камолоти ҷисмонию эҳтиромии калонсолон ва дигар сифатҳои ахлоқӣ мавқеи хоса доранд.

Тазаккур бояд дод, ки дар ҳамаи давру замонҳо тарбияи навҷавонон, ба меҳнат, ҳаёти оилавӣ, тарбияи фарзанд, идома додани кори неку номи неки волидайн вазифаи муҳими хонавода ҳисоб мешуд, чунки оила чун ниҳоди иҷтимоӣ мактаби аввалини тарбияти инсон аст. Давлате, ки аз оилаҳои тифоқ, мустаҳкам ва комил иборат аст, бузургтарин давлат ба ҳисоб меравад. Устуворию пойдории оила ба омодагии навҷавонон ба ҳаёти оилавӣ, ба тарбияи фарзанд вобаста аст.

Волидон дар тайёр намудани писарони худ ба ҳаёти оилавӣ дар онҳо тарбия намудани сифатҳои ҷавонмардиро вазифаи асосии худ медонанд, чунки дар таҷрибаи зиндагии худ огоҳ гардидаанд, ки бунёди оила, ҳаёти оилавӣ, таъминоти моддӣ ва маънавии он, нигоҳ доштани сулҳу салоҳ, тарбияи фарзандон ва ғайраҳо мушкилотҳои зиёдро пеш меорад. Дар бартараф кардани ин мушкилотҳо соҳиб будан ба хислати ҷавонмардӣ хеле муҳим аст. Бо истифода аз зарбулмасалу мақолҳои зерин кӯшиш менамоянд дар фарзандони хеш хислати ҷавонмардиро инкишоф диҳанд:

Аввал андеша в-он гаҳе гуфтор

***

Сабр ганҷат диҳад, бесабрӣ ранҷат диҳад.

***

Марди боҳунар - хонааш пури зар.

***

Мард бояд ҳар куҷо бошад, иззати худро нигоҳ дорад.

***

Мард он касест, ки ба пешвози мушкилӣ равад.

***

Молу чизат равад ҳам, илму ҳунар намеравад.

Дар мероси классикони адабиёти тоҷик ва таҷрибаи амалии халқ, касбу ҳунаромӯзӣ ба монанди азхудкунии илму дониш, хислати меҳнатдӯстӣ мавқеи хоса дорад. Аз ин рӯ дар тарбияи фарзандон волидон касбу ҳунаромӯзӣ ва меҳнатдӯстиро яке аз шартҳои муҳими хушбахтии оила ва ҷомеа ҳисоб мекунанд ва ҳама вақт аз хурдсолӣ ба фарзандон таъкид менамоянд:

Ба як ҷавон чил ҳунар кам аст.

Мувофиқи андешаи халқ ирсият дар зиндагӣ ва фаъолияти ҳар як шахс изи худро мегузорад. Бинобар ин, ҳангоми интихоб намудани арӯс ҳатман аз ягон пири рӯзгордида маслиҳат мепурсанд. Тарзи зиндагӣ, кирдору рафтор, хонаю рӯзгордорӣ, нангу номус, тарзи зиндагии аҳли оила, волидон диққати махсус дода, бо истифодаи зарбулмасалу мақолҳои зерин фарзанди хешро аз роҳ надодан ба хатокорӣ огоҳ мекарданд:

Зангирӣ – савдои умр.

***

Арӯс чӣ гуна? – модар намуна.

***

Зан гирӣ, дида гир,
Асп гирӣ, зада гир.

***

Харбуза ба палакаш мекашад.

***

Меваи дарахт ба таги дарахт меафтад.

***

Молро аз молдор бигиру занро аз қавмдор.

***

Хамирро мушт, нонро (духтарро) пушт.

Зарбулмасалҳои “Шохи дарахти мевадор хам аст”, “Санги вазнинро об намебарад”-ро мардуми тоҷик ҳамчун панду насиҳат дар ҳамаи лаҳзаҳои ҳаётӣ васеъ истифода бурда мешавад. Махсусан, ҳангоми насиҳат ба духтар модар мушкилиҳои ҳаёти оилавӣ, барқарор намудани муошират ба аъзоёни хонаводаи шавҳар, таҳаммулпазирӣ ба одату анъанаҳои хешовандони нав, бартараф кардани мушкилотҳои моддию маънавӣ бо истифодаи ин зарбулмасал пурбардошт будан, сабру таҳаммул, дурандешӣ ва дигар сифатҳои ахлоқро талқин менамояд.

Тайёр намудани духтар ба иҷрои вазифаи модарӣ дар мардуми тоҷик, анъанаи миллӣ буда, нақши зан-модар ҳамчун тарбиятгари аввалини фарзанд, мавқеи махсусро ишғол менамояд. Дар яке аз ҳадисҳои пайғамбари ислом чунин омадааст: “Биҳишт зери қудуми модарон аст”. Аз ин рӯ халқ маҷмӯи зарбулмасалу мақоле эҷод кардааст, ки воситаи муҳими тарбия намудани эҳтиром, муҳаббат нисбат ба зан-модар, чароғи хонадон, равона карда шудааст.

Дар зарбулмасали “ Зан бӯстони зиндагӣ, фарзанд меваи вай” зан ба сифати модар омадааст. Шарораи умеди ҳамаи ҳастиҳо, сафою бақо, саодату садоқати рӯзгор аз муҳаббати зан-модар аст. Равшании чашми фарзанд аз мехри шуълавари модар маншаъ гирифта, дасти меҳрофарини модар бо навозишҳояш вуҷуди дардолуди фарзандро шифо мебахшад, чунки фарзанд меваи умри инсон аст.

Зарбулмасалу мақолҳо дар таҷрибаи тарбиявии халқи тоҷик ҳамчун панду насиҳат эҷод гардидаанд ва хеле васеъ истифода бурда мешаванд. Онҳо воситаи муҳими тарбия намудани сифатҳои ахлоқие ҳастанд, ки барои ҳар як фард, дар барпо намудани оила, таъмин намудани устувории он хеле муҳим аст. Волидон дар лаҳзаҳои мувофиқ фарзандонро таъкид менамоянд, ки :

Дар ҳама кор машварат бояд,
Кори бемашварат накӯ н-ояд.

***

Худписандӣ далели нодонист,
Охири вай фақат пушаймонист.

Мардумшиносони шинохтаи ҷаҳонӣ Н.А. Кисляков, М.С. Андреев, Р.Л. Неменова ва дигарон дар тадқиқотҳои худ таъкид намудаанд, ки халқи тоҷик хеле кӯдакдӯст буда, онҳо айёми пирӣ дар ҳаққи хурдсолон ғамхории махсус зоҳир менамоянд. Мушоҳидаҳо, суҳбат бо пиронсолон нишон медиҳад, ки бобою бибиҳо дар симои набераю абераҳо давоми умри худро мебинанд. Кӯшиш менамоянд ҷавононро дар рӯҳияи ватандӯстӣ, фарзандӯстдорӣ, эҳтиромии кӯдак ҳамчун шахсияти нотакрор, эътиқот ва боварӣ ба ояндаи неки фарзандон тарбия намоянд.Дар иҷрои ин вазифаҳо худ бештар аз зарбулмасалу мақолҳои зерин истифода мебаранд:

Фарзанд меваи умр аст,
Фарзанд атои худ аст.

***

Фарзанди нек - боғи падар,
Фарзанди бад - доғи падар.

***

Фарзанди нек - асои пирӣ,
Фарзанди бад - ғавғои пирӣ.

***

Фарзанд донаку набера – мағзи донак.

Дар рафти тадқиқот, мусоҳибон аз таҷрибаи зиндагии худ, мисолу далелҳо ва ба ҳодисаву воқеаҳои атроф такя намуда, аз зарбулмасалу мақолҳо истифода бурдаанд. Ин амал гувоҳи он аст, ки ҳар як зарбулмасалу мақол дар таҷрибаи амалӣ шакл меёбад, суфта мегардад.

Бо мақсади муайян намудани дараҷаи истифодабарии зарбулмасалу мақолҳо дар омода омода намудани навҷавонон ба ҳаёти оилавӣ, тарбия намудани сифатҳои дӯстӣ,

некномӣ, хоксорӣ, эҳтиёткорӣ, нигоҳ доштани сирру асрори оила, чусту чолокӣ, риояи фарҳангҳои оиладарӣ, тарбияи фарзанд, ҳушёрӣ ва ақлу заковату донишомӯзӣ, мо тадқиқоти зеринро роҳандозӣ намудем.

Ба 112 нафар волидони яке аз деҳаҳои ноҳияи Рашт саволномаи махсусро пешниҳод намудем. Тибқи он оид ба истифодаи зарбулмасалу мақолҳо волидон бояд андешаи худро дар сатҳи “даркор”, “нодаркор” ва “намедонам” иброз намоянд. Бояд қайд кард, ки зарбулмасалу мақолҳои маълум ва зиёд истифодашавандаи хоси мардуми ин маҳал интихоб карда шуд, то ки ҷавоби волидон ба масъалаи тадқиқотии мо мувофиқат намояд. Натиҷаи тадқиқотро дар ҷадвали зайл нишон медиҳем.

р/т	Зарбулмасалу мақолҳо	Даркор %	Нодаркор %	Намедонам %
1.	Имрӯз сухани ман туро дард кунад, Фардо сухани ман туро мард кунад.	89,3	10,7	—
2.	Ба некномӣ мурдан беҳ аз бадномӣ зистан.	79,5	17,9	2,6
3.	Гови ширдора аз хушаи думолаш маълум	94,6	5,4	—
4.	Сари дарахти мевадор хам аст.	83,4	10	6,6
5.	Сабр ганҷат диҳад, Бесабрӣ ранҷат диҳад.	95,5	4,6	0,9
6.	Санги вазнинро об намебарад.	98,6	1,4	—
7.	Девор муш дорад, муш гӯш.	93,5	4,7	1,8
8.	Девор афтад ба хона, Хока хӯрад бегона.	86,4	9,1	4,5
9.	Ба як тир ду фохтак.	74,3	18,6	7,1
10.	То ақлам расо шуд, умрам адо шуд.	92,5	3,9	3,6
11.	Арӯс чӣ гуна? Очаш намуна Зангирӣ – савдои умр	98,2	1,8	—
12.	Гуноҳи бача ба гардани оча, Духтарак дузди хона, писар давлати хона.	90, 7	6 ,8	2,5
13.	Чароғи хона мегӯянд занро, Ба оби зар нависанд ин суханро.	93,5	6,5	—
14.	Зани қобил марди ноқобилро қобил мекунад.	100	—	—

Натиҷаи тадқиқотҳо нишон медиҳад, ки волидон дар омода намудани фарзандон ба ҳаёти оилавӣ ва тарбия намудани сифатҳои ахлоқии онҳо аз зарбулмасалу мақолҳо васеъ истифода мебаранд.

Ҷавобҳои волидон, ки дар шакли чунин ҷадвал пешниҳод гардидааст, бармеояд , ки 95,6 %-и волидон истифодаи зарбулмасалу мақолҳоро дар вақти омода намудани арӯсу домод ба оиладорӣ зиёдтар истифода мебаранд. Ин гувоҳи он аст, ки калонсолон дар тарбияи навҷавонон масъулият ва ҷавобгарии худро дарк менамоянд. Онҳо бо усули хоси шарқиёна аз зарбулмасалу мақолҳо баҳрабардорӣ намуда, таҷрибаи таърихии халқамонро аз насл ба насл медиҳанд.

90,3 % волидони навҷавонон тасдиқ намудаанд, зарбулмасалу мақолҳо воситаи тарбияи хислати некномию хоксорӣ мебошанд.

89,3%-и волидон боварӣ доранд, ки дар оянда фарзандони онҳо роҳу усули таъсиррасонӣ бо истифодаи зарбулмасалу мақолҳоро аз худ менамоянд ва дар тарбияи оиди дӯстию рафоқат, меҳру муҳаббат ҳамдигарфаҳмию таҳаммулпазирии аҳли оилаи худ аз он баҳрабардорӣ менамоянд.

Мо чунин ақидаҳоро дастгирӣ менамоем, чунки анъанаи таъсиррасонӣ ба воситаи зарбулмасалу мақолҳо ба психологияи мардумӣ, тафаккури миллӣ ва педагогикаи халқи тоҷик хос буда он дар навбати худ доимо такмил ва давом меёбад.

Дар тарбия ва шаклгирии сифатҳои ахлоқии фарзандон, таъмин намудани омодагии навҷавонон ба ҳаёти оилавӣ ва тарбияи насли оянда мунтазам истифодабарии зарбулмасалу мақолҳо гувоҳи рушди муттасил ва тадриҷии чунин намуди эҷодиёти даҳонии мардум аст. Онҳоро кодекси ахлоқии мардум номидан мумкин аст, ки новобаста ба синну сол, ақлу фаросат, фазилату заковат, ҷаҳони ботинии одамони синну соли гуногун ва дар ҳамаи лаҳзаҳои ҳаёту зиндагӣ истифода бурда мешаванд.

Имрӯз зарбулмасалу мақолҳо аз нигоҳи фалсафӣ, педагогӣ-психологӣ, иҷтимоӣ-ахлоқӣ, фарҳангӣ-тарбиятӣ ниёз ба таҳлилу тадқиқоти хоса, ташвиқу тарғиби олимон, истифодабарии самарабахшу рушддиҳанда эҳтиёҷ доранд.

Адабиёт:

1. Волков Г. Н. Этнопедагогика. – Чебоксари, 1974. - 376 с.
Алогизм семантических признаков двух слов, сочетающихся в пространстве одной языковой единицы, создает отрицательное образное представление, заключающее в себе иронию или насмешку. Негативная образная семантика второй части (сравнения) сопоставляется с положительным первым компонентом (основой сравнения) фразеологической единицы, что придает этому компоненту противоположный, отрицательный смысл (например, нужен - не нужен), а, следовательно, вся компаративная фразеологическая единица выражает интенцию неодобрения - «абсолютно не нужен»: *Исповедь твоя мне нужна как собаке пятая нога. Пущай тебя в ГПУ исповедуют и причащают, а меня это не касается (М. Шолохов).*

На контрастивных семантических признаках основана, и номинативная функция фразеологизма *делать из мухи слона*, предназначенная для выражения значения «необоснованно преувеличивать что-либо». Как справедливо отмечает В.П. Жуков, «компонент муха способен при определенных условиях (на уровне, например, «потенциального» слова) передать нечто малозаметное, ничтожное, мелкое, а противопоставленный ему компонент слон символизирует нечто важное и значительное» [4, с. 87]. Компонент *делать* отличают следующие семантические признаки: «обращать, превращать в кого-либо» и «действовать каким-либо образом». Благодаря противопоставлению дифференциальных семантических признаков компонентов и складывается внутренняя смысловая структура фразеологической единицы, которая совместно с коннотативными элементами составляет обобщенно-целостное значение фразеологизма.

Таким образом, алогичные и противоположные отношения между словами - компонентами фразеологизма, основанные на семантических признаках (или дифференциальных семах), способствуют выражению оценки свойств человека или явлений действительности с помощью целостной семантики фразеологического

оборота. Внутренняя форма слов и их образность играют в описанном процессе существенную роль, формируя внутреннюю форму фразеологизма. Она свидетельствует о несоответствии суммы значений компонентов целостному значению фразеологизма.

Благодаря именно фразеологической семантике и оценка, и эмоции, и воля, и чувства находят закономерное выражение в языковой системе, реализуясь в оценочном знаке с особой лингвистической природой. Многослойность оценочного знака делает неизбежным межуровневое взаимодействие языковых единиц, а также взаимодействие компонентов семантики оценки внутри единиц. Активным участником этого процесса в языке является фразеология, единицы которой отражают взаимодействие грамматики и прагматики.

Именно фразеология открывает возможности понимания идиоматической, целостной и образной, маркировки элементов внеязыковой действительности, причем с помощью идиом маркируется не только ценностное отношение к объекту - человеку, но и к окружающим нас предметам, явлениям. Формирование же ценностного видения мира происходит в процессе взаимодействия человека с окружающим миром. Для того чтобы оценить объективный мир, «человек должен «пропустить» его через себя» [2, с. 58]. В проводимом нами исследовании символами обозначения положительных или отрицательных признаков этого мира становятся зоонимы и фитонимы, в формировании образно- оценочного значения которых (и их метафоризации) существенную роль играет преломление биологических качеств в сознании говорящих на данном языке с участием культурного контекста времени (использование в разговорной речи, просторечии, фольклоре, художественном тексте и т.д.).

Литература:

1. Алефиренко Н. Ф. Взаимодействие языковых уровней в сфере фразеологии: Учеб. пособие / Н.Ф. Алефиренко. - Полтава, 1990. - 62 с.
2. Арутюнова Н. Д. Типы языковых значений. Оценка. Событие. Факт / Н.Д. Арутюнова. - М., 1988. - 341 с.
3. Бондаренко В.Т. О номинативном аспекте устойчивых фраз / В.Т. Бондаренко // Проблемы русской фразеологии / Тул. гос. пед. ин-т. - Тула, 1979. - С. 8-14.
4. Жуков В. П. Семантика фразеологических оборотов. М.: Просвещение, 1978. - 158 с.
5. Жуков В. П. Русская фразеология. - М.: Высш.шк., 1986. - 310 с.
6. Маркелова Т.В. Выражение оценки в русском языке / Т.В. Маркелова // Русский язык в школе. - 1995. - №1. - С. 76-83.
7. Потебня А. А. Мысль и язык / А.А. Потебня. - Харьков, 1990. - 225 с.
8. Телия В. Н. Косвенная номинация // Виды наименований. - М., 1977. - С. 11-23.
9. Телия В.Н. Русская фразеология. Семантический, прагматический и лингвокультурологический аспекты. - М., 1996.
10. Федоров А. И. Сибирская диалектная фразеология. - Новосибирск, 1980. - 192 с.
11. Черданцева Т.З. Мотивационный макрокомпонент идиомы и параметр денотации / Т.З. Черданцева // Фразеография в машинном фонде. - М., 1990. - С. 73 - 80.

ФУНКЦИОНАЛЬНО-СЕМАНТИЧЕСКАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ФРАЗЕОЛОГИЗМОВ С ЗООНИМАМИ И ФИТОНИМАМИ В РУССКОМ ЯЗЫКЕ В ЗЕРКАЛЕ НЕМЕЦКОГО ЯЗЫКА

В статье рассматривается функционально-семантическая характеристика фразеологизмов с зоонимами и фитонимами в русском языке в зеркале немецкого языка. Объектом исследования являются фразеологические единицы, связанные с названиями животных. Фразеологизмы с зоонимами и фитонимами широко употребляются в разговорной речи как в немецком, так и в русском языках. Довольно часто, зоонимы и фитонимы во фразеологизме олицетворяются с человеком. Это говорит о том, насколько тесно человек связан с животным и растительным миром.

Ключевые слова: фразеологизм, зооним, фитоним, коннотативный аспект, сопоставление, фразеологический оборот, образно-эмоциональная оценка, русский язык, немецкий язык.

FUNCTIONAL-SEMANTIK CHARACTERISTIC OF IDIOMS WITH ZOONIMS AND PHYTONIMS IN THE RUSSIAN LANGUAGE IN THE MIRROR OF GERMAN LANGUAGE

The article researches the functional-semantic characteristic of idioms with zoonims and phytonims in the Russian language in the mirror of German language. Obiect of research are FE

associated with the names of Pets. Idioms with zoonyms and phytonims are widelv used in colloquial speech in German and Russian languages. Quite often the speech both in a phraseological unit is personified with the person. This suggests how closely people are connected to animals.

Keywords: idiom, zoonim, phytonim, connotative aspect, comparison, set phrase, figurative-emotional assessment, Russian language, German language.

Сведения об авторе: Гафарова Кимматой Таваровна, кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедры иностранных языков Российско-Таджикского славянского университета, e-mail: kimmatoi@mail.ru

About author: Gafarofa Kimmatoy Tavarovna, PhD in Philology, Associate Professor, head of foreign languages chair, Russian-Tajik (Slavonik) University

УДК 4 Т; ББК-81.2Т; Н-92

КОРБУРДИ ИСТИЛОҲВОЖАҲОИ СОДАИ ҲУҚУҚӢ ДАР АСАРИ «МОДИГОНИ ҲАЗОР ДОДИСТОН»

Нурзод М. М.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Таърихи куҳани мардуми ориёӣ дар рушди тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми бориз доштааст. Аз ҷумла сарчашмаю маъхазҳои катибавию хаттии ин мардум барои ифшои бисёр сирру асрори аҳди қадим маводи зиёде дода, омили саҳифакушоиҳои таърихи маънавии ниёгонамон гардидааанд, ки яке аз онҳо асари пуррарзиши «Модигони ҳазор додистон» мебошад.

Кайҳост, ки ин асар дар маркази диққати омӯзандагони таърихи Сосониён, аркони ҳуқуқи онон, арзишҳои ҳаётию маънавӣ ва иҷтимоию сиёсӣ, давлатдорӣ, санаднигорӣ қарор гирифтааст. Аз ин ҷост, ки ҷиҳатҳои лафзии чунин маъхази нодир низ барои муҳаققиқон ҷолиб буда метавонад. Зеро шиносоии иҷмолӣ маълум кард, ки «Модигони ҳазор додистон» аз лиҳози забон, услуб, корбурди вожаҳо, ҳифозати вожаҳои қадими аслию иктибосӣ метавонад маводи фаровон бидиҳад. Бинонбар он тасмим гирифтем, ки дар ин мақола бархе аз вожаҳои содаи асарро мавриди таҳлил қарор диҳем.

Истилоҳвожаҳои асарро аз ҷиҳати сохтор ба сода, сохта, мураккаб, таркибӣ ва конверсия (транспозитсия) [17, с. 123] тақсим намудан мумкин аст. Калимаҳои сода аз ҳисоби рехташавии исмҳои сохтаву мураккаб низ ба вуҷуд омадааанд. Исмҳои рехта бидуни морфемаҳои маънодор истифода шудааанд. Онҳо аслан сохта ва ё мураккаб буда, дар таркиби инкишофи забон ба ҳодисаҳои гуногуни забонӣ дучор гашта, мувофиқи қоида ва қонунҳои он маъно ё таркиби овозии онҳо тағйир меёбанд. Калимаҳои сода яклухтиву бутунии худро бидуни сохташавии калимаҳои сохта ва мураккаб аз даст медиҳанд. Рехташавии исмҳои сохта ва мураккаб одатан дар ҳолати зайл ба амал меоянд: 1) ҳангоми тағйирёбии маънои морфемаҳо; 2) дар вақти тағйир ёфтани маънои таркиби овозии калимаҳо; 3) ҳангоми аз забон барҳам хӯрдани калимаҳое, ки ҳамин гуна морфема даранд. Ин ҳодисаҳо баъзан дар як калима низ баробар воқеъ шуданашон мумкин аст, вале аксаран яке аз онҳо боиси рехташавии калимаҳои сохтаву мураккаб мегардад.

Истилоҳвожаи содаи **дот** (dăt) // **дод** (dăd), ки имрӯз ба гунаи дод (dăd) боз мондааст, чун феълҳои додан, супоридан, таҳвил додан буд. Дар забони форсии қадим ба шакли **дота** (dăta), дар забони авестоӣ ба қолиби **дота** (dăta), дар забони форсии миёна ба шакли **дот** (dăt) ва дар забони форсии муосир бошад, ба шакли **дод** (dăd) истифода гардидааст [7, ҷ.2, с. 428]. Дар асари «Модигони ҳазор додистон» ба се маъно **дот** (dăt)- *қонун*, **дот**- (dăt) *намоиши барнома*, **дот** (dăt) – *синну сол* [4, с. 461] омадааст.

Истилоҳи зикршуда аз забони форсии бостон ба забони аккадӣ дату (datu) иштиқоқ шудааст (8, 462).

Истилоҳи **дод** (dăd), ки худ решагист дар сохтани бисёр истилоҳоти ҳуқуқӣ ба кор рафтааст: **додистон** (dădestăn) ба маъниҳои *муассисаи додварзӣ*; **додгоҳ** (dădgăh) ба маънии *суд*; **додвар** (dădwar) ба маънии *додрас* омадааст [3, с. 216-219].

Профессор Шокиров Т.С. истилоҳи мазкурро ба гурӯҳи истилоҳоти мурофиавӣ ҷудо намудааст. Ёдовар шудан ба маврид аст, ки дар сарчашмаҳои қадима вожаҳои

ифодагари чунин мафҳум кам нестанд. Баррасии бархе аз онҳо шаҳодат бар он медиҳад, ки вобастагиву алоқамандии мурофиаи замони муосир ба замони қадим хеле қавӣ аст [13, с. 20].

Серистеъмолтарин вожа дод (dăd) ҳисобида мешавад, зеро он дар замони Сосониён асоси ғояи зардуштия дониста мешавад. Ба ин хотир аст, ки дар китоби муқаддаси Зардуштиён "Авесто" бахши алоҳида ба доду додварзӣ, ки унвонаш "Вандидод" аст, ишора шудааст. Шакли қадимтарини истилоҳи мазкурро ба гунаи дота (дото) (dăta (dătă)) мансуб дониста, аслан он зарфи маънӣ (ғайримоддӣ) будаву дорои маъной луғавӣ гашта ва тобишҳои мухталиф низ пайдо кардааст. Он маъмулан ифодагари *муқаррарот*, *дастур* , *нишондод* ва *оиннома* низ будааст [7, с. 432].

Истилоҳи содаи **ден** (den) дар асари «Модигони ҳазор додистон» чун ҳамеша ба маъниҳои *дин*, *мазҳаб* [4, с. 464] кор фармуда шудааст. Истилоҳи мазкур дар забони форсии миёна ба гунаи даино (daină) истифода гардида, маъноояш *дин*, *мазҳаб*, *эътимод*, *эътиқод* ва ё *боварӣ* мебошад. Ин истилоҳ дар замони гузашта аз решаҳои даи (dai) ва дӣ (do) сохта шуда, маъноҳояш *дида шудан*, *вохӯрдан*, *намоён шудан* ва *ба чашм расидан* будааст [7, с. 297]. Эҳтимол меравад, ки ба вуҷудоии истилоҳи мазкур аз вожаи даи (dai) маъниҳои *рӯшноӣ*, *бавуҷудоӣ*, *пайдо шудан* корбаст шудааст. Баромади истилоҳи мазкурро ҳамзамон аз калимаҳои ҳиндуаврупоии дие - (die) : деи - (deiə) : дӣ - (do) : дио - (doā) - *дурахшидан, тобидан, рӯшноӣ кардан, нур афшондан (афкандан)* низ медонанд. Истилоҳи нур аз ҳиндуаврупоии деину (deino) ва дину (dino) сарчашма гирифта шуда маъноояш *рӯз* мебошад [7, с. 298].

Дар готҳои "Авесто" истилоҳи ден (den) тарзи корбурдаш даено (dasnā) ба маънии дин, мазҳаб [7, с. 297] истифода гардидааст. Истилоҳи даено (dasnā) дар китоби "Авесто" ба ҳамин сохт ба ду маъно: 1) дин мазҳаб; 2) моҳияти дарунӣ, асоси дохилӣ омада аст. Калимаи мазкур шакли аслии эрониаш даина (daina) дар забони порсии миёна ден (dsn), дар забони форсии нав дин (din) [15, с. 33] мустаъмал шудааст. Дар мисол истифодаи истилоҳи мазкурро мушоҳида менамоем: ut врвtih i увvstвnik vindвt sstst жiϒŏn haж **dsn** yavin вkвs выt xvвhiчn ut - и вечное процветание приобрел, (который), будучи сведущ в делах **религии** и богов, в исковых требованиях [4, (16), с. 237].

Дар забони форсии қадим истилоҳи даино (dainā) низ ба маънии *дин*, *мазҳаб* истифода гардидааст. Дар баъзе сарчашмаҳо истилоҳи мазкурро ба шаклҳои номбурда истифода намуда, маъниҳояшро ба гунаҳои зайл овардаанд: *миллат, оин, кеш, подош, мукофот* ва *ҳисоб* [15, с. 549].

Истилоҳи маъмули **ден** (dsn) дар забони форсии миёна мустаъмали ҳамин шакл буда, ғайр аз он боз ба шаклҳои дайн (dyn), дар матнҳои монавии форсии миёна, ба шакли дай (day), даъйн (da'yn) ба маъниҳои *дин* истифода гардидааст.

Истилоҳи ден (dsn) дар забони форсии қадим, забонҳои тоҷикӣ, дарӣ ба гунаи дин (din) истифода шуда, маъноояш *мазҳаб* мебошад [7, ҷ. 2, с. 297-298].

Истилоҳвожаи содаи **веч** (vзи) дар китоби «Модигони ҳазор додистон» ба маъниҳои 1) *пул дода халос кардан ё озод кардан, харида гирифтан;* 2) *аз гарав озод кардан, аз гаравгонӣ баровардан* истифода шудааст. Шарҳи маънии дуюм, яъне истилоҳи гарав чун истилоҳи ҳуқуқӣ ба кор рафтааст. Синоними истилоҳи **веч** (vĕи) \\ **вехтан** (vĕxtan) буда, он низ ба ҳамин маъно, яъне *гашта гирифтан, пул дода гирифтан, фидия дода гирифтан, аз гарав озод кардан* омадааст [4, с. 535].

Веч (vзи) аз эронии **ваик** (vaik) ба маъниҳои *ҷудо кардан, пурсуков кардан, мусодира кардан, хуш карда гирифтан, фарқ кардан* будааст [4, с. 535]. Истилоҳи мазкур дар "Авесто" ба шакли ваек (vask) дар форсии нав ба шакли бехтан (bзxtan) *элак кардан*, *галбер кардан* омадааст [4, с. 535]. Ин истилоҳ дар забони тоҷикӣ ба ҳамин шакл ба ду маъно: 1.*элак кардан*, *аз галбер ва элак гузаронидан*; 2. *афшондан*, *пошидан* омадааст [13, ҷ.1, с. 194], ки чун сара кардан, тоза кардан фаҳмидан мумкин аст.

Истилоҳи содаи ҳуқуқии **веч** (vзи) дар забони арманӣ бо ҳамин шакл ба маънии *даъво, низоъ, ҷанг* кор фармуда шуда, ҳамзамон ба шакли **вичем** (viиem) *баҳс кардан, даъво кардан, ҷанг кардан, муборизa бурдан* ва дар забони гуфтугӯӣ бошад, ба маънии *гарав бастан* кор фармуда шудааст.

Истилоҳвожаи содаи ҳуқуқии **деп** (dзp) дар асари мавриди таҳқиқ ба маънии *рубарӯшавӣ*, *вохурӣ* кор фармуда шудааст. Истилоҳи мазкур дар забони портӣ ба шакли дайб, дайбг (dyb\g) ба маъниҳои *бахт, саодат, насиб, иқбол; барор, барори кор; сарнавишт, тақдир* ва ё *қисмат* кор фармуда шудааст. Ин истилоҳ дар забони арманӣ аз

забони портӣ ба шакли **деп** (dзр) ва **деп**-к (**dзр**-k) гузашта, маъноящро аз даст надодааст, яъне ҳам шакл ҳам маъно бе тағйир омадааст. Дар баъзе маврид истилоҳи мазкур ба шакли аввалааш **деп** (**dзр**) ва дипан (**dipan**) ба маъниҳои *хуб, мусбат, шоёни таҳсин, созгор* истифода гардидааст. Ин истилоҳ боз ба шаклҳои **дипим** (**dipim**), **ҳандипим** (**handipim**) сохта мешавад ва маъниҳояш *рост омадан*, *баробар шудан*, *мувофиқ омадан* мебошад ва аз лиҳози сохтон сода нест [4, с. 465].

Истилоҳи содаи ҳуқуқии **дип** (**dip**) ба маъниҳои *документ*, *ҳуҷҷат*, *санад* кор фармуда шудааст. Дар баъзе маврид ин истилоҳ шакли **дипир** (**dipir**)- ро низ мегирад ва ҳамон маънии аввалаашро гум намекунад [4, с. 465].

Вожаи содаи маъмули **вар** (**var**) дар асари мавриди таҳқиқ ба ду маъно истифода гардидааст: дар маънии аввал ифодагари *қасам*, *аҳд*, *савганд* ва дар маънии дуюм бошад *тараф*, *сӯ*,*ҷониб*, *самт* [4, с. 531].

Ин истилоҳ дар забони форсии бостон ба ҳамин шакл **вар** (**var**) чун решаи феъли «бовар кардан» мебошад. Дар забони авестоӣ низ **вар** (**var**) ба ҳамин шакл корбаст шуда, ба маъниҳои *гаравидан*, *дастандозӣ кардан*, *навмед будан*, *гумроҳ шудан*, *гумроҳӣ кардан* [12, ҷ.3, с. 1282] омадааст. Ба ин калима вожаҳои **варнавотаий** (**varnavrtaiy**) «бовар меояд (ӯро)»- шакли медиум; **варнаватаи** (**varnavatai**) «бовар меояд (маро)»– медиум; **варнаватом** (**varnavatrm**) «бовар ояд (туро)» [8, с. 179] сохта шудааст.

Истилоҳи вар (**var**) дар забони тоҷикӣ ва форсӣ мустаъмали маъниҳои *бар, канор, ҷониб, паҳлу* низ мебошад. Ин истилоҳ ба ҳайси пасванде, ки дар охири бархе аз калимаҳо меояд ва маънии *доранда, оварданда, ба ҷооварандаро* медиҳад [15, с. 1048].

Истилоҳи содаи **баг** (к) (**baг**) дар асар ба маънии *соҳиб*, *Худо*, *Парвардигор*, *подшоҳ*, *шоҳ*, *малик* [4, с. 447] кор фармуда шудааст. Истилоҳи мазкур аз вожаи эронии **бага** (**baga**) *Худо*, *Оллоҳ*, *Яздон* гирифта шудааст.

Вожаи **бага** (**baga**) ба ақидаи муҳаққиқон В.С. Расторгуева ва Д. Эдельман маъниҳои *ҳисса, саҳм, баҳра, қисмат, тақдир, сарнавишт* ва *бахт*ро доштааст.

Баромади вожаи **бага** (**baga**) аз истилоҳҳои ориёии **бҳага** (**bhaga**) ва **бҳог**-у (**bhrg**-о) ба маънии *қисмат*, *тақдир* буда, дар мавриди дигар онро чун истилоҳи лаҳҷагӣ ба маънии *боигарӣ* истифода намудаанд. Ин истилоҳро дар забони авестоӣ ва паҳлавӣ **баґа** (**baга**) низ хондаанд. Истилоҳи содаи **баґ** (к) (**baг**) дар забони портӣ ба ҳамин шакл ба ду маъно- якум *Худо* ва дуюм (*пеш аз номи шахсии ҳар соҳибмулк*) *ҷаноб*, *ҷаноби олӣ* истифода гардидааст. **Баг** (**bag**) бошад, ба маънии *бо эътимод, дилпуршуда, мӯътабар*, *эътиборнок* маънигузорӣ гардидааст [7, ҷ. 2, с. 18].

Вожаи содаи **боқ** (**bӑг**) ба маъниҳои *андозаи ҷазо,маблаги ҷарима*, *гунаҳгории равшан*, *зинаи ҷазо* [4, с. 447] омадааст. Ин истилоҳ дар забони авестоӣ ба гунаи боґа (bӑга) ба маънии тақдир, қисмат ё ҷарима истифода гардидааст. Истилоҳи мазкур дар забони форсии миёна ба шакли **бог** (**brg**) ба маънии *баҳр*, *қисмат*, *саҳм* мустаъмал аст [1, с. 72].

Истилоҳвожаи содаи **бар** (**bar**) дар асари мавриди таҳқиқ ба ҳамин шакл ба маънои *даромад*, *ҳосил* [4, с. 449] омадааст. Истилоҳи мазкур дар забони форсии миёна боз ба чунин маъниҳо низ мустаъмал аст: 1) *ноҳия*, *минтақа*; 2) *баландӣ*, *боло*; 3) *мева*, *баҳра*, *дастовард* [1, с. 77]. Дар ҳамин шакл вожаи мазкурро ҳачун феъл ба маъниҳои *бурдан*, *кашондан*, *кашида бурдан* низ истифода намудаанд. Баромади истилоҳи мазкурро аз ориёии **бҳар** (**bhar**) \ (**bhr**), истилоҳи қадима ва миёнаи ҳиндии **бҳар** (**bhar**) ба маънии *нигаҳдорӣ* (*ҳифз*, *муҳофизат*, *ҳимоя*, *эҳтиёт*) ва *бурдан*, *кашондан* маънигузорӣ намудаанд.

Истилоҳвожаи содаи **дарт** (**dart**) дар асари «Модигон» ба ду маъно 1) *беморӣ, дард, ранҷ;* 2) *бо мақсади ба касе осеби махсус расонидан*, ё *зарар расонидан ба ҷисми касе* [4, с. 455] мустаъмал будааст. Истилоҳи содаи **захм** дар забони форсии миёна ба гунаи **заҳм** (**zahm**) корбаст шудааст. Ин истилоҳ маънии *ҷароҳат*ро дошта, ба истилоҳи **дарт** (**dart**) // дард (**dard**) қариб мебошад. Вожаи **дарт** (**dart**) дар забони форсии миёна бо бадал намудани ҳамсадои «д» ба «т» ба шакли **дард** (**dard**) дар забони имрӯза мавриди истеъмол қарор гирифтааст. Ин истилоҳ дар сарчашмаву маъхазҳои забони тоҷикӣ ба гунаи **дард** роиҷ гардида, ба маъниҳои 1) *ҳиссаи нохушии ягон узв, ранҷ, озор, аззият;* 2) *беморӣ, касалӣ, мараз;* 3) *маҷозии азобӣ рӯҳӣ, алам, гусса;* 4) *мушкилот, дармондагӣ, эҳтиёҷ* ва амсоли он истифода гардидааст [13, ҷ.1, с. 412].

Истилоҳоти содаи ҳуқуқии замони Сосониён бештар дар осори паҳлавӣ дарҷ гардидаанд. Аммо он истилоҳоте, ки маҳфуз мондаанд, низоми сохтори сиёсиву ҳуқуқии замони Сосониёнро то ҷое ташхис менамоянд. Бо назардошти таҳқиқоти

баанҷомрасида, перомуни маъно ва ташреҳи таърихиву лингвистии гурӯҳи истилоҳот дар илми эроншиносӣ дар ин замина танҳо ба тасниф ва баррасии чанде аз бахшҳои луғавии истилоҳоти мазкур ва манобеъи пайдоишу усули пазириши онҳо таваҷҷуҳе[сурат гирифтааст, ки чунин равиш барои ташхиси самти ташаккули ин навъи истилоҳот дар сабки нигориши илмиву сиёсии форсии миёна басанда хоҳад буд. Мушкилот дар ташреҳи бархе аз истилоҳоти ҳуқуқӣ ин дарёфт ва ташхиси маъно мебошад.

Аз баррасии истилоҳоти ҳуқуқӣ дар мавриди манбаи онҳо метавон чунин натиҷагирӣ кард: Истилоҳоти куҳани ҳуқуқии давраи форсии миёна аз форсии бостон омада, бо бархе вижагиҳои маъноӣ ва мақоми истифода дар осори паҳлавӣ тафовут доранд: дод < дота ба маънии қонун, адолат, додабар <дотабара (dăd< dăta-, dădabar < dătabara) ва монанди инҳо.

Бояд иброз дошт, ки истилоҳотои содаи ҳуқуқии даврони Сосониён дар асари “Модигони ҳазор додистон” фаровон истифода гардида, фарогири маъниҳои мухталифанд. Он истилоҳот дар забони форсии миёна ба соҳаҳои мухталиф ҷудо гардида, ташаккулу инкишоф ёфта, дар соҳаи ба худ хос хусусияти маъноиву лафзӣ пайдо карда буданд. Ҳатто бархе аз истилоҳоти содаи ҳуқуқӣ то ба имрӯз дар шакли айнан ва ё бо тағйироти фонетикию луғавӣ ва морфологиву синтаксисӣ омада расидаанд, ки дод, дард, дин аз ҳамон қабиланд.

Адабиёт:

1. Вожаномаи кӯчаки порсии миёна // Фарҳангистони забони форсӣ. - Теҳрон: Хиёбони инқилоб, 1391. - 94 с.
2. Муин Муҳаммад. Фарҳанги форсӣ / М.Муин.- Теҳрон: Амири Кабир, 1371.
3. Номаи ховаршиносон, Хуҷанд: «Нури маърифат». – 2014. - № 7. – 222 с.
4. Периханян А. Г. Сасанидской судебьник. Книга тысячи судебных решений / А. Г. Периханян. - Ереван, 1974. – 572 с.
5. Периханян А. Г. Общество и право Ирана в парфянский и сасанидский периоды / А. Г. Периханян. – М.: Наука, 1983. – 383 с.
6. Расторгуева В. С., Эдельман Д. И. Этимлогический словарь иранских языков, т.1 / В.С. Расторгуева, Д.И. Эдельман. – М., 2005. – 492 с.
7. Расторгуева В.С., Эдельман Д.И. Этимлогический словарь иранских языков, т.2 / В.С. Расторгуева, Д.И. Эдельман. – М., 2007. – 480 с .
8. Саймиддинов Д. Форсии бостон. Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ / Саймиддинов Д. - Душанбе, 2008. – 190 с.
9. Фарҳанги вожаҳои Авесто дар чаҳор ҷилд (бо хати форсӣ). Эҳсон Баҳромӣ. – Нишопур: Нашрияи Балх, 1369.
10. Фарҳанги вожаҳои паҳлавӣ (аз алиф то ё) Sayogine @ Yahoo.com.
11. Фарҳанги забони форсӣ (алифбои қиёсӣ) дуктур Маҳшеди Маширӣ /Маширӣ Маҳшед.- Теҳрон: Суруш, 1371. - 1190 с.
12. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ дар ду ҷилд [Манбаи электронӣ]. - Душанбе, 2008 / таҳияи сомонаи «Фирдавсӣ». - 950 с.
13. Шокиров Т.С. Истилоҳоти ҳуқуқшиносии тоисломӣ дар забони тоҷикӣ / Т.С. Шокиров. - Хуҷанд: Хуросон, 2008.- 120 с.
14. Шокиров Т.С. Фарҳанги тоҷикӣ-русии истилоҳоти ҳуқуқ / Т.С.Шокиров.-Хуҷанд: Наргис, 2013. – 384 с.
15. Ҳасани Амид. Фарҳанги форсии Амид [Манбаи электронӣ] / Ҳ. Амид. Ношир: Роҳи рушд, 1389. – 1088 с.
16. Ҳасанов А. Таърихи забони тоҷикӣ (раҳнамои таълим). - Хуҷанд, 2005. – 75 с.
17. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик / М.Н. Қосимова. - Душанбе, 2003. - 490 с.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ (ПРИМЕНЕНИЕ) ПРОСТОЙ ЮРИДИЧЕСКОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ В «КНИГА ТЫСЯЧИ СУДЕБНЫХ РЕШЕНИЙ»

Автор исследует появление юридических терминов доисламского периода в других источниках и сравнивает с использованными терминами в книге «Книга тысячи судебных решений». Он приходит к выводу, что принципы образования несложных слов ещё в средние века находились в центре внимания авторов лексико–семантической особенности одного из юридических источников Сасанидского периода.

Ключевые слова: терминология, словообразование, структура, общеупотребительное, «Книга тысячи судебных решений».

USING THE (APPLICATION) SIMPLE LEGAL TERMINOLOGY IN THE «BOOK OF A THOUSAND JUDGMENTS»

Author researches the appearance legal term before islam of the period in the other source and compares to used term in book «Book of a thousand judgments». The author comes to conclusion that principles of the forming the uncomplicated words as far back as average ages were found in the highlight authors lexical -a semantic particularity of one of the legal sources Sasanid period.

Keywords: terminology, word formation, structure, accepted, «Book of a thousand judgments».

Сведения об авторе: Нурзод Махбуб Мелс, аспирант кафедры персидского языка и литературы Худжандского государственного университета имени ак. Б. Гафурова, e-mail: nurzoda1988@mail.ru

About author: Nurzod Mahbub Mels, post-graduate student of the chair of Persian Language and Literature, Khujand State University named after academician B. Ghafurov

МИКРОТОПОНИМҲОИ АРАБИВУ ТУРКИИ САДАИ МИЁНАИ МАСЧО

Одинаев А.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Аз як забон ба забони дигар гузаштани калима ҳодисаи маъмул буда, забонеро наметавон пайдо намуд, ки вожаҳои таркиби луғавии он комилан аслӣ бошанд. Муҳаққиқи шинохтаи Эрон Маликушшуаро Баҳор оид ба масъалаи таъсирпазирии забонҳо аз ҳамдигар чунин навиштааст: "Дар олам забоне нест, ки битвонад аз омехтагӣ ба забони дигар худро барканор дорад, магар забони мардуме, ки ҳаргиз бо мардуми дигар омезиш накунанд ва ин низ муҳол аст [8, с. 134).

Забони тоҷикӣ дар ин миён истисно набуда, дар таркиби луғавии он дар баробари калимаҳои аслӣ, вожаҳои зиёде ба назар мерасанд, ки аз ҷиҳати баромади забонӣ ғайритоҷикианд. Бавижа давраи нави инкишофи забони тоҷикӣ, ки калимаҳои зиёде аз забони арабӣ ва аз забонҳои туркӣ бо роҳҳо ва сабабҳои мухталиф ба таркиби луғавии он дохил шудаанд.

Забоншиносон омилҳои зиёди аз як забон ба забони дигар гузаштани калимаҳоро нишон додаанд, ки муҳимтаринашон муносибатҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, маданӣ, дар ҳамсоягӣ умр ба сар бурдани намояндагони ду забон ва тарҷумаи китобҳои адабию динӣ мебошанд [4, с. 35].

Андешаи муҳаққиқи шинохтаи тоҷик Турақул Зеҳнӣ дар масъалаи аз як забон ба забони дигар вом шудани калимаҳо ба фикри Маликушшуаро Баҳор наздик мебошад, ки ӯ чунин ибрози назар намудааст: «Дар дунё забоне нест, ки аз омезиш бар канор истода бошад. Табисит, ки ин омезиш ба воситаи муносибати иҷтимоию динӣ, тиҷоратӣ, таъсири илму ирфон, тарҷима ва ғайра ба амал меояд» [5, с. 103]

Аксари забоншиносон воридшавии лексикаи арабиро ба забони тоҷикӣ пас аз омадани арабҳо ба воситаи тарҷумаи адабиёти бедию динӣ қаламдод кардаанд. Дар робита ба ин манзури афкори муҳаққиқини бахши амалкарди забони арабӣ дар манотиқи мардуми мусулмонтабор айни муддаост. Ба ақидаи эшон, забони арабӣ дар муддати начандон тӯлонӣ тавонист, ки дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва мадании кишварҳои аз тарафи арабҳо тасарруфшуда роиҷ гардад ва аз мақоми вижа бархурдор бошад. Ба ин забон (яъне арабӣ) коргузорӣ ва дафтардорӣ ба роҳ монда шуда, он чун забони давлатӣ дар тамоми марзу буми мансуби халифат эътироф мегардад.

Аммо дар масъалаи вомвожаҳои забонҳои туркӣ ба ин назар ҳастанд, ки "аз забони ӯзбекӣ ба воситаҳои манбаъҳои хаттӣ калимаҳо камтар қабул шудаанд" [4, с. 36]. Бояд зикр кард, ки аглаби вожаҳои ӯзбекӣ ва забонҳои дигари туркӣ, ки ба воситаи забони ӯзбекӣ дохил шудаанд, асосан тавассути забони гуфтугӯӣ, яъне дар натиҷаи ҳамсоязистии ин ду миллат ба забони тоҷикии адабӣ ворид гардидаанд.

Мусаллам аст, ки забони гуфтугӯии мардуми маҳал таъсири бевоситаи худро ба микротопонимия мерасонад. Зеро микротопонимҳо дар қиёс бо топонимҳо ноустувор буда, дар зери таъсири забони бошандагони минтақа бештар ба таҳаввулоти сохторию маъноӣ дучор мешаванд.

Ҳарчанд профессор Карим Абдулов зикр мекунад, ки "дар Мастчоҳ ягон кӯҳу дара ва рӯду чашма ба забонҳои юнонӣ, арабӣ, муғулӣ ё туркӣ номгузорӣ нагаштаанд" [1, с. 100), аммо дар Садаи миёнаи Масчо дар баробари номвожаҳои зиёди тоҷикиасл микротопонимҳоеро дучор шудан мумкин аст, ки баромади иқтибосӣ дошта, аз забонҳои арабӣ ва туркӣ вом шудааанд. Ин гурӯҳи микротопонимҳо миқдоран кам бошанд ҳам, қобили таваҷҷуҳанд.

Номвожаҳои иқтибосии Садаи миёнаи Масчоро ба ду гурӯҳ тасниф намудан ба мақсад мувофиқ аст: гурӯҳи аввал калимаҳое, ки баромади сирф иқтибосӣ доранд; гурӯҳи дуюм вожаҳои дузабона, яъне як ҷузъашон аслӣ буда ҷузъи дигарашон иқтибосӣ мебошад. Ҳамин нуктаро бояд хотирнишон кард, ки дар мавриди вожаҳои дузабона забоншиносон ба як назар нестанд. Гурӯҳе онҳоро дузабона донанд, бо далели он ки ҷузъҳояшон аз ду забони ҷудогона гирифта шудаанд, иддае ба он назар ҳастанд, ки аслӣ мебошанд, зеро агарчи як ҷузъашон баромадӣ иқтибосӣ дошта бошад ҳам дар заминаи калимасозии забони тоҷикӣ ва бо ёрии вандҳои он сохта шудаанд. Дуруст аст, ки ин қабил вожаҳо дар заминаи калимасозии забони тоҷикӣ сохта шудаанд, аммо набояд фаромӯш кард, ки барои муайян кардани решаи калима баромади забонии ҷузъҳои онро ба инобат гирифтан аз аҳамият холӣ нест.

Бояд гуфт, ки микротопонимҳои иқтибосии минтақаи мазкур асосан аз ҷиҳати баромади забонӣ мансуби забонҳои арабию туркӣ мебошанд.

Вомвожаҳои арабӣ

Азбаски калимаҳои арабӣ дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ зиёд ба назар мерасанд ва фарогири беш аз панҷоҳ дарсади онанд, ин табиист, ки таъсири онҳо нисбат ба вожаҳои аз дигар забонҳо вом шуда бештар аст. Мо ин таъсирро дар низоми топонимия Садаи миёнаи Масчо низ ба мушоҳида гирифтем ва маълум гардид, ки микротопонимҳои зиёди ин минтақа аз ҷиҳати баромади забонӣ арабиасл мебошанд. Бояд гуфт, ки чун қоидаи маъмули лаҳҷаву шева дар номвожаҳои иқтибосии Садаи миёнаи Масчо баъзе садонокҳо бо ҳамдигар иваз шудаанд, ки мо қисме аз онҳоро мавриди баррасӣ қарор хоҳем дод:

1. **Шаҳидун** (Шаҳидон) номи мавзеъ дар деҳаи Худгифи Соя мебошад. Бояд гуфт, ки вожаи **шаҳид** арабиасл буда, дар луғат ба гунаи зайл маънидод шудааст: "дар ҷанг кушташуда; кушташуда дар роҳи дин; маҷозан бегуноҳ кушташуда; қурбон шуда" [9, ҷ.2, с. 577].

Дар миёни мардуми минтақаи мавриди назар перомуни сабаби мусаммо шудани мавзеи мазкур бо ин ном ривояте ҳаст. Тибқи он ривоят дар ин мавзеъ як гурӯҳ сарбозон, ки барои ривоҷи дини мубини ислом омада буданд, дар натиҷаи муҳориба бо мудофеони маҳаллӣ кушта мешаванд ва баъд аз ин воқеа мавзеъи мазкурро **Шаҳидун (Шаҳидон)** ном мебаранд. Шоистаи зикр аст, ки ягон номи мавзеъ тасодуфӣ набуда, маънои луғавии ин номвожа асоси воқеӣ доштани ривояти болоро собит месозад. Бояд зикр кард, ки пасванди -ун дар ин номвожа гунаи фонетикаии пасванди ҷамъбандии –он буда, ба артикли арабии ун иртиботе надорад. Ногуфта намонад, ки дар забони гуфтугӯии мардуми ин минтақа ба ҷои садоноки «о» талаффуз шудани «у» ҳодисаи маъмул аст, ки мо инро дар мисолҳои зерин мушоҳида мекунем: умадан (омадан), унҷа (он ҷо), нун (нон) ва ғайра.

2. **Ҳоит** девор ва боғи атрофаш девор кашида шуда [9, ҷ. 2, с. 750] маънидод гардида, арабӣ будани он низ таъкид шудааст. Бояд гуфт, ки бо ин вожа мавзеъҳои гуногуни деҳаи Ревомутки Садаи миёнаи Масчо, ба мисли **Ҳоити** Шосаид, **Ҳоити** Мулоқурбун, **Ҳоити** тағои Мирзошариф, **Ҳоит**и Одини Ҳасанбой ва ғайра мусаммо шудаанд. Маводи ҷамъоварда нишон дод, ки ин вожа танҳо дар деҳаи Ревомутк корбаст гардида, истифодаи он дар мавзеъҳои дигар ба назар нарасид.

3. **Суффа** дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ" "ҷои нишасти аз замин баландтар дар паси хона ё боғ" [9, ҷ. 2, с. 282] маънидод шудааст. Дар баробари он ки дар гӯиши мардуми минтақаи мавриди назар ин вожа бо ҳамон маънӣ, ки зикр шуд, истифодаи васеъ дорад, дар деҳаи Ревомутк ва Муждиф ҳамчун номи мавзеъ мушоҳида гардид.

4. **Сел** калимаи арабӣ буда, дар луғат ба маънии "ҷараёни оби борон, оби зиёде, ки бо сабаби боришҳои паёпай ва об шудани яхҳо ба шиддат ва суръат ҷорӣ мешавад" [9, ҷ.2, с. 177] омадааст. Ин вожа дар Садаи миёнаи Масчо доираи истифодаи васеъ дошта, бештар он мавзеъҳоеро ном мебаранд, ки аз он ҷойҳо сел ҷорӣ мешавад ва ё селраҳа ҳастанд. Масалан, Нови Сел, Сел, Село ва ғ.

5. **Мазор** дар фарҳнгномаҳои мавҷуда чунин маънидод шудааст: 1. ҷои зиёрат, зиёратгоҳ; оромгоҳи одамони бузург (*одатан пешвоёни ислом, ки халқ онро зиёрат мекунад*). 2. гӯр, қабр. 3. *маҷ.* гӯристон [10, ҷ.1, с. 742]. Бояд гуфт, ки ин калима дар Садаи минёаи Масчо яке аз номвожаҳои серистеъмол буда, дар аксари деҳоти ин минтақа ҳамчун номи мавзеъ истифода шудани он ба назар мерасад. Мардуми ин минтақа онро ба маънии «оромгоҳи одамони бузург» истифода мебаранд ва дар фаҳмиши эшон мазор ҷойи муқаддас буда, беэҳтиромӣ нисбати он гуноҳи азим аст. Ин калима дар забони тоҷикии адабӣ ҳамчун муродифи қабр истифода гардад ҳам, аммо дар шеваву лаҳҷа бештар ба маънои макони муқаддас, зиёратгоҳ, оромгоҳи пешвоёни дин корбаст мешавад. Дар Садаи миёнаи Масчо ин калима дар баъзе ҷой танҳо ва дар ҷойи дигар бо номи шахсиятҳои барҷаста ҳамроҳ омада, номи маконро ифода мекунад, масалан, Мазор (дар деҳаи Худгифи Соя), Мазори Хоҷаи Сабзпӯш (дар деҳаи Ревомутк), Мазори Хоҷамаҳмади Гулшан (дар деҳаи Рогиф), Мазори Зоғун (дар деҳаи Худгифи Офтобрӯ) ва ғайра далели ин гуфтаҳо мебошанд.

6. **Мичитак** номи мавзеъ дар чарогоҳи тобистонаи деҳаи Ревомутк мебошад. Ин калима аз ҷузъи **мичит** ва пасванди **-ак** иборат аст. Ҳаминро бояд зикр кард, ки вожаи **мичит** гунаи шаклан тағйирёфтаи масҷид аст, ки дар луғатномаҳо ба маъни ибодатхонаи мусалмонон [9, ҷ.1, с. 653] омадааст. Бо он далел, ки то имрӯз дар гуфтори мардуми ин минтақа калимаи масҷид дар шакли **мичит/мачит** истифода мешавад. Ғайр аз ин дар мавзеи мазкур то ҳол харобаи биное ба назар мерасад, ки ба қавли бошандагони ин деҳа замоне масҷид буда. Ҳамчунин дар гузашта аксари аҳолӣ то фаро расидани фасли тирамоҳ дар чарогоҳҳои тобистона умр мегузаронданд ва ин табиист, ки барои адои намоз бино намуди масҷид аз эҳтимол дур нест. Бояд қайд кард, ки дар Садаи миёнаи Масчо пасванди **-ак** хеле сермаҳсул буда, дар сохтани номвожаҳо фаъолона ширкат меварзад. Ҳарчанд ба маънои навозиш [4, с. 151] истеъмол шудани пасванди **-ак** дар забони тоҷикии адабӣ таъкид шуда бошад ҳам, аммо мушоҳидаҳо нишон дод, ки дар низоми микротопонимияи Садаи миёнаи Масчо ба маънои анбӯҳ ва макон низ корбаст мешавад, масалан, Вағничак, Бедак, Сабилак, Маҷаллак, Ремак, Мурак, Ҳисорак ва ғайра.

Вомвожаҳои туркӣ

Мусаллам аст, ки калимаҳои аз забонҳои туркӣ вомшуда нисбат ба забони арабӣ хеле андак буда, таъсири онҳо дар топонимияву микротопонимия минтақаи мавриди назар чандон назаррас нест. Ба андешаи мо, сабаби камбудани номвожаҳои туркиасл дар Садаи миёнаи Масчо нахуст дурдаст будани ин мавзеъ буда, омили дигари он мавҷуд набудани туркнажодон дар ин сарзамин мебошад. Мушоҳида собит намудаанд, ки дар кадом минтақае, ки туркнажодон сукунат доранд, таъсири забонашон дар номвожаҳои ҳамон маҳал хеле назаррас аст. Далели ин гуфтаҳо номвожаҳое ба мисли Қӯрғонтеппа, Ҷарбулоқ, Қипчоқ ва ғайра мебошанд, ки номояндаги ин забон дар минтақаҳои мазкур умр ба сар мебарнд.

1.**Қишлоқ** калимаи туркӣ буда, дар луғат ҷои гарм, ки дар зимистон дар он ҷо ба сар баранд ва деҳа [6, с. 135] маънидод шудааст. Ба ғайр аз он ки ин калима дар Садаи миёна ба маънии деҳа фаровон корбаст мешавад, ҳамчун микротопоним истифодаи он низ ба назар расид. Ба андешаи мо сабаби **Қишлоқ** ном гирифтани мавзеи мазкур чунин аст, ки мардум ҳар сол чанд моҳ умри худро дар он мавзеъ мегузаронидан ва он ҷойро деҳаи дувуми худ медонистанд.

2. **ҚУтан** калимаи туркӣ ва яке аз серистеъмолтарин номвожа дар минтақаи мавриди назар буда, ҷойи гирбасти молхобравро мегӯянд. Баромади туркӣ доштани ин вожаро топонимшинос О.Маҳмадҷонов зикр намуда, таъкид мекунад, ки дар манотиқи мухталифи ҷумҳурӣ истифодаи фаровони он ба назар мерасад [7, с. 105].

3. **Қудуқ** дар "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ" чоҳ, чоҳи об [10, ҷ.1, с. 695] маънидод шуда, туркӣ будани он низ таъкид гардидааст. Дар Садаи миёна ин номвожа ҳам дар шакли **қудуқ** ва ҳам дар шакли **қудиқ** ба касрат корбаст гардида, бештар он мавзеъҳоеро ном мебаранд, ки дар он ҷойҳо чоҳи об (қудиқ) мавҷуд аст, масалан **Қудиқо, Қудиқ,** Даҳани **Қудуқ, Қудиқои** нови бед ва ғ.

4. **Қот** дар луғат ба маънии зирк ва барбарис [10, ҷ. 1, с. 668] омадааст. Бояд тазаккур дод, ки ин вожа дар баробари он ки ҳамчун номи рустани корбасти зиёд дорад, бо истифода аз он фитотопонимҳо низ сохта шудаанд. Масалан, **Қото**,Чашми **Қот** ва ғ.

Вомвожаҳои дузабона

Ин гурӯҳи микротопонимҳо аз ду ҷузъ иборат буда, яке тоҷикиасл дигаре мансуб ба забонҳои арабиву туркӣ мебошанд. Масалан, **Қароғушхона,** ки ин номвожа аз ду ҷуз **қароғуш (қароқуш)** ва **хона** иборат мебошад. **Қароқуш** дар луғат ба маънии уқоби сиёҳ, аспи сиёҳи даванда, аспи сиёҳмушкини бодпо. [10, ҷ. 1, с. 668] омадааст. Дар ин номвожа ба маънии уқоби сиёҳ буда, дар гӯиши мардуми Садаи миёна уқобро чунин ном мебаранд.

Ҳайдарчаман аз ду ҷузъ таркиб ёфтааст. Ҷузъи аввал арабии **ҳайдар** буда, дар луғат ба маънои шер ва лақаби Алӣ (р) [10, ҷ. 2, с. 480] омадааст. Ҷузъи дуюм **чаман** мебошад, ки вожаи аслист. Дар деҳаи Ревомутк дар канори рӯди Зарафшон мавзееро **Ҳайдарчаман** мегӯянд.

Дар баробари калимаҳоии арабиву туркӣ дар номвожаҳои минтақаи мазкур калимаи **колхоз**и русӣ низ ба мушоҳида расид. Мусаллам аст, ки ин вожа таърихи чандон тӯлонӣ надошта, дар давраи шӯравӣ ба вуҷуд омадааст.

Микротопонимҳои иқтибосии Садаи миёнаи Масчо аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳатто забони мардуми дурдастарин манотиқ ҳам наметавонад аз таъсири забонҳои дигар барканор бошад. Номвожаҳои зикршуда бори дигар собит сохтанд, ки дар баробари калимаҳои аслӣ дар низоми топонимияи Садаи миёнаи Масчо вожаҳои иқтибосӣ низ назаррас мебошанд.

Адабиёт:

1. Абдулов К. Дар ин дунё. Ҷилди 12: Мастчоҳ. Китоби аввал. - Душанбе: Адиб, 2006. -1207с.
2. Бердиева Т. Назарияи иқтибос (калимоти арабӣ дар забони тоҷикӣ).–Душанбе: ДДТ, 1991. – 128 с.
3. Ваҳҳобов Т. Вазъи амалкарди забони тоҷикии адабӣ (пеш аз Инқилоби Октябр). Китоби 1. – Хуҷанд: Ношир, 2013. –112 с.
4. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1. - Душанбе: Маориф, 1982. – 462 с.
5. Зеҳнӣ Т. Сарнавишити калимаҳо // Садои Шарқ. – 1968. - №6. – С. 100-110.
6. Муҳаммад Ғ. Ғиёс-ул-луғот: Иборат аз се ҷилд. - Душанбе: Адиб. Ҷилди 2. Сод-Ё. 1988. - 416 с.
7. Маҳмадҷонов О.О. Топонимия ва микротопонимияи қисмати шимолии водии Ҳисор. - Душанбе: Шуҷоиён, 2010. - 228 с.
8. Маликушшуаро Б. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ. - Душанбе: Бухоро, 2012. - 570 с.
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ (иборат аз ду ҷилд). – М., 1969.
10. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд). - Душанбе, 2008 с.

АРАБО-ТУРЕЦКИЕ МИКРОТОПОНИМЫ СРЕДНЕГО ВЕКА МАСЧИНИНСКОГО РЕГИОНА

В этой статье, автор показывает арабо-турецкие микротопонимы среднего века Масчинского региона и исследует словосочетания этого региона. Автор, на основе обширного материала, показывает как использовали арабо-турецкие словосочетания и их комментирует в своей работе.

Ключевые слова: словосочетание, регион, Масчо, микротопонимы, автор, арабские и турецкие слова.

THE ARAB-TURKISH MICROTOPONIMS AN AVERAGE CENTURY OF MASCHOS REGION

In this article the author shows the Arab-Turkish microtoponims, an average century of Maschos region and investigates a word-combination of this region. The author on the basis of an extensive material shows as an Arab-Turkish word-combination used and makes comments on them in the work.

Keywords: a word-combination, region, Mascho, microtoponim, the author, the Arabian and Turkish words.

Сведения об авторе: Одинаев Абдуманнон, аспирант Худжандского государственного университета имени ак. Б. Гафурова, e-mail: abdodina@mail.ru

About author: Odinaev Abdumannon, the post-graduate student of the Khujand State University named after academician B. Ghafurov

НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ ИЗАФЕТНЫХ СУБСТАНТИВНЫХ СЛОВОСОЧЕТАНИЙ В ПОЭТИЧЕСКОМ КОНТЕКСТЕ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА

Расулов С. М.
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни

Субстантивные словосочетания или словосочетания имен сущесвительных в современном таджикском литературном языке являются наиболее распространенным в функциональном плане достаточно продуктивным видом словосочетаний и во многих источниках отмечается, что в струкуре таджикского словосочетания имя существительное занимает ключевое место, как об этом отмечается в академической грамматике таджикского языка «Грамматикаи забон адабии ҳозираи тоҷик»: «Исм дар ибора ҳамчун меҳвар воқеъ шуда, ҳамаи ҳиссаҳои мустақили нутқро тобеъ менамояд. Чузъҳои тобеъ ба исм бо бандаки изофӣ, пешоянду пасоянд ва алоқаи ҳамроҳӣ вобаста мешаванд. Ибораҳои исмӣ муносибаҳои муайянкунандагӣ, ҳолӣ, пуркунандагӣ ва субъектиро нишон мефаҳмонанд» - имя существительное в структуре слововосочетания является ключевым компонентом и подчиняет себе все остальные самостоятельные части речи. Зависимые компоненты в таких словосочетаниях подчиняются имени существительному при помощи изафета, предлогов, послелогов и посредством примыкания. Словосочетания имен существительных означают опредлительные, обстоятельственные, дополнительные и субъектные отношения в речи" [1, с. 29]. Среду большинство субстантивных словосочетаний по структуре наиболее распространенными являются изафетные субстантивные словосочетания. Изафетные субстантивные словосочетания являются наиболее продуктивным видом субстантивных слововосчетаний. В свою очередь данная группа словосочетаний классифицируются на нескольких подгрупп, которые имеют по составу и компонентам своеобразные грамматические модели. Состав изафетных субстантивных слововосочетаний состоит из имени существительного в качестве главного компонента и различных частей речи в качестве зависимого компонента и соответственно в зависимости от составных компонентов данной категории субстантивных словосочетаний можно делить на следующие модели и для каждой модели мы применяем соответствующую формулу из заглавных букв частей речи английского аналога, которые являются составными компонентами субстантивных словосочетаний (имя существительное – None – N; имя прилагательное - Adjective – Ad; имя числительное – Numeral – Nu; местоимение – Pronoun – Pr; причастие – Participle – Pa; инфинитив – Infinitive – In; Предлоги – Preposition – prp; Послелоги – Postposition - psp).

1. Имя существительное +имя существительное – N+N.
2. Имя существительное +имя прилагательное – N+Adj.
3. Имя существительное +имя числительное – N+Nu.
4. Имя существительное +местоимение – N+Pr.
5. Имя существительное +причастие – N+Pa.
6. Имя существительное +инфинитив – N+In.
7. Имя существительное +наречие – N+Adv.
8. Имя существительное +звукоподражательное слово – N+Onw[1].

Данная классификация приводятся во многих научных и акакдемических источниках по современному таджикскому литературному языку, в том числе в академической грамматике таджикского языка «Грамматикаи забон адаби ҳозираи точик» изафетные словосочетания имен существительных классифицированы именно на шесть групп [1, с. 29-50]. Однако в грамматической классификации в подгруппе изафетных субстантивных словосочетаниях не выделены две модели, которые нами виделены как отдельные модели изафетных субстантивных словосочетаний (Имя существительное+наречие; Имя существительное+звукоподражательное слово), но в своей статье известный таджикский лингвист профессор М.Н. Касымова выделяет эти модели изафетных субстантивных словосочетаний в образовании которых участвуют наречия и звукоподражательные слова и при этом свою позицию доказывает основательными фактами и удачными примерами. Именно исходя из этого мы также сочли использовать данную классификацию в своем исследовании. М.Н. Касымова по

[1] Onomatopoeic word – таклидвожа.

поводу этих моделей изафетных субстантивных словосочетаний отмечает, что такие словосочетания немногочисленны и встречаются реже чем другие виды изафетных субстантивных словосочетаний. Изафетные субстантивные словосочетания модели «N+Adv» могут быть образованы из наречий времени и имен существительных абстрактного значения и в основном они означают время типа «***гами фардо***» (грусть//хлопоты завтрашних дней). Также изафетные субстантивные словосочетания модели «N+Onw» (Имя существительное+звукоподражательное слово) также встречаются сравнительно реже чем все другие разновидности словосочетаний данной группы. Словосочетание «**хандаҳои қоҳ-қоҳ» (заливистый смех, хохотать**) является примером изафетных субстантивных словосочетаний модели имя существительное с звукоподражательными словами [3, с. 112]. В творчестве Садриддина Айни мы видим словосочетание «мунтазири тақар-тақар» (ожидающий шум и грохот) в следующем бейте:

Боз о, ки чу ҳалқа гӯш хобонда ба дар
Ман **мунтазири тақар-тақар** мебошам.
О приди, что я как ручки двери примкнулся к двери,
Жду, когда происходит стук «тук-тук» по дверям.

У Накибхана Туграла:

Пеши минои тараб бо **сози қул-қул** ҳар нафас
Аз забони бода арзи муддао дорад қадаҳ.
У бутылки вина слышны бульканья,
От имени вина выступает бокал.

В своей работе профессор М.Н. Касымова выделяет еще одну разновидность словосочетаний и их также включает в группу изафетных словосочетаний имен существительных и она отмечает: «В таджикском языке встречаются также такие изафетные словосочетания, в которых главным компонентом выступают звукоподражательные слова и их по определенным особенностям можно отнести к изафетным субстантивным словосочетаниям» [3, с. 110-111]. К своей гипотезе профессор Касымова приводит в качестве примера следующее словосочетание: *Шилиқ-шилиқи кафши дарида (шлёп-шлёп повторяющийся звук порванных башмаков)*. В творчестве Накибхана Туграла видим также интересные примеры по употреблению звукоподражательных слов, как в следующем бейте:

Аз он қул-қулли миноро шунидам,
Дилам вақти қиёмаш дар намоз аст.
Я услышал бульканье вина и из-за этого
Мое сердце в утешение и бокал в апогее.

Опираясь на научные источники и определенные примеры нам также удалось выделить еще одну группу словосочетаний, которая отличается от других видов изафетных субстантивных словосочетаний и составляет отдельную группу своеобразными атрибутивными особенностями и к данной группе мы включили словосочетания модели имя существительное+редупликативные слова, которые могут отиносится как к имени существительного, так и к другим именным частям речи, а также при редупликации могут подвергаться субстантивации.

В творческом контексте поэтов исследуемой нами периода мы можем обнаружить все вышеназванные виды субстантивных словосочетаний с различными синтактико-стилистическими и функциональными особенностями.

Следует отметить, что во всех случаях изафет в словосочетаниях таджикского языка обозначает релятивные значения, которые также в свою очередь можно классифицировать на соответствующие структурно-семантические группы. Данный вопрос подробно рассмотрен в фундаментальном труде известного таджикского языковеда XX века, профессора Д.Т. Таджиева, где он отмечает: «Отражение релятивного значения изафета может быть отчетливо прослежено в современном таджикском языке. В современном таджикском литературном языке наиболее многозначным по роли и характеру типом связи определения с определяемым является группа изафетных атрибутивных словосочетаний. Связь между определением и определяемым осуществляется в этих словосочетаниях при помощи безударного –и, которым соединяется определяемое с определением или приложением. При этом определяемое обязательно должно предшествовать определению или приложению» [8, с. 158]. Наряду с этим изафетные словосочетания данной категории определения

могут выражаться различными частями речи, и обозначать различные значения. По поводу значений изафетных конструкций профессор Д.Т. Таджиев отмечает, что «в изафетной конструкции мы устанавливаем, как бы две группы определений. В первую группу входят определения качественные, относительные, причастно-атрибутивные, а во вторую – притяжательные и субъектно-объектные или обстоятельственно-атрибутивные определения и приложения, выражаемые только именами существительными и личными и возвратными местоимениями» [8, с. 160].

При анализе и интерпретации каждой категории и разновидности субстантивных словосочетаний можно рассмотреть особенности их определений. В целом, на материалах творчества поэтов конца XIX и начала XX века можно проанализировать семантические, синтаксические, стилистические и функциональные особенности вышеназванные моделей изафетных словосочетаний.

Литература:

1. Грамматикаи забони адабии хозираи точик. Ибора ва синтаксиси чумлахои сода. Китоби 2. – Душанбе, 1986. – 371 с.
2. Камолов Х.М. Изафетные словосочетания в «Та'рихи Табари» Бал'ъами»: автореф. дисс. … канд. филол. наук: 10.02.22 – Языки народов зарубежных стран Европы, Азии, Африки, аборигенов Америки и Австралии (таджикский язык) / Х. М. Камолов. – Душанбе, 2007. – 22 с.
3. Косимова М.Н. Доир ба ибора дар забони точики // Ганчи сухан (Сборник научных трудов). – Душанбе: Маориф ва фарханг, 2013. - С. 104-125.
4. Қосимова М. Н. Мухтасар оид ба иборахои изофии номӣ // Ганчи сухан. Маҷмӯаи мақолаҳо. - Душанбе, 2013. - С. 46-82.
5. Қосимова М. Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои IX - X). қ. 1- Душанбе, 2003 – 490 с.
6. Мирзоев А. Масъалаҳои ибора дар забони тоҷикӣ. - Душанбе: Деваштич, 2002. - 320 с.
7. Таджиев Д.Т. Об определительных словосочетаниях типа «Ахмада китобаш», «гапа камаш» // Ученые записки Таджикского государственного университета: Серия гуманитарных наук. Том 2. -Душанбе, 1954. - С. 34-43.
8. Точиев Д.Т. Способы связи определения с определяемым в современном таджикском литературном языке // Осори мунтахаб. – Душанбе: Деваштич, 2005. - С. 151-211.

НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ ИЗАФЕТНЫХ СУБСТАНТИВНЫХ СЛОВОСОЧЕТАНИЙ В ПОЭТИЧЕСКОМ КОНТЕКСТЕ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА

В статье речь идет о некоторых структурных и стилистических особенностях изафетных субстантивных словосочетаний в поэтическом контексте таджикского литературного языка. На основе научных источников и материалов прикладного характера определены 8 разновидностей изафетных субстантивных словосочетаний и отмечается, что в творческом контексте поэтов исследуемого периода можно обнаружить все вышеназванные виды субстантивных словосочетаний с различными синтактико-стилистическими и функциональными особенностями.

Ключевые слова: язык, изафет, словосочетание, структура, модель, семантика, стилистика, поэзия, контекст.

SOME IMPORTANCE ADDITIONAL SUBSTANTIVE PHRASES IN POETRY SUBTEST OF TAJIK LANGUAGE

In the article speech is about some structural and stylistics importance additional substantive phrases in poetry's subtest of literature of Tajik language. On base scientific source and material applied character are determined 8 type additional substantive phrases and remarked that in creational subtext poets of researching period may find all high noted substantive phrases with different syntactic-stylistic and functional importance.

Keywords: language, addition, phrase, structure, model, semantic, stylistic, poetry, subtest.

Сведения об авторе: Расулов Сухайли Миркозиевич, кандидат филологических наук, доцент кафедры методики преподавания таджикского языка и литературы Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни, e-mail: toygonm@mail.ru

About author: Rasulov Suhayli Mirqozievich, PhD in philology, docent of chair of Tajik Language and Literature Method of Teaching, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini

ТИПЫ КЛАССИФИКАЦИИ СЛОВ, НАЗЫВАЮЩИХ ОРУДИЯ ТРУДА В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

Кудратова Г. Б.
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни

В английском языке образование подобного наречия производится при помощи суффикса «-ly», а в русском языке у многих наречий, образованных от имен прилагательных, на конце пишется «о»:

honest- честный, honestly- честно;

beautiful- красивый, beautifully- красиво

9) Качественные прилагательные могут образовывать формы с суффиксами субъективной оценки:

Например:

сиёҳ- сиёҳча- black, blackish- черный, черноватый;

калон, калонак, калонакак- big, biggish, biggy- большой, большенький.

При сопоставлении выявляются признаки, свойственные качественным прилагательным только таджикского языка:

a) Качественные прилагательные в таджикском языке могут выступать в интенсивной форме, выражая высокую степень признака предмета:

Например:

ангишт барин сип-сиёҳ- черный- пречерный (черный как уголь).

b) Повтор качественного прилагательного в изафетной конструкции выражает высокую степень признака:

Например:

оби софи соф- очень чистая вода.

c) Качественные прилагательные путем редупликации могут выражать высокую степень признака предмета:

Например:

дарози-дароз- очень длинный.

d) Качественные прилагательные могут образовать производные формы с уменьшительно-ласкательным значением, при помощи *«-ак», «-акак»*:

Например:

хурдакак, боақлак, майдача (майдаяк).

И по значению, и по грамматическим свойствам качественным прилагательным противопоставляются относительные прилагательные.

Все относительные прилагательные в обоих языках имеют производную основу. Как в таджикском, так и в английском языках относительные прилагательные, выражая признак опосредованно, имеют, в отличие от качественных, синонимичные конструкции с теми словами, от основы которых образовались данные относительные прилагательные.

Например:

девори чӯбин- a wooden wall- деревянная стена

девори аз чӯб сохташуда- a wall made of wood- стена, сделанная из дерева.

Относительные прилагательные, как в таджикском, так и в английском языке обозначают постоянный признак, который не может меняться количественно. У относительных прилагательных нет степеней сравнения, а также они не могут сочетаться с суффиксами уменьшительности и ласкательности.

Относительные прилагательные не сочетаются с наречиями степени. В английском языке они не образуют соответствующего наречия с суффиксом «-ly». Относительные прилагательные таджикского языка не образуют отвлеченных существительных. В английском языке относительные прилагательные, за исключением прилагательного «male», не образуют соответствующие абстрактные существительные с суффиксом «-ity» или «ness». Они не образуют также префиксальных антонимичных пар, но образуют разнокорневые антонимичные пары.

По утверждению Куликовской Л.А. в сопоставляемых языках имеются прилагательные, которые регулярно функционируют в относительном и качественном значении и имеют характеристики относительных, а в качественном значении – характеристики качественных прилагательных. Такие прилагательные получили название качественно относительные [5, с. 115].

Silken thread, но silken hair- шелковая нить, но шелковистые волосы.

Принято считать, что относительные прилагательные обозначают такой признак, который указывает на отношение предмета к другим предметам.

Например:

к материалу: боми тунукапӯш- железная крыша (крыша из железа)-

к месту: мактаби шаҳрӣ - городская школа

ко времени: навбати (сменаи) рӯзона - дневная смена

к назначению предмета: пойафзол барои варзиш (пойафзоли варзишона) - спортивная обувь

к действию: мошинаи ҷомашӯӣ - стиральная машина

Такие признаки не могут быть у предмета в большей или меньшей степени.

В русском языке относительные прилагательные имеют только полную форму.

Например:

стальной, вчерашний

Следует отметить, что в русском языке относительные прилагательные не сочетаются с наречием *очень.*

Относительные прилагательные в сопоставляемых языках резко отличаются от качественных прилагательных.

Хотя относительные прилагательные семантически и иногда морфологически, а также стилистически коренным образом отличаются от прилагательных качественных, между ними, тем не менее, не существует непреодолимого барьера.

В русском языке при употреблении прилагательных их значения могут изменяться. Так, относительное прилагательное может стать качественным.

Например: лисий след (след лисы)- притяжательное прилагательное,

лисья шапка (шапка из лисы)- относительное прилагательное,

лисья хитрость - такая, как у лисы- качественное прилагательное.

Нужно отметить, что прилагательные с суффиксом **–ин- (-ын-)**, образованные от существительных, называющих животных, могут иметь не только притяжательное, но и качественное значение

Например:

ослиное упрямство, лебединая песня, лисицыны слова.

Особенностью русского языка является наличие полной и краткой форм у качественных прилагательных. Полная форма прилагательных, как правило, в предложении выполняет атрибутивную функцию, тогда как краткая форма – предикативную. В русском языке краткие формы качественных прилагательных, выполняя предикативную функцию, согласуются в роде и числе.

Краткие формы образуются от полных качественных прилагательных путем присоединения родовых и числовых окончаний:

Единственное число				**Множественное число (для всех родов)**
м.р.		ср.р.	ж.р.	
ø		**-о/-е**	**-а/-я**	**-ы/-и**
молодой	молод	молод-о	молод-а	молод-ы
свежий	свеж	свеж-о	свеж-а	свеж-и
глубокий	глубок	глубок-о	глубок-а	глубок-и
синий	синь	син-е	син-я	син-и

a) Особые случаи: большой - велик /велика/ велико/ велики, маленький – мал/мала/мало/малы, соленый – солон/солона/солоно/солоны.

b) Прилагательные на «согласную + - **ний**», имеющие краткие формы, образуют форму м.р. от основы на твердый согласный: *древний – древен* (с чередованием беглого **е**), но *древне/древня,/древни; излишний – излишен* (с чередованием беглого **е**), но *излишне/ излишня, /излишни; искренний – искренен* (с чередованием беглого е), но *искренне/искренняя/искренни и искренны*.

c) У большинства прилагательных на «согласную + -ний» краткие формы употребляются редко и преимущественно в форме мн.ч.

В древнерусском языке краткие формы изменялись по падежам и выступали в роли определения. В современном русском языке падежные формы кратких прилагательных в роли определения сохранились только в устойчивых сочетаниях: *средь бела дня, по белу свету, на босу ногу, от мала до велика и др.*

В русском языке существуют прилагательные, которые употребляются только в краткой форме

К ним относятся:

1) прилагательное *рад (рада, рады): Он рад подарку;*

2) прилагательные *должен (должна, должны), виноват (виновата, виноваты), обязан (обязана, обязаны)* преимущественно употребляются в краткой форме: *Он должен это сделать. Кто виноват в том, что случилось? Я обязан выполнить это поручение.*

Примечание: Прилагательное *должный* сохраняет полную форму только в устойчивых сочетаниях: *должным образом, в должной мере, на должной высоте.*

3) краткие прилагательные, которые отличаются от полных форм значениями:

Например:

Готовое платье, но *Я готов помочь вам; Он видный ученый,* но *Дом отсюда хорошо виден; Это нужная книга,* но *Ему нужна книга; У меня болит правая рука,* но *Он прав; Он способный ученик,* но *Он способен это сделать; Это хорошая книга,* но *Как она хороша!*

4) краткие формы в составе устойчивых сочетаний:

Например: *будьте добры, будьте любезны, будьте бдительны, будьте осторожны, будьте здоровы, ни жив, ни мертв (от страха), совесть моя чиста, дорог каждый час, руки коротки, вопрос ясен*

В таджикском языке роль таких прилагательных играют существительные, выступающие в качестве определения в изафетном сочетании.

Например:

Ҷомаи падар. Отцов халат (халат отца). Father's dressing-gown

Либоси модар. Материно платье (платье матери). Mother's dress.

Таким образом, каждый из сопоставляемых языков обнаруживает как черты сходства с другими языками, так и проявляет индивидуальные особенности, зависящие как от лексико-грамматической системы, так и типологических особенностей.

Литература:

1. Арзуманов С., Сангинов А. Забони тоҷики. Душанбе: Маориф, 1988. - 420 с.
2. Аракин В.Д. Сравнительная типология английского и русского языков. – Л.: Просвещение, 1979. - 125 с.
3. Беляева М.А. Грамматика английского языка. – М.: Высшая школа, 1977. – 333 с.
4. Барабаш Т.А. Грамматика английского языка. М.: ЮНВЕС, 2001. – 256 с.
5. Куликовская Л.А. Относительные и качественно-относительные прилагательные в современном английском языке. – М.: 1968. – 115 с.
6. Русско-таджикский словарь / Под ред. А.П. Дехоти и Н.Н. Ершова. М., 1949. – 880 с.
7. Ҷамшедов П. Фарҳанги тоҷикӣ ба англисӣ. - Душанбе: Эҷод, 2008. – 978 с.
8. Яхъяева Х.Ю. Опыт сопоставительного исследования в таджикском и английском языках. – Душанбе: 1973.

РАЗРЯДЫ ИМЕН ПРИЛАГАТЕЛЬНЫХ В ТАДЖИКСКОМ, АНГЛИЙСКОМ И РУССКОМ ЯЗЫКАХ

Статья посвящена рассмотрению специфических особенностей, отличающих в рассматриваемых языках качественные прилагательные от прилагательных относительных.

Ключевые слова: качественные и относительные прилагательные, полная и краткая формы, антонимы, степени сравнения прилагательных.

CATEGORIES OF ADJECTIVES IN TAJIK, ENGLISH AND RUSSIAN LANGUAGES

The article is considers the specific features that distinguishes in the languages qualitative adjectives from relative adjectives.

Keywords: qualitative and relative adjectives, full and brief forms, antonyms, degrees of comparison of adjectives.

Сведения об авторе: Сорокина Мария Александровна, соискатель кафедры английского языка и сопоставительной типологии Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни, e-mail: viva-mariya2007@rambler.ru

About author: Sorokina Mariya Alexandrovna, researcher of the chair of English language and comparative typology, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini

ИБОРАҲОИ ФЕЪЛӢ БО ПЕШОЯНДҲОИ «БО», «БЕ», «ТО» ВА «БАРОИ» (АЗ БАРОИ) ДАР «БАДОЕЪ-УЛ-ВАҚОЕЪ»-И ЗАЙНИДДИН МАҲМУДИ ВОСИФӢ

Ғаффоров А. О.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Дар насри асри XVI, хусусан дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, пешояндҳои аслии (сода)-и **«бо», «бе», «то»** ва **«барои» (аз барои)** дар ташаккули ибораҳои феълӣ серистеъмоланд. Ибораҳои феълии бо ин пешояндҳо суратёфта вобаста ба маънои луғавии ҷузъҳо муносибатҳои гуногуни наҳвиро ифода кардаанд.

Ибораҳои феълӣ бо пешоянди «бо»

Дар насри ин давра пешоянди «бо» дар таркиби ибораҳои феълӣ дар ифодаи муносибати пуркунандагӣ доираи васеи истифода дорад. Тобеъкунанда бо феълҳои гуногунмаъно ва ҷузъи тобеъ бо исму ҷонишинҳо ифода гардидааст: бо қаландар ҷанг кардан, бо маҳбуб оғӯш кардан, бо эшон мусоҳиб шудан:

Бо қаландар ҷанг кунам [4, с. 636]. … бо маҳбуб даст дар оғӯш кард [4, с. 991]. … бо эшон мусоҳиб шудем [4, с. 105].

Дар ибораҳои феълие, ки ҷузъи асосӣ феъли таркибии номӣ аст, пешоянди «бо» дар ифодаи муносибати пуркунандагӣ бештар истифода шудааст:

…ба мо муомала кунед [4, с. 1030]. … ба мо ошноӣ накарда [4, с. 612]. Бо ҳар кас дар мубоҳаса ва мунозара мешуд [4, с. 666].

Дар доираи муносибати пуркунандагӣ дар таркиби ибораҳои феълӣ пешоянди «бо» дар сурат додани тобишҳои маънои зер ширкат кардааст:

Муносибати пуркунандагии таъинот. Истифодаи ин навъи ибораҳо дар насри ин давра васеъ аст. Ба сифати ҷузъи асосӣ феълҳои навъи гуфтан, улфат гирифтан ва чун ҷузъи тобеъ исмҳои гуногунмаъно ва ҷонишинҳои предметӣ истифода шудаанд:

… бо яке аз вузаро гузашт [4, с. 469]. … ту бо ман инчунин душманӣ мекунӣ [4, с. 766]. Бо канизак сухан мегуфт [4, с. 1041].

Муносибати пуркунандагӣ бо тобиши ҳамроҳӣ. Дар ифодаи муносибати пуркунандагӣ бо тобиши ҳамроҳӣ пешоянди «бо» дар насри асри XV1 серистеъмол аст. Ба сифати ҷузъи асосӣ феълҳои ифодагари амалу ҳолат ва чун ҷузъи тобеъ исму ҷонишинҳои предметӣ истифода шудааст: бо вай ҳамроҳ шудан, бо худ ҳамроҳ овардан, бо худ бурдан бо мутааллиқони худ мутаваҷҷеҳ шудан:

… бо вай ҳамроҳ шуд [4, с. 1138]. Ғуломро бо худ ҳамроҳ … овард [4, с. 812]. Шамшере бо худ бибурд [4, с. 817]. Шоҳқосим бо мутааллиқони худ мутаваҷҷеҳи Самарқанд шуд [4, с. 43].

Ин гуна ибораҳо аз рӯи сохт бештар дар шакли мураккаб истифода мешаванд: Убайдуллохон бо ҷомеаи акобир … ҳозир омадаанд [4, с. 46].

Ифодаи муносибати пуркунандагии муштарак. Дар ифодаи муносибати пуркунандагии амали муштарак пешоянди «бо» дар насри ин давра серистеъмол аст:

… бо ёрон тановул кунем [4, с. 1083]. … бо он маймун шатранҷ боз [4, с. 866]. Ҷамъе дигар бо вай ёр шуда [4, с. 1056].

Муносибати пуркунандагии воситаи иҷро. Дар ифодаи муносибати пуркунандагии воситаи иҷрои амал пешоянди «бо» дар насри ин давра камистеъмол аст. Ин муносибати грамматикӣ дар насри ин давра бештар тавассути пешоянди «ба» ифода шудааст. Раванди муродифи ҳам шудани пешоянди «бо» ва пешоянди «ба» дар давраи ҳозираи забони тоҷикӣ ҳам идома дорад [1, с. 388].

Дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» дар вазифаи иҷрои амал пешоянди «бо» танҳо дар ҳашт маврид ба қайд гирифта шуд: бо бирешиме барбастан, бо қонун бунёд кардан, бо кулоҳи сурх ба ҷилва даровардан:

Онро камонсифат ҳам гардонида бо бирешиме барбаст [4, с. 880-881]. Ҳофиз Қазоқ ин савтро бо қонун бунёд кард [4, с. 576]. Шоми қирфамро … бо кулоҳи сурх … ба ҷилва даровард [4, с. 1325].

Муносибати ҳолӣ

Муносибати ҳолии тарзу ҳолат. Ҷузъи асосӣ бо феълҳои гуногунмаъно ва ҷузъи тобеъ бо исмҳои моддӣ ва ифодагари ҳолату вазъият ва ҷонишин ифода гардидаанд:

Кӯдак бо овози ҳазин мехонд [4, с. 470]. …касе дар масҷид бо кашф намоз мегузорид [4, с. 1272]. … бо ту ҳар ҳадоё … ҳозир гарданд [4, с. 954].

Муносибати ҳолии қиёсу андоза. Теъдоди чунин ибораҳои феълӣ дар насри ин давра хеле кам ба назар расид. Ба сифати ҷузъи асосӣ феъҳои амалу ҳолат омада, чун ҷузъи тобеъ исмҳои гуногунмаъно ва предметҷонишинҳо истифода шудаанд:

Ту бо ман машоҳибати тамом дорӣ [4, с. 1270]. … бо зиёа ва музода мушоҳида намудем [4, с. 304].

Ғарибова Д. дар ифодаи муносибати замонӣ омадани пешоянди ба-ро таъкид дода, мисоли зеро овардааст: Мирзо Байрам бо шунидани ин сухан нишаста дар ғазаб шуда гуфт [4, с. 121]. Маълум гашт, ки ин мисол аз асари Садриддин Айнӣ «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ» гирифта шудааст [4, с. 121]. Дар насри ин давра дар ифодаи муносибати замонӣ пешоянди «бо» дар ибораҳои феълӣ мушоҳида нашуд.

Ибораҳои феълӣ бо пешоянди «бе»

Дар ташаккули ибораҳои феълӣ пешоянди «бе» дар насри асри XV1 нисбатан камистеъмол аст. Б. Шарифов дар тасвири боби пешояндҳои «Бадоеъ-ул-вақоеъ» -и Восифӣ ин пешояндро умуман зикр накардааст [5].

Дар забоншиносии тоҷик дар ифодаи маънои набудани касе (чизе) ва аломати он омадани пешоянди бе зикр шудааст. Тобиши маънои тарзи иҷрои амал доштани ин пешоянд дар тадқиқотҳои ба забони муосири тоҷикӣ бахшидашуда ишора шудааст.

Дар насри асри XV1 пешоянди «бе» дар доираи ибораҳои феълӣ дар ифодаи муносибатҳои пуркунандагӣ ва ҳолӣ истифода шудааст.

Муносибати пуркунандагии истисно. Ба сифати ҷузъи асосӣ феълҳои ифодагари ҳолату ҳаракат ва чун ҷузъи тобеъ исмҳо ва ҷонишинҳо корбаст шудаанд. Ин ибораҳои феълӣ бо ин пешоянд амалеро мефаҳмонанд, ки бе ширкати исми дар ҷузъи тобеъ номгиршуда иҷро шудааст ё иҷро иҷро мегардадва ё бе иштироки он воқеъ гардидани амал имконпазир нест.

Суҳбат бе шароб … даст намедиҳад [4, с. 571]. Чи гуна манро дар кӯза тавон кард бе тарозу [4, с. 1278]. … бе занг дошта [4, с. 676].

Агар ҷузъи тобеъи ибора исми ғайришахс бошад, ибора муносибати объектиро бо тобиши тарз ифода мекунад:

…бе кашф мутаваҷҷеҳи Мирзо гардид [4, с. 661].

Ифодаи муносибати ҳоли тарз. Дар насри ин давра пешоянди бе дар ифодаи чунин муносибати наҳвӣ нисбатан серистеъмол аст. Дар таркиби чунин ибораҳои феълӣ ба сифати ҷузъи тобеъ исмҳои маънӣ корбаст шудаанд: бе тағйири либос рафтан, бе ном шикофтан, бе далел қабул фармудан, бе шоибаи тааллил мутаваҷҷеҳ гардадан[4, 695], бе иҷозат нагузоштан:

…бе тағйири либос рафтан муносиб нест [4, с. 1123]. …дигар ҳамаро бе ном шикофтаанд [4, с. 305]. Бе далел қабул фармоем [4, с. 795]. Мебояд, ки Мавлоно бе шоибаи тааллил мутаваҷҷеҳ гардад [4, с. 695]. Бе иҷозат касеро намегузорам [4, с. 532].

Ибораҳои феълӣ бо пешоянди «то»

Ибораҳои феълӣ бо пешоянди «то» дар насри асри XV1 серистеъмоланд. Аз рӯйи тадқиқоти Р.Ҷӯраев, дар насри асри X11 (дар «Асрор-ут-тавҳид») шакли содаи пешоянди «то» вонахӯрдааст [2, с. 127].

Пешоянди «то» дар ифодаи муносибатҳои замонӣ ва масоҳавӣ истифода шудааст ва доираи истифодааш дар ифодаҳои маъноҳои мазкур дар насри асри XV1 хеле васеъ мебошад.

Муносибати масоҳавӣ. Ба сифати ҷузъи тобеъ исмҳои макон омада, анҷоми хати ҳаракату амали субъект нишон дода шудааст: то корвонгоҳ ҳамроҳӣ кардан, то гӯш буридан, то даста нишонидан:

… то корвонгоҳ ҳамроҳӣ карданд [4, с. 1221]. Сари ҳардуро то гӯш бурид [4, с. 1034]. Ин корро …. то даста дар вай менишонем [4, с. 167].

Дар ибораҳои феълии бо пешоянди то муносибати масоҳавӣ бештар дар шакли ҷузъи якҷоя бо пешоянди аз корбаст шудааст: аз Ҳирот то он ҷо сӣ фарсах будан, аз фарқ то қадам андохтан, аз дари Рум то ақсои Ҳинд касе набудан:

Аз Ҳирот то он ҷо сӣ фарсах аст [4, с. 606]. … аз фарқ то қадам тилло андохтӣ [4, с. 798]. Аз дари Рум то ақсои Ҳинд… касе нест [4, с. 1090]. Аз ибтидои бо-и бисмиллоҳ то син-и хатти нос … дигар эҳтиёҷ ба таълим надошт[4, с. 713].

Муносибати замонӣ. Ибораҳои феълии бо пешоянди «то» дар насри асри XV1 чун ифодагари муносибати замонӣ хеле зиёда истифода шудаанд. Ба сифати ҷузъи тобеъ исмҳои ифодагари замон ва ченаки вақт, зарфҳои замон ва масдарҳо омадаанд: шаб то саҳар хондан, то чиҳил рӯз гузоштан, то омадан ба итмом расонидан:

Ман шаб то саҳар Қуръон мехонам [4, с. 1210]. То чиҳил рӯз бар ин минвол гузашт [4, с. 1088]. То омадани эшон қасида бояд ба итмом расад [4, с. 231].

Дар таркиби ин гуна ибораҳои феълӣ дар насри ин давра баъзан ҷузъи тобеъ пас аз ҷузъи асосӣ –феъл омадааст: то омадани ғулом оташи дегдон кардан, то омадани ман раҳнамун кардан, то фардо нигоҳ доштан:

… оташи дегдон кунад то омадани ман [4, с. 871]. Азизонро раҳнамун кун то омадани ман [4, с. 98]. Ин ангурро нигоҳ дорем то фардо [4, с. 1133].

Ибораҳои феълӣ бо пешоянди «барои» (аз барои)

Дар таркиби ибораҳои феълӣ пешоянди барои дар шакли сода камтар ва дар шакли таркибӣ бо пешоянди «аз» (аз барои) бештар истифода шудааст. Пешоянди барои (аз барои) дар насри асри XV1 дар доираи ибораҳои феълӣ дар ифодаи муносибатҳои зайли наҳвӣ истифода шудааст.

Муносибати ҳолии мақсад. Дар ифодаи чунин муносибати наҳвӣ пешоянди «барои» (аз барои) дар насри асри XV1 серистеъмол аст. Ба сифати ҷузъи тобеъ исмҳои маънии ифодагари амалу ҳолат ва масдарҳо ва чун ҷузъи тобеъ исму ҷонишинҳои предметӣ истифода шудаанд: барои он тутӣ андӯхтан, барои Мавлоно Саид фиристодан, аз барои камина карам фармудан:

… барои он тутӣ ғизо меандӯзад [4, с. 756]. …барои Мавлоно Саид туҳфае фиристода [4, с. 217]. …аз барои ин камина пӯстини мӯина … карам фармуда [4, с. 85].

Адабиёт:

1. Гарипова Н.Д. Таджикские первычные предлоги в историческом освещении: АКД. -М., 1985.
2. Джураев Р. Очерки по истории грамматики таджикского и персидского языков. - Душанбе, 1972.
3. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 2. Синтаксис. Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ. - Душанбе: Дониш, 1984.
4. Зайниддин Маҳмуди Восифӣ. Бадоеъ-ул-вақоеъ. Ҷ.1-2 (чопи интиқодӣ бо муқаддима ва тавзеҳоти А.Н.Болдирев). - М., 1961.
5. Шарифов Б. Хусусиятҳои морфологии «Бадоеъ-ул-вақоеъ»- и Восифӣ. - Душанбе, 1985.

ГЛАГОЛЬНЫЕ СЛОВОСОЧЕТАНИЯ С ПРЕДЛОГАМИ «БО», «БЕ», «ТО», «БАРОИ» (АЗ БАРОИ) В «БАДОЕЪ-УЛ-ВАКОЕЪ» ЗАЙНИДДИНА МАҲМУДА ВОСИФИ

В статье всесторонне анализируются глагольные словосочетания с предлогами «бо», «бе», «то», «барои» (аз барои) в «Бадоеъ-ул-вакоеъ» Зайниддина Маҳмуда Восифи. Автор указывая на различные значения предлогов «бо», «бе», «то», «барои» (аз барои), одновременно чётко определяет количество их употребления в поэзии XVI в. В статье рассмотрены все основные лексико-семантические группы подобных конструкций.

Ключевые слова: словосочетания, предлог, значение слова, связь слов, грамматическая связь, пространственные отношения.

VERB COLLOCATION WITH THE PREPOSITION OF "WITH, WITHOUT, TILL, FOR, BECAUSE OF" IN THE NOVEL OF "BADOE'-UL-VAQOE'" OF ZAINIDDIN MAHMUD VOSIFI

In the given article the author is analyzed the verb collocation with the preposition of "with, without, till, for, because of" in the novel of "Badoe'-ul-vaqoe'" of Zainiddin Mahmud Vosifi. The author is shown in the different meaning of preposition of "with, without, till, for, because of" and simultaneously expressed the quality of their using in the poetry of XVI century. All the main lexico-semantic groups of alike construction looked through in the article.

Keywords: collocation, preposition, the meaning of word, connection of word, grammatical connection, surrounded attitude.

Сведения об авторе: Гаффоров Абдушукур Одинашоевич, кандидат филологических наук, доцент Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни, e-mail: gh.abdush@yandex.ru

About author: Gafforov Abdushukur, PhD in Philology, docent, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini

ТАРҶУМАИ ИСТИЛОҲОТИ СОҲАВӢ ВА МУШКИЛОТИ ОН

Шарифова Г. А.
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Рӯз аз рӯз ба амал татбиқ намудани нақшаю чорабиниҳо дар рушди забони давлатӣ ҳар яки моро ба он водор менамояд, ки омӯзиш ва густариши ҳамаҷонибаи забони давлатиро бо диди нав, бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар омӯзиши забони тоҷикӣ ва дигар забонҳо ва бо назардошти имкониятҳои замони муосир мавриди таваҷҷуҳ қарор диҳем.

Истилоҳсозӣ гуфта дар забонҳои муосири мукҳадири илмӣ (англисӣ, фаронсавӣ, олмонӣ, русӣ ва ғайра) раванди номгузорӣ кардани мафҳумҳои нави илмиро бо рушди соҳаҳои гуногуни илм фаҳмидан аст. Дуруст аст, ки дар забонҳои дигари миллии мавҷуд буда дар ҷаҳон (зиёда аз 3000 забон) истилоҳоти забони миллӣ бар пояи ин забонҳои аз ҷиҳати истилоҳсозӣ пешрафта ба вуҷуд оварда мешавад. Як роҳи асосии ба вуҷуд овардани истилоҳоти миллӣ ин тарҷума кардани муодилҳои истилоҳоти забонҳои мукҳадири илмӣ мебошад. Дар ин маврид бояд қоидаҳои умумии истилоҳсозӣ дар ҳар забони миллӣ риоя карда шавад.

Як хусусияти муҳимми дигари истилоҳоти муосири илмӣ дар забони тоҷикӣ (хосатан, истилоҳоти илмҳои дақиқ табиатшиносӣ, ба монанди физика, риёзӣ, кимиё, ҷуғрофия ва монанди инҳо) он аст, ки аксарият дар асоси тарҷумаи адабиёти русӣ (ва ҳоло аз адабиёти забонҳои дигар низ) сохта ва ё пазируфта мешаванд. Аз ин рӯ, ҳангоми сохтани истилоҳи илмӣ дар забони тоҷикӣ масъалае ҳамеша дар миён меояд, ки талаботи ҳам аз ҷиҳати илмиву ҳам аз ҷиҳати забонӣ саҳеҳ омадани истилоҳоти илмӣ риоя карда шавад, зеро истилоҳи мақбул танҳо дар натиҷаи муборизаи ин ду зарурат тавлид шуда метавонад.

Маълум аст, ки истилоҳи илмӣ номи мафҳуми илмӣ мебошад. Бинобар ин, яке аз шартҳои зарурие, ки дурустии истилоҳсозиро аз ҷиҳати илмӣ таъмин мекунад, фаҳмидану донистани мазмун ва мафҳуми илмӣ мебошад, зеро тибқи қонуниятҳои умумии истилоҳсозӣ, дар баъзе мавридҳо номи мафҳум (яъне истилоҳ) дар заминаи яке аз барҷастатарин аломатҳои мазмуни мафҳуми илмӣ сохта мешавад. Ба ибораи дигар, дар сурате истилоҳи илмиро саҳеҳ сохтан мумкин аст, ки ба кори истилоҳсозӣ донандаи асосҳои ин ё он соҳаи илм машғул бошад.

Гузашта аз ин, шахси истилоҳсоз, бояд аз қонуниятҳои асосии забони адабӣ, хусусан аз қоидаҳои калимасозиву иборабандии забони миллӣ бархурдор бошад. Ҳамин тариқ, дар забони муосири тоҷикӣ истилоҳсозӣ гуфта, тарзи ҷӯишу созиш ва пазириши муодилҳои тоҷикии истилоҳоти илмиро тариқи тарҷума ва истифода аз истилоҳоти забонҳои муосири илмӣ бо донистани асосҳои ин ё он илми муосир ва қоидаҳои калимасозиву иборабандии забони тоҷикӣ фаҳмидан мебояд.

Пас, тарзу усули пазириши истилоҳоти забонҳои мукҳадири илмиро (дар мавриди дар захираи луғавии забони миллӣ мавҷуд набудани муодилашон) фаҳмидан мебояд ва калимаи интихобие аз захираи луғавии забони адабӣ мазмуни нави илмие бор карда мешавад. Дар ин маврид, калимаи истилоҳгардида аз тамоми маъниҳои луғавии худ маҳрум шуда, дар системаи истилоҳоти як соҳаи илм мазмуни танҳо як мафҳуми илмиро ифода мекунад. Истилоҳеро, ки дар ин маврид тавлид меёбад, калимаи истилоҳ гуфтан мумкин аст. (Дар забони илм ба воситаи калимаи истилоҳот, асосан номи бузургиҳо ва хосиятҳои илмӣ ифода карда мешавад). Чунончи, дар системаи истилоҳоти илми физика истилоҳҳое чун суръат, фишор, кор, қувва, шиддат, маҳкамӣ, устуворӣ, сахтӣ ва монанди ин маҳз бо ҳамин роҳ эҷод шудаанд. Маънии луғавии масалан, калимаи «суръат» дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» тезӣ, тундӣ, тезии ҳаракат ва фаъолият мебошад. Дар системаи истилоҳоти физика ин калима ҳамчун истилоҳ мафҳуми зеринро дорост: «Бузургии физикие, ки нисбати масофаи дар воҳиди вақт паймудаи ҷисмро бар фосилаи ҳамин вақт ифода мекунад». «Суръат» тариқи тарҷума ба сифати муодили тоҷикии калима истилоҳи русии «скорость» пазируфта шудааст.

Чи хеле ки ба ҳамагон маълум аст, як қисми асосии таркиби луғавии забони тоҷикиро истилоҳоти соҳавӣ ташкил медиҳад. Истилоҳот аз замони ҳамчун як соҳаи мустақили забон эътибор пайдо карданаш, дорои талабот ва қоидаҳои махсус мебошад. Мутаассифона, солҳои охир луғат ё фарҳангҳои соҳавии зиёд чоп шуда бошанд ҳам, дар таҳияи онҳо талабот ва қоидаҳои ягона ба назар намерасанд. Ҳар як мураттиб ва

таҳиягар аз рӯи салоҳдиди худ истилоҳоти соҳавӣ тартиб медиҳад ва кӯшиш менамояд, ки қоидаҳои сохтани истилоҳотро худсарона сарфи назар намояд.

Аз ҳамин ҷиҳат, дар таркиби истилоҳоти соҳаҳои гуногун, махсусан, соҳаҳои техникӣ ва иқтисодӣ ба ҷои калимаҳои аслии тоҷикӣ иқтибосоти арабӣ, форсӣ, русӣ бештар мавриди истифода ва эътибори ба истилоҳ мутахассисон ба назар мерасад. Мутахассисоне, ки ба тартиб додани фарҳангҳои истилоҳи соҳавӣ машғуланд, ҷустуҷӯ намудани истилоҳотро аз ҳисоби калимаҳои аслии тоҷикӣ бо истифода аз матнҳои адабиёти классики як кори беҳуда ва куҳнапарастию қафомондагӣ меҳисобанд. Агар ба даврахои истилоҳсозӣ дар забони тоҷикӣ таваҷҷуҳ намоем, маълум мегардад, ки дар солҳои 20-ум истилоҳот аз ҳисоби калимоти арабӣ ва дар солҳои 40-ум то 80-уми қарни XX бештар истилоҳоти русиву байналмилалӣ тартиб дода мешуд. Ва дар ҳамон замон ҳам,зимни таҳияи луғатҳои соҳавӣ низоми ягона ва дастури илмӣ дар рӯи коғаз мемонд. Истилоҳҳо гоҳо дар шакли тайёр бо илова кардани ягон унсури тоҷикӣ тартиб дода мешуд [1, с. 23].

Аз ҳамин сабаб дар луғатҳои соҳавӣ истилоҳҳои сунъисохт ва иқтибосҳои нозарур пайдо шудан мегирифт. Дар луғатҳои русӣ-тоҷикии солҳои 50-ум ва 80-ум тартиб додашуда истилоҳҳое вомехӯранд, ки ба табиати забони мо умуман созгор нестанд. Имрӯз ҳам ба истилоҳсозии даврони шӯравӣ санги маломат зада, дар таҳияи луғатҳои соҳавӣ бошад, аз принсипҳо ва хатогиҳои он замон берун баромадан гӯё ки мушкилӣ меорад. Аз чунин худсариҳо ҳанӯз солҳои 40-ум устод Айнӣ норозигӣ баён карда, эътироз карда буд, ки: "истилоҳҳои фаннӣ ва илмӣ он қадар чизи ғайримуҳиме нест, ки як муҳаррир ба ихтиёри худ вазъу қабул намояд" [4, с. 86].

Солҳои 70-ум зимни таҳияи дастури "Принсипи асосии терминологияи забони тоҷикӣ" баъзе соҳаҳоро аз риояи қоидаҳои умумии забон сарфи назар карда буданд. Чунин нодида гирифтанҳо ба вайрониҳову нофаҳмиҳо дар интихоб ва эҷоди истилоҳоти забони тоҷикӣ оварда расонид.

Ба андешаи мо, қоидаи интихоб ва эҷоди истилоҳот бояд ба таври ҷиддӣ ва ҳатмӣ аз имконоти дохилии худи забон пурра истифода карда, баъд дар мавридҳои зарурӣ аз дигар сарчашмаҳо аз ҷумла, аз забонҳои дигар истилоҳотро иқтибос кардан лозим аст. Масалан, барои соҳаи бонкдорӣ, иқтисодӣ, андоз повести "Марги судхӯр"-и устод Айнӣ метавонад ҳамчун сарчашмаи муҳимми истилоҳсозӣ қарор гирад. Ва ё дар "Футувватномаи Султонӣ", "Ахлоқи Муҳсинӣ", "Қобуснома" истилоҳҳои соҳаҳои бозаргонӣ, хоҷагидорӣ дар асоси меъёрҳои калимасозии тоҷикӣ мавҷуданд, ки ҷустуҷӯ ва баҳрабардорӣ аз онҳо вазифаи муқаддаси ҳар як соҳибзабон ба ҳисоб меравад. Масалан, устод Айнӣ дар "Ёддоштҳо" вакили харҷро ба маънои имрӯзаи **"коргари хоҷагӣ"** истифода намудааст, ки пазируфтани он ҳамчун истилоҳот ба мақсад мувофиқ мебошад [7, с. 78].

Мисоли дигар, ин истилоҳи "**вариант"** мебошад. Дар "Луғати русӣ-тоҷикӣ" калимаи **"вариант"** бидуни тарҷума ва ё истилоҳсозӣ шакли русиаш мавриди истифода қарор гирифтааст. Ҳол он ки дар матбуот дар шакли **"муодил"** ва ё **"гуна"** истифода шудани он ба мушоҳида мерасад. Дар "Фарҳанги тоҷикӣ-русӣ" (соли 2006) бошад, **"муодил"** ба маънои **"эквивалент"** тарҷума шудааст. Ё феъли **"гладит"** дар "Луғати русӣ-тоҷикӣ" (соли 1985) дар шакли **"уту кардан"** омадааст. Бо сабабҳои ба мо номаълум калимаи **"дарзмол",** ки ба талаботи калимасозии забони тоҷикӣ хеле мувофиқ аст, сарфи назар карда шудааст. Дар луғатҳои минбаъда бошад, **"дарзмол"** дар қавсайн баъд аз **"уту"** оварда шуда, аҳамияти истилоҳии ин калима дуюмдараҷа ба назар мерасад. Ҳатто ин нодидагирифтанҳо дар луғатҳои электронии сомонаҳои тоҷикӣ ислоҳ нашудаанд. Чунин мисолҳо дар фарҳангҳои тоҷикӣ хеле зиёд ба назар мерасанд [4, с. 77].

Кумитаи истилоҳот дар мисоли ин гуна фарҳангсозиҳо эътироз карда бошад ҳам, вале ислоҳи он аз ҷониби ягон мутахассис ба эътибор гирифта нашудааст. Он дастурҳое, ки оиди истилоҳсозӣ таҳия ва нашр мешаванд, яке аз принсипҳо - бидуни тавзеҳу баён тарҷума кардани калимаву ибораҳо мебошад. Аз ҳамин сабаб, дар истилоҳсозӣ як меъёри номатлуб, яъне "калька" ба расмият дароварда шуд. Масалан, **"аппаратный цех" - "сехи аппаратҳо", "апрелский тезисы" - "тезисҳои апрелӣ", "график работы" - "графики корӣ", "табличный машины" - "мошинҳои ҷадвалӣ", "тоталитарный режим" - "низоми тоталитарӣ"** баргардон шудааст [3, с. 102].

Ба андешаи мо, камбудиҳои умумӣ ва асосии луғатҳои соҳавӣ дар он аст, ки мураттибон ба кофтукоб ва эҷоди истилоҳи тоҷикӣ кам машғул мешаванд ва қолабҳои

калимасозӣ, унсурҳои калимасозро риоя намекунанд, ба равонию оҳангнокии истилоҳот эътибор намедиҳанд.

Масалан, дар бисёр мавридҳо истилоҳе, ки дар забони русӣ ба шакли сифат омадааст, ки ибораи изофӣ ба тоҷикӣ исм талаб мекунад, сифат тарҷума мекунанд. Мисол, ба ҷои **"марғзорҳои Алп" "марғзорҳои Алпӣ"** омадааст. Ба ҷои **"хатти соҳил" "хатти соҳилӣ",** ба ҷои **"ҳамвориҳои соҳил" "ҳамвориҳои соҳилӣ"** истифода мешавад [5, с. 336].

Ҳамчунин, истилоҳҳое дар соҳаи техника ба назар мерасад, ки ба меъёрҳои истилоҳсозӣ мутобиқат намекунанд. Масалан, дар "Луғати русӣ-тоҷикӣ"-и техникӣ, ки соли 1993 аз ҷониби Ширкати саҳҳомии қолинҳо дар ш.Хуҷанд ба чоп расидааст, чунин истилоҳҳо ба назар мерасанд, ки тарҷумаи онҳо ба ягон қоидаи истилоҳсозӣ мутобиқ намебошад. Мисол, **"кондиционер не автономный, универсалный" - "кондитсионери ҳамвораи номухтор", (**бояд "кондитсионери ғайримухтори бисёрсоҳа" бошад), **"ветулка"-"даҳантиққа", "выговор" - "талаффуз",** (бояд "тантеҳ" бошад) **"билет"-"ҳипта", "весипорциальные" - "тарозуи ёнӣ", "двухстворчатый" - "дулинга"** баргардон шудааст [2, с. 103].

Имрӯз ба мо лозим аст, ки дар нисбати истилоҳсозӣ ва бахрабардорӣ аз забонҳои дигар таваҷҷуҳи махсус ва назорати қатъиро ба роҳ монем. Зеро истилоҳсозӣ дар замони муосир бо риояи меъёрҳои забон ва раванди номгузорӣ кардани мафҳумҳои нави илмӣ ҳамвора бо рушди соҳаҳои гуногуни илм оварда мерасонад.

Сабаби асосии рӯй додани чунин камбудиҳо ин аст, ки ба тартиб додани луғатҳои истилоҳот шахсони камлаёқат ва ғайримутахассис ҷалб карда шудаанд. Ба назари мо, дар таълифи дастури илмӣ ва луғатҳои истилоҳот дар қатори мутахассисони соҳаҳои гуногуни илму техника мутахассисони соҳаи забонро низ ҷалб бояд намуд. Нуқсонҳои дар луғатҳои истилоҳоти соҳавӣ содиршуда ба сифати луғати дузабонаи русӣ ба тоҷикӣ низ таъсири манфӣ расондааст [6, с. 55].

Ҳамин тавр, шарти қоидаҳои истилоҳсозиро дар адабиёти илмӣ-техникӣ ҷамъбаст намуда, меъёрҳои ҳамгунсозии истилоҳотро дар як соҳаи илм ва ё дар соҳаи илмҳои ҳамҷавор чунин таъйин кардан мумкин аст:

- **якмаъноӣ:** дар системаи истилоҳоти як соҳаи илм истилоҳ бояд якмаъно бошад, яъне мазмуни танҳо як мафҳуми илмиро инъикос кунад ва ё баръакс барои ифода кардани мафҳуми илмие танҳо як истилоҳ истифода шавад;
- **системнокӣ:** ҳар як истилоҳи илмӣ узви системаи истилоҳоти муайяни илм ва ё илмҳои ҳамҷавор буда, танҳо дар ҳамин системаи истилоҳот саҳеҳу якмаъност; берун аз доираи ин система истилоҳ якмаъноии худро гум мекунад;
- **саҳеҳӣ:** калима ва ё ибораи истилоҳшаванда бояд аз унсурҳои зиёдатӣ орӣ буда, мазмуну мафҳуми илмиро ба таври саҳеҳ инъикос карда тавонад; дараҷаи саҳеҳии истилоҳи илмӣ ба истифодаи воситаҳои дурусти калимасозиву иборабандӣ вобастагӣ дорад;
- **кӯтоҳӣ ва ихчамӣ:** истилоҳи илмӣ бояд аз рӯи имкон кӯтоҳ бошад; вале дар ин маврид дар адабиёти илмӣ-техникӣ дар шакли ибора бештар сохта шудани истилоҳро набояд камии он донист;
- **гардишпазирӣ ё худ татбиқпазирӣ:** ба сифати истилоҳи илмӣ дар зарурат бояд калимае пазируфта ва ё сохта шавад, ки гардишпазир бошад, яъне аз он имкони сохтани ҳосила истилоҳот вуҷуд дошта бошад; дар акси ҳол истилоҳ татбиқи васеъ дошта наметавонад;
- **доимият:** истилоҳи илмӣ дар системаи истилоҳоти як соҳаи илм бояд бемуродиф бошад, яъне бояд бо як калима ва ё ибора ифода карда шавад;
- **осонгуфторӣ:** калимаи истилоҳшаванда набояд душворталаффуз ва забоншикан бошад;
- **осонфаҳмӣ:** истилоҳи илмӣ бояд осонфаҳм бошад, яъне бо гуфтани номи маҳфуми илмӣ бояд муҳимтарин аломати мазмуни он пеши назар ояд;
- **мутобиқгардонӣ:** шакли истилоҳи иқтибосӣ (бегона) бояд ба савтиёти забони тоҷикӣ мутобиқ гардонида шавад (агар ба ин зарурат бошад).

Адабиёт:

1. Рустамов Ш. Маҳоми забон. - Душанбе: Адиб, 1996. – 211 с.
2. Луғати русию техникӣ. – Хуҷанд, 1993. – 123 с.
3. Парвиз Нотили Хонларӣ. Забон ва ҷомеа. – 2012. - №1. – 13 сентябр.

4. Луғати русӣ-тоҷикӣ. – М.: Русский язык, 1985.
5. Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ. - Душанбе, 2006.
6. Бозидов Н. Муқаддимаи забоншиносӣ. – Душанбе, 1977.
7. Норматов Н. Забоншиносии умумӣ. - Душанбе: Маориф, 1991.

ОТРАСЛЕВЫЕ ТЕРМИНОЛОГИЧЕСКИЕ ПЕРЕВОДЫ И ИХ ПРОБЛЕМЫ

Отраслевые терминологические переводы самым серёзным и обязательным образом употребляя возможности самого языка, так что должны исползовать другие источники, в том числе из других языков делать выводы. Одну из основной частей структуры словаря таджикского языка составляют переводы отраслевых терминов. Терминология, как самостоятельная отраслевая часть языка, с момента своего появления имеет требования и специальные правила.

Ключевые слова: перевод, термин, словарь, источник, язык, требование, правила.

INDUSTRY TERMINOLOGY AND TRANSLATION PROBLEMS

Industry terminology transfers most serëznym and binding manner using the power of language and as necessary to the required points should polzovatsya from other sources, including from other languages delat conclusions. One of the main part of the structure of the dictionary Tajik languages are translations of industry terms. Terminology as an independent branch of the tongue with the appearance has special requirements and rules.

Keywords: translation, terminology, research, analysis, style, story, writer, original.

Сведения об авторе: Шарифова Гулистон Амриддиновна, кандидат филологических наук, доцент Технологического университет Таджикистана, e-mail: sharifovag@inbox.ru

About author: Sharifova Guliston, PhD in philological sciences, associate professor of the Technological University of Tajikistan

ЗАБОН - ОМИЛИ ТАШАККУЛ ВА МУТТАҲИДИИ МИЛЛАТ

Мирзо Ҳасани Султон
Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қавли маъруфи амири силаҳшӯри саффории Хуросон Яъқуби Лайс, (ваф. 879) «чизе ки ман андарнаёбам чаро бояд гуфт?!»*, пас аз ду қарни ба истилоҳ «сукут»-и дунёи форсигӯён нахустин паёми озодию озодагии озодзодагон буд, ки дар Хуросону Фарорӯд пеши роҳи густариши бемайлони забони арабӣ садди сангин гузошт ва дар амри ташаккулу такомул ва шукуфоию боландагии забони модарии мо наҳзате падид овард, ки доманаи таъсиру нуфузи он то ба рӯзгори мо кашида мешавад.

Ба баёни дигар, ин иқдоми амири истиқлолталабу меҳанпарасти Саффорӣ ва сиёсати форсигустарии ӯ ба зуҳуру таҷаллии истеъдодҳои фавқулода ва таълифу тадвину тарҷумаи осори фаровони назму наср ба забони форсии дарӣ (тоҷикӣ) дар асрҳои баъдӣ раҳ боз намуд.

Ба эҳтимоли бархе муҳаққиқони таърихи забон бо расмият пайдо кардани забони форсии дарӣ дар дарбори Яъқуби Лайси Саффор дар соли 867 давраи миёнаи забонҳои эронӣ, ки аз кушта шудани Дориюши III – охирин подшоҳи Ҳахоманишӣ дар соли 331 то милод ибтидо гирифта, тақрибан ҳазору дусад сол дар паҳнаи таърих идома ёфт, анҷом пазируфт ва давраи форсии нав шурӯъ гардид [2, с. 35].

Бинобар ин, бо итминони комил метавон гуфт, ки таърихи ташаккули халқи тоҷик ва забони он дар ҳамбастагӣ бо ҳам сурат гирифтааст ва эҳсоси худшиносию

---

* Ба ривояти муаллифи Таърихи Систон шоире дар васфи футуҳоти Яъқуби Лайси Саффор қасидае ба забони арабӣ хонд, ки матлаъаш ин аст:

Қад акрама-л-лоҳу аҳла-л-’асри ва-л-балади,
Бимулки Я’қуба зӣ-л-ифзоли ва-л-’удади.

Яъқуб гуфт: «чизе ки ман андарнаёбам чаро бояд гуфт?!». Ба таври муфассал ниг.: *Та‘рихи Систон*. Тасҳеҳи Маликушшуаро Баҳор. – Теҳрон, 1314. – С. 209.

ватанхоҳии «яъқубона» дар ташаккули халқи тоҷик ва ривоҷу равнақи забони он нақши созгор доштааст.

Аслан, ин матлаб, ки таърихи забон бо таърихи миллат бастагии ногусастанӣ дорад, андешаи нав нест ва аз ҷониби аксари муҳаққиқони таърихи забон мавриди пазириш қарор гирифтааст. Ҳақ ба ҷониби донишманди маъруфи Олмон Якоб Гримм (1785-1863) аст, ки забонро шоҳиди зинда ва гӯёи таърихи мардум медонад. Ба андешаи ӯ «дар бобати мавҷудияти мардум нисбат ба устухон, аслиҳа ва гӯр шоҳиди зиндатаре мавҷуд аст. Ин забони онҳост» [18, с. 4]. Воқеан забони ҳар халқу миллат гувоҳи ҳастии он халқу миллат дар таърихи умумибашарӣ маҳсуб мешавад.

Ин воқеият, ки василаи асосии муттаҳидкунандаи ҳар халқу миллат забони ӯст, ҷойи шакку шубҳа надорад.

Забони форсии дарӣ (тоҷикӣ) бидуни шак шиноснома ва шаҳодатномаи мардуми тоҷик аст, ки баробар бо ташаккули ин халқ наҳзату шукуфоӣ ёфт ва аз оғози ташаккул то ба имрӯз асолат ва покизагию шевоии худро нигоҳ доштааст.

Таъкиди ин матлаб ҳам муҳим аст, ки истилои араб ва шикасти давлати Сосониён натавонист ғурури қавмҳои эрониасл, аз ҷумла суғдиён, тахориён (ё бохтариён), марвиён, хоразмиён…-ро, ки аҷдоди мустақими тоҷикон маҳсуб мешаванд, дарҳам шиканад. Сукутеро ҳам, ки пас аз ҳамлаи араб ба Эронзамин ба вуҷуд омад ва тақрибан ду аср давом кард, гоҳ-гоҳ наҳзату ҷунбишҳои миллигароии эронӣ, аз ҷумла хуруҷи Ғураки Суғдӣ (720-722), наҳзати Абӯмуслими Хуросонӣ (747), шӯриши Сумбоди Муғ (755), исёни Муқаннаъ (776-780) ва ашъори ватанхоҳии шоирони эрониасли арабизабон, чун Башшор ибни Бурд (714-783), Абӯ Нувос (747/762-810), Исҳоқи Суғдӣ ва ғ. халалдор мекард.

Барои намуна, ифтихор аз асолат ва асли эронӣ аз ашъори шоири арабизабони суғдиасл Исҳоқ ибни Ҳассони Хураймии Суғдӣ, ки дар аҳди Ҳорунаррашид (786-809) ва писараш Маъмун (813-833) мезист, бармало ба мушоҳида мерасад:

Иннӣ амру'ун мин сароти-с-Сугди-л-басанӣ,
'ирқу-л-а'оҷими ҷилдан таййиба-л-хабари [10, с. 842; 11, с. 244]

(Ман марде аз бузургони Суғдам ва рагу пӯстам аз нажоди поки Аҷам аст).

Ҳамин шоир дар як хитобаи дигараш ба як шоири араб Марву Балхро сарзамини аҷдодӣ ва худро аз насли Сосону Анушервон ба қалам овардааст:

Ва нодайту мин Марвин ва Балхин фаворисан,
Лаҳум ҳасабун фӣ-л-акрамӣна ҳасӣбу.
Файо ҳасрато ло дора қавмӣ қарӣбатун,
Фалйаксуру минҳум носирӣ ва ятӣбу.
Ва ин абӣ Сосона Кисро убна Ҳурмузи
Ва Хоқону лӣ лав та'ламӣна насӣбу [6, с. 64; 11, с. 245].

(Саворонро аз Марву Балх даъват кардам, ки асилу начибзодаанд. Ҷойи ҳасрат аст, ки сарзамини қавми ман наздик нест, вагарна хешу пайванди фаровонам боиси хушҳолиям мегашт. Ман аз насли Сосону Кисро писари Ҳурмузам ва кош медонистӣ, ки Хоқон низ хеши ман аст).

Чунин тарзи тафаккур, ки марде суғдиасл худро аҷамӣ, яъне эронӣ ва асли худро ба шоҳони Сосонӣ марбут дониста, шаҳрҳои Марву Балхро ватани худ арзёбӣ мекунад, дар он рӯзгор сухани андак нест ва аз ташаккули ҳисси ватанхоҳӣ ва тафаккури миллии эронӣ дарак медиҳад, ки баъдан дар рӯзгори Сомониён ба авҷи аълои худ расид ва имкон фароҳам овард, ки Фирдавсии бузург аз паҳнаи Хуросон садои ифтихор баланд намояд:

Ҳама ҷойи Эрон сарои ман аст,
Ҷу неку бадаш аз барои ман аст.

Дигар шоири маъруфи давраи Аббосӣ Башшор ибни Бурд низ аз асилзодагони Тахористон буд, ки худро парвардаи хони карами Банӣ Омир медонист, вале аслу насабашро ба Қурайши Аҷам, яъне асилзодагони Аҷам пайванд медод:

Намат фӣ-л-кироми Банӣ Омирин,
Фуругӣ ва аслӣ Қурайшу-л-Аҷам [5, с. 62; 11, с. 230].

Донишманди маъруф Абӯрайҳони Берунӣ (973-1048) низ дар китоби «Осору-л-боқийа» бо ифтихор аз асли эронии худ аҳли Хоразмро «шохайе аз дарахти азим ва шохобе аз дарёи форсиён» («ва аммо аҳлу Хуворизма ин кону ғуснан мин давҳати-л-Фурси ва набъатан мин сарҳатиҳим») [4, с. 47] ба қалам додааст.

Чунонки аз намунаҳои дар боло зикршудаи осори ин се бузургмард: яке суғдиасл, дувумӣ бохтариасл ва севумӣ хоразмиасл ба мушоҳида мерасад, ҳар се нажоди худро ягона ва эронӣ қаламдод кардаанд.

Аз назари иҷмолӣ ба матолиби фавқ метавон ба чунин натиҷа расид, ки маҳз бо шарофати ҳамин ҳампайвандӣ ва дарки ягонагии қавмҳои эронинажоди суғдӣ, бохтарӣ, хоразмӣ ва… дар рӯзгори Сомониён ташаккули халқи тоҷик ба анҷом расид ва имкони мусоид фароҳам омад, ки забони форсии дарӣ (тоҷикӣ) тадриҷан доираи корбурди дигар забонҳои маҳаллии эрониро маҳдуд намуда, ба сифати забони давлату давлатдорӣ расмият пайдо намояд.

Умумияти марзию сиёсӣ, иқтисодӣ, забонӣ ва фарҳангии қавмҳои эронинажод дар ҳудуди Фароруду Хуросон, ки тақрибан аз асри V мелодӣ оғоз гардида, бар асари сар даровардани туркон ба ин сарзаминҳо ва баъдан истилои араб ба таъхир афтода буд, дар аҳди Сомонӣ ба ташаккули халқи тоҷик ва давлатдории он мусоидат намуд.

Академик Б.Ғафуров андеша дорад, ки «дар ҳамон даврае, ки ҳокимият дар Мовароуннаҳру Хуросон дар дасти Сомониён буд, ташаккули халқи тоҷик анҷом ёфт» [9, с. 492]. Воқеан, дар аҳди Сомонӣ, ба андешаи мо, омилҳои зерин ба ташаккули халқи тоҷик мусоидат кард:

якум, ҳудуди ягонаи ҷуғрофӣ, ки қавмиятҳои ориёиасли суғдӣ, тахорӣ (бохтарӣ), марвӣ, хоразмӣ, фарғонӣ, хуросонӣ, сакоӣ… дар он сукунат доштанд;

дувум, мавҷуд будан ва бештар густариш пайдо кардани робитаҳои иқтисодию иҷтимоӣ дар байни ин қавмиятҳо;

севум, боло гирифтани худшиносии қавмиятӣ ва ифтихори баланди ориёию эронӣ дар баробари қавми турк ва араб дар байни суғдиён, тахориён (бохтариён), марвиён, хоразмиён, фарғониён, хуросониён… ва бо мақсади мондагорӣ муттаҳид шудани ин қавмиятҳо ба қавми ягонаи тоҷик:

чорум ва муҳимтар аз ҳама ба пуррагӣ ташаккул ёфтани забони форсии дарӣ (тоҷикӣ), ки ҳамаи ин қавмиятҳои ориёиаслро муттаҳид мекард, ба ташаккули халқи тоҷик мусоидат намуд. Зеро, истилои араб ба рушди забонҳои маҳаллии суғдию бохтарӣ ва хоразмӣ монеъ гардид ва осори фаровони хаттии аз ин забонҳо бозмондаро дар коми оташ сӯхт. Танҳо бо саъю ҳиммати ҳамаи ин қавмиятҳои муттаҳид забони форсии дарӣ (тоҷикӣ) тавонист бо забони ғолиби арабӣ рақобат намояд ва дар мақоми худ пойдору устувор бимонад. Қавли Абӯбакри Наршахӣ дар «Таърихи Бухоро», ки «мардуми Бухоро ба аввали ислом дар намоз Қуръон ба порсӣ хондандӣ ва арабӣ натавонистандӣ омӯхтан…» [12, с. 67] (тақрибан дар соли 713) аз забони хосу ом будани ин забон дар Бухоро ҳанӯз дар оғози футуҳоти исломӣ гувоҳӣ медиҳад.

Ислом овардан ва дар заминаи ҳамин дини нави ягона муттаҳид шудани қавмҳои ориёӣ, ҳамчунин фатвои маъруфи бунёдгузори мазҳаби ҳанафӣ Имоми Аъзам – Нуъмон ибни Собит Абӯҳанифаи хуросониасл (699-767) дар хусуси «ҷоиз будани хондани намоз ба забони форсӣ» («ва лав қара‘а Қур‘она би-л-форсиййати фи-с-салот, таҷузу салотуҳу»… «агар Қуръонро дар намоз ба форсӣ хонад, намозаш равост…») барои густариши бештари забони форсии дарӣ дар олами ислом роҳ боз карда, дар ташаккули халқи тоҷик ва такомули забони он то ҷойе мусоидат намуд [14, с. 388].

Муаррихи маъруфи тоҷик, академики АИ ҶТ Нуъмон Неъматов низ бо далелҳои муътамади илмӣ давраи сомониро анҷоми раванди ташаккули этногенетикии халқи тоҷик арзёбӣ карда, бо таваҷҷуҳ ба заминаҳои иқтисодӣ ва фарҳангӣ, ҳамчунин имконоти қувваҳои истеҳсолкунанда, ки бо шарофати ин давра фароҳам омад, ин давра ва идомаи онро, ки гоҳе дар адабиёти илмӣ бо истилоҳи «Эҳё» ёд мешавад, даврони «Дастовард» номгузорӣ кардааст ва чунин таърифи маҷмӯӣ додааст: «… асрҳои 9-11 дар таърихи тамаддуни халқи тоҷик даврони Дастовардҳои таърихии фатҳи қуллаҳои нисбатан имконпазири рушди иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар асрҳои миёна, айёми ташаккули давлатдории он, анҷоми ташаккули этногенетикии халқи тоҷик ва расмият пайдо кардани номи вай, давраи вуруди илму адаби тоҷик ба саҳнаи ҷаҳон ва ибтидои хидмати башардӯстонаи он ба нафъи башарият, маҳсуб мегардад» [13, с. 545].

Дар хусуси маҳди рӯиши забони форсии дарӣ, ки ба гурӯҳи забонҳои ғарбии эронӣ дохил шуда, реша дар забони портӣ ва тавассути он дар забони авастоӣ дорад, ҳанӯз ҷойи андешаю баҳс боқист. Вале, дар масъалаи Фароруду Хуросон будани макони ташаккулу такомули ин забон ва дороиафзоии он аз ҳисоби забонҳои маҳаллии гурӯҳи шарқии эронӣ: суғдӣ, тахорӣ, хоразмӣ… ҷойи баҳс нест [14, с. 372-394].

Анъанаи муҳаббати фаровон доштан ба забони модариро, ки Яъқуби Лайс оғоз ниҳод, баъдан Сомониён, ба хусус бунёнгузори ин сулола Исмоили Сомонӣ (849-908), Наср ибни Аҳмад (914-943), Мансур ибни Нӯҳ (961-975) ва дигар амирони ин хонадон ба ваҷҳи неку идома бахшиданд. Амирони Сомонӣ зердастони худро ба таълифу тарҷумаи осор бо забони модарӣ ҳидоят мекарданд ва шоирону адибони форсисароро азизу гиромӣ медоштанд. Илова бар ин, Сомониён ба мардони кор, аз ҷумла ба донишмандони маъруфи замони худ Фазл ибни Аҳмади Марвазӣ, Абулаббоси Марвазӣ, Абӯабдуллоҳ ибни Аҳмади Ҷайҳонӣ, Абулфазли Муҳаммад ибни Убайдуллоҳи Балъамӣ, Абӯбакр ибни Ҳомид, Абӯтаййиби Мусъабӣ, Абӯалии Балъамии Домғонӣ, Абулфатҳи Бустӣ, Абӯнасри Утбӣ ва бузургони дигар, ки ғолибан посдорони забони модарӣ буданд, ҳукми девони вазорат доданд. Абӯалии Сино ва Абӯрайҳони Берунӣ, ки аз нахустин устодони забони илм ва муаллифони осори илмии форсӣ маҳсуб мешаванд, дар охири рӯзгори давлати Сомонӣ муддате дар ҳалқаи дарбори амирони ин хонадон даромада буданд.

Оғози зуҳур ва таҷаллии назми оламгирии форсии дарӣ низ ба давраи давлатдории Сомонӣ рост меояд. Наср ибни Аҳмад на танҳо устод Рӯдакиро ба дарбори Сомонӣ даъват намуда, ӯро азиз дошт ва унвони маликушшуароӣ дод, балки якҷо бо вазири адабдӯсташ Абулфазли Балъамӣ ӯро ба назми «Калила ва Димна» водор кард.

Устод Садриддини Айнӣ бо истинод ба байтҳои зерини «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ эҳтимол додааст, ки устод Рӯдакӣ бо хоҳиши Абулҳасан Наср «Калила ва Димна»-ро ба забони форсии нав назман (бо шеър) тарҷума кард ё ин ки тарҷумаи тайёрро манзум намуд [2, с. 142].

Ба тозӣ ҳамебуд то гоҳи Наср,
Бадон гоҳ, ки шуд дар ҷаҳон шоҳ Наср.
Гаронмоя Булфазл дастури ӯй,
Ки андар сухан буд ганҷури ӯй.
Бифармуд то порсиву дарӣ –
Бигуфтанду кӯтоҳ шуд доварӣ…
Гузорандаро пеш биншонданд,
Ҳама нома бар Рӯдакӣ хонданд.
Бипайваст гӯё парокандаро,
Бисуфт инчунин дурри огандаро [17, с. 466].

Эҳтимол устод Рӯдакӣ «Синбоднома»-ро низ, ки аслаш ба забони форсии миёна буд, бо дархости ҳамин амири сомонӣ ба форсии дарӣ ба назм овард.

Шукӯҳи насри форсии дарӣ ҳам аз ҳамин аҳд ибтидо мегирад. Дар рӯзгори аморати дигар амири сомонӣ Абдулмалики писари Нӯҳ ё Абдулмалики аввал (954-961) бо фармони яке аз надимони адабдӯсташ Абӯмансур Муҳаммад ибни Абдурраззоқ, ки омили Тӯс буд, дар соли 959 «Шоҳнома»-и мансур гирдоварӣ шуд, ки дар таълифи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ аз манбаъҳои асосӣ маҳсуб мешавад ва чигунагии фароҳам овардани он аз ҷониби Муҳаммад ибни Абдурраззоқ дар оғози «Шоҳнома» таъкид шудааст [17, с. 23].

Бо дархосту ҳидоят ва раҳнамоии Абӯсолеҳ Мансур ибни Нӯҳ (961 –975) «Тафсир»-у «Таърихи Табарӣ», «Синбоднома» ва чандин осори гаронбаҳои дигар аз забонҳои арабӣ ва форсии миёна ба забони форсии дарӣ тарҷума гардид.

Аз ҷумла, дар муқаддимаи «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» махсусияти муҳтавои китоби мазкур ва дархости тарҷумаи форсии тафсири Қуръон аз ҷониби Абӯсолеҳ Мансури Сомонӣ зикр гардидааст.

Нуктаи ҷолиби ин муқаддима ин аст, ки аз қадим забони форсӣ будани забони мардуми Фарорӯд ва ориёинажод будани фармонравоёни ин сарзамин дар он таъкид шудааст: «...Ва ин ҷо, бадин ноҳият (яъне, Фарорӯд=Бухоро) забон порсист ва мулукони ин ҷониб мулуки Аҷаманд» [16, с.5].

Эҳтимоли қавӣ меравад, ки пас аз кушта шудани Дақиқии шоир, ки бо ҳидояти амирони Сомонӣ ба назми «Шоҳнома» шурӯъ карда буд, Абулқосими Фирдавсӣ низ бо дархости эшон ба назми ин ҳамосаи миллии қавмҳои эронинажод идома бахшид ва онро бо ваҷҳи аҳсан анҷом дод. Вале, мутаассифона, ҳангоме ки таълифи «Шоҳнома» анҷом пазируфт, бисоти давлат аз зери пойи амирони сомонӣ барчида шуда буд, бинобар ин, Фирдавсӣ аз ғояти фақру тангдастӣ маҷбур гардид, шоҳасари худро ба

Султон Маҳмуди Ғазнавӣ пешкаш намояд ва ба ивази «ранҷи сисола»-аш музди ночиз ёбад.*

Амиру амирзодагони сомонӣ илова бар ин ки ба шеъру адаби форсии дарӣ муҳаббати беандоза доштанд, бархе ба ин забон шеър низ мегуфтанд. Охирин намояндаи ин хонадон Абӯиброҳим Исмоил ибни Нӯҳ, ки бо лақаби Мунтасир маъруф аст, шоир буд ва шеърҳои хуб мегуфт. Вай барои истиқрори давлати Сомонӣ ҷонбозиҳо кард ва дар ин роҳ ҷон бохт.

Дар муддати чанд соли азобу маҳрумият ва ҳарбу пайкор баҳри истиқрори дубораи ин давлат базмгаҳу боғи ин амир ба қавли худи ӯ аспу силоҳ ва лолаву савсанаш тиру камон буд:

Гӯянд маро чун салаби хуб насозӣ,
Маъвогаҳи ороставу фарши мулавван.
Бо наъраи гурдон чи кунам лаҳни муғаннӣ?
Бо пӯяи аспон чи кунам маҷлиси гулшан?!
Ҷӯши майу нӯши лаби соқӣ ба чи кор аст?
Ҷӯшидани хун бояд, бар гайбаи ҷавшан
Асп асту силоҳ аст маро базмгаҳу бог,
Тир асту камон аст маро лолаву савсан [15, с.202].

Ифтихори амирони Сомонӣ аз асли эронии худ ва ҳамчунин ба Баҳроми Чӯбина пайванд додани ниёи худ, дигар хонадонҳои эронинажодро низ ба арҷ гузоштан ба асли эронӣ ва забони модарӣ водор кард. Ҳамин буд, ки Хоразмшоҳиёни Оли Ироқ асли худро ба Кайхисрави писари Сиёвуш, амирони Оли Фариғуни Гузгонон ба Фаридун, Дайламиён ба Баҳроми Гӯр, Зиёриён ба Қубод ва ҳокимони Оли Саҳл, ки дар Марв фармонраво буданд, асли худро ба Яздигурд пайванд медоданд.

Вале то расидан ба замони ривоҷи нақди мазмун ва маънӣ илми адабии форсӣ - тоҷикӣ, мутаассифона, дар инҳисори таҳқиқи асосан шаклӣ боқӣ монда, доманаи тадқиқи масъалаҳои аслӣ ва бунёдии шеърро густариш дода натавонист. Ҳол он ки решаи асосии ба ин ё он навъ ва жанри адабӣ тааллуқ гирифтани асарро хусусияти муҳтаво, тарзи тафаккур ва эҳсосот, таносуби олами шахсӣ ва шайъӣ, тариқи тасвир ва баёни таассурот таъин менамояд. Ин камбуд аз ҷониби муҳаққиқони имрӯзини улуми адабии пешин қайд карда шудааст, ки аз ҷумла, дар асари мазкури Абдунабӣ Сатторзода мехонем: «Диққати онҳоро (донишмандони улуми адабии қуруни Х-ХУ – А.Ҳ.) асосан хусусиятҳои шаклии асарҳои бадеӣ ба худ ҷалб намудааст… Ин гуна муносибати яктарафа ба асарҳои бадеӣ боиси маҳдудияти назариёти адабии онҳо гардидааст» [15, с. 33]. Худоӣ Шарифов ҳам баъди таҳқиқи маводи фаровони илмии гузашта ба натиҷае мерасад, ки «…тасаввури хеле умумии хаёл далолат ба хаёли муҷаррад дошта, бо ин сабаб барои ӯ (манзур Амир Хусрави Деҳлавӣ – А.Ҳ.) ва дигар муаллифони замонаш масъалаи мазмун ҳамчун хосияти адабиёт дар мавқеи сонӣ ҷойгир мешавад»[18, с. 130].

Ин ҷо матраҳ шудани суоле, ки чаро ин ҳолат бо улуми адабии пешини форсӣ - тоҷикӣ рух додаст, комилан табиист ва ба он дар таълифоти мазкур ва суханҳои иқтибосшудаи Абдулҳусайни Зарринкӯб, И. Брагинский, Х. Шарифов, Ш. Ҳусейнзода, А. Сатторзода камобеш ҷавоб ҳам ҷой дорад. Ду муҳаққиқи аввал сабаби онро дар тасаввури пешиниён ҷанбаи қудсӣ доштани калом дар шеър ва аз ин рӯ фаротар аз нақкодӣ будани он дониста, муҳаққиқи охир сабаби бештар ба таҳқиқи шаклӣ машғул шудани онҳоро кӯшиши бунёд гузоштани «низоми нави афкори адабӣ ва эстетикии форсии тоҷикӣ» маънидод мекунад, ки ҳамаи ин гуфтаҳо ҳақиқат доранд ва яқин аст, ки таҳқиқоти оянда дар ин мавзуъ боз ҷиҳатҳои дигари онро муайян хоҳанд намуд. Вале ҳоло яке аз сабабҳои асосии онро аз қавли Ибни Сино дар «Фанни шеър» мешавад дарёфт, ки дар фарқияти шеъри юнонӣ бо арабӣ, яъне ба фаҳмиши имрӯзии мо дар фарқияти шеъри ғарбӣ аз шарқӣ мегӯяд: «…онҳо (яъне юнониён ва арабҳо – А.Ҳ.) ба ду манзур шеър месуруданд: Яке он ки нафсро аз чизе мутаассир созанд ва онро барои феъле ва инфиоле омода кунанд. Дувум, барои тааҷҷуб ва шигифтии танҳо, ки ҳар чизеро ташбеҳ мекарданд, то бар асари ҳамон ташбеҳ дар шигифт шаванд. Вале юнониён мехостанд бо гуфтор мардумро ба сӯйи кирдоре барангезанд ва ё аз он боздоранд» [12, с. 83].

Гумони ғолиб меравад, ки яке аз хусусияти фарқкунандаи адабиёти бадеии шарқ, аз ҷумла, шеъри форсӣ -тоҷикӣ ва ҳамчунин улуми адабии он аз адабиёти ғарб ва илми он дар ҳамин нуктаи борикбинона қайд кардаи Ибни Синост, ки арабҳо шеърро «барои тааҷҷуб ва шигифтии танҳо» месуруданд, юнониён «мехостанд бо гуфтор мардумро ба сӯйи кирдоре барангезанд ва ё аз он боздоранд». Решаи масъала ин ҷост, адабиёти шарқ, яъне арабӣ, ки форсӣ -тоҷикӣ дар роҳи камолот аз он таъсири муайяне бардоштааст, аз аввал рӯй ба манзури «ҳунар барои ҳунар» ва адабиёти Юнон, ки ба ташаккул ва ривоҷи аксари адабиёти халқҳои ғарб таъсири чашмрас гузоштааст, ба манзури «ҳунар барои иҷтимоъ» рӯй оварда будааст. Ҳарчанд чунин ба назар мерасад, ки Абӯ Алӣ ибни Сино дар ин мавзуъ ба шеваи хоси худ сахт қотеъона ҳукм мекунад, зеро мо дар намунаҳои барҷастаи адабиёти шарқ, масалан, дар осори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Носири Хусрав ва беҳтарини онҳое, ки дар қуруни баъдӣ эҷод кардаанд, майли «ҳунар барои иҷтимоъ»-ро низ пайдо мекунем, аммо агар дар маҷмуъ бигирем, бешубҳа, ҳақ ба ҷониби Ибни Синост, ки бештарини онҳо «барои тааҷҷуб ва шигифтии танҳо»-ст. Ва адабиёт чӣ гуна, илми он ҳам ҳамон гуна аст ва ин яке аз иллатҳои асосист, ки улуми адабии форсӣ - тоҷикӣ ғолибан ба таҳқиқи шаклӣ, саноеъи бадеӣ пардохта, ба тадқиқи муҳтаво ва маводи он камтар мароқ зоҳир намудааст.

Вале дар назар бояд дошт, ки дар таълифоти оид ба шеъру шоирӣ ва адабиёти қадим ҳам баъзе таъкидотро, ки ба пайванди шеъру адаб бо ҷомеа ишорат мекунанд, пайдо кардан мумкин аст. Худоӣ Шарифов дар «Назарияи наср» -и худ ҳангоми таҳқиқи «Муқаддима» -и «Шоҳнома»-и Абӯмансурӣ баъд аз таъкиди ӯ, ки дониши қудамо «Шоҳнома» ном дорад ва он «ҳам ба гӯшу ҳам ба кӯшиш хуш ояд», ба натиҷае мерасад, ки «… муаллифи «Муқаддима» ба фаҳми моҳияти дарки адабии воқеият ва маънии иҷтимоии он хеле наздик аст» [18, с. 123].

Аз ҳамин қабил Амир Унсурмаолии Кайковус ҳам дар «Қобуснома»-и худ дар боби «Андар расми шоирӣ ва ойини он” менависад, ки «…шеър аз баҳри мардумон гӯянд, на аз баҳри хеш» [1, с. 209], вале дар ин нукта ҳам муаллиф бештар ҷиҳати шаклӣ, саҳли мумтанеъӣ, возеҳӣ ва дорои саноеъи дилчасп будани шеърро дар назар дорад, то «мардумро хуш ояд». Ва дар ҷое ки дар бораи мадҳу мамдуҳ андеша меронад, гӯшзад менамояд, ки ба қадри ҳоли мамдуҳ, яъне наздик ба воқеияти ҳоли ӯ сухан бояд гуфт. Ҳарчанд ин роҳнамоист, на андешае, ки дар натиҷаи таҳқиқоти маводи бадеъӣ ҳосил шудааст, вале бо вуҷуди ин дар муайян кардани назари донишманди қадим оид ба таносуби хаёлоти бадеъӣ ва воқеъият дар асари бадеӣ, ки яке аз масъалаҳои бунёдии адабиёт – чигунагии муҳтаворо дар назар дорад, хеле арзишманд аст.

Таносуби воқеъияти тасвиршаванда ва хаёлоти бадеъӣ бо он ки заминаи реалии шеърро барқарор карда, чигунагии муҳтаворо таъмин менамояд, низ баъзан мавриди назари адибони пешинамон қарор гирифтааст. Масалан Ш. Ҳусейнзода дар мақолаи зикршуда дар бораи мавқеъи Ҷомӣ оид ба мазмунҳои аз фаҳму идрок дур будаи баъзе шоирони шаклпараст изҳори ақида намуда, ин воқеъаи ибратбахшро меорад: «Боре Амиршайхам Суҳайлӣ, ки аз умарои султон Ҳусайн буда, завқи шеър дошт, дар як маҷлисе, ки Ҷомӣ низ ҳузур дошт, байти зеринро хонд:

Шаби ғам гирдбодаш оҳам аз ҷо бурд гардунро,
Фурӯ хӯрд аждаҳои сели ашкам рубъи маскунро.

Ин байти ваҳмангез боиси эътирози сахти Ҷомӣ гардида ва Ҷомӣ пурсида будааст, ки «Шумо шеър мегӯед, ё мардумро метарсонед?!» [17, с. 296]

Вале, мутаассифона, ин гуна равияи моҳиятҷӯй, ки таҳлили муҳтаворо дар мадди аввал гузошта бошад, дар улуми адабии пешинаамон ба андозаи зарурӣ доман нагустурдааст, ки ин ба замми он сабабҳое, ки дар боло зикрашон рафт, сабаби айнии дигаре ҳам дошт, ки дар он даврон ба қадри кофӣ фароҳам набудани замина барои рушди муносибатҳои ҳамаҷонибаи фард бо ҷомеъа буд, ки нумувви маҷмуи улуми иҷтимоӣ, аз ҷумла улуми адабиро, ки яке аз шохаҳои он аст, таъмин менамуд. Назари фарох ва воқеъбинона ба адабиёт, ки паҳлуҳои иҷтимоӣ ва ҳунарии онро баробар ба таҳлил гирад, дараҷаи муайяни инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва илми ҷомеъашиносиро талаб доштааст, ки бо сабаби ба андозаи зарурӣ тараққӣ надоштани ин муносибатҳо ва илми он улуми адабии қарнҳои миёнаи форсӣ - тоҷикӣ ҳам ғолибан хусусияти шаклӣ гир ифта, бар моҳияти муҳтавои адабиёт камтар аҳамият додааст.

Назарияи моддию мантиқии Арасту дар бораи пайдоиши адабиёт ва шохаи лирикии он - шеър, ки бар муҳокоти инсон ба зиндагӣ асос ёфта буд, баъдтар

таълимоти зуҳури синкретии адабиётро бунёд гузошт, ки он дар асарҳои донишмандони ғарбӣ ва ба шакли комилтар дар таҳқиқоти олими рус А. Н. Веселовский “Поэтикаи таърихӣ”, дар боби аввали он “Синкретизми шеъри қадим ва оғози тақсимоти анвои шеър» [9] ҷамъбаст шуд. Синкретизм - решапайвандии анвои санъатро аз синкретизми даврони ибтидоии зиндагӣ, ки навъҳои гуногуни шуури ҷамъиятӣ - асотир, ҷодуӣ, тасаввуроти мухталифи таърихиро истифода менамуд, бояд фарқ кард, зеро синкретизм ҳунари танҳо шеър, мусиқӣ ва рақсро дар бар гирифта, аз он ҳар се навъи эҷоди бадеӣ - асарҳои ҳамосӣ, ғиноӣ, драмматикӣ ва суруду рақсҳои маросимӣ пайдо шуда, пасон чун навъҳои ҷудогона ташаккул ёфтаанд.

Хуллас, дар эҷоди бадеъ се намуди калом - ҳамосӣ, ғиноӣ ва драмавӣ мавҷуданд, ки ба таъбири адабиётшиносии имрӯзаи тоҷикӣ - се ҷинси адабӣ ном дорад, вале мо дар ин мақола онҳоро се навъи адабӣ ном хоҳем бурд, ки дар адабиётшиносии кишварҳои ҳамзабонамон Эрону Афғонистон ин истилоҳ истифода мешавад ва ба назари мо ҳам муносибтар мерасад.

Сифатҳои ҳамосӣ, ғиноӣ ва драматикӣ хусусияти муҳтавои ононро ифода мекунанд, зеро онҳо аз назари шакл метавонанд насрӣ ва назмӣ бошанд. Ҳоло мавриди таҳқиқи мо яке аз ин навъҳои адабӣ лирика мебошад, ки дар чигунагии он иҳотаи мабдаъи шахсӣ, андешаву эҳсосоти отифӣ, тасвиру тавсиф ва аносири олами шайъӣ аҳамияти аз ҳама бештаре дорад. Ин навъи шеър дар адабиётшиносии муосири тоҷик бештар ба номи ашъори лирикӣ ё ғиноӣ зикр мешавад.

Ҳамчунон ки маълум аст, решаи калимаи лирика аз номи асбоби тории мизробӣ - лира мебошад, ки дар зери навои он юнониёни бостон суруд мехонданд. Баъдтар дар замони эллинии инкишофи ҳунар он дар забони юнониён шакли “люрикэ” гирифта, мазмуни он навъи шеърро, ки ғайриҳамосӣ бошад, ифода мекард. Бо вуҷуди он ки унвони ин навъи шеър аз номи асбоби мусиқист ва пайванди онро бо мусиқӣ таъкид мекунад, аммо ташаккули он асосан ба муҳтавою мундариҷааш вобаста аст, зеро он яке аз анвои ҳунарест, ки ашёяш на зарби оҳангнок, балки сухан аст, ки расонандаи маъност.

Вале бо вуҷуди ин, бояд дар назар дошт, аксари муҳаққиқоне, ки оид ба шеъри ғиноӣ тадқиқот анҷом додаанд, аз пайванди аслии он бо мусиқӣ сухан гуфтаанд. Онҳо ин пайвандро на танҳо дар мавзунии дилнишин доштани шеъри ғиноӣ, ки решапайвандии онро бо зарби оҳангноки мусиқӣ тасбит менамояд, балки шакли мавзуни онро ифодаи зоҳирии махсусияти муҳтавои ғиноии он, ба қавли Н. Берковский «асбоби шеъри ғиноӣ» [6, с. 10] донистаанд. Аз ин бармеояд, ки ифодаи ягонагии мусиқӣ ва шеъри ғиноӣ, ки дувумӣ ҳунари каломист, на фақат дар шакли зоҳирии онҳо, яъне оҳангнокӣ, балки дар ботин – дар муҳтавои ғиноии онҳо нуҳуфтааст, ки шеъри ғиноӣ онро тавассути вожагон намоён месозад. Ҳамин вижагӣ сабаби нафосат, дилчаспӣ ва хушоҳангии ин навъи эҷоди бадеъӣ дар адабиёти халқҳои ҷаҳон шудааст.

Ин қазия дар таърихи шеъри беш аз ҳазорсолаи форсӣ - тоҷикӣ низ тасдиқи комили худро меёбад. Дар ин ҷо ҳоло бо як назари иҷмолӣ мебинем, ки қадимтарин ва серистеъмолтарин навъҳои шеъри мо чун дубайтӣ, рубоӣ ва ғазал бо савту оҳанг ва мусиқӣ пайванди аз ҳама бештаре дошта, аз маҳбубтарин анвои шеъри форсӣ - тоҷикианд. Ин анвоъ аз ҷумла, дубайтӣ ва рубоӣ дар эҷодиёти шифоҳии мардум ба мақоми аввалдараҷа доро бошанд, масалан, ба шеваҳои гуногун ва хоса «фалак» хонда шаванд, ғазал асоси маводи шеърии силсилаи «Шашмақом» -и оламшумул, мусиқии касбиро ташкил додааст. Онҳо дар баробари суруд буданашон намунаҳои олии эҷоди бадеӣ дар ин навъҳоянд.

Ин ҳолат, яъне навъи асоситарин ва зеботарин будани шеъри ғиноӣ қариб дар адабиёти ҳамаи халқҳо ба назар мерасад, ки ба асолати он далолат мекунад. В. Г. Белинский дар ин маврид менависад, ки: «Лирика ҳаёт ва рӯҳи ҳама гуна шеър аст: лирика афзали шеър аст, шеъри шеър аст» [4, с. 14]. Ин навъи шеър маҳз барои ифода намудани муҳтавои ғиноӣ ба вуҷуд омада, то имрӯз барои он муносибтарин боқӣ мондааст.

Муҳтавою мундариҷа ва маъное, ки ин навъ шеър, яъне шеъри ғиноӣ (лирикӣ) мерасонад, чӣ гуна аст ва тариқи ифодаи он аз шеъри ҳамосӣ (эпикӣ) бо чӣ хусусияте фарқ мекунад? Дар ин ҷо, аввал, махсус ба чигунагии муҳтаво, мундариҷаю маъно ва, сониян, ба услуби ифода ҷалби таваҷҷуҳ карда мешавад, зеро роҳи дурусти расидан ба мақсад -- таҳқиқи махсусияти на танҳо навъи ғиноии ашъор, балки тамоми анвои эҷоди бадеъист. Муҳтаво муайян мекунад, ки он дар чӣ навъ - эпос, лирика, драма, дар чӣ

шакл - ҳамосӣ, лирикӣ, драмавӣ ва дар чӣ жанр - маснавӣ, ғазал, қасида, шеъри нав ва ғайра рехта шавад. Дар ин ҷо дар байни эпос, лирика, драма, ки анвои адабӣ ҳастанд, яъне исманд ва ҳамосӣ (эпикӣ), лирикӣ ва драмавӣ, ки хусусияти анвои адабиянд, яъне сифатанд, махсус фарқ гузошта шудааст, зеро онон метавонанд яке ба дигаре нисбат дошта бошанд. Масалан, эпос метавонад ба сифати лирикӣ ва лирика ба сифати эпикӣ зуҳур кунад, вале асоси муҳтаво бар кадом навъ, ки бошад, мансубияти навъии он низ аз ҳамон назар таъин мешавад.

Хусусияте, ки ашъори ғиноиро аз ҳамосӣ фарқ мекунонад, қабл аз ҳама дар муҳтавост. Аммо мазмунҳои гуногунро, ки дар як асар метавонад ба ҳам даромехта бошад, чӣ гуна ташхис бояд дод, ки ғиноист ё ҳамосӣ?

Ташхиси чигунагии муҳтаво дар таълимоти Гегел чунин омадааст, ки муҳтавои ҳамосӣ олами шайъӣ, ҳастӣ (объективӣ) ва муҳтавои ғиноӣ олами фардӣ, шахсӣ (субъективӣ)-ро ифода мекунад. Дар ин бора ӯ дар китоби «Эстетика» чунин менависад: «Муҳтавои он (лирика - А. Ҳ.) - тамоми олами шахсӣ, ҷаҳони ботинӣ, қалби андешаманд ва ҳассосест, ки ба амал нагузашта, худро дар сифати ҳаёти ботинӣ дар худ нигоҳ медорад ва аз ин рӯ худифшоии баёнии шахсиро ба сифати шакли ягона ва мақсади ниҳоии худ мепазирад» [10, с. 420]. Аз ин бармеояд, ки муҳтавои ашъори ғиноӣ ҷаҳони ботинӣ ва қалби андешаманду ҳассосе мебошад, ки худифшоиро ба ҷои амал мепазирад. Дар ҷои дигари асараш Гегел изофа мекунад, ки ба ин қалби андешаманди ҳассос худро дар «ҳастии воқеии худ» ҳам намудор кардан мухолиф нест. Ӯ менависад: «Умуман бигӯем, дар ҳолате, ки шоир (шоири лирикӣ - А. Ҳ.) худро тасвир мекунад, шарт нест, ки фақат бо ҷаҳони ботинӣ маҳдуд бишавад -- ҳангоме ки шоир худро дар ҳастии шахсӣ ва воқеии худ нишон медиҳад, чун томияти зоҳирӣ ва дақиқ зуҳур карда метавонад» [10, с. 501]. Аз ин ва дигар навиштаҳои Гегел бармеояд, ки ӯ ҳарчанд барои барҷастатар нишон додани махсусияти шеъри ғиноӣ ва ҳамосӣ ҷиҳатҳои мутафовити онҳоро аз ҳад беш бо ҳам муқобил мегузорад, аммо дар шеъри ғиноӣ ҳам тасвири олами воқеӣ ва шайъиро тамоман рад намекунад. Назарияи муназзаму фалсафии Гегел, ки бар қонуни диалектикии ҳастӣ асос ёфтааст, дар таълимоти эстетикии ӯ низ пайдост. Ӯ, ки назарияи худро дар бораи шеъри ҳамосию ғиноӣ дар муқобилгузории ду мафҳуми асосии фалсафӣ -- объективият ва субъективият месозад, ҳангоми аз ҷониби субъект дарёфти ҷаҳони объективӣ нақши ҷаҳони объективиро дар субъект ба эътибор мегирад. Гегел нисбат ба Арасту бисёртар маводи бадеъиро дар даст дошт ва табиист, ки таълимоти ӯ дар бораи анвои адабӣ, дар айни ҳол эпос ва лирика, хеле мукаммал ва дақиқ ба назар мерасад.

Бо вуҷуди ин, ҳангоме ки Гегел назарияи ҳунари нафисаи худро меофарид, дар даҳсолаҳои аввали асри XIX, таҷрибаи бадеъӣ нисбат ба замони Арасту ғанӣ, фарқияти анвои адабӣ низ хеле назаррас гашта, эпос ва лирика ҳам махсусиятҳои бештаре пайдо карда буданд, ки аз назари муҳаққиқ набояд барканор мемонданд. Аммо Гегел ба таҷрибаи классикии ҳунари Юнони қадим бештар такя карда, аз таҷрибаи асри миёна, замони эҳё, классисизм, равшангароӣ камтар истифода кардааст. Ин корро муҳаққиқони баъдина ба ҷо оварданд. В. Г. Белинский дар мақолаи машҳураш дар бораи таснифи адабиёт ба анвою шаклҳои адабӣ таҷрибаи бештари адабиро ба тааммуқ гирифта, назарияи Гегелро инкишоф медиҳад ва менависад, ки муҳтавои ашъори ғиноиро «худи субъект ва ҳамаи он чизе, ки аз ӯ мегузарад, ташкил медиҳад» [5, с. 45]. Дар ин ҷо, ҳамчунон ки мебинем, ба объект — ба ҳамаи он чизе, ки аз субъект мегузарад, низ аҳамияти зарурӣ дода шудааст.

Минбаъд дар таҳқиқи шеъри ғиноӣ ҳалли масъалаи субъект зарур мешуд, зеро дар адабиёти ғарбӣ ва русӣ махсусан аз солҳои 20-30-уми асри XIX равияи романтикӣ қавитар гашта, дар он мавқеи инсони замон аҳамияти бузург пайдо мекард. Ғояи шахс ва паҳлуҳои ҳаёти шахсият аз табу тоби инқилобӣ то фурӯ рафтан ба умқи ҳаёти худ, ки роҳи ягонаи такомули маънавӣ дониста мешуд, дар таълимоти маънавию ахлоқӣ, илмию фалсафӣ, иҷтимоию фарҳангӣ доман мегустурд. Амиқ сар фурӯ бурдан ба таҳқиқи ин масъала дар маҷоли ин кор нест, аммо ба таври иҷмолӣ қайд бояд кард, ки ҳарчанд романтизм дар адабиёти халқҳои гуногун шаклҳои мухталиф ва фарқиятҳои чашмгире дошт, дар масъалаи асосӣ — ғояи шахсият ба ҳамдигар монанд буд. Ин шахсият, ки оламро асосан аз рӯи қонунияти метафизикӣ дарк карда, ҳодисаҳои иҷтимоӣ ва ахлоқиву маънавиро новобаста аз робитаи байниҳамдигарӣ ва муборизаи доимии баҳамзидҳо мулоҳиза мекард, ба худ арзишҳои фавқушшахсият, арзишҳое, ки аз рӯҳи мутлақ мерасанд, қоил буд. Аз ин рӯ, дар ин адабиёт ҳатто образи одамони кӯчак

дар уфуқҳои бузурги оламгир ба қалам меомад, пас чӣ ҷои сухан буд аз шахси шоир, ки нигаҳдорандаи ҷовидонатарин арзишҳои башарӣ шинохта мешуд. Бинобар, шеъри ғиноӣ ҳомили муҳимтарин ғоя, ғояи шахсият мешуд, ки дар сурати шахси шоир ба зуҳур меомад ва илми адабӣ ҳам ба таҳқиқаш кӯшида, онро бо номҳое аз қабили “субъекти лирикӣ”, “ман” - и шоир, “персонажи лирикӣ”, “муаллиф” муаррифӣ мекард. Ин дар адабиёти ғарб буд, аммо дар шарқ ва аз ҷумла, дар адабиёти тоҷик, таҳқиқ асосан аз рӯи саноеъи лафзию маънавӣ ва меъёрҳои шаклию жанрӣ ба ҷо оварда мешуд, ки барои ба даст овардани ҷамъбастҳои фарохи тадқиқӣ камтар имкон медод.

Олами инсон, шахсияти шоир дар адабиёти тоҷик, ки таҷрибаи чандинасраи классикии ифодаи онро дошт, вобаста ба рӯҳияи ӯ гоҳе бо рангу равғани романтикӣ ва гоҳе бо ҳолу ҳавои реалистӣ ба тасвир меомад, бо авзои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеъа вобаста буд. Ин ҷараён дар адабиёти классикии тоҷик собиқаи дуру дарозе дошт. Масалан, қасидаи “Шикоят аз пирӣ”-и устод Рӯдакӣ намунаи беҳтарини тасвири ботин ва ҳолати рӯҳии инсонро, ки дар айни ҳол рӯҳияи шахси шоир аст, ба мо мерасонад. Ин қасида достони даврони пирӣ - рӯзгори ғамангези шоирест, ки замоне сарбаланду озодбахт буда, акнун аз наҳси кайвон (таваҷҷуҳ кунед, на аз бадкирдориҳои рақибон, балки аз наҳси кайвон) менолад, зеро шахсияти ӯ дар дастхуши одамиён нест, балки ҳисобаш танҳо бо қувваҳои осмонист. Аммо тасвирҳои устод дар ниҳояти маҳсусӣ ва табиатгароиянд, қисматаш бо осмон ва вуҷудаш бо замин пайванд гирифтааст. Шахсияти шоир дар байналҷонибайни ин ду муҳит офарида шудааст.

Аз ин бармеояд, ба навъи шеъри ғиноӣ на фақат ифодаи таассуроти фардӣ, ки танҳо дар ҷаҳони ботинии фардӣ ҳосил мешавад, балки ифодаи кулли таассуроте, ки аз олами воқеъ ва шайъӣ дар олами фардӣ пайдо мешавад, низ тааллуқ мегирад, ки ин маънӣ аз ҷониби В. Г. Белинский низ таъкид шудааст: «Ҳамаи кулл, ҳамаи ҷавҳар, ҳамаи ғоя, ҳамаи тафаккур – муҳаррикони асосии олам ва ҳаёт – метавонанд, ки муҳтавои ашъори ғиноиро ташкил бидиҳанд, фақат ба шарте ки кулл ба дастоварди асили муфрад мубаддал ва ба эҳсосоти ӯ дохил гашта, на ба як ё ягон ҷиҳат, балки ба кулли ҳастии ӯ тааллуқ гирифта бошад» [5, с. 45].

Андешаҳое, ки то ба ин ҷо баён шуданд, хусусияти шеъри ғиноиро муайян намуда, таъкид бар он мекунанд, ки асоси онро тариқи идроки шоир аз ҷаҳони шахсию воқеъӣ ва шайъӣ таъин хоҳад кард, агар ин идрок бо нақши куллии олам ва шахсияти шоир ба қалам омада, ҳамчун таҷрибаи шахсии ӯ ва ё муфраде, ки аз номи ӯ арзи ҳастӣ мекунад, шинохта шавад, ин навъ шеър ба ҷинси ғиноӣ мансубият пайдо менамояд.

Тадқиқи шеър дар улуми адабии пешинаи форсӣ - тоҷикӣ аз ин ҷиҳат – тариқи идроки шоир аз ҷаҳони шахсӣ, воқеӣ ва шайъӣ, ки мансубияти навъиишеърро таъин мекунад, анҷом дода нашуда, он асосан аз ҷиҳати саноеъи бадеъӣ ва хеле ба нудрат анвои шеър, яъне жанр сурат гирифтааст.

Вале баъзан донишмандони куҳан ҳам ҳангоми муайян кардани моҳияти шеър ва шоирӣ андешаҳое баён намудаанд, ки ба чигунагии мундариҷаи он дахл карда, хусусияти аслии кори шоирро нишон додаанд, ки то имрӯз аҳамияти худро набохта, пуарзиш боқӣ мондаанд. Ин ақидаи Низомии Арӯзии Самарқандӣ аз ҷумлаи онҳост: «Шоирӣ санъатест, ки шоир бад-он иттисоқи муқаддамоти мавҷуда кунад ва илтиъоми қиёсот мунтаҷеҳ бар он ваҷҳ, ки маънии хурдро бузург гардонад ва маънии бузургро хурд ва некӯро дар хилъати зишт боз намояд ва зиштро дар сурати некӯ ҷилва кунад ва ба иҳом қувватҳои ғазабонӣ ва шаҳвониро барангезад, то бад-он иҳом тибоъро инқибозе ва инбисоте бувад ва умури аъзамро дар назми олам сабаб шавад» [13, с. 50].

Дар ин ҷо барои мо ду нукта муҳим аст. Аввал, он аст, ки муаллиф истиқлоли шоирро таъкид мекунад, ки ӯ бо ихтиёри худ метавонад «маънии хурдро бузург гардонад ва маънии бузургро хурд ва некӯро дар хилъати зишт боз намояд ва зиштро дар сурати некӯ ҷилва кунад», ки ин яке аз сифатҳои аслии шеъри ғиноист, зеро дар он муҳимтар аз ҳама мақсаду мароми шоир, яъне зеҳнияти ӯст дар гуфтани ин ё он шеър, вале дар шеъри ҳамосӣ бошад, ӯ ба ҳар ҳол, ба айнияти воқеаю ҳодиса ва шайъе, ки ба тасвир мегирад, муроот бояд бикунад. Дувум, он аст, муҳаққиқ қайд мекунад, ки «шоир… ба иҳом қувватҳои ғазабонӣ ва шаҳвониро барангезад, то бад-он иҳом тибоъро инқибозе ва инбисоте бувад ва умури аъзамро дар назми олам сабаб шавад», яъне шоир бо таъсири шеъри худ ва барангехтани қувваҳои нафсонӣ ва шаҳвонии гурӯҳе, ки фаро гирифта, онро дар ҳолати ғамгинӣ ва ё шодмонӣ қарор медиҳад, кори бузургеро дар назми олам - воқеъият ва зиндагӣ сабаб мешавад. Дар ин суханон ҳам таъсири шеър ба назми олам – ҷаҳони ҳастӣ ва ҳам асари шахсияти шоир ба олами

ичтимоъ баён карда шудааст, ки хеле муҳим мебошад, зеро он таъкид менамояд, ки шеър қудрати ичтимоист, на танҳо ҳунарест барои ҳунар ва шахсияти шоир ҳам дар дигаргун сохтани ҷомеъа тавоноии зарурӣ дошта, масъул ҳам ҳаст.

Ин маънӣ баъд аз ҳафт қарн дар тадқиқоти зикргаштаи В. Г. Белинский оид ба тақсимбандии шеър ҳамчун яке аз сифатҳои асосии ашъори ғиноӣ таъкид шудааст: «Шайъ дар ин ҷо ба сари худ арзиш надорад, ҳама аз он вобаста аст, ки муфрад ба он чӣ аҳамияте медиҳад, ҳама аз он ҳолу ҳавое, он рӯҳе вобастааст, ки шайъ бо он хаёлот ва эҳсосот фаро гирифта мешавад» [5, с. 45]. Агар дар таъин кардани шеъри ҳамосӣ чигунагии ҳолат ва шахсияти шоир аҳамият надошта бошад, дар шинохти шеъри ғиноӣ «… шахсияти шоир дар мавқеи аввал аст ва мо маҳз ба воситаи ӯ, ҳамаро қабул ва дарк менамоем» [5, с. 7].

Акнун мо пешорӯи масъалаи бебаҳси шеъри ғиноӣ қарор дорем, ки он «мавқеъи аввал» доштани шахсияти шоир дар ин гуна шеър аст, пас ҳама гуна таҳқиқот оид ба шеъри ғиноӣ шахси шоирро дар мадди аввал ба эътибор гирифта, бояд ба ҷо оварда шавад, зеро ин ё он тавр шакл пайдо кардани ин навъи шеър ба чӣ гуна ифода гаштани ҳамин мавқеъ вобаста аст. Ин мояи асосист, ки чӣ тавр сурат гирифтани шеърро муайян менамояд.

Адабиёт:

1. Амир Унсурмаолии Кайковус. Мунтахаби Қобуснома / ба эҳтимоми Саид Нафисӣ. - Теҳрон, 1320.
2. Аристотель. Поэтика. - М.: Художественная литература, 1967.
3. Бахтин М. М. Эстетика словесного творчества. - М.: Искусство, 1986.
4. Белинский В. Г. Полн. собр. соч. в 13- т. т. У. -М.: АН СССР, 1954.
5. Белинский В. Г. Собр. соч. в 3-х томах, т. 2. -М.: ОГИЗ, 1948.
6. Берковский Н. Я. О романтизме и его первоосновах. В сб.: Проблемы романтизма. 2. -М.: 1971.
7. Брагинский И. С. Изучение вклада народов Востока в мировую эстетическую мысль. В кн.: Проблемы теории литературы и эстетики в странах Востока. - М.: Наука, 1964.
8. Брагинский И. С. Таркиби ғарбӣ-шарқӣ дар лирикаи Гёте ва Пушкин // Шарқи Сурх. – 1963. - № 7.
9. Веселовский А. Историческая поэтика. -М.: Высшая школа, 1989.
10. Гегель. Эстетика. В 4-х томах. Т. 3. - М.: Искусство, 1971.
11. Зарринкӯб Абдулҳусайн. Нақди адабӣ. -Теҳрон, 1338.
12. Ибни Сино. Фанни шеър. - Душанбе: Ирфон, 1985.
13. Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Чаҳор мақола. - Душанбе: Ирфон, 1986.
14. Поспелов Г. Н. Лирика. Среди литературных родов. - М.: МГУ, 1976.
15. Сатторзода А. Таърихчаи назариёти адабии форсии тоҷикӣ. - Душанбе: Адиб, 2001.
16. Хоҷа Насируддини Тӯсӣ . Асос-ул-иқтибос / бо тасҳеҳи Мударрис Разавӣ. - Теҳрон, 1326.
17. Ҳусейнзода Ш. Ҳабдаҳ мақола. - Душанбе: Ҳумо, 2007.
18. Шарифов Х. Назарияи наср. - Душанбе: Пайванд, 2004.

ПРОБЛЕМЫ ИССЛЕДОВАНИЯ ОСОБЕННОСТЕЙ ЛИРИЧЕСКОЙ ПОЭЗИИ

Исследование особенностей формирования лирической поэзии является одной из самых сложных и малоразработанных сторон изучения мировой поэзии вообще, а в современной таджикской науке поэзия до настоящей работы, еще не была предметом глубокого анализа. Однако, без разработки данной проблемы невозможно достичь каких-либо основательных теоретических и практических результатов в выяснении специфических качеств лирической поэзии.

В данной статье, носящей постановочный характер, рассматриваются суждения, как древних восточных и западных ученых, так и ее современных исследователей, указываются существенные стороны этой проблемы, как соотношение субъективного и объективного в проявлении разновидности поэзии лирического рода. Определяющим моментом в принадлежности тому или иному роду поэзии является особенность восприятия поэтом внутреннего и внешнего мира если оно выражено с преобладающим оттенком личностного переживания, как собственного опыта его жизни, то такой вид поэзии составляет ее лирический род.

Ключевые слова: поэзия, лирическая поэзия, форма, содержание, словесный анализ, эстетический анализ, поэтика, мышление, чувство, реальность.

RESEARCH PECULIARUTY PROBLEMS OF LYRIC POETRY

Research peculiarity formation of the lyric poetry is one the most complex and little studied sides explore the world of poetry in general, and in the modern Tajik science about poetry until present work has not been yet the subject of in-depth scientific analysis. However, without the research of this problem is impossible to achieve any thorough theoretical and practical results in clarifying the specific qualities lyric poetry.

In this article, which bears the character of staging considered judgment as ancient Eastern and Western scholars as well as its modern researchers are indicated on the essential aspects of the problem, as the ratio of the subjective and the objective in the manifestation of varieties of lyric poetry. To point to, the define time in belonging this or that kind of poetry is peculiarity perception of the inside and outside world of the poet, but if it is shown with predominance shade of the personal worry of the poet, as own experience of his life, this kind of poetry is its lyric sort.

Keywords: poetry, lyric poetry, maintenance, form, verbal analysis, aesthetic analysis, poetics, thinking, feeling, reality.

Сведения об авторе: Хакимов Аскар, кандидат филологических наук, старший научный сотрудник отдела современной литературы Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия имени А. Рудаки Академии наук Республики Таджикистан, e-mail: askar_hakim@mail.ru

About author: Hakimov Askar, PhD in Philology, Senior Researcher of Department of modern literature, Institute of Language, Literature, Oriental studies and Written heritage named after A. Rudaki of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan

СУВАРИ ИҲОМ ДАР САҲНАИ ХАЁЛИ ХОҚОНӢ

Шарифов Б.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Санъати иҳом яке аз муҳимтарин масъалаҳои баҳс дар илми бадеъ ва аз ҷилваҳои муҳиму пуркорбурди сувари хаёл дар адабиёти асримиёнагии форсу тоҷик мебошад. Дар таърифи санъати иҳом сухансанҷони гузашта мулоҳизаҳои зиёд баён кардаанд, ки зикр кардани ҳамаи онҳо аз имкон берун аст. Дар китоби «Санъати сухан» омадааст, ки «Иҳом (ӣҳом) дар луғат ба ғалат андохтани хонанда, тарки тарсеҳу тавзеҳ кардан, аз равшанбаёнӣ худдорӣ намудан аст. Дар илми бадеъ санъати иҳом он аст, ки нависанда калимаеро, ки ду маъно дорад, кор мефармояд ва аз ин ду маъно яке маънои наздик ва дигаре маънои дур аст. Муроди шоир калимаи дур мебошад, вале ӯ калимаро чунон ба бозӣ меорад, ки хонанда фақат маънии наздикро мефаҳмад» [11, с. 168].

Ҷалолиддини Ҳумоӣ бо такя бо асарҳои илми балоғат дар гузашта менависад, ки санъати иҳомро тахйил, тавҳим ва таврия ҳам мегӯянд. «Се калимаи аввал дар луғат ба маънии ба гумон ва ваҳм афкандан ва таврия ба маънии суханро пӯшида доштан ва дар парда сухан гуфтан аст» [13, с. 269].

Дар гузашта адабиётшиносони араб иҳомро ба таҷниси маънавӣ, ки ду ва ё зиёда маънои баробарҳуқукро ифода намояд, як донистаанд ва онро ҳам иҳом маънидод мекардаанд. Аз ин рӯ, Т.Зеҳнӣ менависад, ки «Вале мо ин ҷо ҳамин асосро ба назар мегирем, ки таҷниси лафзӣ дар як байт ду ва ё якчанд калимаи ҳамшакли алоҳидамаъноро мефаҳмонад, лекин таҷниси маънавӣ дар як байт омадани як калима ва ё як чанд калимаи дорои маънои баробарҳуқуқ мебошад» [11, с. 171].

Ин масъаларо Сируси Шамисо возеҳтар шарҳ додааст: «Агар ду лафзи ҳамсон ду маънӣ дошта бошад, ба он ҷиноси том мегӯянд ва агар як лафз ду маънӣ дошта бошад, иҳом. Метавон гуфт, ки муодили ҷиноси том, ки дар бадеъи лафзӣ матраҳ мешавад, иҳом дар бадеъи маънавӣ аст» [10, с. 127].

Иҳомро аз нигоҳи тобишҳои маъноӣ ба навъҳо ҷудо кардаанд. З. Саҷҷодӣ менависад, ки «Таврия ё иҳомро дар катаби адаб ва маонӣ ва баён ба се қисм: муҷаррада, мурашшаҳа, мубайина шумурда ва дар китоби «Анворуррабеъи Муҳайё» бар он се қисм афзуда шудааст» [2, с. 96]. Ӯ иҳом ва таносубро ду санъати алоҳида шумурдааст ва менависад, ки «Санъати дигаре аз саноеъи бадеӣ таносуб аст, ки онро тавфиқ…низ мегӯянд. Дар ин санъат таносуби лафз ба маънӣ ва лафз ба лафз ва маънӣ

ба маънӣ (на ба тазод) манзур аст ва дар ин санъат кори шоир ёфтани калимоти мутаносиб ва овардани онҳо бо якдигар дар шеър аст…» [2, с. 96].

Дар китоби М.Каззозӣ иҳом ба ҳафт навъ (иҳоми пероста (муҷаррада), иҳоми ошкоро (мубайина), иҳоми парварда (мурашшаҳа), иҳомгуна (шабаҳи иҳом), иҳоми омеғӣ (мураккаб), иҳоми таносуб, иҳоми тазод) тасниф гардида, бо мисолҳояш таҳлил шудаанд [6, с. 127-142].

Сируси Шамисо бошад ба иҳоми таносуб, иҳоми тазод, иҳоми тарҷума, иҳоми табодур ишора карда мисолҳо овардааст [10, с. 123-137].

Иҳом чунин аст, ки шоир бо зеҳни хонанда бозӣ мекунад, яъне зеҳнро қасдан мутаваҷҷеҳи яке аз маъниҳо мекунад ва маънии дигарро, ки шоиронаву зарифтар аст, зери партави маънии аввал қарор медиҳад ва аз дастрасии зеҳнҳои оддӣ дур мекунад. Агар хонанда ба тааммуқ ва диққат моҳияти ҳунари шоирро дарк намояд, лаззати махсус мегирад.

Дар ҳунари шоирӣ корбасти санъати иҳом аз шоир маҳорати хосси суханвариро талаб мекунад. Иҳом маънии фишурдаро дар як гузора ҷамъ менамояд. Барои амалӣ кардани ин ҳунар барои шоир забон бояд мисли мум нарм бошад. Он маъноҳое, ки аз роҳи ҳунарҳои истиора, маҷоз, киноя ба даст меоянд, иҳом шуда наметавонанд.

Шоирони маъруфи гузашта Масъуди Саъд, Хоқонӣ, Саъдӣ, Ҳофиз ва дигарон ба навъҳои гуногуни иҳом таваҷҷуҳ доштаанд ва дар ин ҷода бештари муҳаққиқон Ҳофизи Шерозиро устоди беҳамто донистаанд [10, с. 123].

Яке аз Хоқонишиносони маъруф Мирҷалолиддини Каззозӣ менависад, ки «Бофт ва зебошинохтӣ дар сухани Хоқонӣ ва Ҳофиз камобеш яксон аст: Хоқонӣ аз ороҳои сухан бештар иҳом, иҳоми таносуб ва тазод, ҳамбастагӣ [мурооттунназир], охшиҷ, чашмзад (талмеҳ)-ро ба кор мегирад, Ҳофиз ҳам» [6, с. 123].

Баъдтар муҳаққиқ меафзояд, ки «Аммо метавон бар он буд, ки Ҳофиз онро аз Хоқонӣ ситонидааст ва он чунон парвардааст, ки ба саранҷомаш расонида» [6, с. 123].

Перомуни муқоисаи санъати иҳом дар шеъри Хоқонӣ ва Ҳофиз дар Эрон тадқиқотҳое сурат гирифтааст [2, 3].

Хоқонӣ чун шоири суварнигор барои оростани пиндорҳояш аз навъҳои гуногуни иҳом моя гирифтааст. Аз он ҷо ки ҷаҳони хаёлоти ӯ дар заминаи истилоҳоти гуногуни илмии замонаш сурат гирифтаанд, дарки он бидуни шарҳ кори мушкил аст:

Қидофаи мамлакат, ки даҳраш
Ҷуз Робиаи каён надидаст.
Ӯ робиаи банотуннаъш аст,
Худ робиа кас чунон надидаст [12, с. 18].

Дар пораи шеъри боло Хоқонӣ бонуи Шарвоншоҳ Сафватуддинро нахуст дар мамлакатдорӣ ба Қидофа (зани зеборӯй ва муосири Искандар) монанд кардааст ва аз дигар ҷониб ӯро дар порсоиву парҳезкорӣ Робиаи Адвия медонад. Баъд ӯро чорумини се духтар, ки се ситораанд дар дунболаи ҳафт авранг (банотуннаъш) ҳисоб кардааст. Дар робиаи мисраи чорум иҳом мавҷуд аст, яъне маънои аввал чаҳорумин духтар аз банотуннаъш ва маънои дуюм Робиаи Адвия.

Иҳоми таносуб. Чунин навъест, ки лафз дар он маънӣ, ки муроди гӯянда аст, бо якдигар мутаносиб набошад, аммо дар маънии дигар таносуб дошта бошад [13, с. 272].

Сируси Шамисо менависад, ки «Он таърифе, ки қудамо барои иҳом навиштаанд, ки фақат маънии дур мурод аст (яъне яке аз маъно) бештар дар мавриди иҳоми таносуб содиқ аст, на иҳом» [10, с. 127].

Дар иҳоми таносуб шоир калимаеро ба кор мегирад, ки ду маънӣ дорад: як маънии он мавриди назари суханвар аст ва маънии дуюми он барои маъно кардани иборат ҳеҷ корбурде надорад. Хонанда ба гумон меафтад, ки миёни он ду калимаи ба кор рафта оё робитаву таносубе вуҷуд дошта бошад, аммо воқеияти ҳол он аст, ки алоқае байни он ду калима дар ин маъно нест. Он маънии ғайри мавриди назар мурооттунназир месозад. Ин навъи иҳом дар шеъри Хоқонӣ доманаи густурда дорад.

Аз ин сарочаи овову ранг пай бигсил,
Ба арғавон деҳ рангу ба арғунун ово [12, с. 7]

Дар байти мазкур вожаи «пай» ба маънии по ба кор рафтааст ва «пай бигсил» киноя аз раҳо кардан аст, аммо маънии дигари калимаи «пай» (он чи дар зери сутунҳо аз замин кананд ва онро бо оҳак ва санг ва чуз он барои истеҳкоми бино устувор кунанд, асосу бунён) [5, с. 31] бо «саро» иҳоми таносуб месозад.

Нӯшин муфарраҳ он лаб, ҷавсанг холи мушкин,

Мушкин ҷави ту дидам, ҷав-ҷав шудам баробар [12, с. 191].

Ҷавсанг-хурдтарин санги тарозу ба андозаи ҷав; холи мушкин- дар хурдӣ ба андозаи ҷавсанг дониста шуда аст. «Мушкин ҷав»-ро метавон истиораи ошкор аз хурду сиёҳ аст, донист. «Ҷав-ҷав» -киноя аз пора-пора; Шоир холи ёрро дидааст ва баробари он аз дарду андӯҳ пора-пора гардидааст. Лаб бо ташбеҳи балеғ ба доруи ширини нерӯбахш монанд шудааст. Дар пояи «ҷав» орояи такрор дар байт ба кор рафтааст. «Ҷавҷав» ба маънии шаҳре мушкхез бо мушк иҳоми таносуб месозад [5, с. 59].

Урён зи ҳавзи моҳӣ сӯи бара равон шуд,

Ҳамчун бара баромад, пӯшида савфи асфар [12, с. 192].

Маънои байт ин аст, ки офтоб аз бурҷи Ҳут ба бурҷи Ҳамал даромад ва ҷаҳонро гарму зиндагӣ бахшидааст. «Ҳавзи моҳӣ» истиораи мусарраҳа аз бурҷи дувоздаҳумин аст. Ин бурҷ ба ҳавзе монанд шудааст, ки пайкараи ахтарайн дар он шиновар аст. «Савфи асфар» истиора аз партавҳои заррини офтоб. Дар миёни ду барра ҷиноси том ба кор рафтааст. Барраи дуввум бо моҳӣ иҳоми таносуб сохтааст.

Аз асб пиёда шав, бар натъи замин неҳ рух,

Зери пайи пилаш бин, шаҳмот шуда Нуъмон [12, с. 359].

Байти мазкур аз қасидаи маъруфи «Айвони Мадоин» аст. Шоир ба хонанда муроҷиат мекунад ва мегӯяд, ки чун аз наздики ин кох гузаштӣ аз асб пиёда шав ва заминро саҷда кун ва ба ёд биёр, ки замоне Хусрави Парвиз шоҳи Ҳира Нуъмон ибни Мунзарро барои ичро накардани фармон ба зери пойи фил андохта буд.

Шарҳи луғот: натъ – бисот ва фарши чармин ва маҷозан ба маънои фарши густурданӣ, чун натъи шатранҷ, натъи хоб ва амсоли ин; рух – яке аз мӯҳраҳои шатранҷ, ки ба шакли рухи мурғи мавҳум сохта мешуда ва ба ду интиҳои сафи аввал ниҳанд ва ба чаҳор сӯи рукъа то ҳама ҷо рост раванд, ду мӯҳраи сафед дар шатранҷ, ки шакли устувона доранд; Нӯъмон – Нӯъмон ибни Мунзар, маъруф ба Нӯъмони саввум аз подшоҳони оли Лахм ё мунозараи Ҳира дар даврони ҷоҳилият ва муосири подшоҳони Сосонӣ. Нӯъмон (585-613 м.) дар замони Ҳурмузи Анӯшарвон ва бо фармони ӯ ба соли 593 мелодӣ ба подшоҳии Ҳира расид ва то замони Хусрави Парвиз салтанат дошт ва Хусрави Парвиз бар ӯ ғазаб кард ва ӯро дар Хонақайн ба зиндон партофт ва навиштаанд дар он зиндон аз тоъун мурд. Баъзе гуфтаанд, ки Хусрави Парвиз ӯро зери пои фил афканд ва ба лагади пилон ҳалок шуд [9, с. 1545].

Дар тавзеҳи Мирҷалолиддини Каззозӣ омадааст, ки «Хусрав Анқафир – духтари Нӯъмонро аз ӯ ба занӣ хоста буд. Анқафир, ки тарсо шуда буд, аз рафтан ба машкуии шоҳӣ сар бартофт ва ба дайре паноҳ бурд ва ба шумори роҳибагон даромад… ва саранҷом Нӯъмон ҷон бар сари он ниҳод» [5, с. 484].

Маънии абёт ин аст, ки гардиши рӯзгор (пилони шабу рӯз) бисёр шоҳони зӯру тавоноеро мисли Нӯъмони Мунзар кушта аз байн бурдааст ва шатранҷии сарнавишт онҳоро дар мотгаҳи ноумедӣ қарор додааст. Калимаҳои «асб», «пиёда», «натъ», «рух», «пил» ва «шаҳмот»-ро шоир дар маънои луғавии худ ба кор бурдааст, аммо ин калимот аз истилоҳоти бозии шатранҷ низ ҳастанд ва нишонии маглубшавии шоҳро дар бозӣ муаррифӣ мекунанд, ки бо ҳам иҳоми таносубро падид овардаанд.

Иҳоми таркибӣ. Ин навъи иҳом чунин аст, ки дар он калима беш аз ду маъно дорад. Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар «Бадеъ-ул-афкор фӣ саноеъ ил ашъор» аз Амир Хусрави Деҳлавӣ байтеро овардааст, ки дар он таркиби «бисёр бор» ҳафт маъниро ифода кардааст [6, с. 136-137].

Ин навъи иҳом ҳам дар шеъри Хоқонӣ зиёд ба назар мерасад:

Ман ҳаме дар Ҳинди маънӣ рост ҳамчу Одамам,

В-ин харон дар Чини сурат куж чун мардумгиё [12, с. 18].

«Ҳинди маънӣ» ва «Чини сурат» намунае аз ташбеҳи балеғанд. Ҳиндустон ҳамвора сарзамини оинҳо ва андешаҳои аҷоиб будааст, шоир ба ҳамин хотир «маънӣ»-ро монанда овардааст. Чин аз қадим ба нигоргарӣ овоза доштааст. Хоқонӣ суратро дар маънии берун ва колбаду пайкара ба он монанд кардааст. «Харон» истиораест мусарраҳа аз душманони шоир, ки дар нодониву бехирадӣ ба хар монанд шудаанд. «Чин» дар маънии ожанг бо сурату мардум иҳоми таносуб месозанд. Пайванди Ҳинд бо Одам аз он ҷост, ки ин паёмбар пас аз ронда шуданаш аз биҳишт дар Сарандеби Ҳинд афтод. Аз Ҳинд ба ҷустуҷӯи Ҳавво афтод. Ӯро дар Ҷадда ёфт ва ҳамроҳаш ба Сарандеб баргашт. Пайванди «Чин» бо «Мардумгиё» аз он ҷост, ки ин гиёҳ дар рехт ба одамӣ мемонад ва аз донишу хиради вай бебаҳра аст. «Ҳинд», «Чин», «Одам» ва мардум санъати мурооту нназирро сохтаанд [8, с. 34-35].

Дар ин байт калимаи «рост» се маънӣ дода метавонад:

1. Ман дар Ҳинди маъно мисли одам ростам, яъне бо қомати рост.
2. Ман дар Ҳинди маънӣ монанди Одам рост ҳастам, яъне беайбу дуруст.
3. Ман дар Ҳинди маънӣ монанди Одам рост ҳастам, яъне айнан.

Аз хушксоли ҳодиса дар Мустафо гурез,
К-инак ба фатҳи боб зимон кард Мустафо [12, с. 17].

Маънии байт чунин аст: Аз ҳодисаҳои зиндагии моддӣ, ки дунёро дучори хушксоливу қаҳтӣ кардааст, ба расули акрам паноҳ бубар, зеро он ҳазрат зомини футуҳот ва кушоиши дарҳои начот ва саодати ухравӣ аст. Яъне фақат шариати Муҳаммадӣ аст, ки туро аз қаҳтсоли олами моддӣ начот медиҳад [4, с. 193].

«Фатҳи боб»-кушодани дар, киноя аз кушоиш дар корҳо ва аз миён рафтани душвориҳо, аммо дар ин байт аз роҳи иҳом маънои дигар ҳам метавонад дошт. «Фатҳи боб» истилоҳи илми нучум дар гузашта аст. Фатҳ замонест, ки ду ахтар, ки хонаҳояшон дар баробари якдигар аст, дар иттисол бошанд, монанди иттисоли моҳ ё офтоб бо кайвон, ки хонаи онҳо рӯёрӯи хонаи кайвон аст. Ҳамчунин иттсоли ноҳид бо баҳром. Иттисоли нахустин нишонаи боридани ороми барф ва борон аст ва иттисоли дуввум нишонаи борони тунду сел ва жола. Иттисоли тир бо барҷис нишонаи фатҳи боби бодҳост. Шоир дар ин байт ба дармонадгони бенаво андарз гуфтааст, ки хушксоли ҳодиса ва тангӣ рӯзе ба паёмбар паноҳ баранд, зеро ӯ фатҳи бобу бориши боронро зимон кардааст [5, с. 44].

Иҳоми тазод. Тавре аз номаш маълум аст дар ин навъ маънои дуввуми вожаи иҳомӣ бо калимаи дигар робитаи тазод пайдо мекунад. Ҷалолиддини Ҳумоӣ менависад, ки «Мутобиқа, ки онро тибоқ низ мегӯянд, дар луғат ба маънии ду чизро дар муқобили якдигар андохтан ва дар истилоҳ он аст, ки калимоти зидди якдигар биёваранд, монанди рӯзу шаб, зишту зебо, неку бад, тоирку равшан, сарду гарм, талху ширин, ғаму шодӣ, сахту суст, болову паст, душману дӯст ва амсоли он..» [13, с. 273].

Ба иборати дигар «маънии ғоиб бо маънии калима ё калимоте аз калом робитаи тазод дорад» [10, с. 131].

Иҳоми тазод дар корбурд бо иҳоми таносуб яке аст.Ҷудоӣ дар миёна онҳо танҳо дар он аст, ки дар иҳоми таззод пайванди иҳомӣ дар ду вожа ба носозӣ аст. М.Каззозӣ менависад, ки «Иҳоми таззод низ мисли иҳоми таносуб дугуна аст:

Гунаи нахустин он аст, ки вожаеро ду маъно бошад, аммо суханвар онро тарҳо дар як маъно ба кор бурда бошад, пас вожа дар маънои дигаре, ки аз диди гузориши байт хости суханвар нест бо вожаи дигар дар он байт ба носозӣ пайванд дошта бошад…. тазод аз гунаи дуввум он аст, ки ду вожаро ду маъно бошад, аммо суханвар он дуро танҳо дар як маъно ба кор бурда бошад. Пас ду вожа дар он ду маъно, ки аз диди гузориши байт хости суханвар нест, ба иҳом носозӣ дошта бошанд [6, с. 140-141].

Мавриди зикр аст, ки дар тасниф ва таърифи иҳом ва анвоъи он назари муҳаққиқон мухталиф аст, чунончи дар китоби «Бадеъ»-и Аҳмади Ранҷбар санъати тибоқ алоҳида таҳлил шудааст ва он аз таврия (иҳом) ҷудо омадааст [1, с. 28-30]. Муаллифи ин китоб дар овардани мисолҳо бештар ба Қуръон такя кардааст.

Дар ашъори Хоқонӣ ин навъи иҳом ҳам дар заминаи маърифати аз илмҳо ҳосилшуда бештари маврид инъикос ёфтааст, ки барои дарки он хонанда бояд ба шарҳ муроҷиат намояд:

Ҷуфти муқавваси ӯ чун ҷуфти тоқи абрӯ,
Тоқи муқарнаси ӯ чун хами тавқи пайкар [12, с. 193].

Шоир «тоқ»-ро дар маънии хамидагӣ гирифтааст, вале ин вожа ба маънои фард ва ягонагӣ ҳам истифода мешавад ва бо калимаи «ҷуфт» иҳоми тазодро ташкил менамоянд.

Сурати бахти ман тавилуллазил,
Дар вафо чун қасири бо қасар аст [12, с. 68].

Қасир исми хос аст мушовири Ҷазимаи Абраш – аз подшоҳони араб. Вай қомате кутоҳ дошт ва ба соҳиби худ вафодор. Маънии дигари қасир кутоҳ аст ва кутоҳу тавил дар байт иҳоми тазодро ташкил додаанд.

Иҳоми мурашшаҳа. Ин навъи иҳом ба иҳоми таносуб монандӣ дорад. М.Каззозӣ менависад, ки «Иҳоми парварда: иҳоми парварда «мурашшаҳа» он аст, ки созгор ё созгорҳое барои маънии наздик дар сухан оварда шуда бошад, чун бад-ин сон маънии дур пӯшидатар мемонад ва зеҳн фузунтар ба маънои наздик, ки камтар хости суханвар аст мегарояд. Ин ҳолро ки ҳунаритарин гунаи иҳом аст, парварда меномем [6, с. 132]. Аз

ин бармеояд, ки иҳоми таносуб муносибати маънии наздик ё ғайри мавриди назар бо калимаи дигар аз роҳи мурооттунназир аст, вале дар иҳоми парварда он маънии наздик, ки хости суханвар нест, калом ва ибороте созгор бо маънии ғайри мавриди назар оварда мешавад, ки робитаи онҳо мурооттунназир нест, балки парварандаи маънии ғайри мавриди назар аст. Зеҳни хонанда бештар ба маънии наздик рӯ меоварад ва вақте ба маънии асосии он роҳ меёбад, лаззати эстетикӣ мегирад:

Туршу ширин аст қадҳу мадҳи ман бо аҳли аср,
Аз инаб май пухта созанду зи ҳисрим тутиё [12, с. 18].

Дар ин байт вожаи «аср» ду маънӣ дорад: маънии ифодакунандаи замон ва дар маънии фишурдану афшураву шираро гирифтан [5, с. 48]. «Майи пухта» ва фишурдан ҳамдигарро мепарваранд.

Бирафтам пеши шоҳаншоҳи ҳиммат то замин бӯсам,
Ишорат кард давлатро, ки боло хону биншонаш [12, с. 211].

Вожаи «хон» ду маънӣ дода метавонад: маънои суфра, дастархон ва фаро хондан, даъват кардан. Ва калимаи «биншонаш» суфраро парвариш медиҳад.

Иҳоми муҷаррад. Ин навъи иҳом ба хонанда лаззати махсус медиҳад, зеро шоир дар сохтани он ягон лафзи муносиб барои маънии дур ва ё наздики он зикр намекунад. М.Каззозӣ менависад, ки «Иҳоми пероста ё муҷаррада он аст, ки ё ҳеҷ созгорие барои ҳеҷ як аз ду маъно дар байт оварда нашуда бошад, ё суханваро ба яксон барои ҳар ду созгор ё созгориҳое дар байт ҷой дода бошад» [6, с. 129].

Аз олами дуранг фароғат диҳаш чунон-к
Дигар надорад ин зани раъно-ш дар ғано [12, с. 17].

Дар ин байт шоир паёмбари исломро ситоиш кардааст ва аз Худованд хостааст, ки ӯро аз олами дуранг начот диҳад. «Зани раъно» истиора аз гетӣ аст ва аз диди боваришиносӣ қобили баррасӣ аст, зеро дар гузашта заминро модина ва зан мепиндоштаанд. «Модинагӣ нишонаи розолуди корпазирӣ ва асарситонӣ будааст ва наринагӣ нишонаи розолуди коройӣ ва асаргузорӣ. Дар миёни «раъно» ва «ано» ҷиноси музайяд метавон ёфт. «Дуранг» ба иҳом дар ду маъно ба кор рафтааст: 1.сиёҳ ва сапеду песа, зеро омезае аз рӯзу шаб аст. 2. дурӯй ва даҳалкор ва солус» [5, с. 46].

Иҳоми мувашшаҳ. Иҳоми мувашшаҳ дар муқобили иҳоми муҷаррад меистад ва дар ин навъ шоир барои ҳарду маънии мавриди назар алфози муносиб меорад:

Зари ниҳоди ту чун пок шуд ба бутаи хок,
На тавқу тоҷ шавад, чун шавад зи бута ҷудо [12, с. 11].

Дар мисраи якуми байт вожаи «бута» ду маъниро ифода карда метавонад. Маънии якум «зарфе, ки аз гили ҳикмат сохта бошанд ва тиллову нуқраву амсоли он дар он бигзоранд ва муарраби он буттиқа ва ба арабӣ хилос гӯянд. Зарфе, ки заргарон симу зар дар он гузоранд ва «гоҳ» низ гӯянд» [9, с. 190]. Дар нигоҳи аввал вожаи «зар» ва «бута» ба ҳам муносиб омадаанд, аммо маънии дуюми ғайри мавриди назар, ки наздиктар аст ба маънии растании аз дарахт хурдтар аст, ки вожаи «хок» бо он муносиб аст.

Дар деҳ рикоби май, ки шуоъаш инонзанон,
Бар хинги субҳ бурқаъи раъно барафканад [12, с. 132].

Дар байти мазкур «рикоб» пиёлаи ҳаштпаҳлӯи дароз аст; «инонзанон»- киноя аз тунду шитобон; «хинг»- истиора аз хуршед; «хинги субҳ»- истиораи киноӣ. Субҳ ба саворе монанд шудааст, к аспе сапедро зери рон дорад. «Бурқаъи раъно» истиора аз партави бода аст. «Рикоб», «инон» ва «хинг» иҳоми мувашшаҳ месозанд.

Иҳоми табодур. Чунин навъи иҳом аст, ки дар он калимаҳо аз нигоҳи шакл ва садо вожаҳои дигарро ба ёд меоранд. Сируси Шамисо менависад, ки « Вожае аз калом ва вожаи дигарро, ки бо он тақрибан ҳамшакл ё ҳамсадо аст ба зеҳн мутабодир кунад. Маъмулан, вожае, ки ба зеҳн мутабодир мешавад, бо калима ё калимоте аз калом таносуб дорад» [10, с. 133].

Мавриди зикр аст, ки ин навъи иҳом танҳо дар навишт бо ҳуруфи арабӣ қобили мулоҳиза аст ва дар навишти кирилӣ аҳамияти худро аз даст медиҳад:

Чу кишти офиятам хуша дар гулӯ овард,
Чу хӯша боз буридам гулӯи кому ҳаво [12, с. 6].

Дар ин байт «кишт» ба маънои киштзор аст, аммо шакли зоҳирии он бо як нигоҳ бо калимаҳои «буридан» ва «гулӯ» вожаи «кушт»-ро пеши назар меорад.

Гаҳи валодаташ арвоҳ хонда сураи сур,
Ситор баст ситора, самоъ кард само [12, с. 13].

Шоир дар байти мазкур хурсандии аҳли осмонро аз таваллуди пайғамбар тавре баён мекунад, ки аз зодрӯзи он ҳазрат арвоҳ сураи сур мехонданд. Калимаи «сур» ба маънии ҷашну шодмонӣ аст, вале дар зоҳир ин вожа бо калимаи «сура» калимаи «сувар»-ро мутабодир месозад, ки ҷамъи калимаи сура аст.

Иҳоми мубайина. Ин навъи иҳом дар қиёс бо дигар анвоъи он камтар арзиши зебоишиносӣ дорад, зеро зудтар барои хонанда кашф мешавад. М.Каззозӣ менависад, ки «иҳоми ошкор ё мубайина он аст, ки созгор бо созгорҳое барои маънои дур дар сухан оварда шуда бошад. Ин иҳом дар миёни гунаҳои сегона аз камтарин арзиши зебошинохтӣ бархурдор аст, зеро дар он маънои дур, ки мебояд ҳар чи беш пӯшида бимонад то доми ҳунарӣ тангтар гардад, фароёд оварда мешавад» [6, с. 131].

Дар мақоми иззи узлат дар сафи девони аҳд,
Рост гӯӣ Рустами пайкору анқопайкарам [12, с. 248].

Аз калимаи «девон» ду маънӣ ба хотир мерасад: 1. созмони идорӣ (маънии нохоста). 2. ҷамъи дев, ки бо Рустаму анқо созгоранд (маънии хоста).

Чу пайконаш аз ҳисни таркаш барояд,
Бар ин ҳисни пирӯза ғазбон намояд [12, с. 132].

Пайкон- найза; таркаш- тирдон, ҷаъбаи тир ва онро мухафафи тиркаш донистаанд [9, с. 253]; ҳисн – ҷои устувор, ки ба даруни он натавон расид, диж, қалъа, ҷонпаноҳ, паноҳгоҳ [9, с. 361]; ғазбон- ҳамчун сифат ба маънии хашмгинӣ ва қаҳру ғазаб; ба сурати исм сангеро гӯянд, ки дар манҷаниқ гузоранд ва ба ҷониби хасм андозанд [9, с. 1119].

Дар вожаи «ғазбон» иҳоми мубайина метавон ёфт: маънои аввал хашму ғазаб ва маънии дуюм санге, ки аз манҷаниқ ба сӯи думшман андозанд.

Иҳоми тарҷума. Иҳоми тарҷума он аст, ки шоир вожаеро ба кор барад, ки чанд маънӣ дошта бошад ва он маънии дур ё ғайри мавриди назар тарҷумаи вожаи дигар бошад. Сируси Шамисо менависад, ки «дар иҳоми тарҷума ду луғат, ки мутародифи ҳаманд ба маънии мухталиф ба кор мераванд…

Диле талаб кун беморкардаи ваҳдат,
Чу чашми дӯст, ки бемориест айни шифо» [12, с. 132].

Дар байти боло байни «айн» ва «чашм» иҳоми тарҷума вуҷуд дорад.

Фарқ байни иҳоми тарҷума ва иҳоми таносуб он аст, ки дар иҳоми таносуб он маънии дур ва ғайри мавриди назар бо вожа ё ҷузъи дигаре аз сухан танҳо мурооти назир аст, вале дар иҳоми тарҷума он маънии дур ё нохоста тарҷумаи вожаи дигар аст:

Ба зайбақии Муқаннаъ ба аҳмақии Кайёл,
Ба рӯзкӯрии Саббоҳу шабравии хабоб [12, с. 55].

«Зайбақии Муқаннаъ»- номи моҳест сохта шуда аз симоб, ки ба моҳи Нахшаб овоза дорад. Ин моҳи симобин моҳе буд, ки пешвои сафедҷомагон Ҳаким ибни Ато номбардор ба Муқаннаъ дар асри дуюми ҳиҷрӣ сохта буд ва ҳар шаб онро аз чоҳе бар фарози кӯҳи Сиём ва дижи Нахшаб бармеовард. Ин моҳ то чаҳор фарсанг партав меафшонд ва ҳама чоро равшан мекард; «Кайёл»- аз солорони қарматӣ шумурда шудааст, ҳамчунин номи марди гӯл ва аҳмақ будааст. Метавонад «Кайёл» ба ҷои Аҳмад ибни Кайёл ба кор рафта бошад, ки сарвари Кайёлиён ва бунёдгузорони мазҳаби шиа будааст. Аз «Саббоҳ» низ Ҳасани Саббоҳ хоста шудааст. Гоҳ писар бо номи падар овоза ёфтааст чун Саббоҳ ба ҷои Ҳасани Саббоҳ, Кайёл ба ҷои Аҳмади Кайёл, Мансур ба ҷои Ҳусайни Мансур, Закариё ба ҷои Муҳаммади Закариё. Ҳасани Саббоҳ пешвои исмоилиён аст, ки дар қарни панҷуми ҳиҷрӣ бо баровардани дижҳои устувор ва фатҳнашаванда дар Дайламон ва Табаристон ва Аламут ва парвардани аз ҷон гузаштагони бебок тарс дар дилҳо меафканд; «хабоб»- найрангбозу фиребгар. Дар миёни «саббоҳ» ва «рӯзкурӣ» иҳоми тазод метавон ёфт. Ва ҳамчунин маънии дигари «кайёл», ки аҳмақ аст метавонад иҳоми тарҷума шавад. Шоир дар ин байт касонеро, ки дар чашми ӯ динбохта ва гумроҳу мардумфиреб будаанд, як ба як баршумурдааст [5, с. 121].

Тир чун дар зеҳ нишондӣ бар камони чархфаш,
Гуфтаӣ меҳвар ҳамерондӣ зи хатти истиво [12, с. 20].

«Чарх» дар маънии осмон ва фалак ба кор рафтааст. Маънии дигар ва нохостаи «чарх» навъе камони сахт, ки онро «тахш» ҳам мегӯянд бо «камон» иҳоми тарҷума месозад [5, с. 53].

Миён тиҳиву сару бун якест аз ҳама рӯй,
Чу шакли хотаму чун ҳарфи мум дар ҳар боб [12, с. 50].

Ҳосидони шоир аз ӯ назди мамдӯҳ ба бадӣ ёд кардаанд ва гуфтаанд, ки ӯ монанди ангуштарӣ миёнтиҳӣ асту чун калимаи мум сару бунаш яке аст. Ангуштарӣ чанбарӣ аст ва миёнаш тиҳӣ, вожаи «мум» ҳам сару буни яксон дорад, зеро аввалу охири он ҳарфи «м» дорад. «Сар» бо «рӯй» иҳоми таносуб месозад. Дар миёни «мум» ва «хотам» низ пайванде ҳаст, зеро нақши нигинро бар мум гудохта мениҳоданд ва номаҳоро мухр мекарданд [5, с. 106].

Маънии хосташудаи «дар» дар мисраъи дуюми байт пешоянд аст ва «боб» ҳам ба маънии «бора, хусус ва бахш» ба кор рафтааст. Маънии нохостаи «боб», ки дар забони арабӣ дари хонаро гӯянд бо маънии нохостаи «дар», ки аз назари дастурӣ исм шумурда мешавад ва воситае барои даромадан ба хона аст, иҳоми тарҷума месозад.

Маро табиби дил андарзгунае кардаст,
К-аз ин савод битарс аз ҳаводиси савдо [12, с. 7].

Маънои калимаи «савод» дар ин байт маҳалла, шаҳр ва навоҳӣ аст [9, с. 858], ки аз роҳи истиора ба маънии ин ҷаҳон, ин дунё аст. Ба маънии сиёҳӣ, сиёҳии курраи замини хокӣ. Маънии «савдо» яке аз хилти чаҳоргона аст, ки ба ақидаи пешиниён бемориҳои равонӣ ва хаёлҳои фосидро сабаб мешудааст. «Савод» дар забони арабӣ муаннаси «асвад» аст ба маънии сиёҳ. Агар маънии дуюми «савдо»-ро тарҷумаи маънии дуюми вожаи «савдо» ба маънии сиёҳ пазирем, иҳоми тарҷума ҳосил мешавад.

Хулоса, аз даричаи ҳунар назар кардан ба шеъри Хоқонӣ чунин натиҷа ҳосил менамояд, ки ӯ лафзро камтар ба маънии зоҳирӣ ба кор мебарад ва ба ин восита мехоҳад хонанда маънии шеъри ӯро бо тафаккур ва андеша дарёбад, ба осонӣ аз он нагзарад ва мутаваҷҷеҳи қудрати табъи ӯ дар интихоби лафзу таркиби онҳо бо якдигар бошад.

Адабиёт:

1. Аҳмади Ранҷбар. Бадеъ. - Теҳрон: Асотир, 1385. - 139 с.
2. Зиёуддини Саҷҷодӣ. Иҳом ва таносуб дар шеъри Хоқонӣ ва Ҳофиз // Маҷаллаи Донишкадаи адабиёт ва улуми инсонӣ, соли 80, шумораи 6, с. 96-100.
3. Маҳдии Фирӯзиён. Иҳоми мусиқоӣ дар девони Хоқонӣ ва санҷиши он бо девони Ҳофиз // Сабкшиносии назм ва насри форсӣ. Соли панҷум, шумораи дувум, 1391, с. 294-313.
4. Маъсумаи Маъданкан. Базми дерина арӯс. Шарҳи понздаҳ қасида аз девони Хоқонӣ. - Теҳрон: Маркази нашри донишгоҳӣ, 1372. – 574 с.
5. Мирҷалолиддини Каззозӣ. Гузориши душвориҳои девони Хоқонӣ.- Теҳрон: Нашри марказ, 1378. – 996 с.
6. Мирҷалолиддини Каззозӣ. Зебошиносии сухани порсӣ. Бадеъ.- Теҳрон: Нашри марказ, 1373. - 215 с.
7. Мирҷалолиддини Каззозӣ. Рухсори субҳ: Гузориши чомае аз Афзалиддин Бадил Хоқонии Шарвонӣ бар бунёди вожашиносӣ, зебошиносӣ, жарфошноӣ бо дебочае пурдомана дар зиндагӣ ва шеваи шоирии ӯ.- Теҳрон: Нашри марказ, 1368. – 671 с.
8. Мирҷалолиддини Каззозӣ. Сарочаи овову ранг. Хоқонишиносӣ. - Теҳрон: Самт, 1376. - 279 с.
9. Саҷҷодӣ Зиёуддин. Фарҳанги луғот ва таъбирот бо шарҳи эълом ва мушкилоти девони Хоқонӣ. Дар ду ҷилд.- Теҳрон: Заввор, 1374. - 1672 с.
10. Сируси Шамисо. Нигоҳе тоза ба бадеъ.- Теҳрон: Митро, 1383. - 197 с.
11. Турақул Зеҳнӣ. Санъати сухан.- Душанбе: Адиб, 2007, с. 168.
12. Хоқонӣ Бадил ибни Алӣ. Девони Афзалиддин Бадил ибни Алӣ Хоқонии Шарвонӣ / ба кӯшиши Зиёуддини Саҷҷодӣ. - Теҳрон: Заввор, 1357. - 1085 с.
13. Ҷалолиддини Ҳумоӣ. Фунуни балоғат ва санооти адабӣ.- Теҳрон: Ҳумо, 1368. - 424 с.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ИХАМА (ДВУСМЫСЛЕННОЕ ВЫРАЖЕНИЕ) В СТИХОТВОРЕНИЯХ ХАКАНИ

Хакани, как истинно великий поэт-новатор, в стихотворениях очень часто использует поэтический приём ихома. В этих случаях рассуждения, и замыслы автора становятся труднопонимаемыми и без комментариев их невозможно осмыслить. В таких произведениях Хакани немногословен, он заставляет читателя задуматься над подтекстом стихотворений, так как внешне его стихи мало чем отличаются от произведений современников.

Ключевые слова: Хакани, Хафиз, мастерство, описание, виды ихома, внешний смысл, тайный смысл, художественные приёмы, поэзия.

USING OF IHAM (TWO MEANING EXPRESSION) IN THE POEMS OF KHAKANI

Khakani, as a real great poet-innovator, used so much ihom in this poems. In these cases it is difficult to understand his poems without comments. In his works Khakani did not use many words, he made his reader to think over on his submeaning poems, a his poems do not differ from the works of our contemporaries outwardly.

Keywords: Khakani, Khafiz, masterpiece, description, kinds of ihom, secret of thought, outward appearance, literary ways, poetry.

Сведения об авторе: Шарифов Боймурод, кандидат филологических наук, доцент, декан факультета таджикской филологии Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни, e-mail: boymurod@inbox.ru

About author: Sharifor Boimurod, PhD in Philology, docent, dean of the Tajik Philology Faculty, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini

ББК-83.3.(0)3; УДК – 8Т1; И-16

БАРРАСИИ МУНДАРИҶАИ «СИРРИ НАЙ»-И АБДУЛҲУСЕЙНИ ЗАРРИНКӮБ

Игамова И.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Яке аз самтҳои таҳқиқоти илмии мунаққид ва адабиётшиноси эронӣ Абдулҳусейни Зарринкӯб ба мавлавишиносӣ ва маснавипажӯҳӣ нигаронида шудааст. Зарринкӯб дар бораи Мавлоно Ҷалолуддин Румӣ ва осори ӯ, аз ҷумла «Маснавии маънавӣ» шаш асар навиштааст. Аз шаш асар ду асар бо номҳои «Муқаддимае бар «Мансавӣ» ва «Нардбони осмон» (шарҳу тафсири шаш дафтари Маснавии маънавӣ)» бо сабабҳои номаълум дар дасти ноширон гум шуда, чор асари ба нашр расидаи ӯ инҳоянд: «Сирри най» (нақду шарҳи таҳлилӣ ва татбиқии «Маснавии маънавӣ»), «Баҳр дар кӯза – нақду тафсири қиссаҳою тамсилоти «Маснавӣ»», «Пилла- пила то мулоқоти Худо» (дар бораи зиндагӣ ва андешаву тариқати Мавлоно Ҷалолуддин Балхии Румӣ), «Нардбони шикаста» (шарҳу таҳлили дафтари аввалу дуюми “Маснавии маънавӣ”).

Аз чаҳор асари номбурда “Баҳр дар кӯза” ва “Нардбони шикаста” таҳрири дубораи асарҳои гумшудаи муаллиф мебошанд. Зарринкӯб дар бораи ин ду асараш мегӯяд: “Бо ин ҳама, шак нест, ки он чи дар ин бозсозиҳо ба вуҷуд меояд, ҳарчанд мубтанӣ бар ёддоштҳои гузашта бошад, айни асарҳои аздастрафта нест, ҳасби ҳоли тоза асту лоҷарам сибғаи (ранги - И.И.) вақти худро дорад”[3, с. 6]. Асарҳои мазкур бо ҳамдигар аз рӯи мавзӯъ алоқаманд буда, дар асл аз ҳамдигар фарқиятҳои зиёд доранд, ки таҳлилу баррасии онҳо таҳқиқоти хоса ва доманадореро талаб мекунад. Дар ин мақола “Сирри най” ҳамчун намунаи беҳтарин аз асарҳои мавлавишиносиву маснавипажуҳии муаллиф аз рӯи мундарича мавриди баррасии фишурда қарор мегирад.

Муаллиф «Сирри най»-ро, ки ба нақду шарҳи таҳлилӣ ва татбиқии «Маснавии маънавӣ» ихтисос ёфтааст, байни солҳои 1981 ва 1983 дар Париж таълиф кардааст. Аз рӯи таъкиди доктор Қамари Ориён ин асар ба дархости ноширони фаронсавӣ мебоист ба забони фаронсавӣ таълиф шавад. Аммо Зарринкӯб “ба форсӣ таҳрир шудани матн”-и асарро афзал шуморид, “то агар фоидае дар он ҳаст ба хонандаи форсизабон оид гардад” [4, с. 15; 1, с. 7]. “Сирри най” аз ду ҷилд иборат буда, барандаи “Ҷоизаи китоби соли 1365 (1381)” дар Эрон гардид.

“Сирри най”-ро ҳамчун асари арзишманд дар соҳаи маснавипажуҳӣ аз ҷиҳати сохтор, мазмуну мундарича, сабки хоси баён, фарогирии матолиби ирфонӣ ва дигар хусусиятҳои нодир аксар муҳаққиқони эронӣ эътироф кардаанд. Аз ҷумла, мавлавишинос Абдулкарими Суруш “Сирри най”-ро “шарҳе таҳлилӣ, на таркибӣ ва асаре ҷарроҳона дар ташреҳи колбади “Маснавӣ”” шумурда, чунин менависад: “рӯи сухан дар он бо мунтаҳиён (баркамолон– И.И.) аст на мубтадиён (навоғозон – И.И.) ва ба ҳамин сабаб порае аз маснавипажӯҳонро чандон хушнуду сероб накардааст” [4, с. 95]. Сабаби қабули хотири баъзе аз маснавипажӯҳон нашудани “Сирри най” пеш аз ҳама дар сохтори асар ва сабки баёни хоси муаллифи он мебошад. Ин асар баробари асари интиқодӣ-таҳлилӣ будан як асари ҳунарӣ ҳам ҳаст. Вижагии марбут ба сабки

баён, ки муҳри муаллифии Зарринкӯб ба осораш аст, дар ҳама асарҳои ӯ мушоҳида мешаванд.

Муаллиф ба хотири камҳаҷму пуриқтибос нашудани матни асар ва зеҳни хонандаро аз сари масъалаи мавриди назар дур набурдан аксар ишораву тавзеҳоти ҷилди якумро ба “раҳнамо”-и ҷилди дуюм ҳавола кардааст. Асар ғайр аз “Муқаддима” фарогири 16 фасл ва “Раҳнамо” мебошад. Ҳар фасли он ба мавзӯи алоҳида бахшида шуда, фаслҳо дар навбати худ ба зерфаслҳо ҷудо шудаанд. Муаллиф барои осонёб шудани ишораву тавзеҳот бар сари ҳар фасл ва зерфасл рақам ва дар поёни ҳар сархати матн ҳарфҳои форсӣ (...الف) гузоштааст. Теъдоди фаслҳои асар 16-то ва зерфаслҳо 399-то мебошад. Мутолила ва таҳлилу баррасӣ нишон дод, ки ҳар зерфасли рақамгузоришуда низ дорои вижагии мавзӯӣ буда, аксари онҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Муаллиф дар матн шаш аломатро, ки худаш “алоиму румуз” мегӯяд [1] бо мақсадҳои муайян ба кор бурдааст.

Аз мутолиаи “Сирри най” равшан мешавад, ки Зарринкӯб, ғайр аз осори худи Мавлоно, ба муҳимтарин сарчашмаҳои мавлавишиносӣ аз Мақолоти Шамс”, “Маорифи Баҳоувалад”, “Ибтидонома” ва осори дигари Султон Валад, “Рисолаи Сипаҳсолор дар манқабати ҳазрати Худовандгор”-и Фаридун ибни Аҳмади Сипаҳсолор, “Маноқиб-ул-орифин”-и Афлокӣ, “ал-Ҷавоҳир-ул-музийя фӣ табақоти ҳанафия” –и Ибни Абулвафо Абдуқодир ибни Муҳаммади Қурашии Мисрӣ (в. 1373) ва дигар осори ирфонӣ дастрасӣ ва тасаллут доштааст. Дар матни “Сирри най” дақиқу пурра зикр накардани номи асар ва муаллифи он, мазмунан ва шикаста овардани иқтибосҳо ба мушоҳида мерасад, ки ду сабаб дорад. Сабаби якум, нашикастани қолабу сохтори асар ва риояти ягонагии сабки таълиф мебошад. Сабаби дуюм, таваҷҷуҳи хонандаро аз сари мавзӯи меҳварии мавриди назар ба мавзӯъҳои иловагӣ ҷалб накардан аст.

“Муқаддима”-и асар пур аз ишора ва ҳушдорҳои бадеӣ буда, аз далелу санадҳо, ки нишони сабки холиси илмӣ асту метавонад олим ё муҳаққиқи навоғозро қонеъ гардонад, холӣ ба назар мерасад. Муаллиф доир ба “Маснавии маънавӣ” ва вижагиҳои он сухан гуфта, зимнан онро ба “китоби иҳотанопазир, гурезону нодастёфтанӣ” [1, с. 11] ва “дарахти пурбору тановар”, “дарахти кишанбеху бисёршох” монанд мекунад. Сипас аз най ва найнома, пайванди руҳу ҷисм, маргу зиндагӣ, ирфону ориф, шунидашавии садои найи Мавлоно ба рамз сухан гуфта, дар охир бо тавозуъи адабӣ худашро ҳамчун мунаққиду шореҳ дар “идроки оҳанги осмонии най”, “арзёбиву тафсири “Маснавии маънавӣ”” [1, с. 12] мисли дигар ҳампешагонаш очиз меёбад.

Фасли нахустини асар “Маснавӣ” дар “Найнома” буда, шомили нақду баррасии муаллиф дар бораи дебочаи “Маснавии маънавӣ”, саҳми Ҳусомуддин ҳамчун мухотаби асливу хоси Мавлоно дар имло ва китобат, баробар доиршавии маҷлиси “Маснавии маънавӣ” ва “Фиҳӣ мо фиҳӣ”, шуғли рӯзона ва шабонаи Мавлоно ва дигар масоили марбут ба ҳамин мавзӯъ мебошад. Зерфасли 19 нисбат ба дигар зерфаслҳо комилан интиқодӣ буда, мунаққид Мавлоноро аз забони худи Мавлоно хеле эҳтиёткорона ба шикастани қолаби ҳикоят, қофияандешӣ, ба инобат нагирифтани воқеияти таърихии ҳодисаҳо бар асоси шаш байти “Маснавии маънавӣ” мавриди нақд қарор медиҳад [1, с. 44-45].

Зарринкӯб дар мавриди байти зерини “Маснавии маънавӣ”:

Бигзарад ин сит аз Басрав Табук,

З-он ки “ан-носу ало дини-л-мулук” [2, с. 998]

чунин интиқод мегирад: “Ҳамчунин тайи хитобе, ки дар зимни достони марбут ба сураи “Абас" аз ҷониби Ҳақ ба Пайғамбар меравад ва Худованд ваъдаи басту нашри исломро дар оянда ба Расул медиҳад, якҷо гуфта мешавад, ки ин ситу овоза ба зудӣ аз Басраву Табук* дармегузарад ва гӯянда, ки албатта Мавлоност, таваҷҷуҳ надорад, ки дар ҳангоми нузули ин хитоб (яъне оят - И.И.) ҳанӯз Басра сохта нашуда буд [19]“ [1, с. 45]. Дар ин маврид эроди Зарринкӯб, ки ба нақду таҳлили мутуни адабӣ аз равзанаи таърих ворид мешавад, дуруст аст, аммо набояд фаромӯш кард, ки вобаста ба тақозои замон ва макони бадеӣ эҷодкор имкони истифодабарии замони воқеии ҷорӣ ва замони тасаввуриро дар тарҳу тасвири як мавзӯъ ва чеҳра дорад [5, с. 21-22]. Мавлоно дар замони воқеии ҷорӣ қарор дошта, замони нузул ва татбиқии амали оёти сураи “Абас”-ро, ки паҳно ва натиҷаи фаъолияти Пайғамбар (с) мебошад, дар замони тасаввурӣ матраҳ кардааст.

Фасли дуюм “Мавлоно ва ёрон” фарогири мавзӯъ ва масъалаҳои зиндагиномаи Мавлоно, пешаи ваъзу тазкир доштани хонаводаи ӯ, сабаб ва ҷараёни сафари Султонулуламо Баҳоувалад аз Балх то Қуния, ҳамсӯҳбатии Мавлоно бо Шамси Табрезӣ, Салоҳуддин Заркӯб, Ҳусомуддин Чалабӣ ихтисос дода шудааст. Маълумоте, ки Зарринкӯб дар ин фасл роҷеъ ба шахсияту ҳайсияти падари Мавлоно медиҳад, ҷолиби диққат буда, дар асари Бадеъуззамон Фурӯзонфар дида намешавад. Ӯ сареҳан ба тоҷик будани Баҳоувалад ишорат накунад ҳам, зимни муҳоҷират дар минтақаву маҳаллҳои тоҷикнишин ба ваъзу тазкир пардохтан ва охир дар шаҳри Қуния, ки тоҷикон нуфузи бештар доштанд, сукунат ихтиёр кардани ӯро таъкид менамояд [1, с. 83-98). Зарринкӯб ба масъалаи лақаби султони олимон (Султонулуламо) гирифтани Баҳоувалад ба назари шак менигарад. Олим набудан [1, с. 70-84], арабӣ дуруст надонистан [1, с. 71-83], дар ҳалқаи муайяни ҳаводорони ом маҳбубияту маъруфият доштани Баҳоуваладро таъкид мекунад. Ривояти ранҷиши ӯро аз Фахри Розӣ ва Султони Хоразм барсохтаи авом аз “Маорифи Баҳоувалад”, “Мақолоти Шамс”, осори Мавлоно медонад. Ишқи Мавлоноро бо Шамс назири ишқи Шайх Нуриддини Исфароинӣ бо Алоуддини Симнонӣ, Ҳасани Деҳлавӣ бо Амир Хусрави Деҳлавӣ баршумурда менависад: “Пайдост, ки ин шӯру ҳаяҷон ба ҳеч ваҷҳ ниёзе ба ба тафсирҳои оминёна мабнӣ бар тасаввури назарбозиҳои ҷисмонӣ надорад” [1, с. 103].

Фасли сеюм “Бо ҷамъи мустамеъ” (аз зерфасли 61 то 92) ном дошта, ба баррасиву интиқоди сохтору мазмуну мундаричаи “Маснавии маънавӣ” ва корбурди саноеи адабӣ дар он ихтисос дода шудааст.Муаллиф дар ин фасл роҷеъ ба имлову иншои “Маснавии маънавӣ” дар ҳузури шунавандаҳо, сабки баён, муқоиса ва татбиқи он бо “Одиссея”-и Ҳомер ва “Мазҳакаи Илоҳӣ”-и Данте [1], тарҳи пешпардохта надоштани он [1], аз ҳисоби маъноҳои рамзӣ ва сайри руҳ ба “ҳамосаи руҳонӣ” табдил шудан, аммо аз рӯи қолаб “асари таълимӣ” хондашавии он [1, с. 122], фарқияти он бо маснавиҳои Саноиву Аттор аз лиҳози сабки баён, ки сабки балоғати минбарист [1], “танини пешоҳанг”-и “Маснави маънавӣ” будани “Маҷолиси сабъа” [1, с. 126], ба тақозои сабки балоғати минбарӣ ба матни он ворид шудани ахбору ривоёти заиф маълумоти арзишманди мунаққидона додааст. Зарринкӯб зимни баррасии мавзӯӣ, сохторӣ ва нақду таҳлили матни “Маснавии маънавӣ” ба шарҳи баъзе абёти калидие мепардозад, ки онҳо мағзу моҳияти тамсилҳои Мавлоноро нишон медиҳанд. Ҳамчунин дар ин фасл ӯ ҳангоми шарҳи таҳлилӣ аз рӯи зарурат ба масъалаи матншиносӣ ҳам дахл кардааст. Дар байти зерин ба ҷои “меканад” истифодаи “мекунад”-ро, ки дар нусхаи Қуния (санаи китобаташ1298) забт шудааст, саҳеҳ мешуморад:

Гаҳ мушаббаҳро муваҳҳад мекунад,
Гаҳ муваҳҳидро сувар раҳ мезанад [1].

Ин нуктаи назар собит менамояд, ки Зарринкӯб ба масъалаҳои матншиносии “Маснавии маънавӣ” бетаваҷҷуҳ набуда, ба сиҳҳати матн ва тарзи хониши он аҳамияти ҷиддӣ медодааст.

Дар фасли чорум “Забони безабонон” муаллиф ба таҳлилу баррасӣ ва нақди масоили забони “Маснавии маънавӣ” пардохтааст. Ӯ дар ин фасл доир ба сарфу наҳв, тасарруф дар сурати алфоз ё тарзи истеъмоли онҳо, корбурди калимаҳои нодир, зарбулмасал, калимоту таъбироти қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ, истилоҳоти сӯфия ва тарзи истеъмоли онҳо калимаҳои тақлидӣ, вожаҳои гуфтугӯӣ ва бозорӣ, луғоти туркиву муғулӣ, ба шева ё забони гуфтугӯӣ истифода кардани калимоти забони адабӣ, истилоҳоти бозиву тафреҳоти омиёна, калимоту таъбирҳои фаҳш, ба маъниҳои нав истеъмолшавии вожаҳои турфа ва бадеъ [1, с. 230-231] хеле мӯшикофона таҳқиқ анҷом додааст. Дақиқнигарӣ, некбинӣ ва эҳтиёткории Зарринкӯб дар нақди забони “Маснави маънавӣ”, ба вижа дар мавриди корбурди калимоти фаҳш баръало равшан мешавад. Ӯ ба “муҳаррики тамоюлоти шаҳвонӣ” набудани чунин калимот ишора карда, бевосита ба интиқоди Мавлоно напардохта, аз Афлокӣ, ки дар аксар маврид маълумоти вайро афсонаомез мешуморад, ёрӣ меҷӯяд [1, с. 229]. Аз рӯи таҳқиқи Зарринкӯб “ду унсури умдае, ки забони “Маснавӣ”-ро сибғаи хос мебахшад, фарҳанги луғоти омиёна ва маъониву таъбироти олимона” аст.

Дар фасли панҷум “Қофияандешӣ” асосан дар бораи ҳунари шоирии Мавлоно ва корбурди санъатҳои бадеӣ дар “Маснавии маънавӣ” баҳс меравад. Ӯ пеш аз он ки ба баррасии мавзӯъ оғозад, аввал роҷеъ ба муҳити тарбияту таълими Мавлоно ва таъсирпазирии ӯ аз шоирони арабу форсизабон маълумот медиҳад. Зарринкӯб “шаҳрҳои Тирмизу Вахш, Хоразму Самарқанду Бухороро то ҳадде маҳди нахустини

тарбияи Мавлоно” медонад [1, с. 242-243]. Дар зерфасли 130 ошноии Мавлоно бо девонҳои шоирони форсӣ ба таври умумӣ мавриди баррасии Зарринкӯб қарор гирифтааст [1, с. 246-247]. Дар баъзе маврид хулосабарорӣ ва натиҷагирии Мавлоно назаррас буда, маълумоти тоза маҳсуб меёбад. Вай дар боби тағаззулгунагии баъзе бахшҳои “Маснавии маънавӣ” изҳори назар карда, дар охир чунин мегӯяд: “Дар саросари “Маснавӣ” назоири ин гуна ғазалворахо, ки завқу ҷамоли ғазалҳои нобро доранд, метавон ёфт ва худи онро (яъне “Маснавии маънавӣ”-ро – И.И.) ҳам ғазале поённопазир метавон хонд”. Бо вуҷуди ин натиҷагириҳо Зарринкӯб фасли “Қофияандешӣ”-ро ба таври мармуз бо тарҳи саволи зерин, ки вижаи сабки баёни ӯст, ба охир мерасонад: “На оё қофияандешӣ ҳам дар назди Мавлоно заруратест, ки барои фирор аз қофияандешӣ аст?”.Чунин пурсишҳои мармуз, ки хонандаи огоҳро ба тааммул дар мабҳаси мавриди назар вомедорад, дар фаслҳои дигари “Сирри най” ва умуман осори дигари Зарринкӯб ба таври фаровон истифода шудааст.

Фасли шашум “Қиссаи най ба баррасии қиссаву тамсилоти Маснавии маънавӣ”, тарзу маврид ва аҳамияти истифодаи онҳо ихтисос дода шудааст. Мавзӯъҳои асосии ин фасл қаламрави қиссаву ҳикоят будани “Маснавии маънавӣ” [1, с. 277-279], касрати қиссаву тамсилот [1, с. 279-284], нобасомониҳо дар баёни қиссаву ҳикоят [1, с. 284-286], дархӯри эътироз ба назар расидани баъзе қисса аз лиҳози сохтор [1, с. 286-288], баъзе камбудиву ишколҳои ривоёту ҳикоётро бартараф кардани худи Мавлоно ба тақозои сабки балоғати минбарӣ бар унсури гуфтор асосёбии қиссаҳо ё хосияти сирф хабарӣ гирифтани қиссаҳо, ки дар онҳо ҳаракату кирдори персонажҳо мушоҳида намешавад [1, с. 291-294] маҳсуб меёбанд. Дар ин фасл ҷанбаи интиқодии “Сирри най” пурзӯртар мушоҳида мешавад. Зерфасли 170 комилан интиқодӣ буда, муаллиф дар он ба ҷузъиёти таърихӣ доштан, ҷузъан бо таърих мувофиқат накардани баъзе ҳикоёту ривоёт, ҷанбаи таърихии онҳоро ба инобат нагирифтани Мавлоно ишора мекунад ва далелҳо меорад. Аз ҷумла, мегӯяд: “Ҳикояти “Вакили садри ҷаҳон”, ки мутаҳҳам шуду аз Бухоро гурехт*, низ бешак воқеаи таърихӣ аст ва аз як ишорати Мавлоно* бармеояд, ки ин вакил шаҳнаи садр ва зоҳиран шаҳнаи девони вай будааст...” .

Умуман, аз таҳлилу баррасии мазмун ва мундариҷаи шаш фасли мазкур ва дувоздаҳ фасли дигари “Сирри най” чунин бармеояд, ки Зарринкӯб воқеан мунаққиди равишманд, шореҳи хушибтикор, адабиётшиноси барҷастаи таърихи адабиёти муосири форсу тоҷик буда, “Маснавии маънавӣ” -ро бо диди тоза, усулҳои нави нақду баррасии мутобиқ ба талаботи замон баҳогузорӣ кардааст. “Сирри най” дар ҳақиқат аз дигар осори мавлавишиносии Зарринкӯб бо вижагиҳои зерин фарқ карда меистад:

1.Ҷанбаи пурзӯри интиқодӣ. Ҷанбаи интиқодии “Сирри най” дар 16 фасл ва зерфаслҳо як хел ба мушоҳида намерасад. Зарринкӯб дар нақди “Маснавии маънавӣ” усули таҳлилиро пеш гирифта, бештар паҳлуҳои мусбатро дар назар доштааст. Аммо ин маънои онро надорад, ки нақди ӯ яктарафаву тавсифӣ аст. Зеро нақди ӯ нақди таҳлилии комилиёр буда, дар мавридҳои лозимӣ ӯ бо забони хос аз Мавлоно якчанд бор эрод мегирад [1, с. 203- 452].

2. Ҷанбаи камназири татбиқӣ. Бо сабаби он ки Зарринкӯб ҳангоми нақд ба татбиқу муқоиса ҳам пардохтааст, “Сирри най” дар аксар маврид вижагии татбиқиву муқоисавӣ ба худ гирифтааст. Аз ин рӯ, муқоиса ва татбиқи мавзӯъ, масъалаву баҳс низ аз вижагиҳои аслии “Сирри най” ба шумор меравад.Татбиқу муқоиса аз рӯи зарурат бар асоси орову осори худи Мавлоною шоирони ориф ва мутакаллимону файласуфони шарқиву ғарбӣ сурат гирифтааст. Мутобиқат бахшидани масъалаҳо ё баҳсҳо асосан ба хотири осонфаҳм кардани мавзӯъ ва масъалаву баҳси мавриди назари муҳаққиқ аст.Татбиқу муқоисаҳо дар “Сирри най” зиёд мушоҳида мешаванд [1, с. 460-570, 577-732].

3.Ҷанбаи тафсирӣ ва таҳлилии хос. Тафсиру таҳлил низ хусусияти муҳими “Сирри най” мебошад. Таҳқиқу оморгирӣ нишон дод, ки Зарринкӯб зимни нақду баррасӣ 3732 байти «Маснавиии маънавӣ»-ро шарҳу тафсир кардааст. Теъдоди абёти марвиди шарҳу тафсир ва ишораву таъкидқарордодаи ӯ дар шаш дафтар ба таври зайл аст: дафтари аввал (981 байт), дафтари дуввум (582 байт), дафтари севвум (641 байт), дафтари чорум (561 байт), дафтари панҷум (489 байт), дафтари шашум (478 байт). Аз рӯи зарурат баъзе абёт такроран ишора шуда, аз равзанаи дигар мавриди шарҳу тафсири шореҳ қарор гирифтаанд. Дар “Сирри най” аз дафтари аввал 134 байт, аз дафтари дуюм 76 байт, аз дафтари сеюм 74 байт, аз дафтари чорум 71 байт, аз дафтари панҷум 55 байт, аз дафтари шашум 46 байт такроран аз 2 то 3-4 маротиба такроран ишора ва ё шарҳу

тафсири тоза ёфтаанд. Таҳқиқи “Абёти “Маснавӣ” дар матн” [2,с. 995-1117] собит кард, ки дар миёни 399 фасли “Сирри най” зерфаслҳое мавҷуданд, ки дар онҳо ягон байти “Маснавии маънавӣ” бо ишорагузорӣ (*) шарҳу тафсир ва ҳатто таъкид ҳам нашудааст. Зерфаслҳои зерини “Сирри най”: 11, 13, 14, 22, аз 29 то 37, аз 39 то 50, аз 51 то 57, аз 59 то 64, 66, 67, 70, 93, 130, 131 142, 151, 185, 190, 208, 209, 238, 241, 299, 314, 324, 345, 362, 363, 380, 382, 383, 384, 393, 394, 395, 396, ки теъдодашон ба 62- то мерасад, шомили ягон байти ташреҳӣ нестанд.

4. Ҷанбаи вижаи сабки баён. Зарринкӯб дар ин асар ниҳоят сабки печида, мармуз ва омехтаро ба кор гирифта, “ҷанбаи ҳунарии осори худро низ дар канори ҷанбаи таҳқиқӣ бисёр афзоиш медиҳад” [4, с. 110-111]. Насри шоирона ва илмии ӯ дар “Сирри най” вобаста ба мазмуну мундариҷаи мавзӯи мавриди назар тағйир мехӯрад. Масалан, дар “Муқаддима” насри Зарринкӯб ба насри фанни классикӣ ниҳоят монанд буда, дар матн бино бар таҳозои корбурди истилоҳоти илмӣ насри ҳунарии ӯ бо насри илмӣ омехта мегардад. Тасаллути Зарринкӯб ба сарфу наҳв ва фарҳанги калимаву ибораҳои шоиронаи забони форсии классикӣ, табъи баланди шоирӣ барои ӯ имкон фароҳам меоварад, ки ҷумлаҳои тӯлонии мантиқан устуворро бидуни заъфу таносуби калом рӯйи коғаз биёрад. Корбурди таъбирҳои шоиронаи ҳомили вижагиҳои илмӣ омехтагии сабки илмӣ ва бадеиро дар сабки таълифи “Сирри най” нишон медиҳад.

Адабиёт:

1. Зарринкӯб Абдулҳусейн. Сирри най. Ҷ.1.- Нақду шарҳи таҳлиливу татбиқии Маснавӣ. (иборат аз 2 ҷилд). -Теҳрон: Интишороти илмӣ. 1358. - 805 с.
2. Зарринкӯб Абдулҳусейн. Сирри най. Ҷ.2.- Нақду шарҳи таҳлиливу татбиқии Маснавӣ. (иборат аз 2 ҷилд). -Теҳрон: Интишороти илмӣ, 1358. – 1185 с.
3. Зарринкӯб Абдулҳусейн. Баҳр дар кӯза. Нақду тафсири қиссаҳо ва тамсилоти «Мансавӣ».- Теҳрон: Интишороти илмӣ, 1366. - 616 с.
4. Иттиҳод, Ҳушанг. Пажӯҳишгарони муосири Эрон (иборат аз 14 ҷилд, ҷилди 12).- Теҳрон: Фарҳанги муосир, 1387. - 708 с.
5. Солеҳов Шамсиддин. Поэтикаи жанри ҳикояи солҳи 70-80 қарни ХХ. Душанбе: Дониш, 2006. - 169 с.

АНАЛИЗ КРАТКОГО СОДЕРЖАНИЯ “ТАЙНЫ ФЛЕЙТЫ” АБДОЛ ХОСЕЙНА ЗАРРИНКУБА

Данная статья посвящена тематическому анализу одной из самых важных работ иранского критика и толкователя Абдолхосейна Зарринкуба - "Тайна флейты”. Эту работу в персоязычном пространтстве, в том числе в Иране, хорошо оценили ведающиеся литературоведы, как Абдулкарим Суруш и Бахоуддин Хуррамшахи. “Тайна флейты” по содержанию и научности в таджикском литературоведении впервые анализируется автором.”Тайна флейта” состоит из 16 разделов и 399 подразделов. Автор во время написания статьи большое внимание уделил содержанию данной работы. Одновременно она интересовалась научно-поэтическими особенностями стиля автора “Тайны флейты”.

Ключевые слова: анализ, иранский критик, тайна флейты, Абдолхосейн Зарринкуб.

ANALYSIS AND THE SHORT CONTENT OF "THE SECRET OF THE FLUTE" BY ABDOLKHOSSEIN ZARRINKOOB

Given article it is devoted thematic the analysis of one of the most important work Irons the critic Abdolkhossein Zarrinkoob - "Secret a flute”. This work including in Iran have well estimated knowing literature as Abdulkarim Surush and Khuramshakhi. “The secret a flute” on the maintenance and scientific quality in Tajik literary criticism is surveyed for the first time to authors. “The secret a flute” consists from 16 section and 399 subsection. The author during time a writing to article большою to attention has separated on expression the maintenance to current work. Simultaneously it was interested scientifically-poetic in features style of the author “Secret a flute”.

Keywords: analys, Irans the critic, secret a flute, Abdolkhossein Zarrinkoob.

Сведения об авторе: Игамова Ирода, аспирант кафедры таджикской классической литературы Худжандского государственного университета имени ак. Б. Гафурова, e-mail: i.igamova@mail.ru

About author: Igamova Iroda, post-graduate student of the chair of Tajik classical literature, Khujand State University named after academician B. Ghafurov

КАЛОМИ ҲИКМАТУ МАЪРИФАТ ДАР РИСОЛАИ «МИНҲОҶ-УЛ-ОРИФИН»-И МИРСАЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ

Қодиров К.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода

Мирсайид Алии Ҳамадонӣ баҳри татбиқи Қуръон, «Эй Расули ман, мардумро ба сӯи Худои худ бо ҳикмат ва мавъизаи некӯ даъват кун ва бо беҳтарин роҳи даъват бо онон мунозира кун» (Қуръон, сураи Наҳл, ояти 125) пандҳои Пайғамбари ислом Муҳаммадро (с) дар «Минҳоҷ-ул-орифин» бо зеботарин пирояҳо ороста, бо такрор ба мардум талқин намудааст. Мирсайид Алии Ҳамадонӣ навиштааст: «…чанд сухан аз каломи аҳли ҳикмату маърифат ҷамъоварӣ шуд ва онро «Минҳоҷ-ул-орифин» ном ниҳодем, то аз шунидану хондани ин касеро фоида ояд» [5, с. 92].

«Минҳоҷ-ул-орифин» дар аҳкоми шариат баъди фармудаҳои Қуръони маҷид, ба каломи худованд мартаба дорад. Дар «Минҳоҷ-ул-орифин» бунёди ойини ислом истифода шуда, тамоми зиндагии бошууронаи ҷамоаи исломӣ риоя гардидааст. Мирсайид Алии Ҳамадонӣ дар «Минҳоҷ-ул-орифин» аҳкоми шариат, фиқҳро мавриди истифода қарор дода аз фармудаҳои Паёмбари ислом баҳра гирифтааст. Қитъаи машҳури шайх Саъдӣ дар назми ин ҳадиси Пайғамбар (с) аст: «Мӯъминон дар дӯстӣ ва тараҳҳум бар якдигар чун аъзои як пайкаранд (бадананд): вақте ки ранҷур шавад узве аъзо низ дар бехобиву таби он ширкат (ҳамроҳӣ) мекунанд:

Банӣ одам аъзои як пайкаранд,
Кӣ дар офариниш зи як гавҳаранд.
Чу узве ба дард оварад рӯзгор,
Дигар узвҳоро намонад қарор… [9, с. 3].

Маҳзани асрори «Минҳоҷ-ул-орифин» оёти қуръонӣ ва фармудаҳои Паёмбар (с) аст. Аз ин ҷост, ки аллома Иқбол мефармояд:

Шеърро мақсуд агар одамгарист,
Шоирӣ ҳам вориси Пайғамбарист [9, с. 3].

Каломи аҳли ҳикмату маърифати ирфонии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ, ки нақл ва истифодаи ҳадисҳои Пайғамбар (с) аст, дар миёни гуфтаҳои Пайғамбар (с) роҳ ёфтааст. Дар «Минҳоҷ-ул-орифин» дар манзалати илм фармудааст. «Илм то донӣ бихон, агар доной» [5, с. 106]. Илмомӯзӣ аз таълимоти пайғамбари Худо (с) аст, ки тамоми зиндагиро дар бар мегирад. Худованд илмеро, ки шахси мазкур мехоҳад, барояш осон мегардонад ва низ ӯро ба амал намудан тибқи ҳамон илм хушнудии Аллоҳ таъоло бошад, пас илми мазкур сабаби ҳидояту раҳнамоӣ мегардад ва ӯро ба музду подоши худованд сарфароз мегардонад. Дар аҳодиси Паёмбари Худо (с) омадааст, ки «Ҳар касе дар роҳе равад, ки дар он талаби илм кунад, Худованд барояш роҳеро ба сӯи биҳишт осон мекунад ва ҳамоно фариштагон ба сабаби ризояте, ки аз кораш доранд, болҳои худро барои толибилм мегустуронанд (паҳн мекунанд) ва ҳамаи касоне, ки дар замину осмонанд, ҳатто моҳиҳо дар об барои шахси олим омурзиш металабанд. Фазилати олим бар обид монанди фазилати моҳи шаби чаҳордаҳ бар соири ситораҳост ва дигар ин ки уламо меросбари Паёмбаранд, ки эшон дирҳам ва диноре ба мерос нагзоштанд, балки илмро ба ирс гузоштанд ва касе, ки онро гирифт, баҳраи вофир бардоштааст» [7, с. 40].

Дар ҳадиси набавӣ аз Абуҳурайра (р) ривоят шудааст, ки Паёмбари Худо (с) фармудааст. Бидеҳ амонатро ба касе, ки онро ба ту амонат гузоштааст ва хиёнат макун касеро, ки хиёнат кардааст ба ту» [7, с. 43]. Мирсайид Алии Ҳамадонӣ дар ин ҳадиси Расули Худо (с) дар «Минҳоҷ-ул-орифин» амр менамояд, ки «дар амонат хиёнат макун» ва вопас додани амонатро ба соҳибаш яке аз воҷиботи исломӣ мешуморад. Мирсайид Алии Ҳамадонӣ баён медорад, ки амонатдорӣ дар дини ислом манзалати бузург аст ва сифати писандида аст, ки бояд ҳар мусалмон ба он ороста бошад. Вопас додани амонат музду подоши Худо ва эҳтирому қадршиносии мардум аст ва ба амонати хиёнат кардан дар зиндагӣ ба нокомӣ ва хорӣ меоварад.

Мирсайид Алии Ҳамадонӣ дар «Минҳоҷ-ул-орифин» як зумра панду ҳикматҳои орифона, монанди:

Озори кас махоҳ, то амон ёбӣ.
Озори кас махоҳ, то озурда нашавӣ.
Афтодаро дарёб, то дастгир ёбӣ.
Он ки бо ту бадӣ кунад, бо вай некӣ кун, то қадри ту биафзояд.

Бо ҳама нармию мадоро кун, то аз душман бираҳӣ.
Бар неъмати касе ҳасад макун, то офият ёбӣ.
Бар зердастон шафқат кун, то бираҳӣ.
Ба ҳама осонӣ кун, то бираҳӣ.
Бузургӣ ба ҳеҷ кас манеҳ, то хор нагардӣ.
Ба хасм маситез, то аз кина бираҳӣ.
Ҳурмат нигаҳ дор, то муҳтарам гардӣ.
Касро ба ҳақорат манигар, то хор нашавӣ.
Кори дигарон кун, агар бекорӣ.
Некӣ андеша кун, то ҳама некӣ пайдо шавад.
Ёри ҳама бош, агар мардӣ

ва амсоли инҳо тавсия медиҳад, ки бояд мусалмонон муомилаи исломӣ дошта бошанд ва аз рафтору кирдори бад худро эмин нигоҳ доранд. Аз Анас (р) ривоят аст, ки Паёмбар (с) фармуд: «Бо ҳамдигар душманӣ, ҳасад ва қатъи робита нанамоед ва бо ҳамдигар пушт надиҳед. Эй бандагони Худо, бо ҳам бародар бошед ва барои ҳеҷ мусалмоне раво нест, ки беш аз се рӯз бародарашро тарк кунад…» [7, с. 55]. Дар ин ҳадис Паёмбар (с) ишора намудааст, ки робитаи бародарӣ дар Ислом аз робитаи насабӣ ва хунӣ қавитар аст, зеро асосу поям робитаи бародарӣ имони ба Худо мебошад.

Мирсайид Алии Ҳамадонӣ бо гузориши ин ҳикматҳои бузург мусалмононро ба ахлоқи ҳамида, рафтори накӯ ва бархурди хуб намудан бо ҳамдигар таъкид менамояд. Фавоид ва ҳикматҳои ӯ ҳаром будани душманӣ, ҳасад, озордиҳии мусалмонон, ҳаром будани қаҳркунӣ ва қатъи равобит бо бародари мусалмон, ки аз таълимоти ахлоқи исломианд, иборат аст.

Ҳикматҳои каломии мазкури Мирсайид Алии Ҳамадонӣ:

Аз халқ узлат кун, то ба ҳақ унс гирӣ.
Инсофи халқро бидеҳ, то ситамгар нашавӣ.
Халқро ба худ умедвор гардон.
Зиёни кас маяндеш, агар суд мехоҳӣ.
Тамаъ аз халқ бардор, то муҳтоҷ нагардӣ.
Касро ба тамаъ маситой, то гирифтор нагардӣ

ва мисли онҳо дилсӯзӣ ва меҳрубониро ба мардум талқин медоранд. Ин каломи ирфонии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ далолат менамоянд, ки бояд шахси мусулмон нисбати ҳамаи одамон раҳмдил ва дилсӯз бошанд, яъне раҳм кардани банда дар маънои амали ӯ раҳм намудани Худо аст. Дар ҳадиси Паёмбари Худо (с) омадааст, ки «Аз Ҷарир писари Абдуллоҳ ривоят шудааст, ки гуфтааст: Паёмбари Худо (с) фармуд: «Касе, ки ба мардум раҳм накунад, Худо низ бар ӯ раҳм намекунад» [7, с. 133]. Раҳму дилсӯзӣ ва шафқат, эҳтиром ва ёрӣ ба мардуми мӯҳтоҷ ва ниёзманд аз нигоҳи Мирсайид Алии Ҳамадонӣ анвоъи шаръиати исломӣ бар дӯши ҳар бандаи мӯъмин аст.

Дар «Минҳоҷ-ул-орифин» андарзи «Ёди Худо мӯҷиби роҳат аст, то донӣ» [5, с. 110] ҳидоят ёфтааст, ки яке аз васиятҳои Паёмбар (с) мебошад, ки саҳобагонашро насиҳат кардааст, ки то эшон дар ҳама ҷо ва дар ҳама маврид ёди Худованд кунанд. Мирсайид Алии Ҳамадонӣ тавсия медиҳанд, ки умматони Ҳазрат (с) пинҳонӣ ва ошкоро бояд дар ҳама ҷо аз Худо битарсанд. Аз Ҳақ таъоло омурзиш хоҳанд ва амали нек намоянд. Дар ин маврид «Минҳоҷ-ул-орифин»-ро панду андарзҳои зайл фаро гирифтааст:

Зинҳор аз Ҳақ ғофил мабош, то шайтон бар ту роҳ наёбад.
Аз ҳама ҷудо шав, то ба Ҳақ бирасӣ.
Аз Ҳақ ёрӣ хоҳ, то нусрат ёбӣ.
Бо Ҳақ бош, агар айши ҷовидон хоҳӣ.
Ба ҳама бош, то бо Ҳақ бошӣ.
Ба Ҳақ паноҳ гир, то халос ёбӣ.
Ҷуз Ҳақ маяндеш, агар толибӣ.
Ҳуҷҷати худро ҷуз Ҳақ бармадор, то барояд.
Ҳақро ёд кун, то дили ту сиёҳ нагардад.
Худро ба Ҳақ бисупор, то ба сомон шавӣ.
Дар Ҳақ бин, то аз худ фонӣ гардӣ.
Дилҳоро дарёб, то хушнудии Ҳақ ёбӣ.

Шукри Ҳақ ба ҷо ор, агар неъмати дунёву дин хоҳӣ», дар мабодии ҳадиси «Аз Абузари Ғаффорӣ ва Муоъоз писари Ҷабал (с) ривоят аст, ки Расули Худо (с) фармуд:

«Аз Худо битарс ҳар куҷое, ки будӣ ва ба дунболи амали бад кори нек кун, то онро маҳв намояд ва бо мардум бо шеваи некӯ ва ахлоқи ҳасана рафтор кун», [7, с. 23] гуфта шудааст. Панди мазкури Мирсайид Алии Ҳамадонӣ таъкид медорад, ки инсон бояд ҳамеша бо мардум муомилаи нек дошта бошад ва ахлоқу рафтори нек нишондиҳандаи камолу хавфу тарс аз Худо аст.

Аз Муъоз писари Ҷабал (с) рифоят шуда, ки Паёмбари Худо фармуд: «Ҳаргиз пойҳои банда аз ҷои хеш намеҷунбад, то ин ки аз чаҳор чиз пурсида мешавад: Аввал аз умраш, ки дар чӣ коре онро сипарӣ намуд. Дуввум аз ҷавониаш, ки онро дар кадом кор ба пирӣ расонида, саввум, аз молаш, ки онро аз куҷо пайдо намуда ва дар куҷо сарф намудааст. Чаҳорум, аз илмаш, ки ба он чӣ коре карда» [7, с. 26]. Шарҳи маънои ҳадис он аст, ки рӯзу шумораи умри инсон муъайян ва муқаддар аст ва ҳар зинда бояд ёди марг кунад, то дилаш ба ин дунё нигарон набошад. Пас, дар ин дунё дар умраш кори накӯ кунад, дар ҷавониаш фаъолияту ҳаракат нексиришт анҷом диҳад, молашро аз роҳҳои ҳалол ба даст оварад ва дар корҳои муфид сарф намояд ва дониш таълим гирад, ки ба афроди ҷомиъаи хеш нафъ оварад. Дар исботи ҳақоиқи зайл Мирсайид Алии Ҳамадонӣ дар «Минҳоҷ-ул-орифин» навиштааст: «Маргро ёд кун, то дил ба дунё нигарояд» [5, с. 109].

Мирсайид Алии Ҳамадонӣ дар «Минҳоҷ-ул-орифин» кӯшишу заҳматҳои зиёде ба харҷ додааст ва аксарияти ҳадисҳои Пайғамбари ислом Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи васалламро тафсиру маънидод кардааст. «Минҳоҷ-ул-орифин» як навъи омӯзиши ҳадисҳои Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва ба маънии ҷузв, сухане дар истилоҳи шаръи сухан ва феъли Расулуллоҳ саллалоҳу алайҳи ва олиҳи васаллам аст.

Мирсайид Алии Ҳамадонӣ мисли дигар уламои дини ислом ба роҳи тадқиқи ҳадисҳои Пайғамбари ислом эътибор кардааст, ки хусусан дар фунуни ҳадису усули ҳадис бо эҳтиёти комил, усулу ривоят ва дироят ҳар ҳадисро таҳқиқ намудааст. Ӯ дар замони худ ба илми ҳадис эътибори комиле эътино карда сабаби вуруду санади ҳар ҳадисро таҳқиқ намуда ва ба ин фанни ҷалил усули тадқиқотӣ вазъ карда, бад-ин гуна, ба дини ислом хидмати бузурге намудааст.

Мирсайид Алии Ҳамадонӣ ҳадиси Пайғамбар (с)-ро бо дараҷаи баланд ба халқ омӯзонидааст. Ба илми ҳадис хидмат намуд ва дар миёни мардум мӯътабару мақбул гардид. Дар Эрон ва Хатлону Ҳинду Покистон аз ин сабаб рағбати мардум ба ҳадиси шариф зиёд шудаанд. Мирсайид Алии Ҳамадонӣ шаҳр ба шаҳр сафар намуда, ҳадисро ташвиқ кард ва дар ҳар ҷое, ки вуҷуди муҳадисеро мешунид, ба он ҷо сафар карда, ахзи ҳадис мекард.

Ҳар куҷо Мирсайид Алии Ҳамадонӣ атрофи як ҳадиси набавӣ мардумро ҳушдор медод, ки дӯстию рафоқате, ки баҳри сарвату мол ва мансабу салтанат аст нопойдор аст: «Абуҳурайра ризвонуоллоҳи алайҳи ривоят кард, ки Расул алайҳисаллом фармуд, ки гирд ба гирди арш минбарҳост аз нур. Рӯзи қиёмат бар он минбарҳо қавме бошанд, аз нур ва ҷомаи эшон аз нур ва эшон пайғамбарон набошанд. Ва шоҳидон бар мартабаи эшон рашк баранд. Гуфтанд: Эй Расули Худо, сифат кун эшонро. Гуфт: Эшон касонеанд, ки бо сулаҳо ва таҳвови дӯстӣ барои Худои азза ва ҷалла кунанд» [4, с. 64].

Матлаби аслии «Минҳоҷ-ул-орифин»-и Мирсайид Алии Ҳамадонӣ дар асри худ қавӣ нигоҳоштани панҷ сутуни Ислом буд. Маънии ин рисолаи ирфонӣ дар он аст, ки панҷ сутуни Ислом устувор монанд, ки онҳо иборат аз умури зайл аст: Гувоҳӣ додан ба ягонагии Худо ва тасдиқ кардани рисолати Паёмбари ӯ ва барпо доштани намозҳои панҷвақта ва додани закот ва ҳаҷи хонаи Худо (Каъба). Асос ва пояи ирфони Мирсайид Алии Ҳамадонӣ ин гувоҳӣ додан ба ин ки маъбуди бар ҳаҳе ҷуз Аллоҳи таъоло вуҷуд надорад ва Муҳаммад (с) Расул ва фиристодаи Худо аст.

Адабиёт:

1. Абдулҳусайн Зарринкуб. Пилла-пилла то мулоқоти Худо. – Теҳрон, 1373 ш. - 203 с.
2. Абдулкарим Суруш. Қабзу басти тавфиқи шариат. – Теҳрон, 1377 ш. - 483 с.
3. Аҳмад Хушнависи Имод. Ганҷинаи тавҳид. – Теҳрон, 1337 ш. - 92 с.
4. Муртазо Муттаҳҳарӣ. Бист гуфтор. – Теҳрон, 1341 ш. - 254 с.
5. Мирсайид Алии Ҳамадонӣ. Шоҳи Ҳамадон. Осори мунтахаб иборат аз чаҳор ҷилд, ҷилди якум. - Душанбе: Ирфон, 1995. - 198 с.
6. Мирсайид Алии Ҳамадонӣ. Шоҳи Ҳамадон. Осори мунтахаб иборат аз чаҳор ҷилд, ҷилди дуюм. - Душанбе: Ирфон, 1995. - 240 с.
7. Омӯзиши ҳадис (муаллиф Зайд Умар Абдуллоҳ, аз арабӣ тарҷумаи Абдулҳалим Орифӣ). - Душанбе: «Ҳумо», 2005. - 139 с.

8. Парвиз Азкоӣ. Мураввиҷи ислом дар Эрони сағир. – Ҳамадон, 1360 ш. - 197 с.
9. Панҷсад ҳадис (пандҳои Паёмбари ислом Муҳаммад (алайҳиссалом). - Душанбе: «Фарҳанг», 1991. - 59 с.
10. Ҳазору як ҳадис (бо тафсиру шарҳ) / муҳаррир Саидаи Шамсуллоҳ. - Душанбе: «Ирфон», 2002. - 129 с.

СВОД ПОУЧИТЕЛЬНЫХ ВЫСКАЗЫВАНИЙ В ТРАКТАТЕ «МИНҲОҶ-УЛ-ОРИФИН» МИРСАЙИДА АЛИ ХАМАДАНИ

В статье рассматриваются нравственно-поучительные идеи в суфийском трактате «Минҳоҷ-ул-орифин» Мирсайида Али Хамадани. Подчеркивается особенность его точки зрения с контекста суфийской терминологии.

Ключевые слова: мораль, нравственность, бог, наука, религия, человек, уважение, предание.

THE CONCAVE OF INSTRUCTIVE STATEMENTS IN THE TREATISE "MINHAJ-AL-AREFIN" MIR SAYYED ALI HAMADANI

The article deals with the moral and instructive ideas in the Sufi treatise "Minhaj-al-arefin" Mir Sayyed Ali Hamadani. Especially emphasized his point of view with the context of Sufi terminology

Сведения об авторе: Кодиров Каримджон, и.о. профессор кафедры таджикской филологии Таджикского государственного института языков имени С. Улугзода, e-mail: nematov1963@mail.ru

About author: Kodirov Karimjon, professor of the chair of Tajik Philology, Tajik State Institute of Languages named after S. Ulugzoda

ТАЪСИРИ АШЪОР ВА АФКОРИ ҲАКИМ НОСИРИ ХУСРАВ ДАР ШЕЪРИ АДИМИ ШУҒНОНӢ

Давлатбеков Л.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳаким Носир Хусрав шояд баъди Кисоии Марвазӣ дуюмин шоире бошад, ки мубаллиғи аҳли байт ва варосати паёмбари ислом будаву шеъри мазҳабии форсии тоҷикиро ба пояи баланд бардоштааст. Ӯ дар ин навъи шеър инсонро ба ҷустуҷӯҳои фикрии мазҳабӣ ва рӯҳонийат даъват мекунад. «Дину мазҳаб, роҳи Худо, такмили донишу ахлоқ ормонҳои мардумӣ буда, татбиқи онҳо амали дидании инсонист. Носири Хусрав дар шеъраш аз паи дарёфти ҳамин ормонҳо меравад. Онҳо мавқеи санҷиш ва натиҷаро дар ояндаи дур меёбанд, вале алоқаашон ба инсон мустақиман амалӣ мегардад дар ҳудуди дидану шунидан» [4, с. 8].

Ашъори Носири Хусрав беш аз ҳазор сол инҷониб байни ҳаводорони сухани ноби форсии тоҷикӣ роиҷ буда, бархе аз шоирони Бадахшон аз мазмуну мундариҷаи онҳо – махсусан аз андешаҳои ахлоқӣ ва мазҳабии ӯ истиқбол намудаанд.

Пӯшида нест, ки эҳтиром ва манзалати шахсияти Носири Хусрав байни пайравони бадахшонияш бузург аст ва шоирони ин ҳавзаи адабӣ саъй намудаанд, ки аз афкори ақидатӣ ва фалсафияш пайравӣ намоянд. Мураттиб ва муаллифи пешгуфтори девони “Ашки ҳасрат”-и Шоҳзамониддини Адим доктор Хушназари Помирзод дар қисмати “Фишурдае аз зиндагии аҳвол ва осори Сайид Замониддини Адим” аз эҳтироми бузурги ҳаким Носири Хусрав дар Бадахшон чунин қайд намудааст: “Ҳаким Носири Хусрав мудили хосе барои фарҳанг, культур, ҳунар, русум, адаб, шеъру амсоли он дар Бадахшон будаву воқеияте аст, ки ҳама доштаҳои маънавии Бадахшон меҳре аз ганҷинаи пурбаҳои ӯ доранд, ки назди мардуми Бадахшон ба Пир Шоҳносир шуҳрат ёфтааст. Ин ном чакидае аз эҳтироми қалбии мардум ба ин абармарди руҳонияту адабу фарҳанги забони дарӣ аст, ки дар таи беш аз ҳазор сол ин ифтихорро ҳифз намуда ва ҳанӯз бар тахти қалбӣ ҳар бадахшонӣ нишаста ва худ гуфтааст:

Зи Ҳуҷҷат ин суханро ёд медор,
Ки дар Юмгон нишастаст подшаҳвор.

То ҳол ҳама арзишҳои маънавии бахши исмоилии сарзамини Бадахшон аз аз раҳовардҳои андешаи Пир Шоҳносир маҳфуз монда ва ҳурмати хешро нигоҳ доштаанд” [4, с. 22].

Яке аз шоироне, ки зери таъсири афкори фалсафӣ ва мазҳабии шеъри ҳаким Носири Хусрав қарор доштааст, адиби ду соҳили дарёи Панҷ Шоҳзамониддини Адим мебошад. Мавсуф аз шоирони машҳури Бадахшон буда, бар асари фишорҳои сиёсии солҳои 30-юми асри ХХ, аниқтараш, соли 1933 ба вулусволии Шуғнони Бадахшони Афғонистон кӯч бастааст. Воқеият ин аст, ки Адим дар як қисми ашъори хеш арзишҳои маънавии ҳаким Носири Хусравро пайравӣ намудааст. Ӯ ҳанӯз аз овони ҷавонӣ фалсафаи мазҳабии ҳакимро фаро гирифта буд ва асари он дар шеъри Адим комил аст. Таъсири шахсияти ҳаким ва афкори ӯ дар шеъри Адим ба чанд навъ зуҳур меёбад.

Аввалан, дар як қисми ашъораш шоир кӯшидааст, ки симои Носири Хусравро дар қасидае ҳамчун як ҳаким, донишманд ва сухандон, ҷаҳони ҳунару мояи илму фазлро чун лаъли Бадахшон буруз намояд:

Ҳакиме, ки дар ғори Юмгон нишаста,
Дареғо, ки аз дида пинҳон нишаста.
Ҷаҳони ҳунар, мояи илму фазл,
Дурахшон чу лаъли Бадахшон нишаста.
Муроди сухан Носири Хусрав аст,
Ба мулки сухан он сухандон нишаста.
Ҳазор офарин бар суханофарин,
Дар иқлими тан мисли султон нишаста... [4, с. 39].

Дар абёти минбаъдаи Адим мамдуҳ сареҳтар мадҳ гардида, симои ӯ тавассути воситаҳои муассири сухан ҷозибаноктар рӯйи кор меояд. Шоир ин ҳакими донишмандро бо санъати ташбеҳ ва ба тавассути ибораҳои «Юсуфи зиндон» ва «моҳ байни анҷум тобон» ва «меҳри тобон» қаламдод намудааст:

Ҳакими мунаввар ба нури хирад,
Ту гӯӣ, ки Юсуф ба зиндон нишаста.
Миёни ҳакимони равшанравон,
Чу маҳ байни анҷум намоён нишаста.
Агарчи ҳакимона он устод,
Ба Юмгон чунон меҳри тобон нишаста… [4, с. 39].

Тавре ки қайд гардид, Адим ҳанӯз аз айёми ҷавонӣ бо осори динию мазҳабӣ ва фалсафии ҳаким Носири Хусрав ошноӣ пайдо намуда буд ва дар ҳангоми мунозираву мабҳас аз онҳо ба касрат низ мустафод менамуд. Ин аст, ки дар абёти пасин шоир пайдарҳам ба онҳо ишора намудааст:

Чароғи маъонӣ бувад «Ваҷҳи дин»,
Фурӯзандаи илму ирфон нишаста.
Дурахшанда чун меҳри оламфурӯз,
Ба дил партави «Хон-ул-ихвон» нишаста.
Ба ҷон лафзу маънии «Зод-ул-мусофир»,
Чу танзилу таъвили фурқон нишаста…
«Кушоиш» кушуд уқдаи ҷаҳлро,
Ба ҳар гӯша ин мушкил осон нишаста… [4, с. 39].

Роҷеъ ба каммияти кайфияту шеъри Носири Хусрав китобҳои зиёде эҷод шудаанд ва дар китоби «Рози ҷаҳон»-и донишманди тоҷик, профессор Худоӣ Шарифов нуқтаи назари муаллифони онҳо ҷамъбаст гардидааст. Муаллиф шеъри ҳаким Носири Хусравро ба доираи арзёбӣ ворид намуда, қайд кардааст, ки «Носири Хусрав дар шеър бисёр кам аз доираи назари фалсафӣ ва мазҳабӣ берун рафта, дар ҳудуди шавқу ҳунари шоирию суханварӣ истиқрор меёбад. Балки ӯ … вурудро ба ҷаҳони шавқу завқ барои худ ношоиста меёбад ва дар ҷойгоҳи ақлу андеша рафоҳияти суханашро меҷӯяд. Бинобар ин Носири Хусрав шоири шеъри ҳакимона аст, ки дар ҳудуди ҷаҳонфаҳмӣ, назари хоси мазҳабӣ, андешаи илмӣ, муносибат ба хоҳишу ормонҳои одамӣ каси дигаре ба ӯ монанд нест» [5, с. 276].

Адим дар баробари мадҳи неруи илмии Носири Хусрав фасоҳати шеъри ӯро низ фаромӯш накардааст ва ҷилои сухани ҳакимро бо суханҳои «чу Ноҳид дар бурҷи мизон», «фаротар зи афлоки гардон», «килки Аторудраҳам», «дайҳим бар фарқи инсон», «мухалладкаломи бузургон» зеб додааст:

Бар авҷи сипеҳри сухангустарӣ,

Чу Ноҳид дар бурҷи мизон нишаста.
Ба иншои килки аторудрақам,
Фаротар зи афлоки гардон нишаста.
Фазоил ба ҳукми хирад собит аст,
Чу дайҳим бар фарқи инсон нишаста.
Ба торих дар сафҳаи рӯзгор,
Мухалладкаломи бузургон нишаста… [4, с. 40].

Равиши сухани шоир дар абёти минбаъда ба тағйирот мувоҷеҳ мегардад, зеро шахсияти мамдуҳ тадричан аз як фарди суханвар ба мақоми мубалиғи дину имон мубаддал мешавад, ки акнун бо фасоҳат эъҷози хос Қуръонро ба дилҳо монанди Хизр, ки лаби чашмаи ҳайвон нишастааст, мерасонад, ё ки санохони шинохти тавҳиди Яздон мебошад:

Фасоҳат ба дилҳои соҳибдилон,
Зи тоъсири эъҷози Қуръон нишаста.
Ҳаёти дил аст ин сухан, дил чу Хизр,
Лаби чашмаи оби ҳайвон нишаста.
Ба сири сувайдо чунон офтоб,
Зиёву таҷаллии имон нишаста…[4, с. 40].

Мусаллам аст, ки мавзӯи Юмгон дар шеъри Носири Хусрав мукаррараи зикр мешавад, зеро шоир он ҷо иҷборан дар ҳисори зиндон мемонад. Табиат ва муҳити Юмгон ва Шева, ки Адим ибтидои солҳои 30-юм он ҷо фирор мекунад, аз ҳам тафовут надорад. Аз қасоиди ҳаким Носири Хусрав возеҳ аст, ки ӯ шоир аз ин макони маҷбурӣ розӣ нест ва илтиҷо ба Худо ва дод аз Ӯ мехоҳад:

Ман ба Юмгон дар ба зиндонам аз ин девонагон,
Олимусиррӣ ту, фарёд аз ту хоҳам, ой Раб.
Андар ин зиндони сангин чун бимонадам бе завор,
Аз кӣ ҷӯям ҷуз ки аз фазлат раҳоишро сабаб…[2, с. 100].

Вазъи зиндагии модӣ ва рӯҳии Адим дар замоне, ки ба хиттаи сарди Шева, ки тибқи навиштаи муаллифи фишурда «муддати ҳафт моҳ зери пӯшиши барф қарор дорад» [4, с. 5] муҳоҷир шуда буд, новобаста аз тафовути замонӣ шабеҳи салафи руҳонияш буд.

Дар масъалаи мавриди таваҷҷуҳ профессор Х. Шарифов қайд намудааст, ки «… дар шеъри Носири Хусрав, алоқамандона бо Юмгон чанд мавзӯе ҳаст, ки нақше аз шахсияти ӯ ба вуҷуд оварда ва ҳолаташро равшан менамояд. Якум, Носири Хусрав Юмгонро барои худ як зиндони сангин медонад ва аз Худованд фарёд мехоҳад. Ба ин зиндон афтоданашро ӯ «аз ин девонагон» медонад ва худашро тасалло медиҳад, ки танҳову зиндонӣ дар Юмгон гаштааст ва қадраш аз майхора пасттар мебошад» [4, с. 8].

Адим дар партави мазмуни чунин шеърҳои ҳакими номбурда равиши андешаи ӯро идома медиҳад ва агар Носири Хусрав сабаби ба ҳисори зиндон афтоданашро «аз ин девонагон» дар боло зикршуда донад, Адим ҷурми бадбахтиро аз «фалак», «толеи шум» ва «ахтари манҳуси хеш» медонад:

Ба хоки Шева фитодам муқайиду маҷбур,
Асири барфу ях андар ҳисори зиндонам…
Ба хоки Шева набошам даме ба хотири ҷамъ,
Залилу оҷизу ошуфтаю парешонам.
Гаҳе фалак зи ту нолам, гаҳе зи толеи шум,
Гаҳе зи ахтари манҳуси хеш гирёнам… [1, с. 20].

Мадҳи аҳли байт ва аимаи атҳор дар ашъори Адим мақоми махсус дорад ва ин суннати деринаи адабиро шоир бешак аз ҳаким Носири Хусрав мерос гирифтааст. Мусаллам аст, ки ситоиши хонадони пайғамбар ва имомони пок дар ашъори Носири Хусрав бисёр ба назар мерасад. Ишорат ба қасидаи «Гузинам Қуръону дини Муҳаммад» кофист, ки масъала сареҳ шавад. Тибқи таълимоти фалсафии исмоилия муъминон ба ҷуз аз падару модари руҳонӣ ниёз ба волидайни рӯҳонӣ доранд. Ин масъаларо Носири Хусрав дар «Ваҷҳи дин» ба тариқи зайл тавзеҳ додаст: «Пас бояд (муъминон – Л. Д.) падару молари нафсонии хешро бишносанд, то бенасиб намонанд. Ва Расул алайҳи-с-салом гуфт: «Ҳар кӣ бимирад ва имоми замони худро нашиносад, марги ӯ марги ҷоҳилон бошад. Ва андар марги ҷоҳилон касе бимирад, ки ӯро пайғамбар набошад»[3, с. 264]. Ҳаким Носири Хусрав дар баъзе қасидаҳо номи имоми даврро айнан зикр накунад ҳам, аз ишоратҳо ва баёни андешааш маълум аст, ки

ҳидоятгари муъминон дар ҳар давру замон имом аст. Ин матлаб дар қасидае, ки бо матлаи

Ба чашми ниҳон бин ниҳони ҷаҳонро,
Ки чашми аёнбин набинад ниҳонро [2, с. 41].

Адим дар шароити нав ва замони дигар масъаларо ба тарзи зайл пайгирӣ намудааст:

Сарви бустони рисолат гулу гулзори расул,
Нури Ҳаққ, ҷилваи дин, мазҳари имон омад.
Соҳибаласри замон, ҳазрати сер Оқохон,
Ҳикмати болиғаи ҳазрати субҳон омад… [4, с. 19].

Дар қасидаи дигаре мефармояд:

Дӯстдори оли икромему асҳоби аъзом,
Пайрави оли або аз рӯи Қуръонем мо…
Қоили дини мубину пайрави шаръи матин,
Аз азал то явми дин ҷӯёи имонем мо [4, с. 19].

Аз бархе аз ашъори Адим хонанда таъсири қасоиди ҳаким Носири Хусраврро эҳсос мекунад, зеро шоир чун пири маънавияш бо ҷаҳолат ва нодонӣ ҳамеша дар пайкор аст. Дар осори ҳаким қасоиди зиёде аст, ки ҷаҳлу нодонӣ маҳкум мешавад. «Ҷаҳл дар паҳлуи ғадру макр қарор дорад ва бар рағми аъдо аз онҳо бояд берун шуд. Носири Хусрав ҷаҳлу нодониро на бо далоили илмӣ, балки ба муқоиса ва тасвирҳои воқеӣ, ки хоси шеъранд, маҳкум мекунад»[5, с. 156]. Адим низ чун салафи маънавияш аз бевафоии даҳр менолад ва рӯи умед ба Худо мекунад. Шоир ва сабаби парешонии рӯзгорашро аз худ ҷӯё мешавад ва ақли донишомӯзаш ба ӯ чунин посух медиҳад:

Шудам ҳайрат зи даҳри сифлапарвар,
На ранг аз меҳру на бӯй аз вафое.
Ҳаме нолидам аз чархи фусунсоз,
Зи худ кардам суол ин моҷарое.
К-ай мискини мазлуми бадаҳвол,
На дузд ҳастӣ, на хуне, на зиное.
Бигӯ охир ба ҷуз ҷурми хиёнат,
Гирифтори парешонӣ чарӣ.
Ҷавобам дод ақлӣ донишомӯз:
Гуноҳат он, ки бо илм ошнӣ.
Сухан бояд зи рамзи илму тавҳид,
Бувад аз ибтидо то интиҳое.
Дуруди шаҳвори қоба қавсайн,
Ҳаме бояд пас аз ҳамду саное.
Зи нури ламъаи хуршеди ваҳдат,
Ба мушти хок бахшидӣ зиёе [4, с. 23].

Хулоса, ашъори Адим чи аз лиҳози вижагиҳои қолабию шаклӣ ва чи аз нигоҳи мазмуну мундарича дар пайравии ашъори фалсафӣ ва ақидатии ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ таълиф гардида, андешаҳои иҷтимоӣ ва афкори динии ӯро эҷодкорона идома додааст.

Адабиёт:

1. Адими ду соҳил / Бо саъй ва эҳтимоми Муборакшо Алимшоев ва Додихудо Карамшоев. – Хоруғ: Помир, 1993. – 186 с.
2. Носири Хусрав. Девони ашъор / Носири Хусрав. – Душанбе, 2009. – 639 с.
3. Носири Хусрав. Вачҳи дин / Носири Хусрав. – Душанбе: Амри илм, 2002. - 381 с.
4. Сайид Замониддини Адим. Ашки ҳасрат / Сайид Замониддини Адим. – Роулпадии Покистон, 1380. - 358 с.
5. Шарифов Х. Рози ҷаҳон / Х. Шарифов. – Душанбе: Нодир, 2004. - 353 с.

ВЛИЯНИЕ ПОЭЗИИ И ИДЕЙ НОСИРА ХУСРАВА НА ПОЭЗИЮ АДИМА ШУГНАНИ

В статье рассматривается влияние философско-религиозных и социальных идей Носира Хусрава на поэзию Адима Шугнани. Автор в процессе исследования приходит к выводу, что Адим был последователем не только содержания поэзии Носира Хусрава, но и последователем структурной формы его поэзии.

Ключевые слова: поэзия, литературный круг, философская поэзия, этические идеи, Носир Хусрав, Адим Шугнани.

THE INFLUENCE OF POETRY AND OPINION OF NOSIR KHUSRAV IN THE WORK OF ADIM SHUGNANI

The article deals with the influence of the philosophical and social attitude of Hakim Nosir Khusrav Qubodioni to the poetry of Adim Shugnoni. The analysis emphasized that Adim not only was interested in the introduction work of Nosir Khusrav, but also was interested in the structure of the poetry of N. Khusrav.

Keywords: poetry, territory of portry, intellectual song, moral opinion, Nasir Khusrav, Adim Shughnani.

Сведения об авторе: Давлатбеков Лоло, кандидат филологических наук, доцент, докторант Таджикского национального университета, e-mail: rusik-2871@mail.ru

About author: Davlatbekov Lolo, PhD in Philology, Associate Professor, doctoral candidate of Tajik State University

МАСЪАЛАҲОИ ШЕЪРУ МУСИҚӢ ВА АРӮЗ ДАР «ҚОБУСНОМА»-И УНСУРУЛМАОЛИИ КАЙКОВУС

Муборакиён С. М.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Дар адабиёти форсу тоҷик асарҳои зиёди поэтикӣ офарида шудаанд, ки оид ба шеър маълумот дода, илми шеърро ҳамаҷониба мавриди баррасӣ қарор додаанд. Ба монанди «Ҳадоиқу-с-сеҳр фӣ дақоиқу-ш-шеър»-и Рашидуддини Ватвот, «Фанни шеър»-и Сино, «Тарҷумону-л-балоға»-и Муҳаммад ибни Умари Родиюнӣ, «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ, «Ал-Муъҷам»-и Шамси Қайси Розӣ, «Меъёру-л-ашъор»-и Насируддини Тӯсӣ, «Бадоеъу-с-саноеъ»-и Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ ва ғайра, ки беҳтарин асарҳои ин соҳаанд. Ҳамчунин асарҳое таълиф ёфтаанд, ки ҳамчун роҳнамо барои шоир мавқеъ доранд. “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус ба он мисол шуда метавонад. Ин ҷиҳатро дар ду боби он, махсусан, мебинем. Боби сиву панҷуми “Қобуснома” “Дар ойин ва расми шоирӣ” унвонгузорӣ шудааст, ки назари адибро ба яке аз рукнҳои асосии каломи мавзун – арӯз, инчунин қофия, шеърият, санъатҳои шеърӣ дар худ ғунҷонидааст. Дар боби сиву шашум, ки «Дар ойин ва расми хунёгарӣ» ном дорад, адиб нозукиҳои ҳунари мутрибиро аз диди худ баён мекунад. Ин боб бо боби шоирӣ алоқаи ногусастанӣ дошта, давоми мантиқии он аст. Зеро ки мусиқӣ бе шеър нотамом буда ва шеър масолеҳи зарурии хунёгарист.

“Қобуснома” аз ҷумлаи он асарҳои насриест, ки назм дар он мавқеи махсус дошта, порча-порча дар ҳар куҷои китоб вомехӯрад. Агар моҳиятҳои гуногуни ахлоқӣ ва тарбиявии “Қобуснома”-ро як тараф гузошта, танҳо аз ҷониби шакл ба он нигарем, муаллифи онро метавонем аз ду раҳ шиносем. Нахуст, ҳамчун носир ва сонӣ, ҳамчун шоир. Бояд гуфт, ки шоирии Унсурулмаолӣ аз носирии ӯ сар барзадааст. Шеърҳои дар асар овардаи муаллиф асосан барои тасдиқи фикрҳои худи ӯ, хулосаи ҳикоятҳое, ки зикр мекунад ва умуман ба муносибате гуфта мешаванд. Аз ҳамин ҷост, ки дар асар на танҳо ашъори сурудаи худи муаллиф, инчунин шеърҳои шоирони пешин низ ҷой доранд. А. Девонақулов, ки бори аввал “Қобуснома”-ро ба хатти сириллик баргардон намудааст, дар асоси чопи Саид Нафисӣ ашъори дохили онро 121 мисраъ муайян карда, онҳоро ба се гурӯҳ тақсим мекунад:

1. Шеърҳои худи Кайковус эҷодкарда.
2. Шеърҳои муосирону гузаштагони муаллиф, монанди Абӯшукури Балхӣ, Асҷадӣ, Лабибӣ, Қамарии Гургонӣ.
3. Шеърҳои бемуаллиф.

Шеърҳои худи муаллиф, чи хеле ки А. Девонақулов қайд кардааст, аз 5 байт, як мисраъ, 4 рубоӣ ва 2 қитъа иборатанд, яъне аз 121 мисраъ 35-тояш моли худи адибанд [1, с. 34). Аммо дар асл шеърҳои дар “Қобуснома” овардашуда бисёртаранд ва ҳамчунин шеърҳои худи муаллиф ҳам. Дар асоси чопи Ғуломҳусайн Юсуфӣ, ки пурратарин матни интиқодии “Қобуснома” мебошад ва ҳамчунин ду нашри Тоҷикистон [3, 4, 5], миқдори абёти “Қобуснома”-ро чунин муайян кардем: Ҷамъулҷамъ

151 мисраъ, ки аз инҳо 47 байташ аз худи муаллиф мебошанд. Аз шоирони маълум 8 байт оварда шудааст:

- Бӯшукури Балхӣ – 2 байт;
- Асҷадӣ – 2 байт;
- Усмон ибни Абибакр ал-Ҳошимӣ – 2 байт;
- Қамарии Гургонӣ – 1 байт;
- Фаррухӣ – 1 байт.

Шеърҳое, ки моли худи муаллифанд, дар асар хеле дақиқ оварда шудаанд. Нишонаи асосии онҳо чунон аст, ки адиб пеш аз он ки шеъри худро ба қалам орад, чунин ибораҳоеро истифода мекунад: «Ва андар ин маънӣ маро ду байт аст», «Ба пиронасарӣ байте мегӯям», «Чунон ки ман гӯям», «Ба порсӣ гӯям, то ҳама касро маълум шавад», «Чунон ки ман дар зӯҳдиёт гуфтам» ва монанди инҳо. Ҳамчунин қабл аз шеърҳои шоирони маълум номи онҳо зикр ёфтааст. Қабл аз шеърҳои бемуаллиф бошад, хитобаҳое чун «Чунон ки шоир гӯяд», «Чунон ки қоил гуфтааст», «Ва аз ин сабаб гуфтаанд» ва ғайра оварда шудааст.

Як масъалаи мавриди баҳс доир ба шеърҳои бемуаллиф, ба фикри мо, он аст, ки ин 20 байти бемуаллиф, ки дар чопҳои мазкур дарёфт намудем, ҳамааш бо қалами Унсурулмаолӣ ба асар дохил нагардидаанд. Дар чопҳои Тоҷикистон байтҳои бемуаллифе ба чашм меҳӯранд, ки хитобае надоранд. Вале дар чопи интиқодии Ғуломҳусайн Юсуфӣ чунин байтҳо вуҷуд надоранд. Шояд чунин байтҳои бемуаллифу бехитобаро мувофиқи мазмуни матн ё ҳикоя котибон баъд аз замони муаллиф бадоҳатан дохил намуда бошанд. Агар як сабаби ин тахмин набудани хитобаи муаллиф бошад, сабаби умдаи дигар равшан аст. Нусхаи асли “Қобуснома”, ки ба қалами муаллифи он тааллуқ дошта бошад, то ба имрӯз ба даст нарасидааст ва нусхаи маълуми аз ҳама қадимтар баъди саду панҷоҳ соли даргузашти адиб китобат шудааст, ки он ҳамон нусхаи асосии чопи интиқодии Ғуломҳусайн Юсуфӣ буда мебошад. Яъне дар ин нусхаи қадим мавҷуд набудани байтҳои бехитоба итминони моро ба гуфтаҳои боло қавитар мегардонад.

Аз мутолиаи шеърҳои Унсурулмаолии Кайковус, ки дар мавзӯъҳои гуногун, дар бобҳои алоҳидаи асараш оварда шудаанд, метавонем, ба хулосае биоем, ки ӯ дар баробари нависанда буданаш аз шеъру шоирӣ пурра бохабар буда, дар он даст доштааст. Дар баробари ин, бояд ба назар гирифт, ки адиб шоириро пешаи худ қарор надода буд ва он шеърҳоеро, ки дар асараш овардааст, барои тасдиқу қувватнок баён кардани фикри ӯянд, на барои худро ҳамчун шоири тавоно ва бузург нишон додани ӯ. Ҳамчунин бузургии ин адиб аз дигар ҷиҳат ҳувайдост, чунон ки Ғуломҳусайн Юсуфӣ дар муқаддимаи “Қобуснома” мегӯяд: «Фикри рӯшан, нуктаҳои ибратомӯзи ӯ ва насри шевову сода ва равону муассири нависанда чандон қобили мулоҳиза ва сутуданӣ аст, ки дар канори он заъфи ӯ дар кори шеъру шоирӣ аз хотир фаромӯш мешавад» [4, с. 19 муқаддима].

Унсурулмаолии Кайковус дар гуфтани шеър мисоли шоирони маъруфи муқаддами форсу тоҷик маҳорати олӣ надошта, ба қавли Ғуломҳусайн Юсуфӣ, “дар кори шеъру шоирӣ заъф дошта бошад” ҳам, дар фаҳмиши шеър маҳорату истеъдоди хос дорад. Ба ин боз ҳамон боби шоирӣ гувоҳ мебошад. Унсурулмаолӣ ба таври маслиҳат додан шартҳои шоириро баён намуда, омӯзиши қонуниятҳо ва нозукиҳои шеърро таъкид мекунад. Дар “Қобуснома” масоили омӯхташаванда ба таври возеҳу равшан ва устодона баён карда шудаанд. Ин хусусиятро мо аз аввали ҳар як масъалаи ба миён гузошта равшан мебинем. Худи боби «Дар ойин ва расми шоирӣ» чунин оғоз мешавад: «Ва агар шоир бошӣ, ҷаҳд кун то сухани ту саҳл ва мумтанеъ бошад» [4, с. 189].

Унсурулмаолӣ ба шоирони ҷавон маслиҳат медиҳад, ки пеш аз ҳама бо усули саҳл ва мумтанеъ, яъне бо усули сода ва равон шеър гӯянд. Маълум аст, ки худи адиб намояндаи асри XI-и адабиёти форсу тоҷик мебошад. Дар асрҳои IX-XI шеър дар сабки хуросонӣ гуфта мешуд. Яке аз нишонаҳои ин сабк саҳл ва мумтанеъ маҳсуб мешуд ва шоирони ин асрҳо мекӯшиданд, ки бо ин услуб шеър гӯянд ва ин писанди аҳли адаб ва шоҳону амирон буд. Азбаски Унсурулмаолӣ зодаи даври худ буд, барои мавқеъ ёфтан дар доираҳои адабии он давра ва он ҷамъият саҳл ва мумтанеъро дар шеър аввалиндараҷа меҳисобад.

Нигоҳи Унсурулмаолӣ ба шеър олӣ мебошад. Ӯ шеърро дар шакли содаву ҳамафаҳм ва дур аз суханони муғлақ писандида, онро моли ҷамъият медонад. Яъне шеър бояд ба оммаи халқ хизмат кунад ва шарики бешу ками зиндагии онҳо бошад. Ин

қимати шеърро дар замони муаллиф ба боло мебардорад. Ӯ мегӯяд: «Бипарҳез аз сухани ғомиз ва чизе, ки ту донӣ ва дигаронро ба шарҳи он ҳоҷат ояд, магӯй, ки шеър аз баҳри мардумон гӯянд, на аз баҳри хеш» [4, с. 189].

Адиб зарурати омӯзиши қонуниятҳои шеърро вобаста ба баёни тарафҳои гуногуни ҳунари шоирӣ таъкид кардааст. Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки ӯ ба омӯзиши он диққати ҷиддӣ додааст, масъалаи донистани илми арӯз мебошад. Дар ҳақиқат тамоми шоирон ва мунаққидони гузаштаи форсу тоҷик вазнро дар шеър шарти аввалини шоирӣ меҳисобанд. Унсурулмаолӣ ғайр аз донистани вазн ва шеъри равон гуфта тавонистан донистани илми шоирӣ, назарияи арӯз, нақди шеърро барои шоиршаванда ҳатмӣ медонад, то агар дар маҳфиле оид ба шеър баҳсу мунозира шавад, ӯ огоҳ бошад:

«Валекин илми арӯз нек бидон ва илми шоирӣ ва алқоб ва нақди шеър биёмӯз, то агар миёни шоирон мунозира уфтад, ё бо ту касе мукошафате кунад, ё имтиҳоне кунад, оҷиз набошӣ» [4, с. 190].

Сипас, адиб мувофиқи огоҳии худ аз илми арӯз баҳрҳои арӯзро номбар мекунад: «Ва ин ҳафтдаҳ баҳр, ки аз доираҳои арӯзи порсиён бархезад, номи доираҳо ва номи ин ҳафтдаҳ баҳр чун: ҳазаҷ ва рачаз ва рамал ва ҳазаҷи макфуф ва ҳазаҷи ахраб ва рачази матвӣ ва рамали махбун ва мунсареҳ ва хафиф ва музореъ ва музореъи ахраб ва муқтазаб ва муҷтасс ва мутақориб ва сареъ ва қариб ва қариби ахраб ва он панҷоҳу се арӯзу ҳаштоду ду зарб, ки дар ин ҳафдаҳ баҳр биёяд, ҷумла маълуми хеш кун» [4, с. 190].

Аз баҳрҳои овардаи муаллиф танҳо баҳрҳои ҳазаҷ, рамал, рачаз, мунсареҳ, хафиф, музореъ, муқтазаб, муҷтасс, мутақориб, сареъ ва қариб, яъне 11 баҳри аслӣ ва фаръиро метавонем ҷудо намоем, ки ба сари худ мустақил буда, метавонанд аз худ вазнҳои гуногун созанд. Ба ҳар сурат, Унсурулмаолӣ аз баҳрҳову вазнҳои арӯз бохабар будааст ва омӯхтани онҳоро ба писараш тавсия мекунад. Хусусан, вобаста ба вазнҳои гуногуни арӯз ӯ фикрҳои ҷолиб ва ақидаи хоси худро дорад. Барои дар хеш парвардани табъи латифу нозук ӯ тавсия медиҳад, ки шеърро дар авзони сабуку равон гӯянд: «Вазнҳои гарони арӯзӣ магӯй, ки гирди арӯзу вазнҳои гарон касе гардад, ки табъи нохуш дорад ва оҷиз бошад аз лафзи хуш ва маънии зариф. Аммо агар бихоҳанд, бигӯӣ раво бувад» [1, с. 190].

Муаллиф шеъри рост, яъне шеъреро, ки аз санъатҳои шеърӣ орӣ буда, сухани муқаррарии дорои вазну қофия аст, намеписандад. Барои он ки шеър муқаррарӣ ва беороиши маънавӣ набарояд, муаллиф менигорад: «...шеъри рост нохуш бувад. Ғулғуле бояд, ки бувад андар шеър ва андар захма ва андар савт мардум то хуш ояд бо саноате ба расми шуъаро, чун муҷонис ва мутобиқ ва мутазод ва муташокил ва муташобиҳ ва мустаор ва мукаррар ва мураддаф ва муздавач ва мувозана ва музмар ва мусалсал ва мусаҷҷаъ ва мулавван ва муставӣ ва мувашшаҳ ва мувассал ва муқаттаъ ва мухаллаъ ва мусаммат ва мустаҳил ва зуқофиятайн ва начр ва мақлуб ва монанди ин» [4, с. 189].

Аз ин саноеи гуногуни лафзиву маънавӣ ва шаклҳои шеърие, ки якҷо дар фавқ оварда шудаанд, воқиф будани Унсурулмаолӣ аз кори шоирӣ, ҷузъиёти паҳлӯҳои шеър бори дигар собит мегардад. Муаллиф асоситарин санъатҳои шеъриро, ки дар замони ӯ макшуф буданд, ба қалам меорад. Дар донистану истифодаи санъатҳои шеърӣ ӯ ақидаи худро дорад. Чуноне муҳаққиқи тоҷик С. Наимбоев оид ба ин масъала мегӯяд: «Унсурулмаолӣ дар мафҳуми донистани воситаҳои тасвиру санъатҳои бадеӣ асосан ду ҷиҳати омӯзиш – ба таври назариявӣ пурра омӯхтану дар амал эҷодкорона татбиқ карда шудани чизҳои омӯхташударо талқин намудааст. Ин принсипи омӯзиш ҳоло ҳам аз муҳимтарин принсипҳои таълиму тадриси адабиёт шинохта мешавад» [2]. Аз ин бармеояд, ки агар мо Унсурулмаолиро дар баробари шоир будан устоди шеър низ гӯем, хато нахоҳем кард. Суханоне, ки ӯ вобаста ба шеър, ҳолатҳои гуногуни офаридани шеър, мавзӯъ ва муҳтавову аҳамияти шеър мегӯяд, ӯро дар назари мо ҳамчун шоир, мунаққид, рӯҳшинос, носеҳ, мутафаккир ҷилвагар мекунонад. Унсурулмаолӣ бо вуҷуди он ки худ асосан носир аст, дар илми адаб назмро дар ҷои аввал мегузорад. Ин, албатта, дар тобеият ба муҳити адабии он давра сар задааст. Умуман дар адабиёти муқаддами мо мавқеи назм нисбат ба наср хеле барҷаста буд ва носироне, ки буданд, шоир низ буданд. Муаллифи “Қобуснома” дар мавриди назму наср мегӯяд:

«Ва сухане, ки дар наср нагӯянд, ту андар назм магӯй, ки наср чун раъият асту назм чун подшоҳ ва он чиз, ки раъиятро нашояд, подшоҳро ҳам нашояд» [4, с. 190]. Ин бешубҳа баҳои хеле баланди муаллиф аст, ки ба шеър додааст ва чунин тавсиферо дар ифодаи назму наср шояд дар адабиёти мо дигар кас то ҳанӯз баён накарда бошад.

Унсурулмаолӣ ҳамчунин дар бобати маъруф шудани шеъри шоир андешаҳои худро дорад. Вай шеъри урёнро намеписандад ва сухани пӯшидаро нишонаи бузургии сухан медонад. Истифодаи истиораҳои гуногунро вобаста ба имконияти мавзӯъ маслиҳат дода, таъкид мекунад: «Аммо агар хоҳӣ, ки сухани ту олӣ намояд, бештар мустаор гӯй ва истиорат ба мумкинот гӯй» [4, с. 189]. Адиб дар назди ҳар як шоир шарт мегузорад, ки нисбати шеър бепарво набуда, суханро фикр карда, ба низом дароварда, дар ҳадди пухтагӣ ва балоғат баён намоянд. Ин тавсияи муаллиф барои ҳар нафар қаламкаше, ки рӯ ба шеъру шоирӣ ва умуман адабиёт меоварад, ҳамчун талабот бояд бошад, то ҳисси масъулияти ӯ боло рафта, роҳи пешгирифтаи худро қадр намояд: «Ва он сухан, ки гӯӣ андар шеър... доди он сухан ба тамомӣ бидеҳ ва ҳаргиз сухани нотамом магӯй» [4, с. 190].

Дар мавриди шаклҳои шеърӣ ва тарзу мавқеи гуфтани онҳо муаллиф фикрҳои ҷолибе дорад. Алалхусус, ба ғазал ва тарона нигоҳи ӯ хеле воқеона афтодааст. Бояд гуфт, ки муаллиф шаклҳои шеъриро аз ҳам фарқ нагузоштааст. Ӯ вақте ки ғазал мегӯяд, ғазалро ҳамчун шакли шеърӣ дар назар надошта, онро абёти ошиқона медонад. Дар ҳақиқат пеш аз Унсурулмаолӣ ва дар замони ӯ ғазал аз ҷиҳати шакл пурра инкишоф наёфта буд. Танҳо дар замони Шайх Саъдӣ ғазал маънову мавзӯи имрӯзаи худро дарёфт намуд. Аз ҳамин ҷиҳат, мақсади Унсурулмаолӣ аз ғазал ҳамон суханоне аст, ки дар мавриди ситоиши маҳбуба, тавсифи ҳусну ҷамол ва сифатҳои дилбарон, ишқу ошиқӣ гуфта мешавад. Вақте муаллиф «тарона» мегӯяд, дар назар дорад сурудҳои гуногуни хурсандиовар ва нишотомезро, ки дар тӯйҳо ва маҳфилҳо хонда мешуданд. Дар баробари ғазалу тарона муаллиф аз мадҳу марсия ҳаҷв ва зӯҳд низ сухан мегӯяд.

Муаллиф дар навиштани ғазалу тарона мувофиқи мазмуни шӯрангези онҳо суханони ҷозибу латиф ва дорои қофияҳои хубу маъмулро тавсия дода, аз калимаву ибораҳои дурушти арабӣ дурӣ меҷӯяд. Баръакс барои табъу завқи шунавандаву хонандаро боло бардоштан истифодаи масалҳои нозуку суханони ошиқонаро лозим мешуморад. Аз суханони муаллиф боз он чиро метавонем фаҳмем, ки дар замони ӯ дар ашъори ошиқона ва лирикӣ истифодаи ибораву калимаҳои муғлақи арабӣ маъмул набудааст ва сабабаш низ дар он аст, ки он ба табъи мардум номатбӯъ меафтодааст. Ва метавонем вазъи адабӣ ва иҷтимоии он давраро низ аз ин ва дигар нуктаҳое, ки муаллиф дар асар иброз доштааст, то андозае муайян созем. Адиб дар мавриди ғазалу тарона мегӯяд: «Агар ғазалу тарона гӯй, саҳлу латиф ва тар гӯй ва ба қавофии маъруф гӯй. Тозиҳои сарду ғариб магӯй, ҳасби ҳолҳои ошиқона ва суханҳои латиф ва амсолҳои хуш ба кор дор, чунон ки хосу омро хуш ояд, то шеъри ту маъруф гардад» [4, с. 190].

Ҷое дигар мегӯяд: «Ва марсияти дӯстон ва мӯҳташамон низ воҷиб дор. Аммо ғазалу марсият аз яке тариқ гӯй ва ва ҳиҷову мадҳ бар як тариқ. Агар ҳиҷо хоҳӣ гуфтан ва надонӣ, ҳамчунон ки касеро дар мадҳ ситоӣ, зидди он мадҳ бигӯӣ ва ҳар чи зидди мадҳ бувад, ҳиҷо бошад ва ғазалу марсият ҳамчунин» [4, с. 191].

Баъди он ки муаллиф ба андӯҳи дӯстон ва одамони обрӯманд шарик шуданро воҷиб мебинад, дар ин замина мушкилиҳои шоирӣ ва дар он дақиқназар буданро таъкид мекунад. Мақсади муаллиф он аст, ки ҳар як сухани шоир бояд бар ҷой гуфта шавад, вагарна он натиҷаи баръакс медиҳад. Ӯ дар баробари он ки шеъри ҳаҷвиро зарур мешуморад, лозим намедонад, ки шоир ба он зиёд шуғл варзад, зеро ки рисолати шоирӣ маҳдуд нест ва ҳаҷв мавриди худро дорад. Албатта, адиб аз он огоҳ мекунад, ки ҳаҷв гуфтан на ҳамеша таъсири мусбат мерасонад. Дар таърихи адабиёти мо шоироне буданд, ки бо ҳаҷв намудани шахсе ё гурӯҳе мансабдор ба ҷони худ хатар оварда буданд. Аз ҷумла, Фирдавсӣ, ки Султон Маҳмудро ҳаҷв карда буд ё Ҳилолӣ ва дигарон. Чун Унсурулмаолӣ мехост, ки фарзандаш ҳаматарафа аз ҷузъиётҳои зиндагӣ бохабар бошад, то ҷое дар намонад, ин суханон ба ҳамон хотиранд: «Ва ҳиҷо гуфтан одат макун, ки “ҳамеша сабӯй аз об дуруст наояд”. Адиб баръакс ашъори динӣ ва орифона гуфтанро талқин мекунад, ки ин аз диндории ӯ ҳувайдост: «Аммо бар зӯҳд ва тавҳид, агар қодир бошӣ, тақсир макун, ки баҳри ду ҷаҳонат некӯӣ расад» [4, с. 191].

Ҳамин нукта дар бобати шеър мавҷуд аст, ки беҳтарини шеър дурӯғтарини он аст. Дар ҳақиқат дар шеър воқеият дар шакли муболиғаву иғроқ ва тасвирҳои ғайриҳақиқӣ таҷассум меёбад. Адиб ҳарчанд ба ин қоил аст, аммо намеписандад, ки шеър тамоман аз воқеияти тасвир дур равад: «Ва андар шеър дурӯғ аз ҳадд мабар, ҳарчанд дурӯғ дар шеър ҳунар аст» [1, с. 191].

Яке аз масоиле, ки адиб хеле ҷиддӣ аз он сухан мегӯяд, гуфтани мадҳия мебошад. Дар адабиёти муқаддами форсу тоҷик мадҳ яке аз мавзӯъҳоест, ки дар тамоми даврахои

он мавҷуд буд. Қариб тамоми шоирон, аз устод Рӯдакӣ ва пеш аз ӯ ин тараф, мадҳияҳое дар ҳаққи адибон, меҳташамон, шахсони мансабдор, фозилон... сурудаанд. Ҳаминро гуфтан ҷоиз аст, ки аглаби чунин шеърҳо ба хотири мукофот ва музд ситонидан аз мансабдорон гуфта мешуданд. Ҳамаи мадҳияҳо якзайл набуда, дар онҳо тавсифшаванда бо сифатҳои гуногун зуҳур мекард. Гоҳе ин тавсифҳо то андозае ба ҳақиқат наздик буданд, гоҳо ба ақл намегунҷиданд. Чун Унсурулмаолии Кайковус худ амирзода буд, сари ин масъала зиёдтар таваккуф намудааст. Ӯ пеш аз ҳама дар мадҳ онро меписандад, ки мамдӯҳ арзандаи он бошад: «Касеро, ки ҳаргиз корде дар миён набаста бошад, магӯй, ки ту ба шамшер шер афканӣ ва ба найза кӯҳи Бесутун бардорӣ ва ба тир мӯй бишкофӣ. Ва он ки ҳаргиз ба чизе нанишаста бошад, асби ӯро ба Дулдул ва Буроқу Рахшу Шабдез монанда макун. Бидон, ки ҳар касеро чӣ бояд гуфтан» [4, с. 191].

Адиб мегӯяд, ки дар мадҳ худро дар назди мамдӯҳ паст задани шоир ба пастҳимматии ӯ оварда мерасонад. Агар мамдӯҳ ба он арзанда набошад, худро бандаву хидматгор хондан ҳимматро паст мекунад: Ва ҳақирҳиммат мабош. Дар ҳар қасида худро бандаву ходим махон, илло дар мадҳе, ки мамдӯҳи он арзад» [4, с. 191].

Унсурулмаолӣ баъд аз он ки оид ба истифодаи арӯз, баҳру вазнҳои гуногун, санъатҳою шаклҳои шеърӣ фикрашро баён медорад, ба навшоирон маслиҳати хуби эҷодӣ медиҳад. Нуктаҳое, ки ӯ мегӯяд, дар роҳи эҷодӣ ба навқаламон ва инчунин ба шоирони қаламашон равон аҳамиятноканд. Огоҳии Унсурулмаолӣ аз кори шоирӣ, назари фарохи ӯ ба эҷоди шеър аз гуфтаҳои зерини ӯ баръало дида мешаванд:

«Ва ҳар чи гӯӣ аз ҷаъбаи хеш гӯй. Гирди суханони мардумон магард, ки он гоҳ табъи ту кушода нашавад ва майдони шеъри ту фарох нагардад ва ҳам бад-он дараҷа бимонӣ, ки аввал буда бошӣ. Бале чун бар шоирӣ қодир шудӣ ва табъи ту гушода ва моҳир гашт, агар аз ҷое маънии ғариб шунавӣ ва туро он хуш ояд, хоҳӣ, ки баргирӣ ва дигар ҷой истеъмол кунӣ, мукобара макун. Биайниҳӣ ҳам он лафзро ба кор мабар. Агар дар мадҳе маънӣ бувад, худ дар ҳаҷве ба кор бар ва агар дар ҳаҷве бувад, дар мадҳе ба кор бар. Ва агар дар ғазал шунавӣ, дар марсияте ба кор бар ва агар дар марсияте шунавӣ, дар ғазал ба кор бар, то касе надонад, ки он аз куҷост» [4, с. 192]. Он чи муаллиф дар боло мегӯяд, нуктаи назари худи ӯро оид ба шоирӣ дар бар мегирад. Он ҷо, ки ӯ аз хусуси гирифтани маънӣ аз ашъори дигар сухан мегӯяд, набояд онро ба маънои манфӣ фаҳмид. Дар ин ҷо мақсад сирқати шеър набуда, нозукии шоирӣ аст, ки ҳар кас аз еҳдаи он баромадан наметавонад. Аз ин ҷост, ки муаллиф қаблан таъкид мекунад, ки «чун бар шоирӣ қодир шудӣ...».

Боби сиву шашуми асар - «Дар ойин ва расми хунёгарӣ» давоми мантиқии боби шоирӣ буда, алоқаи зиче бо он дорад. Дар боби мазкур дар баробари он ки адиб шарту шароити хунёгариро баён медорад, ба мавқеи шеъру навъҳои гуногуни вазну оҳанг дар он диққати ҷиддӣ медиҳад. Дар ин боб нозукиҳои мутрибӣ дар замони адиб инъикос ёфтаанд. Мавриди диққати муаллиф дар масъалаи мутрибӣ асосан тобеияти мутриб ба шунаванда аст. Яъне монанди он ки шоирӣ дар замони ӯ касб буда, аз пушти он шоирон (махсусан, шоирони дарбор) нон меҳӯрданд, мутрибӣ низ ҳамчунон аст. Мутрибон бо пешаи худ дар дарбор, дар маъракаҳо ва маҳфилҳо ҳунарнамоӣ карда, мувофиқи истеъдоду завқи худ ва ҷой ёфтан дар завқи сомеъон, ба гуфтаи адиб, “сим ҳосил мекарданд”. Маҳз ин ҷиҳати масъала бештар мавриди диққати муаллиф қарор мегирад. Аз ин рӯй, ӯ ҳунари асосии мутрибро дар дарк намуда тавонистани дили сомеъон ва чӣ гуна завқ доштани онҳо мебинад: «Хунёгарро бузургтарин ҳунаре он аст, ки бар табъи мустамеъ равад» [4, с. 196].

Унсурулмаолии Кайковус то ҷое баъзе ҷиҳатҳои алоқамандии вазну мусиқиро мувофиқи огоҳии худ аз мусиқӣ баён медорад. Ӯ дар баробари он ки аз ҳунари хунёгарӣ, чӣ гуна мизоҷу одат доштани хунёгар, дараҷаи рӯҳияшиносии ӯ, шартҳову тарзҳои мутрибӣ сухан ба миён меварад, нақши суруду вазнҳои гуногуни шеъриро ба эътибори хосса гирифтааст. Аввалан ин ҳамбастагиро дар он дидаву мегӯяд, ки «хунёгарон ровиёни шоиронанд, на ровиёни хеш». Вазн дар мусиқӣ, чунон ки дар шеър аҳамият дорад, сераҳамият аст. Агар суруд аз шоирони касбӣ набошад, хоҳу нохоҳ дар маънӣ ё вазни мусиқӣ норасоӣ ба вуҷуд меояд. Ин хусусияти шеъри тоҷикӣ аз он замон то имрӯз тағйир наёфтааст ва сароянда агарчи санъату маҳорати олӣ дошта бошад ҳам, чун матнаш аз ҷиҳати вазн ҷое хароб бошад, наметавонад он суруд дар байни аҳли фаҳм маҳбубият пайдо кунад.

Унсурулмаолӣ ба вазни суруд аҳамияти махсус медиҳад: «Ва низ суруде, ки омӯзӣ, завқ нигоҳ дор ва ғазалу таронаи бевазн магӯй ва маёмӯз, ки он гаҳ сурудат ҷойгир набувад, балки сурудат ҷои дигар буваду захма ҷои дигар» [4, с. 195].

Ӯ вазни сурудҳоро вобаста ба дар куҷо хондани суруд ва барои кӣ хондани он муайян мекунад. Масалан, ӯ барои табъи пирону солхӯрдагон вазнҳои гарони шеърӣ, барои ҷавонон вазнҳои хафиф, яъне вазнҳои сабукро муносиб медонад. Мавриди андеша он аст, ки муаллиф барои занону кӯдакон ва мардони латифтабътар таронаро тавсия медиҳад то бихонанд. Ӯ тарона гуфта вазнҳои латифу дилкашро дар назар дорад, аммо он вазнҳо аниқ гуфта нашудаанд. Чун мақсади муаллиф аз асар танҳо роҳнамоӣ аст, шояд аз ин сабаб баъзе масъалаҳои ба миён гузоштаи ӯ бо ҷузъиёташ таҳлил нашудааст.

Ба ҳамин тариқ, он бобҳое, ки дар “Қобуснома” ба шеъру мусиқӣ бахшида шудаанд, қабл аз ҳама, ба хотири ташаккули маърифати инсонҳо иншо шудаанд. Ин бобҳо инчунин мавқеи муаллифи асарро дар бобати шеъру шоирӣ муайян мекунанд. Назари иҷмолие ба онҳо собит менамояд, ки адиб дар шинохти илми арӯз, санъатҳои гуногуни бадеӣ, ҳолату рӯҳияи шеърнависӣ, истифодаи вазнҳои муносиб дар хунёгарӣ дасти комил дорад. Дар амал низ адиб ашъори хубе сурудааст, ки дар дохили асар ҷо-ҷо аз онҳо овардааст.

Адабиёт:

1. Девонақулов А. «Қобуснома» ва хусусиятҳои асосии он // Мактаби советӣ, 1968, № 5. - С. 32-37.
2. Наимбоев С. «Насиҳатнома» ва омӯзиши шеър // Газетаи муаллимон. – 1981. - 23 июн.
3. Унсурулмаолӣ Кайковус. Қобуснома / Ба чоп ҳозиркунанда М. Муллоаҳмадов. - Душанбе: Маориф, 1979.
4. Унсурулмаолии Кайковус. Қобуснома / Бо эҳтимом ва тасҳеҳи Ғуломҳусайн Юсуфӣ. - Теҳрон, 1378.
5. Унсурулмаолӣ Кайковус. Насиҳатнома / Ба чоп тайёркунанда А. Девонақулов. - Душанбе: Ирфон, 1968.

ВОПРОСЫ ПОЭЗИИ, МУЗЫКИ И АРУЗ В «КАБУСНАМЕ» УНСУР АЛЬ-МААЛИ КЕЙ-КАВУСА

В данной статье автор рассматривает взгляды Унсур аль-Маали Кей-Кавуса на поэтику, аруз и музыку на основе его сочинения «Кабуснаме». Выявлено, что писатель имел большые знания в области науки об арузе, разных видов искусства, состояние и морали во время написания песни, использование стилей во время сочинения и исполнения музыки. Главы «Кабуснаме», которые посвящены вопросами поэтики и музыки, свидетельствуют об этом, и они, прежде всего, написаны для формирования мыслей отдельных людей.

Ключевые слова: таджикская литература, «Кабуснаме», поэзия, аруз, музыка, связь между поэзией и музыкой.

POETRY, MUSIC AND ARUD QUESTIONS IN UNSUR AL-MAALI KEIKAVUS’S "QABUSNAMEH"

The author explores Unsur al-Maali Keikavus’ views on poetics, arud (prosody) and music based on his essay "Qabusnameh" in this article. It was revealed that the writer had a great experience in the field of knowledge of the science of arud, different kinds of fine arts, condition and morals during writing songs, the use of style of while writing and playing music. The chapters of "Qabusnameh" those devoted to questions of poetics and music certify about it and they are primarily written for the formation of the thoughts of individuals.

Keywords: Tajik literature, "Qabusnameh", poetry, arud, music, the relationship between poetry and music.

Сведения об авторе: Муборакиён С. М., директор научно-инновационного центра Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни, e-mail: mseddiq@mail.ru

About author: Muborakiyon S. M., director of scientific and innovation center of the Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni

СТИХОТВОРЕНИЯ МИРЗО ТУРСУН-ЗАДЕ НА КЫРГЫЗСКОМ ЯЗЫКЕ (НА ПРИМЕРЕ ПРОИЗВЕДЕНИЙ «ВИСЯЧИЙ САД», «ЗАПАДНЫЙ ГОСТЬ», «ШЛЯПА ПРОФЕССОРА АХВЛЕДИАНЫ»)

Чотикеева К. Ш.
Ошский государственный университет, медицинский колледж

Во время поездки в Индию Мирзо Турсун-заде увидел с восхищением много того, что и во сне не привидится. Так, например, в Бомбее им показали огромное дерево, растущее в водоёме. Оказалось, что дерево растёт на крыше дворца шаха, а дерево внизу – лишь его отражение. Огромные ветви этого дерева похожи на тигров, слонов и других животных, а из листьев нарисованы различные картины:

Из ветвей, как живые,
изваяны львы и слоны,
Птицы сказок старинных
из листьев изображены... [1, с. 77].

Вся эта красота была разрушена огромным кораблём, зашедшим в гавань.

Вдруг железный корабль чужеземный
с заката приплыл
И тяжелой броней
отражение сада разбил [1, с. 77].

Эта деталь имеет огромной важности подтекст. Железный корабль символизирует английских колонизаторов, которые разрушили своей военной мощью многие достопримечательности и природные красоты Индии.

Если же обратиться к переводу этого произведения, то без предварительного ознакомления с оригиналом никто не сможет понять, о чём идёт здесь речь. Можно подумать, что это не перевод, а самостоятельно написанное стихотворение.

Арасынан булуттай жалбырактардын
Жымыңдашат **ак айдай тунук беттер**,
Учуп жүргөн канаттуу көп ырлардын
Арасында болууну жүрөк эңсер.
Тилик-тилик укмуштай жалбырактар
Чырмалышкан, өрүлгөн жашыл сүрөт.
Кандай сонун фонтандар, ыйык жайлар,
Көргөн кезде жүрөгүң болк дей түшөт [2, с. 21].

Нелишним, нам представляется, дать подстрочный перевод, чтобы удостовериться, насколько далёк этот фрагмент от оригинала:

Среди ветвей, напоминающих облака,
Улыбаются **ясные, как белая луна, лица**.
Среди множества **летающих здесь** песен
Сердца мечтают рядом полетать.
Разрезные чудесной красоты листья
Сплетены в зелёные картины.
Какие прекрасные фонтаны, святые места,
При их виде сердца бьются в упоеньи.

Несложно заметить, что здесь от оригинала, его мыслей и чувств ничего не осталось. Не спорим, переводчик имеет право на добавления чего-то своего, углубления содержания переводимого произведения и тогда появляется перевод конгениальный или равный оригиналу. Но частенько “добавления”, “отсебятина” выглядят как язвы на теле прокажённого. Пример, приведенный нами выше, и является такой язвой.

В советские времена в издательствах работали редакторы, которые проводили значительную работу с текстом и его автором для улучшения качества книги. Здесь, судя по результатам, у редактора не хватило ни сил, ни времени, ни уровня подготовки, чтобы скрупулёзно сравнить оригинал и его перевод.

В цикле ***“Индийская баллада***” есть стихотворение “Западный гость”, которое переведено как “Гость, прибывший с запада”. Т. Уметалиев использовал здесь форму, так называемого “свободного” перевода, т.е. взял только содержание оригинала и создал новое стихотворение. Так работал Алыкул Осмонов, когда создавал свой конгениальный оригиналу перевод “Витязя в тигровой шкуре”. В своё время В.А.

Жуковский и А.С. Пушкин тоже часто использовали “свободный” перевод. Вот, что писал об этом А.В. Фёдоров в своём учебнике: “Переводы и переделки Пушкина совершенно чужды буквальности. Переводы его из французских поэтов XVII, XVIII веков скорее даже представляют собой спор с авторами подлинников: Пушкин сокращает, переделывает, перестраивает художественно-незначительные по темам стихи Парни и эпиграммы как бы для того, чтобы показать, как по-настоящему следует обработать ту же мысль, тот же сюжет, придав им пафос или остроту” [3, с. 52].

Здесь не следует понимать, что перевод Т. Уметалиева оказался лучше, чем вариант прекрасного переводчика В. Державина с таджикского языка на русский. Речь идёт лишь о том, что кыргызский переводчик осуществил свободный перевод.

К примеру, в русском тексте после слов:

Ты никогда не слышал древних слов,
Старинных о Бенгалии стихов? [4, с. 65].

Идёт перечисление того, что увидел Мирзо Турсун-заде в этом сказочном уголке земли. Т. Уметалиев, как мы уже упоминали, даёт свой весьма изящный вариант:

Бенгалияда өмүрүндө болбосоң,
Көрбөгөнсүң мындай укмуш асманды:
Көгүш-кызгылт түр таңгалтат башканы,
Бенгалиянын жайдын күнкү асманы...
Дүйнөдөгү ашкан бийик чокулар,
Дүйнөдөгү эң тез аккан шар суулар,
Түптүз терең капчыгайлар, жер куйлар,
Жылдыз сызып элик качкан ашуулар,
Аралашып булуттарга учкан куш да,
Мунун баары аппак чачтуу Гиндикушта [2, с. 11].

Вот в таком ритме идёт повествование, местами повторяя оригинал, но чаще выходя за его рамки.

Есть в стихотворении и образ иностранного капиталиста:

Он просто Индии на шею сел
И все прибрал к рукам, что захотел.
Взял шёлк и хлопок, обездолил край,
У земледельца отнял урожай.
Взял дорогие бивни у слонов,
Лепешку вырвал из голодных ртов:
Кровь у народа высосал из жил,
Двойным ярмом миллионы придушил [1, с. 67].

Примерно в таком же ключе описывается хищник-колонизатор и в переводе:

Ал жат адам эл аралап баратат,
Ага болсо карап турган эл да жат.
Аралаган базарларды, көрүстөндү,
Кайырчынын кайырчысы ал эмеспи?
Ошол өзү мунжулардын мунжусу,
Иштегенге жетпейт анын каруусу,
Шилтей албай карыш жерге кадамды.
Токуп минип эки буттуу адамды,
Үмүт кылган бечаранын нанынан.
Тартып алган тоону, тузду, талааны,
Койбой алган пахта, күрүч, бананды.
Бирок жерди бийлей албайт эч качан.
Ээлей да албайт, тура да албайт качпастан [2, с. 14].

Последние оптимистически звучащие строки характерны и для оригинала:

Но власть его, хотя еще сильна,
Историей на смерть обречена [1, с. 69].

В 1949 году пала двухсотлетняя колонизаторская власть англичан, народ Индии обрёл долгожданную свободу и получил возможность развиваться как суверенная страна.

Шесть стихотворений из сборника **“Индийская баллада”**, о которых выше мы вели речь, перевёл на кыргызский язык Т. Уметалиев, а остальные стихотворения – К. Акаев.

Все произведения этого цикла, кроме стихотворения **“Тадж-Махал”,** посвящены осуждению колониального гнёта народа Индии.

Так, в небольшом сюжетном стихотворении **“Шляпа профессора Ахвледиани”** рассказывается о закрытой английской военной базе в Персидском заливе. На её территории колонизаторы тайно добывают нефть, но хранят это в тайне. Иногда самолёты садятся здесь, чтобы сделать дозаправку, пассажиров отвозят в закрытом автомобиле до отеля, что всего в ста метрах от взлетной полосы. Это всё делается, чтобы люди не видели территорию военной базы. В стихотворении описывается случай, когда у профессора Ахвледиани, ожидающего машину, ветер срывает шляпу с головы. Он бросается за ней, но майор в форме преграждает ему путь. Только глубокой ночью шляпу профессору привозят в гостиницу.

Вот таков непритязательный сюжет стихотворения. Перевод К. Акаева передаёт в основном содержание, но, к сожалению, и он не лишён недостатков. Даже начало произведения, казалось бы ясное и понятное, в переводе оказалось вовсе уж непонятным:

Под мерное гудение мотора
Вели мы в южном небе разговор.
Беседовали обо всем:
О звездах и пространстве – астроном… [1, с. 81].
Түштүктүн тилчилери ортого алып,
Киришкен астрономдор сөзгө канып.
Аткан таң жакут таштай жаркырайт деп,
Акыныҥ тарыхчыны ишентти тек [2, с. 27].

В подстрочном переводе на русский язык эти четыре строки обретают вовсе непонятный характер, воспринимаются как абракадабра:

Посадив в середину южных лингвистов,
Завели горячий разговор астрономы.
В том, что рассветы сверкают, как яхонты,
Сразу твой поэт убедил историка.

В оригинале пассажиры самолёта ведут разговор на разные темы, в том числе и об астрономии. Среди пассажиров есть и пожилой лингвист Ахвледиани. О том, что ветер сорвал с его головы шляпу рассказывает лирический “я”. В переводе вдруг появляется совершенно отсутствующая в оригинале информация:

Көптү көргөн, көптү билген билерман,
Биз бараткан аба кораблин караган.
Түркүн түстүү халатын алып жамынды,
Эски сөзүн жаҥыча айтып ашынды [2, с. 27].

Подстрочный перевод:

Много видел, много знает знаток,
Владелец воздушного судна, на котором мы летим.
Он укрылся своим разноцветным халатом
И торопливо старые слова сказал на новый лад.

В оригинале, конечно, нет “разноцветного халата”, которым укрылся “знаток и владелец воздушного судна”. А выделенная полужирным шрифтом строка вовсе не отвечает синтаксису кыргызского языка. Такое же “неправильное” предложение, необходимое переводчику только для рифмы, вновь появляется в сцене, когда ветер уносит шляпу профессора:

Эҥ абал болгон ишке буруп оюн,
Майороҥ окумуштуунун тосту жолун [2, с. 29].

Подобные примеры откровенной “халтуры” можно продолжать находить в этом небольшом тексте, что свидетельствует, мягко говоря, о художественной несостоятельности перевода.

Литература:

1. Мирзо Турсун-заде. Избр. произведения в 2-х томах. т. 1.– М.: ХЛ, 1985.
2. Мирзо Турсун-заде. Достук закону [Текст] /Мирзо Турсун заде. – Ф.: Кыргызмамбас, 1934.
3. Федоров А.В. Введение в теорию перевода. – М., 1958.
4. Мирзо Турсун-заде. Избр. произведения в 2-х томах. т. 2. – М.: ХЛ, 1985.

СТИХОТВОРЕНИЯ МИРЗО ТУРСУН-ЗАДЕ НА КЫРГЫЗСКОМ ЯЗЫКЕ (НА ПРИМЕРЕ ПРОИЗВЕДЕНИЙ «ВИСЯЧИЙ САД», «ЗАПАДНЫЙ ГОСТЬ», «ШЛЯПА ПРОФЕССОРА АХВЛЕДИАНЫ»)

В статье автором рассматриваются художественные переводы, связанные с особенностями переводчика, специфичностью менталитета и образного мышления разных народов. Кроме того впервые подвергнуты анализу переводы стихотворений поэта Востока М.Турсун-заде.

Ключевые слова: языковые особенности, образное мышление, художественный перевод, литературные традиции, оригинальность творчества.

TURSUN-ZADE'S POEMS IN THE KYRGYZ LANGUAGE (ON AN EXAMPLE "HANGING GARDEN", "THE WESTERN GUEST", "A HAT OF PROFESSOR AKHVLEDIANA")

In article the literary translations connected with features of the translator, specificity of mentality and figurative thinking of the different people are considered by the author.

Keywords: language feature, creative thinking, literary translation, literary tradition, originality creativity.

Сведения об авторе: Чотикеева Канышай Шариповна, старший преподаватель медицинского колледжа Ошского государственного университета, e-mail: mulloev_sharif@mail.ru

About author: Chotikeeva Kanishay Sharipovna, senior lecturer of the College of Medicine at Osh State University

САРЧАШМАҲОИ ҚИСМИ ШУАРОИ АҶАМ, ФОРС ВА ХУРОСОНИ ТАЗКИРАИ “ХАРИДАТ АЛ-ҚАСР ВА ҶАРИДАТ АЛ-АСР”-И ИМОДУДДИНИ ИСФАҲОНӢ

Рачабова М.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Яке аз тазкираҳои муҳиму арзишманди садаи дувоздаҳум “Харидат ал-қаср ва ҷаридат ал-аср”-и адибу донишманди барҷаста Имодуддини Исфаҳонӣ ба шумор меояд, ки роҷеъ ба ҳавзаҳои адабии нимаи дувуми садаи XI ва қарни XII, рӯзгору эҷодиёти шоирони аҳди мазкур ахбори судмандеро бозтоб менамояд. Тазкира ба шеваи гузиданависӣ шарҳи ҳоли олимони чаҳор минтақаи олами ислом, яъне Ироқу Араб, аҳли Форс ва билоди Аҷам, Шому Ҳиҷоз ва Яману Миср тадвин шудааст. Қисми шуарои Аҷам, Форс ва Хуросони асар низ аз муҳимтарин масодири шинохти шуарои арабизабони Хуросону Мовароуннаҳр ба шумор меояд.

Зимни мутолиаи Қисми шуарои Аҷам, Форс ва Хуросон метавон дарёфт, ки Имод дар он ба ду масдари асосӣ такя кардааст:

1. Истимоъ ё ривояти шифоҳӣ аз худи шуаро ва ё ровиёни аз онҳо нақлкунанда.

2. Суҳуф ва ё китобатҳое, ки дар он ашъори эшонро қироат намудааст. Ба ин гурӯҳ метавон девонҳову мусаннафотеро, ки дар онҳо аҳволу осори шуаро сабт ёфтааст, дохил намуд.

Дар навбати худ масдари якум боз ба ду навъ тақсимбандӣ шудааст: навъи истимоъ ё ривоят аз худи шуаро, ки мисоли онро дар шарҳи рӯзгору эҷодиёти Адиб Шошӣ метавон ба мушоҳида гирифт, ки Имоди Котиб дар БаҒдод ба сӯҳбати ӯ шарафёб гардидаву бо хати худаш ашъорашро дастрас намудааст. Ҳамзамон муаллифи тазкира дар Исфаҳон ба дидори Шамсуддин Абулмакорим мушарраф гардидаву ҳар ҳафта рӯзи чаҳоршанбе дар маҷлиси ваъзи ӯ ширкат намуда, ашъорашро бо хати худаш дарёфт кардааст.

Навъи дувуми масдари аввал истимоъ ё ривоят аз як ровии миёни ӯву шоир мебошад, ки аксариятро ташкил менамоянд. Намунаи барҷастаи он зиндагиномаву эҷодиёти Абӯ Наср Қушайрӣ мебошад, ки муаллиф сарчашмаи ахбори худро чунин матраҳ кардааст: “Ашъори ӯро аз Исомуддин Умар ас-Саффор, ки ҳангоми сафари ҳаҷ ба БаҒдод ворид гашта буд, рӯйнавис кардам. Дар назди ӯ соли 542 ҳ. китоби “ат-Тайсир ли-т-тафсир”-и Абӯ Наср ал-Қушайриро омӯхтам. Ӯ гуфт: Имом Абӯ Наср ал-Қушайрӣ ашъори зерини худро бароям қироат кард” [14, с. 66]. Дар мавриди бархе аз шуаро мусанниф ишора ба он намудааст, ки ашъорашро аз асотиди худ китобат

намудааст. Мисоли равшани он Амидулмулк Абӯ Наср Кундурӣ, Алӣ ибн Абулҳасан Фанчукирдӣ, Абӯ Абдуллоҳ Устувоӣ, Идрис ибн Алӣ ибн Идрис Баййорӣ маҳсуб мешавад, ки бино ба нигоштаҳои Имод ашъори ӯро аз устодаш Абдурраҳим ибн Ихват Бағдодӣ навишта гирифтааст [14, с. 62]. Дар канори ин, дар мавриди шоири ҳиротӣ – Абӯ Исмоил Ҳаравӣ тазаккур сохтааст, ки ахборашро аз устоди худ Абулфатҳ Абдулмалик ибн Абдуллоҳ ал-Карухӣ (462/1070-548/1154) дастрас намудааст [14, с. 59]. Абӯ Саъд Самъонӣ ахбори ӯро чунин овардааст: “Абулфатҳ Абдулмалик ибн Абулқосим Убайдуллоҳ ибн Абӣ Саҳл ибн ал-Қосим ибн Абӣ Мансур ибн Мох ал-Карухӣ аз аҳли Ҳирот ва аслаш аз Карух буда, шайхи сахӣ ва ботақво маҳсуб меёфт. Ӯ муддате дар Бағдод маскун гардида буд. Ман аз ӯ дар Бағдод дарс гирифтаву дар наздаш “ал-Ҷомиъ”-и Абӯ Исо ат-Тирмизиро пурра хонда будам. Ҳамроҳи ман гурӯҳи калоне таҳсил мекарданд. Баъдан шунидам, ки ӯ ба Макка рафта, дар он ҷо то вафоти худ боқӣ мондааст.Вафоти ӯ дар таърихи 548 ҳ. пас аз адои ҳаҷ сурат гирифтааст. Мавлудаш дар Ҳирот соли 462 ҳ. ба вуқӯъ пайвастааст” [11, с. 409-410]. Ибн Ҷавзӣ Карухро мавзеъе даҳ фарсах дуртар аз Ҳирот хондааст [2, с. 92]. Бар мабнои ахбори сарчашмаҳо–Абулфатҳ Абдулмалик ибн Абдуллоҳ ал-Карухӣ ровии масҷиди Тирмизӣ дар Макка маҳсуб меёфт [8, с. 50; 11, с. 409-410; 1, с. 393; 6, с. 273].

Ҳамин хасоисро дар масодири дувум низ метавон ба мушоҳида гирифт. Ба он метавонад ё девони шуаро ё мусаннафоти шарҳи аҳволу осори онҳо шомил бошад. Дар мавриди девонҳо ҳамин нуктаро бояд афзуд, ки Имод дар қиёс бо ҳам беҳтарини ашъори эшонро баргузидаву маъонии қобили таваҷҷуҳ ва ё афкори ихтироъкоронаи онҳоро бозгӯ намудааст. Аз девонҳои мавриди руҷӯи муаллиф дар ин қисм қароргирифта метавон девони Абулҳасан Бохарзӣ, ки Имод онро бо хати худи муаллиф қироат кардааст, девони Рашидуддини Ватвот ва девони Абӯ Музаффар Абевардӣ мавсум ба “ал-Ироқиёт” ва “ан-Начдиёт”-ро мутазаккир шуд. Шоёни таваҷҷуҳ аст, ки ахбори Имод дар шинохти эҷодиёти онҳо арзиши баландро соҳиб гардидааст. Фузун бар ин, баргузидаи муаллифи тазкира аз девони ин шуаро дар баъзе маворид хеле зиёд ба мушоҳида мерасад, ки ин дар таъйин сохтани арзиши девонҳои онҳо низ мусоидат мекунад.

Ба ин навъи девонҳо метавон маҷмӯаи “Фароид аш-шаворид фи-л масодир ва-л-маворид”-и Шамсуддин Абулмакорим Аҳмадшоз, ки дар он қасоиди “Золиёт”-ро гирдоварӣ намудааст, шомил намуд. Мусаннифи тазкира аз ин маҷмӯа баҳрамандӣ пайдо карда, дар шарҳи ҳол ва қасоиди золияи бархе аз шуаро онро ба кор гирифтааст. Аз ҷумла, зимни бозгӯи рӯзгори Умар ибн Усмон Котиби Ғазнавӣ баҳои муаллифи асарро ба ашъори шоир иқтибос намудааст [14, с. 155-156]. Гузашта аз ин, қасидаи золияи Абдулвосеъ Ҷабалиро дар мадҳи Аҳимшоз Абдуссалом аз он дастрас намудааст [14, с. 27-30]. Бино ба ахбори Имод ӯ бо дархости муаллиф қасидаи золиёт низ эҷод кардааст, ки ба китоби мазкур ворид гардидааст.

Дар канори ин, маҷмӯаи ашъори шуаро–“Зийнат ад-даҳр”-и Абулмаъолӣ Ҳазириро низ ба чунин осор маҳсуб намуд, ки дар он намунаи бисёре аз ашъори шуаро тадвин гардидааст. Дар мавриди шеъри Абулҳасан Муҳаммад ибн Абдуллоҳ Ҳусайнӣ Балхӣ ишора намудааст, ки шеъри ӯро дар Бағдод аз Абулмаъолӣ Кутубӣ шунидааст [14, с. 83]. Имод зимни шарҳи рӯзгору ашъори Абӯ Алӣ Ҳасан ибн Абдуллоҳ Усмонӣ Нишопурӣ ба он чунин ишора кардааст: “Шеъри ӯро аз Шайх Абулмаъолӣ ал-Ҳазирӣ шунидам ва аз хати Абулмаъолӣ ривоят кардам” [14, с. 89]. Фузун бар ин, дар ҷои дигар таъкид доштааст, ки ашъори Абӯ Зайд Муҳаммад ибн Аҳмад Кашширо аз маҷмӯаи Шайх Абулмаъолӣ Кутубӣ Ҳазирӣ Варроқ пайдо намудааст [14, с. 166]. Ахбору ашъори Абулфатҳ Абдулкарим ибн Аҳмад Ҳотамӣ, Абулмаҳосин Муҳаммад ибн Юсуф ибн Абулқосим Шоширо низ Имод бар мабнои маҷмӯаи Абулмаъолӣ Кутубӣ Ҳазирӣ Варроқ пайдо кардааст [14, с. 210-211].

Ашъори Абулҳасан Байҳақиро мусаннифи тазкира аз китоби ӯ “Вишоҳ “Думят ал-қаср” иқтибос намуда, ҳамзамон тазаккур сохтааст, ки як нусхае аз он дар Хуросон мавҷуд аст [14, с. 98].

Имод аз маҷмӯаҳои мазкур ба касрат истифода кардааст, аммо худи он китобҳо то кунун дар шумори осори мафқудӣ қарор дорад. Ба ин навъ аз девонҳо метавон он руқъаотеро, ки муаллифи тазкира онҳоро фаровон ба кор гирифтааст, шомил намуд. Ончунонки дар бештари маврид гуфтааст: “Бароям аз шеъри ин шоир қасидае бо хати худи ӯ дастрас гардид” ё худ дар ҷои дигар “Фалонӣ бо хати муаллиф қасидаеро бароям

эҳдо кард” ё дар ҷои дигар “Фалонӣ қитъае аз шеърашро бароям тақдим дошт” ва монанди инҳо.

Аммо навъи дувуми ин масдар мусаннафотест, ки Имод дар баррасии аҳволу осори шуаро ба он руҷӯъ намудааст. Ӯ аҳёнан бо овардани ривояти он масодир иктифо варзидаасту дар баъзе маворид ба он афзудааст. Ишораҳои Имод дар қисми шуарои Шом худ шаҳодати возеҳи гуфтаҳои фавқанд: “Он шуароеро, ки ба девонашон даст ёфтам, беҳтаринашонро баргузидам. Он нафаронеро, ки ашъорашонро аз ровиён шунидам, аз ҳифзкардаи онон ва маърифати эшон мутазаккир шудам. Пас ман дар баъзе маворид ноқид ва дар баъзе ноқил, дар қобили қабул созишкор, дар пароканда оқил, ҷиҳати сайқал додан барои ҳар кадоме мунаққид... Шояд нафареро низ зикр кардаам, ки ду байтеро ба назм даровардаасту он халқӣ аст. Пас аз чеҳраҳои боризи илм шуарои халқиро низ дар пайгирӣ аз онҳо тазаккур кардаам ва ин ҳамчун мусовоти миёни онҳо қабул карда намешавад. Китобро ба фазоилу хасоис ихтисос дода, аз нуқсу фаҳш муназзаҳ сохтам” [13, с. 76].

Муҳимтарини чунин мусаннафоте, ки Имод дар Қисми шуарои Аҷам, Форс ва Хуросон ба он руҷӯъ намудааст, “Зайл Таърих Бағдод”-и Абӯ Саъд Самъонӣ маҳсуб меёбад. Имод фаслеро ба он ихтисос додаву чунин унвонгузорӣ намудааст: “Ҷамоате аз аҳли Хуросон, ки Ибн ас-Самъонӣ дар “ал-Музайййали Бағдод” зикр намудааст”. Сипас рӯзгори осори 26 нафар шуарои Сарахс, Балх, Ғазна ва Хоразмро матраҳ сохтааст, ки Абӯ Ҳорис Сарахсӣ, Абӯ Исҳоқ Фуровӣ, Абӯ Абдурраҳмон Бориъ Мустамилӣ, Абӯ Музаффар Масъудӣ, Абулҳасан Фундуврачӣ, Абӯ Бакр Ваҷиҳ ибн Тоҳир ибн Муҳаммад ибн Муҳаммад ибн Аҳмад ибн Юсуф, Абӯ Абдурраҳмон Тоҳир Шаҳомӣ, Афзал маъруф ба Амирак Аҳмад ибн Муҳаммад ал-Котиб Барниёнӣ, Абӯ Ҳомид Ғаззолӣ, Абулқосим Қушайрӣ, Абулфатҳ Носир ибн Аҳмад Аййозӣ, Абулфатҳ ибн Хашшоб Котиб аз зумраи онҳо мебошанд.

Бар мабнои ахбори Имод ӯ аҳволу осори шуарои Ҳиротро аз рӯи маҷмӯаи шеърии дастраскардаи Абӯ Бакр Хозимӣ (дар баъзе маворид Ҳозимӣ омадааст) таҳия сохтааст: “Фахр ал-ислом Муҳаммад ибн Умар ибн Абӯ Бакр ал-Хозимӣ ал-Ҳаравӣ соли 549 ҳ. вориди Исфаҳон гашт. Ман аз ӯ дар бораи шуарои Ҳирот пурсон гаштам ва ӯ бароям маҷмӯаеро ба орият гузошт, ки аз он ашъори шуароро рӯйнавис намудам” [14, с.11]. Ба ин гурӯҳи шоирон Қозӣ Ҳаравӣ, Мисбоҳ Шоракӣ, Наҷибулислом Холидӣ, Абдулқоҳир ибн Тоҳир ибн Шоҳфур, Абулҳасан ибн Ҳайсам, Мансур ибн Муҳаммад Осимӣ Бушанҷӣ, Қозӣ Мансур Ҳаравӣ, Мунтаҷибулмулк Абӯ Ҷаъфар Муҳаммадро метавон дохил намуд.

Қадимтарин масдаре, ки дар он ахбори ал-Хозимӣ матраҳ гардидааст, “Зайл Таърих Мадинат ас-Салом”-и Ибн Дубайсӣ мебошад, ки дар он чунин омадааст: “Муҳаммад ибн Умар ибн Абӯ Бакр, исмаш Муҳаммад, ибн Амирак ал-Ансорӣ ал-Хозимӣ, Абӯ Бакр аз аҳли Ҳирот буда, фақеҳи фозили шофеъимазҳаб, соҳиби маърифати баланд дар улуми адабӣ маҳсуб меёфт. Дар кишвари худ ӯ назди Абулфатҳ Наср ибн Аҳмад ал-Ҳанафӣ, Абулфазл Муҳаммад ибн Исмоил ал-Фазлӣ, Абулфатҳ ал-Мухтор ибн Абдулҳамид ал-Бушанҷӣ ва дигарон илм андӯхтааст. Соли 539/1145 ӯ дар роҳи сафари ҳаҷ ба Бағдод омад ва дар он ҷо ба ривояти ҳадис машғул гардид. Абулаббос Аҳмад ибн Мансур ал-Козарунӣ дар пеши ӯ тадрис намудаву аз ӯ ривоят кардааст. Бино ба гуфтаҳои наберааш Абулфатҳ Умар ибн Муҳаммад ибн Абӯ Бакр ал-Хозимӣ ӯ соли 564/1168 дар Ҳирот вафот кардааст” [3, с. 461-463]. Заҳабӣ дар “Таърих ал-ислом” дар мавриди ал-Хозимӣ чунин изҳор доштааст: “Муҳаммад ибн Умар ибн Абӯ Бакр ибн Муҳаммад ибн Амирак, Абӯ бакр ал-Ансорӣ ал-Хозимӣ ал-Ҳаравии фақеҳу зоҳид аз Абӯ Фатҳ Наср ибн Аҳмад ал-Ҳанафӣ, Абдурраззоқ ибн Абдурраҳмон ал-Молинӣ, Соъид ибн Саййор ад-Даҳҳон, дар Нишопур аз Муҳаммад ибн Аҳмад ибн Соъид ва Саҳл ибн Иброҳим ал-Масҷидӣ ва ал-Фуровӣ, дар Сархас, Балх, Бағдод ва ғайраҳо илм омӯхтааст. Дар назди ӯ ал-Ҳофиз Абдулқодир ар-Руҳовӣ, Насруллоҳ ибн Салома ал-Ҳитӣ, Умар ибн Аҳмад ибн Бакрун ва дигарон тадрис намудаанд. ал-Хозимӣ соли 493/1101 ба дунё омадааст” [7, с. 330-331]. Ибн Носируддин Димашқӣ ва Салоҳуддин Сафадӣ низ ахбори ӯро ба қайд овардаву дар шакли “ал-Ҳозимӣ” аз қалам андохтаанд [4, с. 27; 12, с. 241].

Соири масдаре, ки муаллиф ба он ишора кардааст, “Таърих Ибн Ҳамадонӣ” мебошад, ки зимни шарҳи аҳволу ашъори Абӯ Юсуф Исфароинӣ ва Абулмуаййад Исо ибн Абдуллоҳ ибн Қосим Ғазнавӣ Воиз аз он истифода намудаву чунин овардааст: “Ибн ал-Ҳамадонии муаррих дар китоби “аз-Зайл” аз ӯ ёдрас гардидааст” [14, с. 79,130].

Дар соири ақсоми тазкира низ Имод маъхази мазкурро ба касрат мавриди истифода қарор додаву дар баъзе маворид онро “Таърих Ибн Ҳамадонӣ” ва баъзан “аз-Зайл” хондааст. Муаллифи он Муҳаммад ибн Абдулмалик ибн Иброҳим Абулҳасан ибн Абулфазл Ҳамадонӣ (ваф. 521/1127) маҳсуб мешавад. Бар мабнои ахбори муаррихон Ибн Ҳамадонӣ соҳиби якчанд таърихнома буда, аз миёни он се асар дар зайли таърихномаҳои дигар тасниф гардидааст, ки аз инҳо иборат мебошад : “аз-Зайл ало Таърих Ибн Ҷарир ат-Табарӣ”, “аз-Зайл ало Таърих ал-вазир Аби Шуҷоъ ли китоб “Таҷоруб ал-умам” ли Мискавайҳ” ва “Ахбор ал-вузаро” дар зайли таърихномаи Абулҳусайн Ҳилол ибн Мӯҳсин Собӣ (359/969-448/1056) [10, с. 80; 2, с. 127; 5, с. 142].

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар мавриди бархе аз шуаро мусанниф танҳо бо овардани макони истимои он, ки дар бештари маврид Исфаҳон мебошад, иктифо варзидааст. Ҳамин вижагиро метавон дар аҳволу осори Шарафуссодат Алавӣ, Яъқуб ибн Аҳмад Нишопурӣ, Абӯ Наср Завзанӣ, Умари Хайём, Абулқосим Ҷамилӣ Нишопурӣ ба мушоҳида гирифт.

Донишманди фарҳехтаи димашқӣ Шукрӣ Файсал сарчашмаҳои “Харидат ал-қаср ва ҷаридат ал-аср”-ро баррасӣ намуда, аз ҷумла чунин арзёбӣ кардааст: “Имод гирдоварии тазкираи худро дар давоми солҳои мадиди умри бобаракаташ ҳанӯз аз овони тадрис дар мадрасаи Низомияи БаҒдод шурӯъ карда буд. Дар пайгирӣ аз аҳдофи худ ӯ сафарҳо, алоқаву робитаҳо ва мақомашро дар назди Султон ба кор гирифтааст. Фузун бар ин, бо теъдоди сершумори уламову муҳаддисон ва ровиён вохӯрдаву маълумоти онҳоро ба ҳам овардааст. Ҳамзамон девонҳои шуароро мутолиа карда, ҷумлаҳои беҳтаринро аз он баргузидааст. Дар канори ин ҳама, ӯ бо аглаби шуарову удабои муосираш иртиботи бевосита дошта, аз худи муаллифон ашъорашонро меомӯхт, онҳо барояш ашъорашонро китобат мекарданд ва ё ӯ аз онҳо навишта мегирифт, миёни ӯву он шуаро мукотиботи адабӣ дар мисоли расоилу қасоид ҷой дошт. Имод ба он маҷмӯоти шеърие, ки гузаштагон ва муосиронаш тадвин карда буданд, даст ёфтаву онҳо дар таснифи ба қавли худаш “шуарое, ки пас аз садаи панҷум то соли панҷсаду ҳафтоду ду” зиндагӣ кардаанд, барояш мусоидат кардаанд” [13, с. 3].

Ҳамаи он нукоте, ки муҳаққиқи мавсуф ба он ишора кардааст, ба Қисми шуарои Аҷам, Форс ва Хуросон низ бевосита иртибот дорад, ки аз тавзеҳоти гузашта метавон ба ин мутмаин гардид. Бо таваҷҷуҳ ба маохизи Имоди Котиб дар қисми мазкури тазкира бояд афзуд, ки муаллиф қабл аз ҳама, аз шахси якум-худи шоир ва дар сурати набудани чунин имконият танҳо ноқилон ва маҷмӯаҳои шеърии боэътимоди замонашро ба кор гирифтааст, ки ин вижагӣ ахбори тазкира ва аҳамияти илмии онро бештар сохтааст.

Адабиёт:

1. إبن الاثير، عز الدين أبو الحسن بن على بن ابو الكرم. الكامل فى التأريخ. راجعه و صحَّحه محمد يوسف الدقاق. دار الكتب العلمية- بيروت- لبنان، الطبعة الرابعة 2003/1424 عدد الاجزاء-11، الجزء 9-504 ص.
2. إبن الجوزى، ابو الفرج عبد الرحمان بن على. المنتظم فى تأريخ الملوك و الأمم. دراسة و تحقيق محمد عبد القادر عطا و مصطفى عبد القادر عطا. دار الكتب العلمية-بيروت- لبنان. الطبعة الاولى 1992/1412 عدد الاجزاء-18، الجزء 18- 260 ص.
3. إبن الدبيسى، محمد بن سعيد. ذيل تأريخ مدينة السلام. تحقيق بشار عواد معروف. دار الغرب الإسلامى- بيروت- لبنان. الطبعة الاولى 2006/1427 عدد الاجزاء-5، الجزء 1 -582 ص.
4. إبن الناصر الدين، شمس الدين محمد بن عبد الله القيسى الدمشقى. توضيح المشتبه فى ضبط أسماء الرواة و أنسابهم و ألقابهم و كناهم. حققه و علق عليه محمد نعيم العرقسوسي. مؤسسة الرسالة-بيروت الطبعة الأولى 1993، عدد الاجزاء 10، الجزء 1- 686 ص.
5. بروكلمان، كارل. تأريخ الادب العربى. دار الكتاب الاسلامى. عدد المجلدات-6. المجلد 1-340 ص.
6. الذهبى، شمس الدين محمد بن أحمد بن عثمان. سير أعلام النبلاء. حققه بشار عواد معروف و محيى هلال الرحمان. مؤسسة الرسالة- بيروت، 1982/1402 عدد الاجزاء 29 الجزء 21–536 ص.
7. الذهبى، شمس الدين محمد بن أحمد بن عثمان. تأريخ الاسلام و وفيات المشاهير و الأعلام. تحقيق بشار عواد معروف. دار الغرب الاسلامى-بيروت الطبعة الاولى، 2003/1424عدد المجلدات 13، المجلد 12-1328 ص.
8. الذهبى، شمس الدين محمد بن أحمد بن عثمان. دول الإسلام. تحقيق حسن إسماعيل مروة و محمود الأرناؤوط. دار صادر بيروت- لبنان، الطبعة الاولى 1999 عدد الاجزاء-2 الجزء 2-384 ص.
9. الزركلى، خير الدين. الاعلام. قاموس تراجم لأشهر الرجال و النساء من العرب و المستعربين و المستشرقين. دار العلم للملايين- بيروت، الطبعة الخامسة عشرة 2002 عدد الاجزاء-8، الجزء 1-336 ص.، الجزء 5-336 ص.، الجزء 7-352 ص.
10. السبكى، تاج الدين ابي نصر عبد الوهاب بن على بن عبد الكافى. طبقات الشافعية الكبرى. تحقيق عبد الفتاح محمد الحلو و محمود محمد الطناحى. دار إحياء الكتب العربية، 1964/1383. عدد الاجزاء 6، الجزء 6 -560 ص.
11. السمعانى، أبو سعد عبد الكريم. الأنساب. حقَّقَ نُصُوصَهُ و عَلَّقَ عَلَيْهِ الشيخ عبد الرحمن بن يحيى المعلمي اليماني. القاهرة، الطبعة الثانية 1980/1400 عدد الأجزاء 12. الجزء 10-550 ص.

12. الصفدى، صلاح الدين خليل بن ايبك بن عبد الله. الوافى بالوفيات. تحقيق وإعتناء احمد الأرناؤوط و تركى مصطفى. دار إحياء التراث العربى، بيروت-لبنان. الطبعة الاولى 2000/1425. عدد الاجزاء - 29 الجزء 4-296 ص.
13. عماد الدين الاصفهانى الكاتب. خريدة القصر و جريدة العصر. قسم شعراء الشام. تحقيق شكري فيصل. المطبعة الهاشمية بدمشق. عدد الأجزاء-3، الجزء 1-1955/1375-712 ص.
14. عماد الدين الاصفهانى الكاتب. خريدة القصر و جريدة العصر فى ذكر فضلاء أهل خراسان و هراة. تقديم و تحقيق الدكتور عدنان محمد آل طعمة. تهران- دفتر نشر ميراث مكتوب، آينهء ميراث (مرآة التراث)،1419/ 1999-406 ص.

ИСТОЧНИКИ ЧАСТИ АДЖАМА, ПЕРСИИ И ХАРАСАНА АНТОЛОГИИ “ЖЕМЧУЖИНА ДВОРЦА И СВИТОК СОВРЕМЕННИКОВ” ИМАДУДДИНА ИСФАХАНИ

В данной статье автором рассмотрены использованные источники Имадуддина Исфахани в Части Аджама, Персии и Харасана антологии “Жемчужина дворца и свиток современников”. В статье, на основе сообщений самого автора книги, сведений источников и исследований современных ученых названы все источники, которые способствовали составлению антологии. Автор приходит к такому выводу, что Имадуддин Исфахани при сочинении “Жемчужина дворца и свиток современников” использовал только достоверные информации из первых рук, что увеличивает ценность антологии. Поистине она является одним из важнейших и надёжных источников арабоязычной персидско-таджикской литературы XI и XII вв.

Ключевые слова: Имадуддин Исфахани, “Жемчужина дворца и свиток современников”, Харасан, Аджам, Персия, литература.

PART’S SOURCES OF AJAM, PERSIA AND KHORASAN OF THE ANTHOLOGY "DAE JANG GEUM AND SCROLL CONTEMPORARY" IMADUDDIN ISFAHANI

In this article the author regards the sources used in Part Imadeddin Isfahani Ajam, Persia and Kharassan anthology of "Dae Jang Geum and roll contemporaries." In the article on the basis of reports of the author, information sources and research of modern scientists identified all the sources that have contributed to the compilation of an anthology. The author comes to the conclusion that Imaduddin Isfahani at work "Dae Jang Geum and roll contemporaries" only used the reliable first-hand information, which increases the value of the anthology. Indeed it is one of the most important and reliable sources of Arabic Persian-Tajik literature XI and XII centuries.

Keywords: Imamuddin Isfahani, «Dae Jang Geum and roll contemporaries», Khorasan, Ajam, Persia, literature.

Сведения об авторе: Раджабова Мархабо, кандидат филологических наук, докторант кафедры арабской филологии Худжандского государственного университета имени ак. Б. Гафурова, e-mail: rajabova.marhabo@mail.ru

About author: Rajabova Marhabo, PhD of philological sciences, doctoral student in chair of Arabian philology, Khujand State University named after academician B. Ghafurov

ИНЪИКОСИ ХИДМАТГОРӢ ДАР АФСОНАҲОИ ТОҶИКӢ

Абдуллоев А.
Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии
Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Афсона жанри калонҳаҷми фолклори тоҷик буда, нисбат ба дигар асарҳои халқӣ мавзуву муҳтавои васеътарро дар бар мегирад. Мардум аз қадим тавассути эҷоди афсонаҳо орзуву ормонҳои нуҳуфта ва марому мақсадҳояшонро дар зиндагӣ баён менамуданд. Ба гурӯҳу табақаҳо, аз қабили бою камбағал, қудратманду нотавон, золим музлим ҷудо намудани одамон дар ҳама давру замон буд ва то кунун вуҷуд дорад. Бинобар ин, инъикоси ҳаёти рангину тахаюлӣ ва расидан ба баъзе орзуҳои дастнорасро одамон маҳз дар мазмуни афсонаҳо тасаввур менамуданд. Метавон гуфт, ки афсонаҳои тоҷикӣ тамоми паҳлуҳои ҳаёти ҷомеаро дар бар гирифтаанд ва агар кадом як паҳлуи зиндагонии мардуми оддиро таҳлил намудан хоҳем , албатта афсонаҳои зиёдеро мисол оварда метавонем.

Афсонаро ҳамчун жанри алоҳида ва махсуси фолклори тоҷик олимону муҳаққиқони зиёде чун Амонов Р., Шермуҳаммадов Б., Обидов Рабиев Ҷ., Д., Раҳмонӣ Р., Мирзоева Ш., Раҳимов Д. ва дигарон аз нуқтаи назари илмӣ борҳо мавриди таҳлилу

баррасӣ қарор додаанд. Ҳар кадоме аз олимони номбурда оид ба ин ё он ҷиҳати афсонаҳои тоҷикӣ таваҷҷуҳ намуда, тадқиқоти илмиеро анҷом додаанд. Мазмуну мандариҷаи афсонаҳои тоҷикиро омӯхта, онҳоро ба гурӯҳҳои махсус тасниф намудаанд. Дар заминаи асарҳои олимони номбурда, мо хостем ба яке аз масъалаҳои муҳими ҳаёти мардуми одӣ–хидматгорӣ ё ба истилоҳ мардикорӣ, ки дар афсонаҳои тоҷикӣ хеле зиёд ба назар мерасад, таваҷҷуҳ намоем.

Дар афсонаҳои тоҷикӣ касбу ҳунар ва меҳнат хеле васеъ инъикос ёфтааст. Умуман, дар афсонаҳо аксарияти касбу ҳунарҳое, ки миёни мардум аз қадим то имрӯз вуҷуд доранд, дида мешавад. Ин ҳолат бори дигар собит менамояд, ки афсона нисбат ба дигар жанрҳои фолклорӣ ба ҳаёти халқ бештар алоқаманд буда, зиндагонии халкро васеътар ва муфассалтар фаро гирифтааст. Албатта мо наметавонем тавассути як мақола инъикоси тамоми паҳлуҳои ҳаёти мардумро дар афсонаҳо таҳлил намоем. Аз ин рӯ, мо тавассути ин мақола мехоҳем дар бораи хидматгорӣ, ки он як навъи меҳнат ба шумор меравад, назари хешро баён намоем.

Чуноне ки гуфтем, ба бою камбағал ҷудо гардидани ҷомеа ҳодисаи муқаррарӣ ва табиист. Барои ризқ пайдо намудан ва таъмин намудани аҳли оила ҳамеша камбағал ба бой муҳтоҷ аст. Аз нуқтаи назари дигар аксаран бою сарватмандон соҳиби замин ва молу чорвои зиёде мебошанд, ки барои бо онҳо сару кор гирифтан ҳамеша ба камбағалон ё худ мардикору хидматгорон ниёз доранд. Яъне мувофиқи қонуни табиат яке бидуни дигар вуҷуд дошта наметавонанд. Раванди аслии муносибатҳои бою камбағалӣ бештар дар замони ҳукмронии сохти феодалӣ дида мешуд. Мардум аз сабаби сахтиву мушкилиҳои зиндагӣ маҷбур буданд, ки барои пайдо кардани порчаи ноне зану фарзанди худро партофта ба шаҳрҳои дигар сафар карда, бар дари шахсони доро, ки дар афсонаҳо ин гуна шахсонро бой мегуфтанд, мардикорӣ кунанд.

Дар фолклори тоҷик афсонаҳои зиёде, ба монанди «Бойи золим ва кали зирак», «Бой ва хизматгор», «Абдураҳмончулоқ», «Девона Ҳусайнӣ» ва ғайраро дидан мумкин аст, ки маҳз ба мавзӯи мардикориву хизматгорӣ бахшида шудаанд. Инъикоси мавзӯи хизматгорӣ ва азобу уқубатҳои он дар дигар жанрҳои халқӣ, аз ҷумла рубоиҳо низ ба назар мерасанд. Зеро дар байни мардуми одӣ, эҷоди жанри рубоӣ фаъолтар аст. Ин ҷо метавонем байтеро аз як рубоӣ ҳамчун намуна истифода намоем, ки маҳз ба мавзӯи хизматгорӣ дахл намудааст:

Эй ҷураи ҷон майдоната мекорам,
Ман харҷӣ надорам, ба ту хизматгорам [6, с. 10-11].

Чуноне ки мебинем аслан аз бечизию бенавоӣ мардум хизматгориро ихтиёр менамоянд. Ин масъала агарчи дар рубоӣ бинобар сабаби асари хурдҳаҷм буданаш ба таври сарбаста баён шуда бошад, баракс дар афсонаҳо пурра баён мегардад, ки мардикорҳо аз бепулию камбағалӣ маҷбур мешаванд ба дари хонаи бойҳо рафта, кор карда, барои пораи ноне ё пули ночизе ранҷ кашида зиндагиашонро гузаронанд. Ба ҳамин монанд рубоиҳо дар бораи хизматгорӣ дар Ганҷинаи фолклори тоҷик хеле зиёд мавҷуданд. Мазмуну мундариҷаи ин гуна рубоиҳо сар то по орзую ормонҳои мардуми одии ҷабрдидае мебошанд, ки аз дасти бойҳои золиму хунхор ба ҷои корҳои некашон подоши баде гирифтаанд, таҷассум ёфтаанд. Чуноне ки дар рубоии зерин омадааст:

Ҳаргиз ба гули бухор хизмат намудам,
То зинда будам халос аз ғам набудам.
Хизмат кардам ба золимони олам,
Аммо чӣ кунам, ба хизмат одам нашудам [7, с. 53].

Аз ин мисраҳо чунин бар меояд, ки хизматгор умри худро сарфи ғаму андуҳ ва машаққату заҳматҳои тоқатфарсои дари боён карда, ҳаргиз осудагиро надидааст. Ба замми ҳамаи ин бойҳоро ба золимӣ ва хунхорӣ маҳкум карда, норозигии худро нисбати ин гуна шахсон баён сохтааст.

Тасвири васеъу равшантари шахсиятҳои мардикору хизматгор нисбат ба рубоиҳо дар афсона бештар ба назар мерасанд. Аз рӯи тасвири афсонаҳо ҳам одамони камбағалу бенаво маҳз барои пайдо кардани ризку рӯзии худ ба дари бое ба хизматгорӣ мераванд. Ин гуна шахсон одатан марди камбағал, ятим, кал, кӯса, писарони кампири нотавону мискин мебошанд. Онҳо аксар вақт ба хонаи бойҳо ва ё дарбори подшоҳон рафта, шартҳои вазнину миёншикани онҳоро ба хотири пайдо намудани луқмаи нон ва раҳонидани аҳли оилаашон аз марг қабул намуда, солҳои дароз хизматгорӣ мекунанд. Бештар аз ҷониби бой ба онҳо корҳои сангин, аз қабили ҷуфтронӣ, кишткунӣ, ҳосилгундорӣ, хирманкӯбӣ, лойкашӣ, бомандовакунӣ, чӯпонӣ ва амсоли инҳо супориш

дода мешавад. Масалан, дар афсонаи «Абдураҳмончулоқ» ҷараёни лойкашиву бомандовакунӣ чунин тасвир ёфтааст:

«Абдураҳмончулоқ ба бозори мардикорҳо рафт. Як кас даҳ мардикор гирифта ба андоваи бом андохт, Абдураҳмончулоқ сатилро ба як тараф монда, качрба кати лой кашидан гирифт. Як качрба лой қати як бомро андова карда мешуд. Соҳиби ҳавлӣ кори инро дида, дигар мардикоронро ҷавоб дод.

Абдураҳмончулоқ то бегоҳ тамоми бому девори ҳавлиро андова карда шуд. Музди кори ҳар мардикор дар як рӯз ду танга буд. Соҳиби ҳавли ба Абдураҳмончулоқ ҳаққи даҳ мардикор- бист тангаро дод» [4, с. 57].

Дар мисоли овардашуда Абдураҳмончулоқ ҳамчун мардикори боқувват нишон дода шудааст ва дар навбати худ шахси сарватманд низ ҳамчун одами сахиву поквичдон тасвир ёфтааст, ки гӯё ӯ ҳаққи кори Абдураҳмончулоқро барзиёд додааст. Одатан дар афсонаҳо шахсони бою корфармо золиму бераҳм ва хасис мешаванд. Шояд ин афсона як навъ орзуву тахаюли шахсони камбағалу хизматгор барои тарбияи дигар тоифаи бойҳо бошад. Зеро аз рӯйи адолат бояд мардикор ҳаққи корашро бе чуну чаро ба даст оварда, ҳам аз кораш ва ҳам аз корфармо розӣ бошад.

Мутаассифона, ҳолати дар афсона тасвирёфта на ҳама вақт аз ҷониби корфармо ба назар мерасад. Дар аксари афсонаҳои тоҷикӣ дида мешавад, ки хизматгор ба ивази кораш аз бойи хасиси сангдил чизе рӯёнида наметавонад. Солҳои дароз хизмат карда, бе ҳеҷ музд ва ноумед аз даргоҳи бой ронда ва ё кушта мешаванд.

Масалан, дар афсонаи «Интиқоми кал» чунин омадааст:

«Кампире буд, ки се писар дошт. Дуи ӯ сиҳат яки ӯ кал. Кампир ба писари якуми худ гуфт:

- Писар, Ҳомон, ман чандин сол ба кулфату меҳнат шумоёнро тарбия кардам. Акнун қуввати кор дар ман намонд. Хез, ба хонаи ягон бой рафта хизмат кун, як чиз ним чиз ёфта биё, рӯз гузаронем. Ҳомон ба ҳавлии бойе рафт, бойро ҳой гуфт. Бой ҷавоб дод:

-Ту ба ман чи кор дорӣ?

Ҳомон гуфт:

-Эй бойбобо, ман каси нонталаб ва хидматталаб ҳастам.

Бой Ҳомонро ба хонаи худ даровард.

Шарт карданд, ки Ҳомон дувоздаҳ моҳ хизмати бойро мекунаду бой ҳар моҳ ба ӯ як буз ҳаққи хизмат медиҳад.

Ҳомон бо дилу ҷон хизмати бойро адо кардан гирифт. Ёздаҳ моҳ гузашт. Дар моҳи дувоздаҳум бой фикр кард, ки «Як ятим дувоздаҳ бузи маро гирифта равад, ман зарари калон мекашам-ку, беҳтар ки чорае бинаму ин дувоздаҳ буз ба ман фоида монад». Ба ин фикр як моҳ ба Ҳомони бечора нони хому сӯхтагӣ дод.

Ҳомон касал шуда, баъди чанд рӯз вафот кард. Ҳамин хел писари дуюми кампир Ботман ба хонаи ҳамон бой рафта ҳаққи бародарашро талаб кард. Аммо бой бошад, инро ҳам мисли бародараш бо ваъдаи дурӯғ фиреб намуда ба қатл расонид…» [2, с. 330-331].

Афсонаҳо нишон медиҳанд, ки хидматгорӣ ниҳоят кори сахту тоқатфарсо мебошад ва бисёр шудааст, ки дар натиҷаи вазнинии ин кор одамон умри худро барбод додаанд ё ин ки якумр маъюб мондаанд.

Хидматгорӣ аз нуқтаи назари шахсони доро касби пастарин ҳисоб мешуд, онҳо аз ин гуна касб ор мекарданд ва онҳоеро, ки ба ин касб сару кор доштанд, таҳқиру мазаммат намуда, паст мешумориданд ва бо онҳо ваҳшиёна муносибат мекарданд. Дар он замонҳо хизматгорӣ яке аз касбҳое буд, ки халқи ҷафокашро ба сахтию душвориҳо раҳнамун месохт, ба сари онҳо азобу уқубатҳои зиёде меовард. Тасвири ҳамин гуна азобу уқубатҳое, ки аз мардикорӣ ба сари меҳнаткашон бор мешуд, дар афсонаҳо хеле хуб ба мушоҳида мерасад.

Албатта, афсонаҳо мазмунан фарогири орзуву ниятҳои нуҳуфтаи мардум аст. Ва ҳангоми эҷоди он мардум кӯшиш намудаанд, ки ҳақ бояд ба ҳақдор бирасад. Аз ин рӯ, дар афсонаҳо мардикорӣ аксар вақт боиси шармандаю расво гардидани шахсони дорою боёни золим мегардад. Дар бисёр афсонаҳо, хизматгорӣ боиси он мешавад, ки бойи золиму сангдил шарманда гардад, азоб кашад, аз зану фарзандаш ҷудо шавад ва ҳатто ба ҷазои сахттарин, ба марг маҳкум гардад.

Ин ҷо метавонем афсонаи «Бои золим ва кали зирак»-ро мисоли биёрем, ки чӣ гуна бародари хурдӣ – Кал ба туфайли касби мардикориаш ба даргоҳи бойе рафта, аз бой интиқоми бародарони калонии худро меситонад:

«Кал пагоҳии барвақт ба ҷуфтронӣ рафт, гандумро рехта, баҳаловат хобро заду бегоҳӣ юғу сипора ҳезум карда баргашт. Бой дид, аммо ин дафъа ҳам чизе нагуфт. Як моҳ ҳамин тавр давом карду аммо бой аз вайрон шудани шарт тарсида, ҳеҷ хафагӣ зоҳир намекард. Кал худ ба худ мегуфт, ки «ин золим ҳеҷ хафа шуданашро нишон намедиҳад-ку, ман бо ин чӣ кор кунам», як рӯз Кал ҷуфт ронда истода фикр карда, фикр карда яке аз барзаговҳои бойро кушт, гӯшташро ба ҷуволи гандум андохт, ба хар бор кард, юғу сипорро шикаста, ба болои он баста, ба хонаи хӯҷаинаш омад. Бой диду гуфт:

-Эй Кал, як барзагови дигар канӣ?

-Онро куштам,-гуфт Кал, гӯшташ дар ҷувол аст, магар хафа шудед?

Бой дандон ба дандон монда гуфт:

-Не, хафа нашудам» [1, с. 423].

Ниҳоят гӯшу бинии бойро бурида, ба давлаташ соҳиб мешавад. Ё ин ки дар афсонаи «Интиқоми Кал», ки аз номи афсона маълум аст, интиқом гирифтан ба воситаи хизматгорӣ аз шахсони бевиҷдону кӯрнамак, чун ҳамеша аз пайи нафси худу азияти мардум мегарданд, гирифтани чунин интиқоми олӣ ба дилҳо таскин бахшида, руҳияи мардуми ҷабрдидаро баланд мебардорад.

Ба ҳамин мисол: …Писари сеюми кампир-Кал ба хонаи бой омад. Ҳаққи акаҳояшро талаб кард. Бой дар ҷавоб гуфт: Дуруст ман аз акаҳоят қарздор, лекин ба муҳлати ҳардуи онҳо бисту панҷ рӯз намерасад. Ту ҳам дувоздаҳ моҳ хизмат мекунӣ, бисту панҷ рӯзи муҳлати онҳоро ҳам ба анҷом мерасонӣ, якбора 36 бузро аз рамаи ман ҷудо карда гиру рав. Кал қабул карда, аз дилу ҷон хизмати бойро карда гашт. Як сол буд шуд. Баъд Кал ба адои камбудии рӯзи хизмати акаҳояш сар кард.

Бой, «инро ҳам аз пайи акаҳояш мефиристам»-гуфта нони хому сӯхта додан гирифт. Кал нони хому сӯхтаи бойро ба як хум ҷамъ карда, худ гадоӣ карда рӯз гузаронид.

Ин бисту панҷ рӯз ҳам тамом шуд. Кал ҳаққи худ ва акаҳояшро талаб кард.

Бой гуфт:

-Бародар чанд рӯз сабр кун. Як бой ҷӯраи ҷонии мо ҳаст моро ба тӯй талаб кардааст. Мо тӯйро гузаронида, гашта омада, ҳаққи туро медиҳем. Лекин то омадани мо пойи гову аспу шутурҳои моро аз об, каллаи онҳоро аз охур канда намекунӣ, пушти худро ҳам як қадам аз дари ҳавлӣ дур накун, ҳавлию хонаҳоро ҳамчунон рӯву тоза кун, ки равған резад, лесида шавад.

Фикри Кал кор кард: пойи гову аспу шутурҳоро бурида, ба даруни об бурда монд, каллаи онҳоро бурида ба охур хобонид, рӯи хонаю ҳавлиро рӯфта, тоза карда хумҳои равғани бойро бароварда холӣ кард, дари ҳавлиро канда ба пушташ баста, саққобозӣ карда гашт. Бой аз тӯй бозгашта омад. Калро дар кӯча дида пурсид:

-Кал фармонҳои маро иҷро накардӣ?

Кал ҷавоб дод:

-Пушти худро аз дар канда накун гуфта будед, чӣ хеле ки мебинед, дарро ба пушти худ баста гаштаам.

Бой хавф кашида, боз пурсид:

-Молҳои ман чӣ шуданд?

Гуфта будед, ки пойҳояшон аз об канда нашаванду сарҳояшон аз охур, биёеду бинед. Кал бойро ба лаби дарё бурда, пойҳои аспу шутурҳоро аз даруни об бароварда, ба пеши бой партофт, баъд аз он ба оғил бурда танаю сари онҳоро аз охурҳо бароварда ба пеши бой шумурда монд. Баъд аз ин рӯи хонаю ҳавлиро нишон дода гуфт:

-Ман рӯи ҳавлию хонаҳоятонро ҳамчунон тоза кардам, ки равғани рехтагӣ лесида мешавад, бовар накунед, ана лесида бинед.

Бой аз корҳои кардаи Кал ҳаросида бо ҳамроҳии занаш роҳи халосӣ аз Калро пеш гирифта маслиҳат карданд, ки кулчаю қайла гирифта дар хӯрҷин бор када шаб аз хона баромада мераванд. Маслиҳати бою занашро Кал шунида ба ҷои қайла дар хурҷин худро ҷой карда ҳамроҳи онҳо меравад. Бой ҳамроҳи занаш маслиҳат карда нисфи шаб Калро, ки хоб барад, ӯро ба дарё мепартоем, гуфтанд, лекин Кал зиракиро аз даст надода ин корро пеш аз бой ҳамроҳи занаш худи бойро ба дарё мепартояд.

Ҳамин хел Кал қассоси акаҳояшро гирифта, ба зану мулку давлати бой соҳиб шуда, модарашро ба ҳавлии бой оварда, ба муроду мақсадаш расид [2, с. 331-333].

Дар афсонаи «Бой ва хизматгор» низ аз бойи золим ҳамин гуна интиқом гирифтани хизматгорро мушоҳида мекунем. Аз мисолҳои боло муайян мегардад, ки дар баробари азобу укубати зиёд, мардум кӯшиш менамоянд, то ғолиб омадани одами ҳаҷ ва нобуд сохтани беадолатиро барқарор намоянд. Ин қабил афсонаҳоро новобаста аз доштани лаҳзаҳои ғаму андӯҳ, муҳаққиқон ба гурӯҳи афсонаҳои ҳаҷвӣ – маишӣ шомил намудаанд. Зеро аз рӯи мазмун қаҳрамонҳои марказии афсонаҳо Кал, Кӯса барин шахсони назарногир мебошанд, ки бениҳоят зираку қобиланд. Онҳо аз маҳорати худ истифода намуда, шахсони золиму хасисро масхаракунон маглуб менамоянд.

Хулоса, дар афсонаҳо хизматгорӣ на фақат воситаи рӯзгузаронӣ, балки воситаи муҳими интиқомгирӣ аз намояндагони табақаҳои боло ба монанди ҳоким, бой, қозӣ, мулло ва дигар нафароне, ки онҳо бештар мардумро азият медоданд гуфта мешуд. Мақсади дар афсонаҳо тасвир ёфтани ин касб пеш аз ҳама дар он аст, ки набояд инсон ба инсон зулму ситамро раво бинад. Мазмуни афсонаҳо моро водор месозанд, то ҷиддан ба андеша фурӯ равем ва бидонем, ки инсон ҳамеша инсон бимонад, садоқат пеша кунаду хиёнатпеша набошад. Қаҳрамонҳои ин афсонаҳо ба одамон ҷиҳатҳои хубро меомӯзанд, шахсони бадхоҳ ва беадолатро ҳамеша несту нобуд месозад то ки дигарон аз ин ибрат гиранд. Инсон агар дар воқеъ инсони комил бошад, бадиро бояд аз байн бардорад ва барои пойдории некӣ мубориза барад. Инсоне, ки ба некӣ бовар дорад ва дар ҳаққи дигарон бесабаб фикри бадкоронаро дар шаъни худ раво намедонад ва накӯкориро пеша мекунад, аз самараи некии худ баҳра мегирад ва хушбахт мегардад.

Адабиёт:

1. Амонов Р. Афсонаҳои халқи тоҷик. - Душанбе: Ирфон, 1998. - 374 с.
2. Амонов Р. Фолклори сокинони саргаҳи Зарафшон. - Сталинобод, 1960. - 417 с.
3. Амонов Р. Очерки эҷодиёти даҳанакии Кӯлоб. - Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1963. - 346 с.
4. Амонов Р. Фолклори диёри Рӯдакӣ. - Сталинобод, 1958. - 316 с.
5. Обидов Д. Афсонаҳои ҳаҷвии маишии тоҷикӣ. - Душанбе: Дониш, 1978. - 120 с.
6. ФФЛ. Мавод аз Ганҷинаи фолклори тоҷик. №12: 1066-1370, 1 Тд 5 1961. 396 с.
7. ФФ. Мавод аз Ганҷинаи фолклори тоҷик. ТХЗ Р.Ҳоит. Гӯянда: Шарифхоҷаи Кӯҳистонӣ, навиштагиранда: Аҳмадов Р. №5071, 1964. 530 с.

ОТРАЖЕНИЕ СЛУЖЕНИЯ В ТАДЖИКСКИХ НАРОДНЫХ СКАЗКАХ

В данной статье автор затрагивает вопрос отражения работы слуг в доме богатых, как социальное явление прошлых веков. Автор анализируя материалы приходит к выводу, что таджикский народ с давних времен через призму народных сказок выражает свои надежды и желания о справедливости, о социальной равномерности и критикует представителей господствующего класса.

Ключевые слова: таджикский фольклор, сказка, образ, слуга, социальная справедливость.

REFLECTION OF THE SERVICE WORK INTHE TAJIKFOLK TALES

In this article, the author raises the question of reflection of servants work in the house of the rich people, as a social phenomenon of the past life. The author after analyzing materials comes to the conclusion that the Tajik people since ancient times through the prism of folk tales express their hopes and desires for social justice and criticizes the representatives of ruling class.

Keywords: Tajik folklore, folktale, image, servant, social justice.

Сведения об авторе: Абдуллаев Акобир, аспирант отдела фольклора Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия имени А. Рудаки Академии наук Республики Таджикистан, e-mail: raboni_81@mail.ru

About author: Abdulloev Akobir, post-graduate student of the Department of Folklore, Institute of Language, Literature, Oriental studies and Written heritage named after A. Rudaki of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan

АНДЕШАҲО ПЕРОМУНИ ПАЙВАНДИ АВЛОДИИ МАВЛОНО ҶАЛОЛИДДИН БАЛХИИ РУМӢ БО АБӮБАКРИ СИДДИҚ

Зиёев С.
Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии
Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Перомуни аҳволу осор ва зиндагонии орифу мутафаккир ва шоири асри XIII Мавлоно Ҷалолиддини Балхии Румӣ муҳаққиқон корҳои зиёде ба анҷом расонидаанд, вале то ҳол бархе аз ҷанбаҳои зиндагӣ ва аслу насаби Мавлоно омӯхта нашудааст ва ниёз ба тадқиқи алоҳида дорад.

Барои он ки мо аслу насаби ҳар яке аз бузургони аҳли илму адабро донем, албатта, бояд ба тазкираҳо ва сарчашмаҳои ҳамон давру замон бингарем ва ҳақиқати ҳолро дарёбем. Давроне, ки Мавлоно Ҷалолиддин Балхии Румӣ умр ба сар бурдааст, яке аз давраҳои пурошӯбу серташвиш дар ҳаёти ҳар яке аз бузургони ҳамасрони ӯ мебошад. Дар айёми кӯдакӣ то дами марг Мавлоно аксари мамолики Шарқро тай намуда, аз ҳар қавму миллат ғизоҳои маънавӣ гирифт, забон омӯхт ва осорашро бо либоси назму наср ва бо якчанд забон оро дод. Аз ҳамин сабаб аҳли илм ва донишмандони аксари мамолики Шарқ, Мавлоноро аз они худ медонанд. Чунки Мавлоно зодаи ватани мо аст ва дар мамолики арабӣ таҳсил намуда, чанд баҳори умрашро дар он ҷо гузаронида аз улуми дин ва забони арабҳо бархӯрдор гардид ва дар Осиёи Сағир асарҳои пурмуҳтавояшро офариду дар ҳамон ҷо дафн шудааст, ки имрӯз мазори ин абармард зиёратгоҳи ҳаводоронаш дар тамоми ҷаҳониён мебошад.

Мувофиқи ривояте, ки дар бораи Мавлоно мавриди назар аст, гурӯҳе ӯро аз авлоди Абӯбакри Сиддиқ медонанд. Абдулбоқӣ Гулпинорлӣ, ки яке аз муҳаққиқони барҷастаи осору зиндагии Мавлоно Ҷалолиддин мебошад, дар китоби худ «Мавлоно Ҷалолиддин: зиндагонӣ, фалсафа, осор ва гузидае аз онҳо» мегӯяд, ки ин матлабро аввалин бор Фаридун ибни Аҳмади Сипаҳсолор, ки чиҳил сол мурид ва мулозими Мавлоно будааст, дар китоби «Рисола»-и худ, ки ин китоб дарбаргирандаи чиҳил каромоти Мавлоно мебошад, ҷой додааст. Шамсиддин Аҳмади Афлокӣ, низ аз муҳаққиқони зиндагиву осори Мавлоно мебошад ва бахшҳои асосии китоби худ «Маноқиб-ал-орифин»-ро ба таҳқиқу пажӯҳиши аҳволу осори Мавлоно бахшида, дар ин китоби мазкур шаҷараеро дар бораи ансоби Мавлоно ва пайванди авлодии ӯ бо Абӯбакри Сиддиқ ҷой додааст [1, с. 81].

Дар замонҳои қадим донистани улуми шаръӣ яке аз роҳҳои худшиносондани бархе рӯҳониён барои аҳли ҷомеа буд. Бинобар ин, дар тӯли таърих афроде пайдо шудаанд, ки риштаҳои пайванди аҷдодашонро ба хонадони Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) бастаанд ва ё дар роҳи пешбурди дин хешро аз донандагони донишҳои диниву поягузори дин муаррифӣ намудаанд.

Абдурраҳмони Ҷомӣ дар «Нафаҳот-ал-унс» перомуни насаби Мавлоно чунин гуфтаанд:

Лақабаш буд Баҳоуддин Валад,
Ошиқонаш гузашта аз адду ҳад.
Асли ӯ дар насаб Абӯбакрӣ,
З-он чу Сиддиқ дошт садрӣ [6, с. 14].

Устод Бадеъуззамон Фурӯзонфар мегуяд, ки насаби Мавлоноро муаллифи «ал-Ҷавоҳир-ал-музиа», Шайх Муҳийуддини Абдулқодир бад-ин тариқ ба Абӯбакри Сиддиқ мерасонад: «Муҳаммад (яъне Мавлоно) ибни Муҳаммад (Султонулуламо Баҳоуддин) ибни Муҳаммад ибни Ҳусайн ибни Аҳмад ибни Қосим ибни Мусайяб ибни Абдуллоҳ ибни Абдурраҳмон ибни Абӯбакр ас-Сиддиқ ибни Абиқаҳҳофа» [6, с. 14].

Дар мақолаи дигаре Козимзода насаби падари Мавлоноро чунин навиштааст: «Султонулуламо Муҳаммад Баҳоуддин Валад ибни Шайх Ҳусайн ал-Хатибӣ ибни Аҳмад ал-Хатибӣ ибни Маҳмуд ибни Мавдуд ибни Собит ибни Мусайяб ибни Мутаҳҳар ибни Ҳаммод ибни Абдурраҳмон ибни Абӯбакри Сиддиқ».

Бинобарин, устод Абдулбоқӣ Гулпинорлӣ кӯшидааст шаҷараи Муҳаммад Баҳоуддин Валад ва Мавлонои Балхиро дар китоби «Мавлоно Ҷалолиддин: зиндагӣ, фалсафа, осор ва гузидае аз онҳо», ки бо саъйи устод Тавфиқ Ҳошимпури Субҳонӣ ба форсӣ тарҷума шудааст, баррасӣ намояд ва мо тасмим гирифтем, ки он шаҷараҳоро барои далоили ҳақиқии он ки Мавлоно бо Абӯбакр пайвандӣ дорад ё на, ин ҷо

биоварем: «Муҳаммад - Баҳоуддин Валад - Ҳусайни Хатибӣ - Аҳмад Хатибӣ - Муҳаммад - Мавдуд - Мусаййиб - Мутааххир - Ҳаммод - Абдурраҳмон - Абӯбакр» [1, с. 250].

Шаҷараи дигаре дар «Ҷавоҳир-ал-музиа»-и Шайх Муҳийуддини Абдулқодир ба сурати зер омадааст: «Муҳаммад (Султонулуламо Баҳоивалад) - Муҳаммад - Аҳмад - Қосим - Мусайяб - Абдуллоҳ - Абдурраҳмон - Абӯбакр» [6, с. 14].

Чигунае ки ба ҳар яки мо маълум аст, баъди даргузашти бархе аз бузургон дар сари турбаташон мақбарае месозанд, барои он ки зиёратгоҳи муридон ва мухлисону хешу пайвандон бошад ва дар он санги мазор шаҷараи ансоби шахси даргузаштаро менависанд. Дар санги мазори Мавлоно низ ному насабаш оварда шудааст, вале дар бораи пайванди авлодии ӯ бо Абӯбакри Сиддиқ оварда нашудааст.

Дар шаҷараҳои фавқ байни Баҳоуддин, падари Мавлоно ва Абӯбакри Сиддиқ то нуҳ нафар қарор гирифтаанд. Агар шумораи солҳои даврони зиндагонии Абӯбакри Сиддиқро бо даврони зиндагии падари Мавлоно Ҷалолиддин, Баҳоуддин муқоиса намоем солҳои зиёдро ташкил медиҳад.

Абӯбакри Сиддиқ аз аввалин хулафои рошиддин буда, соли 634-и мелодӣ вафот кардааст. Падари Мавлоно Ҷалолиддин, Баҳоуддин бошад соли 1234 вафот кардааст, байни инҳо солҳои зиёде сипарӣ шудаанд.

Аммо дар китоби «Ибтидонома»-и Султонвалад, ки ин муаллиф писари Мавлоно Ҷалолиддин мебошад, дар бораи ному насаб ва лақаби бобояш ва пайванди авлодии ӯ бо Абӯбакри Сиддиқ чунин навиштааст:

Лақабаш буд Баҳоуддин Валад
Ошиқонаш гузашта аз адду ҳад
Мисли ӯ кас набуд дар фатво
Аз фаришта гузашт дар тақво
Ҷумла аҷдоди ӯ шуюхи кибор
Ҳама дар илму дар амал мухтор
Асли ӯро насаб Абӯбакрӣ
З-он чу Сиддиқ дошт садрӣ [6, с. 187].

Падари Мавлоно, ки яке аз асосгузорони тариқати сӯфия маҳсуб мешавад, ӯ асаре бо номи «Маориф» таълиф намудааст, аммо дар бораи пайванди авлодии худ бо Абӯбакри Сиддиқ дар асараш наомадааст.

Агар инҳо дар ҳақиқат аз авлоди Абӯбакр буданд ва ин ривоят дар замони худи онҳо дар забонҳо афтода буд, оё бар санги мазори ин ду бузургмард қайд намекарданд? Дар ҳоле, ки Абӯбакри Сиддиқ яке аз муассиси ислому аз аввалин хулафои рошидин маҳсуб мешуд ва барои ислом хизмати шоёне кардаасту номумкин аст, ки агар Мавлоно аз пайвандони Абӯбакри Сиддиқ бошаду таърихнигорон инро дар сарчашмаҳои даврони зиндагонӣ ё баъд аз он қаламдод накарда бошанд.

Дар китобхонаи Боргоҳи Мавлоно, ки имрӯза осорхонаи Қуния дар он ҷо қарор дорад, ба шумораи куҳан 90 ва шумораи ҷадид 51 Маснавӣ нигаҳдорӣ мешавад, ки панҷ сол баъд аз вафоти Мавлоно ба хатти яке аз пайвандони Султонвалад ба номи Муҳаммад ибни Абдуллоҳи Қуниявӣ аз нусхае, ки дар ҳузури Султонвалад ва Ҳусомуддини Чалабӣ барои Мавлоно қироат шуда ва ислоҳоте дар он ба амал омада, рӯйнавис шудааст. Ин нусха як сол баъд аз китобати он, аз тарафи Соҳиб Фахриддини Ато (Соҳиб Ато Фахриддини Алӣ) аз вузарои Салҷуқиён ба китобхона вақф шуда аст. Дар вақфномаи арабии ин Маснавӣ, Мавлоно бо алқоб ва авсофи фаровоне тавсиф шудааст, аммо дар бораи насаби Мавлоно ба ибороти зер иктифо шудааст:

((الشيخ ابن الشيخ الحقيقي و الامام ابن الامام ابن الامام الحنفي الرباني ... جلال الملة و الحق و الدّين محمّد ابن محمّد الحسين البلخي رضي الله عنه و عن اسلافه))

Ҳамчунин дар муқаддимаи арабии Девони Кабир нусхаи шумораи 97 китобхонаи Истамбул ситоиши муболиғаомезе аз Мавлоно ҷой дорад, вале дар бораи ин интисоб ба ишорае сареҳ ё киноямезе ҳам дида намешавад. Агар чунин вобастагӣ аз ҳақиқате мешуд, оё мумкин буд, ки онро боз нагӯянд?.

Ҳадафи асосии ин мақола дар он аст, ки оё Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммади Балхии Румӣ аз аберагони Абӯбакри Сиддиқ аст ё на? Пайравон ва муҳаққиқони осору зиндагии Мавлоно аксари ҷанбаҳои адабӣ ва зиндагии ин шоири сӯфимашрабро омӯхтаанд, вале ба гуфти Бадеъуззамон Фурӯзонфар, ки яке аз муҳаққиқони осори Мавлоно: мебошад «Оё метавон баҳрро дар кӯза ҷой кард?.» ва ё ба қавли муҳаққиқи дигари осори Мавлоно, ки чунин гуфтааст: «Агар ҳар соле шорехон барои Маснавии

Маънавӣ як шарҳе нависанд ҳам, боз кам аст», вале оид ба масъалае, ки дар пеш гузоштаем, касе то имрӯз ба таври як мақолаи илмӣ ба табъ нарасонидааст ва шояд ин маҷмӯаи андешаҳо як дастовези тозае барои ҳаводорону пайравони Мавлоно ва падидаи наве барои дарёфти аслу насаби Мавлоно бошад.

Бадеъуззамон Фурӯзонфар «Сиддиқ ибни Сиддиқ»-ро ки дар дебочаи Маснавӣ дар бораи Ҳисомуддини Чалабӣ ба кор рафта, далел бар он медонад, ки Мавлоно бадин ваҷҳ мехоҳад насаби худро ба Абӯбакр бирасонад ва менависад, ки: «Нисбати Ҳисомуддин ба Абӯбакр биласола нест, балки аз ҷиҳати инҳилоли вуҷуди ӯст дар шахсият ва вуҷуди Мавлавӣ, ки мураббӣ ва муршиди ӯ ва зодаи Абӯбакри Сиддиқ аст… » [6,9]. «Ба ҳар сурат устод Фурӯзонфар роҳи хато рафтаанд. Чаро ки Мавлоно аз Ҳисомуддин на бо иборати «Сиддиқ ибни Сиддиқ», балки бо иборати «Сиддиқ ибни Сиддиқ ибни Сиддиқ» ёд мекунад» [1, с. 83]. Агар Сиддиқ ду бор такрор мешуд, заруратан ҷумлаи дуойӣ : «Разиаллоҳу анҳум ва анҳумо» ба кор мерафт. Айни иборот чунин аст:

«ابو الفضايل حسام الحق و الدّين حسام ابن محمّد ابن الحسن المعروف به ابن اخي ترك بايزيد الوقت جنيد الزمان صديق ابن صديق ابن صديق رضي الله عنه و عنهم الارموي الإصل المنتسب الي الشيخ المكرّم بما قال امسيت كرديّاً و اصبحت عربياً .... »

мегӯяд устод Гулпинорлӣ.

Аз гуфтаҳои боло ошкоро маълум аст, ки ривоёте, ки нисбати Мавлоноро ба сулолаи Абӯбакр мепайвандад, аз шаҷараҳои маҷъуле аст, ва баъд аз замони Султонвалад навишта шудааст.

Фирдавс хотун модари Аҳмад Хатибӣ, духтари Шамсулаимма Абӯбакри Сарахсӣ аст. Шамсулаимма аз уламои ҳанафие буд, ки таълифоти зиёде дошт. Дар издивоҷи Султонулуламо бо духтари Фирдавс хотун чунон ки Таҳсини Ёзичӣ дар муқаддимаи интиқодии худ бар тарҷумаи «Маноқиб-ал-орифин» ҳам ишора кардаанд. Ҷои басе тардид аст, чароки Шамсулаимма дар соли 1090-и мелодӣ ё дар 1109-и мелодӣ вафот кардааст. Агар соли вафоти ӯро 1109-и мелодӣ ҳам фарз кунем, боз ин таърих ба соли вафоти Султонулуламо яксаду бисту панҷ сол фосила дорад, чунон ки Таҳсини Ёзичӣ мегӯяд, ин ривоят вақте метавонад саҳеҳ гуфта шавад, ки Шамсулаимма чанд сол қабл аз маргаш соҳиби духтаре шуда ва ё тавлиди духтари баъд аз вафоти падар иттифоқ афтода бошад ва ин духтар ҳам дар авохири умри хеш духтаре ба дунё оварда бошад ва Султонулуламо ҳам ин духтарро ба қайди издивоҷи худ дароварда бошад. Афлокӣ ин ривоятро аз қавли Сайид Бурҳониддин ва Султонвалад нақл мекунад. Зимнан бояд гуфт, ки Шамсулаимма ба шаҷараи ансоби тариқати мавлавия ҳам ворид шудааст. Аз ин рӯ, шояд Султонулуламо бо яке аз наберагони Абӯбакр сарҳӯшӣ ва ба иборати дигари дақиқтар на бо набераи духтарии ӯ, балки бо духтари набераи вай издивоҷ карда бошад. Ва Аҳмади Афлокӣ бо навиштани иборати : «модари модараш духтари Шамсулаиммаи Сарахсӣ аст» хато карда бошад. Хотун модари Шамсулаимма аз фарзандони имом Муҳаммад Тақии Алҷаввод, нуҳумин пешвои шиаҳои соли 830 буда аст.

Шояд ривояте, ки дар насаби Султонулуламо ба Абӯбакр шуҳрат ёфтааст, иборат аз он бошад, ки номи бобои модарии вай «Абӯбакр» будааст ва номи Шамсулаимма Абӯбакр Муҳаммад, бо номи Абӯбакр нахустин халифаи рошидин якхела бошад. Ривояте ҳаст, ки Султон Муҳаммад подшоҳи Элхонӣ (1304-и мелодӣ) баъд аз пазируфтани мазҳаби шиа дар садад буд, ки ҷасади Абӯбакр ва Умарро аз ҷавори турбати Паёмбар (с) дур кунад. Чун Султонвалад хабар ёфт, аз сари ғайрат султонро аз ин кор боз дошт. Шояд ин кори вай яке аз далоили фавқ бошад.

Аз донишмандони ин хонадон номи яке аз бани аъмоми Баҳоуваладро барои рушаниандозӣ ба ин масъала меорем, ки ин Фахри Розӣ мебошад ва дар даврони ҳукмронии Хоразмшоҳ зистаасту устоди Хоразмшоҳ будааст. Фахриддин Муҳаммад ибни Умар ибн ал-Ҳусайн Алӣ, ё ал-Ҳусайн ибн ал-Ҳусайн ат-Тайимӣ ал-Бакрӣ ар-Розӣ аз бузургони ҳукамо ва мутакаллимини ислом аст ва камтар китобе дар ҳикмат ё калом ва тафсиру риҷол таълиф шуда, ки аз зикри ӯ холӣ бошад. Насаби ӯ низ ба Абӯбакри Сиддиқ мекашад ва аз бани аъмоми Баҳоуддин аст [6, с. 19].

Шамсидин Аҳмади Афлокӣ, модари Султонулуламоро аз хонадони Хоразмшоҳиён муаррифӣ мекунад. Саидаҳмади Қаландар дар пешгуфтори китоби «Ҳикоёти «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммад Балхии Румӣ»-и Аҳмади Нафисӣ овардааст: «Падари бузургвори Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Баҳоуддинвалад фақеҳи маъруф ва шахсияти бонуфузи замони худ буд ва бо

Ҳорахмшоҳиён муносибати хешовандӣ ҳам дошт» [5, с. 4] Лақаби Султонулуламо дар дунболи номи Баҳоуддин Муҳаммад ва ҳамчунин калимаи «султон» , ки пеш аз номи фарзанди Мавлоно ҷой гирифтааст, дар ин амр набояд бетаъсир бошад. Ба ҳадде аст, ки байни сӯфиён афроди зиёде ба номи «шоҳ» ва «султон» хонда шудаанд. Ва онон аз ин алқоб танҳо салтанати маънавиро дар назар доштанд.

Абдулбоқӣ Гулпинорлӣ мегуяд, ки Сипаҳсолор силсилаи тариқати Баҳоуддин Валадро ба воситаи ҷаддаш Аҳмади Хатибӣ ба Аҳмади Ғаззолӣ ва аз ӯ ба Абӯбакр Нассоҷ ва аз ӯ ба Муҳаммад Нассоҷ ва аз ӯ ба Абӯбакри Шиблӣ ва дар охир ба Ҷунайд мепайвандад [1, с. 9].

Барои аниқу муайян намудан ва ҳалли ин масъала фикр мекунам, ки маҳалли ҷуғрофӣ ва макони таваллуди Мавлоно шояд барои мо роҳеро кушода гардонад. Шаҳри Балх яке аз қадимтарин шаҳрҳо ва зодгоҳи Мавлоно мебошад ва аз нигоҳи илму адаб яке аз мавзеъҳои барҳавое буд, ки аҳли илм аз дигар шаҳрҳо барои гузаронидани маҳфилҳои адабиву шеър ба он ҷо меомаданд ва низ аз ҷумлаи билоде мебошад, ки дар даврони ҳуҷуми арабҳо аҳолиаш исломро хуб қабул карда буд.

Арабшиноси машҳур, профессор Тоҷиддин Мардонӣ мақолае бо номи «Перомуни чанд шеъри арабӣ дар бораи Балх»ро ба табъ расонидааст ва барои мардуми мо муайяну мушаххас намудаанд, ки дар кишварҳои арабӣ, дар даврони қадим низ шоирони араб ва зуллисонайн перомуни шаҳри Балх шеърҳо эҷод намудаанд. Дар қисми тавзеҳоти мақола ӯ номи шаҳри Балхро чунин овардааст: «Номи шаҳри Балх бо сифати «бомӣ», «бомин», «дурахшон» ҳамвора якҷоя истеъмол мешудааст ва дар китобҳои арабӣ онро «Балх-ал-ҳасно» яъне «Балхи нозанин» тарҷума кардаанд». Тоҷиддин Мардонӣ шеъри яке аз шоирони қадими эронинажоди арабигӯи авохири қарни VII – нимаи аввали қарни VIII Мӯсо Шаҳавотро зикр намудаанд, ки ҷолиби диққати хонандагон мебошад ва ман низ хостам ин шеъри арабиро, ки дар васфи шаҳри Балх аст, ин ҷо биоварам:

تقول لي النساء غداة تجلي حميدة يا فتي ما للجلاء
فقلت لهم سمرقند و بلخ و ما بالصين من نعم و شاء

(Саҳаргоҳон, ки ман ҳадя меовардам, занҳо ба ман гуфтанд:
«Ай писар, Ҳумайда ба чӣ ҳадя арзанда аст?»
Ман гуфтам ба онҳо: «Ба Самарқанду Балх,
Ва ба ҳамаи уштурону гусфандоне, ки дар Чин аст»)

Дар ин абёт Мӯсо Шаҳавот ба сарвату неъматҳову боигариҳое, ки шуҳрату шукуҳи Балху Самарқандро ташкил медоданд, ишора мекунад [3, с. 49].

Масалан, дар замони Муовия ҳокими Ироқ панҷоҳ ҳазор арабро бо хонаводаҳояшон ба Балх ва дигар шаҳрҳои Хуросон равона кард, то дар он макон сукунат ихтиёр кунанд ва ба онҳо замин ва хона дода буд, то муқими он ҷо бошанду мардуми шаҳри Балхро ислом биомӯзанд [4, с. 186]. Ва ин панҷоҳ хазор араб аксаран соҳиби улуми исломӣ буданд ва мардуми Балхро ислом омӯзониданд. Шояд дар даврони ҳуҷуми арабҳо яке аз наберагони Абӯбакри Сиддиқ дар қатори он панҷоҳ ҳазор араб ба Балх омадаву муқими он ҷо шуда бошад ва шояд аз ҳамин сабаб асли Мавлоноро ба Абӯбакри Сиддиқ расонда бошанд. Чунки то имрӯз дар ҷомеаи мо ашхосе ҳастанд, ки худро ба авлоди Паёмбари ислом мепайванданд ва соҳиби шаҷараи аҷдодӣ ҳастанд.

Адабиёт:

1. Гулпинорлӣ А. Мавлоно Ҷалолиддин: зиндагӣ, фалсафа, осор ва гузидае аз онҳо. Тарҷумаи Тавфиқ Ҳошимпури Субҳонӣ. - Теҳрон. -1384. - 470 с.
2. Ғафуров Б. Тоҷикон. - Душанбе: Дониш. - 2008.- 834 с.
3. Мардонӣ Т. Перомуни чанд шеъри арабӣ дар бораи Балх // Саҳифаҳое аз равобити адабии арабу аҷам. - Душанбе: Ирфон.- 2010.- 234 с.
4. Миробидинӣ Сайид Абутолиб. Балх дар таърих ва адаби форсӣ. Теҳрон: Ахтари шимол.- 1371,- 376с.
5. Нафисӣ Аҳмад. Ҳикоёти Маснавии маънавӣ-и Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммад Балхии Румӣ. - Душанбе: Паёми ошно. - 2007. - 420 с.
6. Фурӯзонфар Бадеъуззамон. Шарҳи аҳвол ва осори Мавлоно. – Душанбе, 2007. – 248 с.

РАЗМЫШЛЕНИЯ О РОДСТВЕННЫХ СВЯЗЕЙ ДЖАЛОЛИДДИНА БАЛХИ С АБУБАКРОМ СИДДИК

Темой изучения в этой статье является родственная связь Мавлоно Джалолиддина Балхи и Абубакра Сиддика. Некоторые учёные и почетатели Мавлоно Джалолиддина Балхи не могут особо выделить их произведения друг от друга. Мы постарались показать наши идеи и мысли по этому вопросу в этой статье, что является новшеством во взаимосвязи литератур арабов и персо-таджиков.

Ключевые слова: Мавлоно Джалолиддин Балхи, Абубакр Сиддик, родственная связь, арабско-таджикские литературные связи, город Балх.

THE ACCORDANCE OF IDEAS AND THOUGHTS OF MAWLONO JALOLIDDIN BALKHI AND ABUBAKR SIDDIQ

The thems of this article is about the blood relations between Mawlono Jalaliddin Balkhi and Abubakr Siddiq. Some of the scholars and worshippers of Mawlono Jaloliddin Balkhi can't understand their legacies with each other. We tried to realise our ideas in this article, which it's shows the interrelationship betweed Arabians and Persians.

Keywords: Mawlono Jalaliddin Balkhi, Abubakr Siddiq, blood relations, the Arabian Tajik literature relations, city Balkh.

Сведения об авторе: Зиёев Субхиддин, аспирант Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия имени А. Рудаки Академии наук Республики Таджикистан, e-mail: rakesh-23@mail.ru

About author: Ziyoev Subhiddin, post-graduate student of the Institute of Language, Literature, Oriental studies and Written heritage named after A. Rudaki of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan

МАВЛАВӢ ДАР ШИНОХТИ ХОНУМ ЭВА-ДУ-ВИТРЕЙ АЗ НИГОҲИ ШОКИР МУХТОР

Қурбонов М., Ҷаннатмир С.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Пас аз Саноиву Аттор ба шеъри тасаввуфӣ Ҷалолиддини Балхӣ қадами ҷиддӣ гузошт. Мавлавиро ҳама муҳаққиқон, чи дар Ғарб ва чи дар Шарқ, якдилона бузургтарин донишманди тасаввуфи башарӣ донистаанд. Ба ҳамагон маълум аст, ки дар асри XX бархе аз олимони Аврупо дар илми ховаршиносӣ баҳсу мунозираҳои зиёдеро дар атрофи Ҷалолиддини Румӣ ва «Маснавии маънавӣ»-и ӯ бардоштанд. Баъди тадқиқотҳои зиёди румишиносони машҳури ҷаҳон Хонума Эва ду Витрей- Мейерович, ки мавзӯи рисолаи докториаш «Мавзӯъҳои мистикӣ дар осори Ҷалолиддини Румӣ» (1968) мебошад, Мирям Ҳаррӣ. «Ҷалолиддини Румӣ»; Волфганг Гёте- «Девони Ғарбию Шарқӣ» - 1918; Виктор Ҳюго «Оҳангҳои шарқӣ» - 1829; Николсон «Румӣ шоир ва мистик». - Душанбе, 1950; Жуковский В.А.; Бертелс Е.С. «Суфизм и суфийская литература».- Москва: Избр.труды, 1965; Степанянс; Одилов Н. «Ҷаҳонбинии Ҷ.Румӣ» - 1961; Расул Ҳодизода. «Тасаввуф дар адабиёти форс-тоҷик». - Душанбе, 1999 ва дигарон маълум гашт, ки таъсири эҷодиёти ӯ ба адабиёти Аврупо расидааст.

Дар яке аз гузоришҳои худ донишманди эронӣ Саид Ҳусейни Наср чунин андешаҳоро дар атрофии «Маснавии маънавӣ» иброз доштааст: «Хеле аз ҳуззори муҳтарам медонед, ки дар ду соли гузашта шоире беш аз ҳама китобҳояш ба забони англисӣ дар Амрико ба фурӯш рафтааст, на Шекспир, балки Ҷалолиддини Румӣ ва «Маснавии маънавӣ»-и ӯ» мебошад.

Тадқиқотҳои номбурда гувоҳи он аст, ки имрӯз аврупоиён ба адабиёти тасаввуфии Шарқ рағбати калон зоҳир кардаанд. Махсусан, ибтидои асри XIX қисми зиёде аз муҳаққиқони Аврупо ба осори тасаввуфии шоирони Шарқ дар мисоли Аттору Саноӣ ва Румӣ рӯ оварданд. Дар асри XX бошад, тасаввуфшиносони тоҷик М.Ҳазратқулов, М.Рачабов, Н. Одилов, Х.Олимов, Ш.Исмоилов, А. Муҳаммадхоҷаев ва дигарон оид ба осори сӯфиёнаи адибони Шарқ корҳои зиёдеро ба сомон расонданд. Тадқиқотҳо нишон

доданд, ки баъди асри Х дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ тараннуми ишқи илоҳӣ мавқеи асосиро ишғол намуд, ки дар ин бора Ҳаким Саноӣ фармудааст:

Бигзар аз ҷону ақл як боре,
То ба фармони Ҳақ расӣ боре.

Дар дарки Худо Ҳаким Саноӣ ва Мавлавӣ ҷонибдори сӯфиён мебошанд. Ба қавли мутахассисони тасаввуф, аввалин шоири сӯфимашраб, ки ба сурудани шеъри дорои мазмуни орифона даст задаст, Абулҳасани Марвазӣ мебошад, ки дар базми рақси сӯфиён самоъ мехонад.

Пажӯҳишҳо муайян карданд, ки миёни Шарқу Ғарб пайвандҳои илмию адабӣ, махсусан дар натиҷаи омӯзиши тасаввуф зиёд шуд, зеро яке аз нишонаҳои осори шоирони романтики Аврупо мистисизм аст, ки аз ибтидои асри XVIII оғоз ёфтааст.

Дар асри XIX баъди ба кишварҳои шарқи мусулмонӣ сафар намудани аврупоиён дар мисоли ҳарбиён, савдогарон, миссионерҳо рағбат ба Шарқ хеле боло меравад. Ба қавли Виктор Ҳюго тамоми Аврупо ба Ховарзамин рӯ оварда буд. Дар Аврупо марказҳои шарқшиносӣ таъсис ёфтанд, ки дигар бе Шарқ, бахусус бе олами исломӣ вуҷуд дошта наметавонист. Дар ин бора шоири машҳури Олмон Гёте дар тарҷумаи Лоиқ Шералӣ чунин фармудааст:

Рав ба он ҷой - мулки пайғамбар,
Хираду нур чашмаҳо дорад.
Марди хокӣ зи ғояти дониш,
Баҳси андеша бо Худо дорад.

Яке аз тадқиқотчиёни машҳури Аврупо, исломшиноси маъруф Хонум Эва ду Витрей Мейеровичи франсавӣ мебошад. Ӯ зодаи шаҳри Париж буда, соли 1909 дар оилаи католики аристократ ба дунё омадааст. Ба қавли мутарҷим ва адабиётшиноси шинохтаи тоҷик марҳум Шокир Мухторов, Хонум Эва барвақт ба тасаввуф рағбат пайдо мекунад. Ӯ хатмкардаи коллеҷи назди калисои модархудоёни Париж мебошад. Донандаи хуби забонҳои лотинию юнонӣ буда, баъдтар илми ҳуқуқро меомӯзад. Дар баробари ин фалсафаи ҳиндувонро меомӯзад. Соли 1931 дар сини 22-солагӣ ба шавҳар мебарояд. Ҳамон сол аз пайи навиштани рисолаи докторӣ дар мавзӯи «Рамз дар осори Афлотун» мешавад, ки ин минбаъд ӯро ба фалсафаи Шарқ ва ислом мепайвандад. Замони ҷанг бисёр азобҳои рӯҳӣ мекашад, чунки шавҳараш ба фронт рафта буд. Баъд аз ҷанг дар маркази миллии тадқиқотҳои илмӣ кор мекунад. Аз соли 1969 то соли 1973 ҳамчун донандаи хуби забони арабӣ дар Донишгоҳи Ал-аҳзори шаҳри Қоҳира ба ҳайси профессор аз фалсафаи муқоисавӣ дарс мегӯяд. Аз кишварҳои Миср, Ливия, Қувайт, Арабистони Саудӣ дидан карда, роҷеъ ба ислом ва перомуни сӯфизм тадқиқотҳо гузаронидааст. Соли 1973 дар Миср ба тарҷумаи асарҳои Румӣ рӯ меорад. Хонум Эва соли 1971 исломро қабул карда, зиёрати хонаи Худо яъне ҳаҷ ба ӯ муяссар гардид. Сафари Қунияи Туркия карда оромгоҳи Румиро зиёрат кардааст. Хонум Эва ду Витрей Мейерович муаллифи зиёда аз 40 асари илмист, ки асосан дар бораи суфизм ва ҷамъияти дини дарвешони чархзан бахшида шудаанд. Миёни тарҷумаҳои ӯ «Фиҳӣ мо фиҳӣ»- соли 1976 ва «Маснавии маънавӣ» бо номи «Дар ҷустуҷӯи кулл»- 1990, ки 50 ҳазор сатрро дар бар мегирад мавқеи алоҳида дорад.

Аз тарҷумаҳои профессор Шокир Мухторов бармеояд, ки дар сарсухани китоби фаронсавии «Маснавии маънавӣ» Хонум Эва чунин сатрҳоро иншо кардааст: «Имони комил дорам, ки «Маснавӣ» бо нури худ Ғарбро равшан хоҳад кард» [3, с. 6].

Аввали солҳои навадуми асри XX тавассути Хонум Эва ду Витрей тарҷумаи комили ин шоҳкории адабиёти башар «Маснавии маънавӣ» аз чоп баромад. Тарҷума ва нашри ин асар аз тарафи нашриёти «Роше»-и Париж бо сифати баланд рӯи чопро дид. «Маснавии маънавӣ» барои Хонум Эва яке аз китобҳои муқаддаси инсоният ба шумор меравад. Барои барқарор намудани тарҷумаи ҳоли Румӣ Хонум Эва аз асарҳои ҳамзамонони баъди Мавлоно, бахусус аз ахборотҳои писараш Султон Валад истифода кардааст. Рисола бо пешгуфтор, ки дар он аз рӯзгори Мавлоно ҳикоят мекунад оғоз шуда, сипас таъриху моҳияти тариқаи мавлавияро шарҳ дода дар охири пешгуфтор шарҳи асарҳои Румӣ ва сарчашмаҳои истифодашуда ёдрас шудаанд. Таъсири осори файласуфони Юнонро дар ин асар муҳаққиқ ҳис мекунад, ки дар ин бора худаш низ пештар кор карда буд. Маҳз дар замони Румӣ Юнониҳо маданияти худро тавассути тарҷумаҳои арабию форсӣ дарёфт кардаанд. Асоси гуфтаҳои муҳаққиқи франсавиро ин сатрҳои Румӣ дар ибтидои китоби якуми «Маснавӣ» нишон медиҳад:

Эй давои нахвату номуси мо,
Эй ту Афлотуну Ҷолинуси мо.

Барои ба Худо расидан ба гуфти Румӣ роҳҳои зиёде ҳаст, вале ӯ роҳи рақсу мусиқиро афзалтар медонад. Мувофиқи фаҳмиши Хонум Эва, ӯ самоъро чун бунгоҳи мазҳабӣ мепиндошт.

Ба қавли Саид Ҳусейни Наср - хонандаи хушсалиқа огаҳ аст, ки «Маснавии маънавӣ» дар баҳри рамали мусаддас навишта шуда, муаллиф аз забони най чунон нағма месарояд, ки гоҳо ғазалу таронаҳои маҷлиси рақсу самои суфиёнаро ба хотир меоварад ва гоҳо ба баёни мавзуни тариқату ҳақиқату маърифат пардохта, роҳу усули маърифати ҳакимонро рад месозад:

Бишнав аз най чун ҳикоят мекунад,
Аз ҷудоиҳо шикоят мекунад.
К-аз найистон то маро бубридаанд,
Дар нафирам марду зан нолидаанд [3, с. 16].

Ҳарчанд «Найнома» дар баргардониш қофияи матни аслро надиҳад ҳам, мазмунан дуруст аст. Тарҷумаи «Маснавӣ» зиёда аз 150 афсонаи суфиёнаро дар бар гирифта бо муқаддима оғоз мешавад, ки ба қалами Аҳмади Қудсӣ Эргунер тааллуқ дорад. «Маснавӣ» бо суруди «нолаи най» оғоз меёбад. Румӣ достонашро дар ҳама ҷо рӯзонаю шабона дикта мекарду шогирдаш Ҳисомуддини Чалабӣ онро рӯнавис мекард. Матни маснавӣ дар тарҷумаи Хонума Эва чунин садо медиҳад:

Бишнав найро, ки аз саргузашташ ҳикоят мекунад,
в-аз ҷудоиҳо шикоят мекунад,
Аз вақте ки маро аз найистон бибридаанд,
марду зан аз нафирам нолидаанд.

Хонум Эва ду- Витрей ва Ҷамшед Муртазавӣ дар тарҷумаи «Маснавӣ» заҳматҳои зиёде кашидаанд. Ҳангоми баргардониш мутарҷимон кӯшидаанд, ки ба матни асл ҳадалимкон наздик бошанд:

Рафтам ба сӯи Мисру харидам шакареро,
Худ рост бигӯ, Юсуфи зарринкамареро [2, 165].

дар баргардониши хонум Эва чунин садо медиҳад[1, с. 45]:

Ба Миср рафтам ва харидам ширинҷоте,
Инро содиқона фош бикун: харидам Юсуфи зарринкамареро.

Асарҳои насрии Мавлавӣ «Фиҳӣ-мо фиҳӣ» ва «Мактубот» низ аз тарафи Хонум Эва ду Витрей соли 1975 ба забони франсавӣ тарҷума шудаанд. Ин ҳам бошад, пурра нест. Хонум Эва 144 мактубро интихобу тарҷума кардааст. Ба гуфти мутарҷим дар баъзе мактубҳо андешаҳо каму беш такрор мешаванд. Обрӯву эътибори Мавлоно ва Маснавию ғазалиёташ ба қавли Шокир Мухторов дар Фаронса рӯз ба рӯз баланд мешуд. Ховаршиносон ба монанди Хонум Эва, Анри Массе ва дигарон аз пайи тарҷумаи асарҳои Мавлоно шуданд. Ҳамин буд, ки соли 1993 дар Париж нашриёти «Галимар» мунтахаби ғазалиёти Мавлоноро бо номи «Китоби Шамси Табрезӣ», «Сад достон» аз чоп баровардаанд, ки онро мутарҷимон Маҳин Таҷаддуд ва Жан Клод Карйэр аз форсӣ ба франсавӣ баргардонда буданд.

Дар тавзеҳоти «Маснавӣ» Хонум Эва гуфтааст: «Агар мо майли бештари ғарбиёнро ба ислом дар солҳои охир мулоҳиза кунем, ин падида бешубҳа маҳз бо лутфи фикр ва андешаҳои тасаввуфии мусулмонон умуман бо асарҳо ва ақидаҳои «Маснавии маънавӣ»-и Румӣ ба амал омадаанд» [2, с. 5].

Хулоса, Хонум Эва-ду Витрей Мейерович дар баргардониш ва тадқиқотҳои илми ҷаҳонӣ вобаста ба осори Мавлавӣ яке аз румишиносони машҳур ба ҳисоб меравад. Ӯ тавонистааст ислом ва фалсафаи орифонаи Шарқро дар Аврупо зинда гардонида, махсусан Румиро ба ҷаҳониён шинос намояд.

Адабиёт:

1. Мухторов Ш. Мақолот. – Душанбе, 2001.
2. Мухторов Ш. Шуҳрати Румӣ дар Фаронса. - Душанбе, 2000.
3. Ҷалолиддини Балхӣ. Маснавии маънавӣ. - Теҳрон, 2001.

ИЗУЧЕНИЕ ТВОРЧЕСТВА МАВЛАВИ В РАБОТАХ ЭВА-ДУ-ВИТРЕЙ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ШОКИРА МУХТОРА

Эта статья посвящена изучению трудов и переводов французского учёного и переводчика, госпожи Эва-ду Витрей Меерович, посвяенных творчеству великого персидско-таджикского поэта Джалалиддина Руми с точки зрения таджикского учёного Шокира Мухтора.

Ключевые слова: Джалалиддин Руми, перевод, персидская литература, поэт, запад и восток.

THE STUDY OF MAVLAVI OF THE EVA-DU VITREI'S CREATIVE WORK IN TERMS OF SKOKIR MUKHTOR

This article is dedicated to the works and translations of French scientist and interpreter, Mrs. Eva-du Vitrei Meyerovich, who did the poems of famous Persian-Tajik poet Jalaladdin Rumi. с точки зрения таджикского учёного Шокира Мухтора

Keywords: Jalaluddin Rumi, translation, Persian literature, poet, east and west.

Сведения об авторах: Курбонов Маджид, кандидат филологических наук, доцент кафедры теории и истории таджикской литературы Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни, e-mail: abdumajid63@mail.ru

Джаннатмир Суфиё, аспирант кафедры теории и истории таджикской литературы Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни, e-mail: sofiya.waziry@yahoo.com

About authors: Kurbonov Majid, PhD in Philology, Associate Professor of the chair of theory and history of Tajik literature, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini

Jannatmir Sufiyo, post-graduate student of the chair of theory and history of Tajik literature, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini

МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ ДАР ШИНОХТИ АНРИ КОРБЭН

Султонов С. А.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Боиси хушбахтист, ки аксар мутафаккирони адабиёту фалсафаи классики форсу тоҷик шуҳрати ҷаҳонӣ доранд. Абубакри Розию Форобӣ, Ибни Синою Берунӣ, Носири Хусраву Мавлонои Рум ва даҳҳо нафарони дигар дар тамоми гӯшаю канори олам соҳиби мақому мартабаи хосанд. Хусусан, дар Фаронса шуҳрати мутафаккирони олами ислом, ки қисмати зиёдашон аз насли форсу тоҷиканд, назаррас аст. Ду омили асосӣ боиси шуҳратманд гардидани донишмандони мо дар Фаронса гардидааст: 1. Тарҷумаҳои пай дар пай ва интишороти зиёди осори мутафаккирони ин сарзамин; 2. Тадқиқоту пажӯҳишҳои илмӣ оид ба осори мутафаккирони номбурда, ки мусташриқони фаронсавӣ анҷом додаанд. Бинобар ин омӯзиши илмии мақому мартабаи мутафаккирони мо аз нигоҳи донишмандони хоричӣ аҳамияти калонӣ илмию фарҳангӣ дорад.

Бояд гуфт, ки шарқшиносӣ ҳамчун илм дар асри XIX дар Фаронса рушд карда, шарқшиносони фаронсавӣ ба осори аксар донишмандони форсу тоҷик таваҷҷуҳ зоҳир намуда, асарҳои тадқиқотӣ анҷом додаанд. Тарҷумаи осори мутафаккирони мо ба забонҳои аврупоӣ нисбат ба тадқиқотҳо собиқаи бештар дорад, яъне тарҷумаҳо аз забони арабию форсӣ ба забони лотинӣ ва дигар забонҳои ғарбӣ аз охири асри XI сар карда то имрӯз идома доранд.

Аз нимаи асри XX сар карда, дар Аврупо, хосатан дар Фаронса, анъанаи наҷибе пеш гирифта шуд, ки боиси дубора зинда гардидани донишмандону мутафаккирони на фақат Фаронса, балки тамоми ҷаҳон гардид. Созмони ҷаҳонии ЮНЕСКО бунёд гардид ва то имрӯз мутафаккирони форсу тоҷик ба навбат бо қарори ин созмони бонуфузи ҷаҳонӣ дар сатҳи байналмиллалӣ ҷашн гирифта мешаванд. Бо қарори ЮНЕСКО ҷашн гирифтани бузургон фазилати калон дорад. Фазилаташ дар он аст, ки донишманде ё мутафаккире, ки дар замони худ барои тамоми башарият хидмат карда, баъдҳо аз ёдҳо зудуда шудааст ва ё дар сатҳи олами имрӯза ношинохта мондааст, ба оламиён шиносонида мешавад.

Шахсиятҳои донишманди мо ба муаррифӣ кардану васфу тавсиф ниёз надоранд, вале бо қарори ЮНЕСКО ҷашн гирифтани солгарди онҳо боиси арҷгузорӣ ба онҳо мегардад. Дар ҳошияи қарорҳои ин созмон корҳои зиёд анҷом дода мешавад. Осори мутафаккирон тарҷума, нашр ва асарҳои мухталифи пажӯҳишӣ оид ба онҳо анҷом мепазирад ва ба ин васила гӯшае аз илми мо, ки чузъи чудонопазири илми башарият аст, обод мегардад ва муҳимтар аз ҳама, бо ин роҳ ҳувият ва худшиносии миллӣ таҳвият меёбад, кишвар обод мешавад.

Созмони ҷаҳонии ЮНЕСКО дар шаҳри Париж қарор дорад ва мантиқист, ки ҳар қароре қабул карда мешавад, пеш аз ҳама ба мардуми Париж, баъдан Фаронса ва сониян ба дигар кишварҳои олам дастрас мегардад. То имрӯз бузургони адабиёту фалсафаи мо чун Рӯдакию Фирдавсӣ, Ибни Синою Мавлоно Румию Ҷомӣ ва дигарон бо қарорҳои ЮНЕСКО дар сатҳи ҷаҳонӣ ҷашн гирифта шуданд ва оид ба ҳар кадоме аз онҳо ҷилд-ҷилд асарҳои тадқиқотӣ таҳия ва нашр гардидааст. Инак бо қарори ин созмони номдори ҷаҳонӣ ҷашни 700 - солагии донишманди маъруфи олами ислом Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ имсол ҷашн гирифта мешавад. Бояд гуфт, ки ҳарчанд Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ яке аз донишмандони камназири олами ислом аст, вале тадқиқотҳои илмӣ оид ба осори вай ниҳоят каманд. Нисбат ба мутафаккироне, ки дар боло номбар намудем, тарҷума ва таҳқиқи осори Ҳамадонӣ дар Фаронса ва дигар кишварҳои ғарбӣ хеле кам ба мушоҳида мерасад. Умед аст, ки бо шарофати ҷашни 700 - солагии ин донишманди маъруф аз ҷониби ЮНЕСКО мутахассисони олам бештар ба Ҳамадонӣ рӯ оварда, пажӯҳишҳо оид ба осори вай, ҳам дар Шарқ ва ҳам дар Ғарб дар сатҳи зарурӣ анҷом дода хоҳад шуд.

Қабл аз он ки Ҳамадониро дар шинохти Анри Корбэн – мусташриқ ва файласуфи Фаронса мавриди омӯзиш қарор диҳем, мехоҳем нахуст хулосаи суханоне, ки оид ба Ҳамадонӣ дар сессияи 192-юми қарори ЮНЕСКО аз 09 сентябри соли 2013 қайд гардидааст, аз забони франсавӣ бо тарҷумаи таҳтуллафз айнан пешкаши хонандагон намоем:

“700-умин солгарди мавлуди Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (1314-1385), шоири сӯфӣ (Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Тоҷикистон бо дастгирии Ҳиндустон ва Покистон). Мутаваллиди яке аз хонадонҳои олимақоми Ҳамадон буда... анқариб тамоми олами ислом ва фаротар аз онро сайр кардааст. Ҳамадонӣ яке аз шахсиятҳои асосии таърих буда, фарҳанги Кашмир, ҳам аз назари санъати меъморӣ (бо муттаҳидсозии санъати меъмории Осиёи Миёна ва Кашмир) ва ҳам аз назари такомули санъати косибӣ, баъдан иқтисодиёти минтақа зери нуфузи он ташаккул ёфтааст. Маҳорат ва кордоние, ки ӯ дар Кашмир корбаст намудааст, бешак ба саноат роҳ кушод. Ҳамадонии мистик ва ислоҳотгари ҷамъиятӣ ҳамчунин аз аҳли қалам буд. Мавсуф тақрибан сад рисола ба забонҳои арабию форсӣ вобаста ба масоили суфизм, ахлоқ ва ғайра эҷод кардааст. Асари “Захират-ул-мулук” бо бисёр забонҳо ба табъ расидааст. Зиндагии Ҳамадонӣ дар шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлони Тоҷикистон ба поён расидааст, ки имрӯз ҳам теъдоди зиёди мардумон он ҷо ба зиёраташ меоянд. Маъракаи пешниҳодгардида дар мавзӯи “Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва тамаддуни сулҳ” бисёр ба маврид аст. Таҷлили ҷашн дар якҷоягӣ аз ҷониби кишварҳои узв (Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Тоҷикистон) бо дастгирии Ҳиндустону Покистон пешниҳод гардидааст” [4].

Тавре мебинем, созмони ЮНЕСКО дар симои Алии Ҳамадонӣ танҳо як сӯфии хушку холиро намебинад, балки яке аз шахсиятҳои асосии таърихи башарият, ислоҳотгари ҷамъиятӣ, шахсияти сулҳу ваҳдатпарвареро мебинад, ки зери таъсираш санъату фарҳанги Кашмир ташаккул ёфта, ба шарофаташ Осиёи Миёна ва Ҳиндустон ба ҳам пайвастагӣ пайдо карда, ҳунару саноат рӯ ба пешрафт овардааст.

Тавре дар боло ишора намудем, таҳқиқотҳо оид ба Ҳамадонӣ дар Фаронса хеле каманд, бо вучуди ин бархе аз муҳаққиқони фаронсавӣ Ҳамадониро дар таҳқиқоти худ ёд кардаанд. Андешаҳои файласуф ва шарқшиноси маъруфи фаронсавӣ Анри Корбэн дар хусуси Ҳамадонӣ аз аҳамият холӣ нестанд. Корбэн Мир Сайид Алии Ҳамадониро асосан дар ду асари худ “Таърихи фалсафаи исломӣ” ва дар асари дигараш “Инсони нур дар тасаввуфи эронӣ” ёд кардааст. Дар асари аввала Корбэн саҳифаи алоҳидаеро ба Алии Ҳамадонӣ бахшида, дар баробари матраҳ намудани андешаҳои Алии Ҳамадонӣ оид ба ҳаёту фаъолияти мутафаккир низ маълумоти мухтасар медиҳад. Дар асари дуюм бошад дар рафти муҳокимаронихо дар хусуси фалсафа ва теологияи Наҷмиддини Кубро аз Алии Ҳамадонӣ, ки пайрави ҷараёни Кубровия буд, ёд кардааст.

Ба қавли Корбэн Сайид Алии Ҳамадонӣ яке аз симоҳои бузурги равияи Кубровия буда, аз унвонаш Сайид маълум аст, ки аз шаҷараи авлодии Пайғамбар (тавассути Имоми IV-ум Алӣ Зайнулобиддин) будааст ва тавре номаш ишора мекунад мазкур аз аҳли Ҳамадон, Экбатони қадима буда, дар он ҷо соли 714/1314 таваллуд шудааст [5, с. 414-415]. Вобаста ба ҳамин масъала донишманди шинохта ва мутахассиси зиндагию осори Ҳамадонӣ Моҳирхӯҷаи Султонзода дар асоси далелҳо таваллуди Ҳамадониро 12 моҳи рачаби соли 714 ҳиҷрӣ, мутобиқ ба 22 октябри 1314 мелодӣ дар шаҳри Ҳамадони Эрон дар оилаи ҳоким медонад. Ба қавли муҳаққиқи тоҷик падари Ҳамадонӣ ба 17 восита ба халифа Алӣ ибни Абутолиб ва модараш ба 17 восита ба пайғамбар Муҳаммад мерасидааст [1, с. 5-16].

Ба таъкиди Корбэн Ҳамадонӣ ҳанӯз дар синни дувоздаҳсолагӣ ба ҷараёни сӯфия гаравида, минбаъд умри худро дар муҳоҷирату сафароти дуру дароз гузаронидааст [5, с. 414-415]. Оид ба ин масъала низ Султонзода М. таваҷҷуҳ карда менависад, ки Алии Ҳамадонӣ дар 12-солагӣ таваҷҷуҳи махсусе ба тасаввуф намудааст ва ба ҳамин васила пайраву шогирди сӯфии машҳури давр Шарафуддин Маҳмуди Маздаконии Розӣ мегардад. Сипас Алии Ҳамадонӣ дар назди шайхи дигар Алии Дӯстӣ омӯзиши тасаввуфро идома медиҳад. Асосан устодони Алии Ҳамадонӣ пайравони силсилаи кубровияи тасаввуф буданд, ки асосгузори он шайх Начмуддини Кубро аст. Илова бар ин, онҳо таваҷҷуҳи зиёде ба футувват доштаанд. Алии Ҳамадонӣ ду сол дар назди Алии Дӯстӣ таълим мегирад ва баъди вафоти ӯ боз ба назди шайх Маҳмуди Маздаконӣ бармегардад. Устодаш вайро ба сайру саёҳат ҳидоят менамояд. Ба ҳамин минвол сайру саёҳати тӯлонӣ, яъне 21-солаи Алии Ҳамадонӣ оғоз мегардад. Дар тӯли ин сафарҳо дар аксар кишварҳои олами ислом умр ба сар мебарад. Дар яке аз ин мусофиратҳо вай бо шайх Абулмаёмин Начмуддин Муҳаммад ибни Муҳаммад Азконӣ мулоқот менамояд. Гӯё Алии Ҳамадонӣ ба ҳидояти ин шайх ҳам футувватро қабул менамояд ва ҳам ба издивоҷ розӣ мешавад [1, с. 5-16].

Ба назари Корбэн Ҳамадонӣ дар охирҳои умр, соли 1380 ба шаҳри Кашмир, ки таҳти ҳукмфармоии Қутбиддини Ҳиндол, чорумин сарвари сулолаи нахустини исломӣ қарор дошт, сафар кард. Дар он ҷо шаш сол иқомат ихтиёр карда, ба тарғиби суфизми ташайюъ шуғл варзид ва ҳангоми бозгашт ба Форс (Эрони имрӯза –С.С.), дар шаҳри Поклӣ (дар марзи Ҳинду Афғонистон) дар роҳ фавт кард. Писараш Мир Маҳмуди Ҳамадонӣ дувоздаҳ сол дар Кашмир зиста, дар он ҷо асари рӯҳонии падарашро ба итмом расонд [5, с. 414-415].

Вобаста ба сафари Алии Ҳамадонӣ муҳаққиқ Султонзода М. дар такя ба маълумоти Ҳофиз Карбалоӣ менависад, ки Алии Ҳамадонӣ баъди мулоқоташ бо Амир Темур соли 1372 ба ӯ чунин изҳори ақида кардааст: “Маъмурам, ки ба Кашмир равам ва аҳли он диёрро ба ислом далолат кунам. Шояд, ки ба ислом мушарраф гарданд. Бинобар ин рӯзе чанд дар Хатлон маскан гузидаам” [1, с. 5-16]. Аз ин маълумот бармеояд, ки Алии Ҳамадонӣ қаблтар аз гуфтаҳои Корбэн ба Кашмир сафар карда будааст. Яъне на дар соли 1380, балки пештар аз он.

Ба назари Султонзода М. солҳои охири ҳаёти Шоҳи Ҳамадон (яъне Алии Ҳамадонӣ –С.С.) дар Кашмир гузаштааст. Вай мувофиқи гуфтаву навиштаҳои Ҷаъфари Бадахшӣ ва Ҳайдари Бадахшӣ соли 1384 азми бозгашт менамояд ва дар вақти сафар дар Паҳклӣ бемор мешавад ва ҳамон ҷо вафот мекунад. Маҳалли вафоти ӯро Кабравсавод, Кобул, Макулоб, Похлӣ, Кунар, Мовароуннаҳр, Ҳазора, Кофиристон, Ҳамадон ва ғайра гуфтаанд. Ба ақидаи Султонзода М. Алии Ҳамадонӣ 6-уми моҳи зулҳиҷҷаи соли 786 мутобиқи 19 январи соли 1384 ҳангоми сафар дар маҳалли Кабравсаводи Похлӣ (Паҳклӣ)-и Покистон вафот кардааст ва ҷасадашро мувофиқи васияташ шогирдону муридон ба Хатлон оварда дафн кардаанд.

Барои муътамадтар гардидани маълумотҳои дар боло овардашуда аз “Нафаҳот-ул-унс”-и Абдураҳмони Ҷомӣ оид ба Алии Ҳамадонӣ маълумоти зерро меорем: “Амир Саид Алӣ ибни Муҳаммад ал-Ҳамадонӣ. ...Вайро дар улуми аҳли ботин мусаннифоти машҳур аст, чун китоби “Асрор-ун-нукта” ва “Шарҳи асмои Аллоҳ” ва “Шарҳи “Фусус-ул-ҳикам” ва “Шарҳи қасидаи” “Хамрияи форизия” ва ғайри он. Вай муриди Шайх Шарафуддин Маҳмуд ибни Абдуллоҳ ал-Муздаконӣ буд, аммо насаби тариқат пеши соҳибуссир байнулақтоб Тақиуддин Алӣ Дӯстӣ кард. Ва чун Шайх Тақиуддин Алӣ аз дунё бирафт, боз ручӯи Шайх Шарафуддин Маҳмуд кард ва гуфт: Фармон чист? Вай таваҷҷуҳ кард ва гуфт: Фармон он аст, ки дар ақсои билоди олам бигардӣ. Се навбат рубъи маскунро сайр кард ва суҳбати ҳазору чаҳорсад валиро дарёфт ва чаҳорсадро дар

як маҷлис дарёфт. Содиси зулҳиҷҷаи санаи ситта ва самонин ва сабъамиа (шашуми зулҳиҷҷаи соли 786) наздик ба вилояти Кибрусавод фавт шуд ва аз он ҷо ба Хатлонаш нақл карданд” [3, с. 552].

Бояд қайд кард, ки маълумоти аз ҷониби М.Султонзода оид ба соли фавти Алии Ҳамадонӣ додашуда, ба маълумоти Корбэн ихтилоф дорад. М. Султонзода ба ин бовар аст, ки Алии Ҳамадонӣ 6-уми моҳи зулҳиҷҷаи соли 786 мутобиқи 19 январи соли 1384 ҳангоми сафар дар маҳалли Кабравсаводи Похлии Покистон вафот кардааст. Корбэн бошад, соли вафоти мутафаккирро баробар ба соли 1385 медонад. Дар ин хусус маълумотҳои тасдиқнамудаи ЮНЕСКО низ на соли 1384, балки баробар ба соли 1385 солшумории милодӣ аст.

Корбэн оид ба чанд нукта ва усули андешаи мутафаккир маълумот додааст. Ба ақидаи шарқшиноси фаронсавӣ ин нуктаҳо аз далоили илоҳиёт (метафизика)-и як рисолаи “Нақди хоб” маншаъ мегиранд. Корбэн таъкид менамояд, ки ин масъаларо Фритз Мейер бештар мавриди омӯзиш қарор додааст. Бинобар ақидаи ӯ Алии Ҳамадонӣ дар рисолаи “Нақди хоб” оид ба се шакли зуҳури ҳастӣ сухан меронад: шакли мутлақ, шакли муқобил, шакли нисбӣ. Шакли аввали ҳастӣ [аз назари Алии Ҳамадонӣ –С.С.] дар шинохти Корбэн барои инсон дастнорас ва ҳиснашаванда буда, тавассути ишораи номуайяне дар ояти қуръонии сураи Нур (24/35) ва дар ҳамоҳангӣ ба оламшиносӣ (космология)-и маздоясноӣ ва моҳияти худи Нур муқаррар гардидааст. Шакли дуюм низ барои инсон ҳиснашаванда аст, зеро ҳастӣ дар он, самти мутақобили худро мегирад, яъне дараҷаест, ки дар он нест мегардад. Ин дараҷаи вуҷуди шайъӣ надоштан, ғайри мавҷуд будан, тавассути Зулмати мутлақ муайян мегардад. Миёни ин ду шакл рӯз ва рушноӣ қарор гирифтааст, ки дар он Нур ва Зулмат якҷоя шуда, вақте ки дараҷаи қувваи дутарафаашон маҳдуд гардид, аз он чизе падид меояд, ки барои инсон дидаю ҳисшаванда аст. Шакли сеюм дар зуҳури сегонаи ҳастӣ, ҳастии нисбӣ ва шакли аёни Худованд аст [5, с. 414-415].

Аммо худи мутафаккир зуҳури ҳастиро на дар се шакл, балки дар панҷ шакл нишон додааст. Мутобиқи таълимоти сӯфиёнаи Ҳамадонӣ барои аз ҳолати ғайридидорӣ, номаҳсусӣ ба шакли моддӣ ва даррокӣ табдил гаштани ҳастии ягона вай бояд силсилаи маротиби таназзулро тай намояд. Тавре менависад: “Олами куллияи ҳазороти таназзулот панҷ аст: аввал ғайби мутлақ, ки он олами аъёни собита аст. Баъд аз он олами ҷабарут ва дигар олами малакут ва дигар олами малак ва дигар олами инсони комил” [2, с. 52].

Дар масъалаи офариниш Шоҳи Ҳамадон масъалаи ҳастиро аз нуктаи назари таълимоти ваҳдати вуҷуд ҳал кардааст. Мутафаккир дар “Рисолаи вуҷудия” менависад: “Назди аҳли кашфу шуҳуд вуҷуди мутлақ яке беш нест ва он вуҷудест, ки вуҷуди ҷамеи мавҷудот бад-он ҳазрат мунтаҳо мешавад ва он ҳазрат мунтаҳои ҳама аст” [2, с. 50].

Султонзода М. таълимоти Ҳамадониро оид ба ҳастӣ шарҳ дода менависад, ки байни худованду олам ваҳдати ҷавҳарӣ вуҷуд дорад, зеро ба ақидаи мутафаккир ғайри ҳастии Худо дигар чизе вуҷуд надорад, ин олами моддӣ аксу сояи ӯянд. Азбаски ҳама чиз мутобиқи ҷараёни судур аз ӯ зоҳир мешавад, пас ҳама аз ӯст [1, с. 5-16]. Ҳамадонӣ дар “Рисолаи вуҷудия”-и худ менависад:

Эй он, ки ҳудусу қидамат ӯст ҳама,
Сармояи шодиву ғамат ӯст ҳама.
Ту дида надорӣ, ки ба худ дарнигарӣ,
Варна зи сарат то қадамат ӯст ҳама [2, с. 53].

Тавре мебинем, андешаҳои Алии Ҳамадонӣ бозгӯи онанд, ки мутафаккир масъалаи ҳастиро аз назари ваҳдати вуҷуд ҳал намояд ҳам, вале ба таълимоти вай таъсири мактаби машшоия кам нест. Ба қавли Султонзода М. Алии Ҳамадонӣ олами моддиро аксу сояи Худованд медонад, ки ин андеша бешак олами идеаҳои Афлотунро ба ёд меорад. Аз ин нуктаи назар ҳақ ба ҷониби муҳаққиқ Султонзода М. аст, ки нигоштааст: “Дар ташаккули ҷаҳонбинии Алии Ҳамадонӣ ва тарбияи ӯ нақши устодони зикршудааш хеле калон буда, сарчашмаи дигари ғоявии ташаккули мафкураи ӯ таълимоти мутафаккирони номии таърихи афкори фалсафии халқҳои форсу тоҷик ва араб амсоли Мансури Ҳаллоҷ, Ибни Арабӣ, Саноӣ, Аттор, Ҷалолиддини Румӣ, Абуҳомид Ғазолӣ ва аҳли машшоия Абӯалии Сино мебошанд” [1, с. 5-16].

Корбэн дар асари худ “Инсони нур дар тасаввуфи эронӣ” Алии Ҳамадониро сӯфии бузург номида, дар такя ба Фритс Мейер менависад, ки ба қавли Ҳамадонӣ Шарқ моҳияти олами Ғайб аст, яъне Шарқ олами фавқулэҳсосест, ки он ҷойгоҳи ашхоси

Комил аст. Ин Шарқ моҳияти олами ноаёнест, ки сарчашмаи судур (эманатсия)-и ҳастӣ то ба ғарби олами ҷисмҳо тариқи ҳашт дараҷа идома меёбад ва дар он кавкабҳои Ҷабаруту Малакут қарор доранд [6, с. 91].

Ба назари Корбэн, ки бештар ба Фритс Мейер такя менамояд, Ҳамадонӣ суфизмро дар хоки Ҳинд тарғиб намуда, андешааш он аст, ки инсон нусхаи Қуръони бузург буда, Қуръони бузург худ коинот аст. Ва ин Қуръони кайҳонӣ иборат аст: аз сураҳо, оятҳо, калимаҳо, ҳарфҳо, аломатҳои талаффуз ва дорои ҷиҳатҳои ошкор ва махфӣ аст. Ҳар як қисмати инсон, ки соф шуд, нусхаи берунии он ки ба ӯ ҳамҷинс аст,[1] дар он акси худро меёбад, зеро ягон чиз наметавонад дида шавад, ба ҷуз тавассути мушобеҳи худ. Вақте, ки табиати ботинӣ соф шуд, нубуғ ва қобилият зуҳур мекунад ва дар он ҳар чи ки дар олами макрокосмос мушобеҳи ӯст, пеши назар меояд [6, с. 106-107]. Ба ҳамин монанд нафс, қалб, рӯҳ, фавқ-уш-шуур то иксири пурасрор (иксир – нӯшокии муъҷизанок –С.С.) макони ботиние, ки он ҷо аърози илоҳӣ фош мегарданд ва он гоҳ гуфта мешавад: “Ман чашми ӯям, ман нигоҳи ӯям” [6, с. 106-107]. Аз ин гуфтаҳо маълум мегардад, ки таълимоти суфиёнаи Алии Ҳамадонӣ ба таълимоти дигар сӯфиёни пантеист сахт монанд буда, хусусан таълимоти Мансури Ҳаллоҷро, ки “Анал Ҳақ” мегуфт, ба хотир меорад.

Хулоса, Корбэн бо якчанд ақидае, ки оид ба таълимоти Алии Ҳамадонӣ додааст, Алии Ҳамадониро ба доираҳои илмии Фаронса шинос намуда, аз тарафи дигар тавонистааст як гӯшаи норавшани ҳаёт ва андешаи орифи маъруфи диёри мо Мир Сайид Алии Ҳамадониро равшан гардонад.

Адабиёт:

1. Султонзода М. Ҳикмати ирфонии Алии Ҳамадонӣ//Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Шоҳи Ҳамадон. – Осори мунтахаб. –Ҷ. 2. –Душанбе: Ирфон, 1995. – с. 5-16
2. Ҳамадонӣ Мир Сайид Алӣ. Шоҳи Ҳамадон. – Осори мунтахаб. –Ҷ. 2. –Душанбе: Ирфон, 1995. - 238 с.
3. Ҷомӣ Мавлоно Нуриддин Абдурраҳмон. Нафаҳот-ул-унс мин ҳазарот-ил-қудс. Таҳиягарони матн, муаллифони муқаддима ва феҳристҳо: М. Оқилова, Б. Мирсаидов. - Душанбе, 2013. – 865 с.
4. Conseil exécutif. 192 ex/32.inf. Paris, le 9 septembre 2013. Anglais et français seulement. Propositions relatives à la célébration des anniversaires auxquels l’UNESCO pourrait être associée en 2014-2015, et recours présentés par les états membres à ce sujet. http://unesdoc.unesco.org/images/0022/002229/222985F.pdf
5. Henry Corbin. Histoire de la philosophie islamique. -Paris: Gallimard, 1986. –p. 414-415
6. Henry Corbin. L’homme de lumière dans le soufisme iranien. -Paris: Editions Présence, 1971. – 231 p.

МИР САЙИДА АЛИ ХАМАДАНИ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ АНРИ КОРБЭНА

В данной статье речь идет об исследованиях видного французского философа и востоковеда Анри Корбэна, о жизни и учении известного исламского мыслителя Мир Сайида Али Хамадани. Автор статьи в основном рассматривает некоторые идеи Хамадани о проблеме бытия и творения в исследованиях Анри Корбэна. Высказывается мнение о сходстве и отличии учения Хамадани с учениями других мыслителей и суфий. Определяется, что учение Хамадани было в центре внимания Анри Корбэна. Корбэн в своих двух книгах «История исламской философии» и «Человек света в иранском суфизме» рассматривает учение Хамадани. Следует констатировать, что учение Хамадани как и учения других суфиев является пантеистическим и такая идея придерживается Анри Корбэном.

Ключевые слова: Хамадани, Корбэн, философия, творение, пантеизм.

MIR SAYID ALI HAMADANI IN THE POINT OF VIEW OF HENRY CORBIN

In this article the matter is about researches of the prominent French philosopher and the orientalist Henry Corbin about the life and the doctrine of famous Islamic thinker Mir Sayid Ali Hamadani. The author of article considers some ideas of Hamadani about a problem of life and creation in Henry Corbin's researches. In the course of studying is shown similarity and difference Hamadani's doctrine with doctrines other thinkers and sufiys. It is defined that Hamadani's doctrine was in the centre of attention of Henry Corbin. Corbin in two books "History of Islamic Philosophy"

[1] Яъне ҳарчи дар кайҳон аст, дар ботини инсон ҳаст (-С.С.)

and "Person of Light in the Iranian Sufism" considers Hamadani's doctrine. On the basis of facts is defined that Hamadani's doctrine as well as doctrines of others Sufis is pantheistical and Corbin supports such idea.
Keywords: Hamadani, Corbin, philosophy, creation, pantheism.

Сведения об авторе: Султонов Сокибой Аслонбойевич, кандидат философских наук, доцент кафедры философии, декан факультета романо-германских языков Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни, e-mail: sultonzoda83@mail.ru

About author: Sultonov Sokiboy Aslonboyevich, PhD of philosophic sciences, docent of the department of philosophy, the dean of faculty of Roman and German languages, Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni

ТАБАҚАБАНДИИ МАВЗӮИИ ҲИКОЯТ ДАР АДАБИЁТИ ФОРСӢ

Турсунов Ғ. А.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улугзода

Ҳикоят чун истилоҳи адабӣ бори аввал дар «Тафсири Табарӣ» истифода шудааст. Вале гумон меравад, ки ҳикоят пеш аз он ҳам маъруф будааст. Агар даврони Оли Сомонро ба хотир биёрем, ба қавли баъзе адабиётшиносон кӯчаву бозорҳои шаҳрҳои калонтарини Осиёи Марказӣ аз ровиёну ноқилони осор пур буданд. Онҳо байни мардум ривоятҳо ваъз мегуфтанд, барои тасдиқи суханҳои гуфтаи хеш аз зиндагии анбиёву авлиё ва шоҳони маъруф нақлҳо меоварданд. Гумон меравад, ки бештар оид ба зиндагии пешвоёни дину мазҳаб ҳикоят мекарданд. Ба адабиёти хаттӣ дохил шудани истилоҳ шояд аз ҳамин ҷиҳат аст, ки ин истилоҳ бори аввал тобиши мазҳабӣ доштааст, чунки дар асарҳои пеш аз «Тафсири Табарӣ» навишташуда, масалан «Таърихи Табарӣ» ин истилоҳ дида намешавад, ҳарчанд «Таърихи Табарӣ» ҳам аз ҳикоятҳо иборат аст.

Дар «Тафсири Табарӣ» ҳикоят барои таҳвияти ягон фикр оварда мешавад. Чунин тарзи тасвир баъдан дар китобҳои дигар мавриди истифода қарор гирифт ва як сабки нигориши ҳикоят ба миён омад.

Вале ҳикоят таърихи қадима дорад ва ба давраи пеш аз ислом мерасад. Феълан матнҳои паҳлавӣ ва суғдӣ нисбатан пурра нашр шудаанд ва қисме аз онҳо бо забонҳои дигар тарҷума шудаанд, вале ин матнҳо то имрӯз мавриди тадқиқ қарор нагирифтаанд. Ҳол он ки дар адабиёти паҳлавӣ ва суғдӣ ҳикоятнависӣ рушди баланде дошта будааст ва дар такомули ҳикоятнависии порсӣ таъсири муайяне гузоштааст.

Бертелс Е.Э. дар сарсухани «Қобуснома» (Москва, 1958) қайд намудааст, ки дар давраи қадим, гузашта аз китобҳои «Худойнома», «Корномаи Ардашери Бобакон», «Рустаму Исфандиёр», «Баҳроми Чӯбина», даҳҳо асарҳои паҳлавонӣ, монанди «Вис ва Ромин», «Рӯзбеҳ», «Китоби Пайкор», «Дориюш ва бути тиллоӣ», «Баҳром ва Нарсӣ», «Мушкдона ва маликаи занон» бисёр қисса ва ҳикоятҳои ахлоқӣ, ишқӣ ва саргузаштӣ маълум будаанд.

Дар он давраҳо ровигӣ хеле инкишоф ёфта будааст. Ровиён дар баробари осори динӣ ҳикояту қисса ва масалҳои аҷоиб нақл менамудаанд. И.С. Брагинский нигоштааст, ки ин гуна ҳикоятҳо дар бозор ва ҷойҳои серодам нақл карда мешуданд ва бо он ҳунармандон ва мардуми оддӣ хастагиро дур месохтанд [2, с. 213].

Бештари ҳикоят ва қиссаҳое, ки дар инкишофи насри асрҳои миёна нақши бузург бозидаанд, осори тарҷумавӣ мебошанд. Дар давраҳои мулукуттавоиф ва Сосониён таъсири адабиёти Ҳинд бештар ҳис карда мешавад. Осори тарҷумавии ҳиндӣ ба гурӯҳҳои буддоӣ ва адабиёти бадеӣ ҷудо мешаванд. Осори динии буддоӣ, ба қавле ҷатакаҳо, ба хусусиятҳои шаклии худ ба адабиёти шифоҳӣ таъсир кардааст. Ҷатакаҳо, ки аз саргузаштҳои хаёлии Буддо иборат буданд, барои ривоят кардан ё ҳикоят гуфтан мувофиқ буданд ва чанде аз онҳо ба забонҳои мардуми Мовароуннаҳр тарҷума шуда буданд. Масалан, «Весантра ҷатака».

Агар илова намоем, ки ҳикоятҳое ба мисли «Ҳазор афсона», «Худойнома», «Синдбоднома» ва амсоли инҳо, ки аз паҳлавӣ ба арабӣ ва баъдан аз арабӣ ба дарӣ тарҷума шуда буданд, нақши боризе дар инкишофи ҳикоятҳои дарӣ бозидаанд, хато нахоҳем кард.

Барои шаклгирии ҳикоят ва анвои он ривоятҳои динию таърихӣ, ишқию саргузаштҳои моҷароҷӯёна нақши асосӣ бозидаанд.

Донишманди чех Иржи Бечка дар китоби «Адабиёти шифоҳии Эрон» ҳикоятҳоро чунин тасниф менамояд:

«Навъи дигари адабиёти чопшудаи фолклорӣ новеллаҳо (ҳикоят) ҳастанд. Ин адабиёт ба се қисмат тақсим мешавад. Новеллаҳое, ки ба як қисмат ба поён мерасанд, новеллаҳое, ки як қисмат қисмати дигарро мукаммал месозанд ва новеллаҳое, ки достон дар достон аст [1, с. 93].

Заминаи ҳикоятҳои хаттӣ ҳикоятҳои фолклорӣ аст. Хоҳ мазҳабӣ бошад, хоҳ ахлоқӣ, ки баъдан нависандагон ба он ҳодиса ё ашхоси таърихиро ворид намудаанд. Пас, метавон ба хулоса омад, ки ҳикоят то замони таълифи «Тафсири Табарӣ» маълум ва машҳур будааст, ки муаллифи «Тафсири Табарӣ» онро ба кор бурдааст.

Тамоми шаклҳои жанрии ҳикоят аз ҷиҳати мавзӯъ ба ҳикоятҳои таърихӣ, мазҳабӣ, ахлоқӣ, мутоиба, устура, баҳоим ва амсоли инҳо тақсим мешавад. Ба андешаи Ю.Салимов, тарзи муносибат ба мавзӯи асар умумияти куллӣ доранд, яке аз он хусусияти умумӣ воқеият бе воситаи тахайюлоти адиб ё қиссахон ҳал мешавад [4, с. 69]. Сипас, Салимов меафзояд, ки қиссаҳои дину тариқат як махсусият доранд, воқеият ё асоси материалии онҳо худ хаёл ё фантазия мебошанд. Қиссаҳои динӣ ё тасаввурӣ аслан хеле зиёд мебошанд, бо вуҷуди ғояи иртиҷоӣ ва мардумфиребӣ доштан аз аҳамияти бадеӣ холӣ нест. Адибони доираҳои дину тариқат мундариҷаи асарҳоро аз китобҳои динӣ, ғояро аз таълимоти ислом гиранд ҳам, ба шакли бадеии асарҳо ва осори фолклору адибони классик мувофиқат мекарданд [4, с. 69].

Т. Миров чунин нигоштааст: «Нависандагон аз он сабаб бештар ба адабиёти даҳонӣ таваҷҷуҳ пайдо мекарданд, ки сюжету образ ва оҳангҳои халқӣ дар ҳаёт санҷида ва пухта шуда буданд, онҳо зиндагонии одамонро хубтар, барҷастатар ва реалистона инъикос мекарданд. Аз тарафи дигар, сабаби таваҷҷуҳ доштани адибон боз дар он аст, ки онҳо асарҳои халқиро ҳамчун воситаи хуби ифодаи ғояҳои пешқадами худ истифода мебурданд [3, с. 104].

Метавонем ҳикоятҳоро аз ҷиҳати мавзӯъ ба қисматҳои зерин ҷудо намоем:

1. Устура
2. Ҳикоят ё ривоятҳои таърихӣ
3. Ҳикоятҳои таърихӣ-ривоятӣ
4. Ривоятҳое, ки характери таърихӣ доранд ва ҳодисаҳои таърихӣ аз нуктаи назари динӣ ҳал мешаванд.
5. Ҳикоятҳое, ки хусусияти афсонавӣ дошта, корнамоӣ ва амалиёти шахсони таърихиро аз ҳақиқати таърихӣ берун тасвир мекунанд.
6. Ҳикоятҳое, ки дар асоси фактҳои таърихӣ ба амал омадаанд. Дар ин ҳикоятҳо симоҳои барҷастаи таърихӣ (Исмоили Сомонӣ, Наср бинни Аҳмади Сомонӣ, Султон Маҳмуди Ғазнавӣ, Тамғочи Самарқандӣ ва амсоли инҳо) тасвир шудаанд.
7. Ҳикоятҳои динӣ
8. Ҳикоятҳо дар бораи ҳайвонот
9. Ҳикоятҳои ҳаҷвӣ

Чунин хулоса мегардад, ки ҳикоят, хоҳ таърихӣ бошад, хоҳ мазҳабӣ, хоҳ ривоят бошад, хоҳ устура, хоҳ ҳаҷв бошад, хоҳ таъриф, барои ифодаи афкор ва андешаи адиб бо мақсади муайяне хизмат менамояд.

Адабиёт:

1. Адабиёти фолклории Эрон. - Теҳрон, 1384.
2. Брагинский И.С. Из истории таджикской поэзии. – Сталинобод, 1956.
3. Муносибати адабиёти классикӣ бо фолклор. - Душанбе, 1976.
4. Салимов Ю. Насри ривоятии форсу тоҷик.-Душанбе: Ирфон, 1971.
5. Салимов Н. Ю. Пайдоиш ва таҳаввули анвои наср дар адабиёти форсиву тоҷикии асрҳои 10-13. – Душанбе, 2008.
6. Шарифов Х. Назарияи наср дар адаби форсии асрҳои 4-9 ҳиҷрӣ. – Душанбе, 2004.

ТЕМАТИЧЕСКАЯ КЛАССИФИКАЦИЯ РАССКАЗОВ В ПЕРСИДСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

Изучение и анализ тематики малого литературного жанра в таджикском литературоведении находится в центре особого внимания. В данной статье рассматриваются

некоторые вопросы, связанные с тематической классификацией рассказов, автор распределил рассказы по их тематике и родам на группы и подгруппы.

Ключевые слова: рассказ, род, тема, классификация, рассказы, шутка, легенда, миф.

ON THE THEMATIC CLASSIFICATION OF THE STORIES IN PERSIAN LITERATURE

Studying and analyzing the small literary genres are nowadays paid great attention in Tajik literary studies. This article considers some problems relating to the thematic classification of the short stories, and the author divided the stories according to their thematic and types features into the classes and subclasses.

Keywords: story, type, theme, classification, stories, joke, legend, myth.

Сведения об авторе: Турсунов Голиб Абдусобирович, соискатель кафедры таджикского языка и литературы Таджикского государственного института языков имени С. Улугзода, e-mail: dilkhasta@mail.ru

About author: Tursunov Gholib, researcher of the chair of Tajik language and literature, Tajik State Institute of Languages named after S. Ulugzoda

ЧИНГИЗ АЙТМАТОВ АЗ НИГОҲИ АДИБОН ВА МУҲАҚҚИҚОНИ ТОҶИК ДАР МАҶАЛЛАИ «САДОИ ШАРҚ»

Ҳасанова Б. Н.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Дар адабиётшиносии тоҷик муаррифӣ, таҳлил ва тафсиру тарҷумаи осори нависандаи машҳури қирғиз Чингиз Айтматов аз нимаи аввали солҳои 60-уми асри XX шурӯъ гардида, дар маҷаллаи «Садои Шарқ» мақолаҳои илмӣ, публисистӣ, ёддоштҳо ва гузоришоти мухтасар аз ҷониби рӯзноманигорону нависандагон, адабиётшиносону муҳаққиқон ва олимон аз чоп баромаданд. Баъд аз нашри қиссаи “Ҷамила” перомуни муаррифии шахсияти адабӣ, шинохти асарҳои бадеӣ ва публисистии Чингиз Айтматов дар адабиётшиносии тоҷик андешаҳои қобили таваҷҷуҳ баён шудаанд, ки баъзе аз онҳо дар шинохти масоили мазкур ҳукми муқаддимотиро доранд.

Аввалин мақолаи дар маҷаллаи «Садои Шарқ» нашршуда “Таронаи ишқ, қиссаи хаёт”-и Т. Абдуҷабборов ва Б. Валихуҷаев мебошад, ки апрели соли 1961 нашр шуд. Дар мақола сухан аз таркиби бадеӣ ва композитсионии қиссаи “Ҷамила” рафта, дар адабиётшиносии тоҷик аввалин бор нақди илмии осори нависандаро дар бар гирифтааст. Дар мақолаи мазкур муаллифон роҷеъ ба маҳбубият ва шуҳрати қисса андешаҳои хешро иброз намуда чунин менависанд: “Дуруст аст, ки ин воқеаҳо бори аввал дар асари муаллифи ҷавон инъикос наёфтааст. Дар ин бора бисёр романҳо, повестҳо, достонҳо навишта шудаанд. Аммо Айтматов ба ҳалли ин мавзӯъ ба тарзи нав, ба тарзи дигар муносибат намудааст. Масъала дар он аст, ки муаллиф муҳаббати олиҷаноби ду ҷавони дар шароити ҷамъияти сотсиалистӣ тарбияёфтаро ба тарзи тасвири лироэпикӣ аз санги маҳаки ҳаёт гузаронида инъикос менамояд” [2, с. 56].

Дар маҷаллаи «Садои Шарқ» июни соли 1963, №4 бо эҳтимоми А. Қодиров мақолаи “Роҳи эҷодиёти нависанда” нашр мегардад. Нигоранда доир ба сарчашма, омилҳо ва сабабҳои нигошта шудани қиссаи “Ҷамила” ақидаҳои бисёр ҷолиберо иброз намудааст. Бояд гуфт, ки диққати рӯзафзуни хонандаи тоҷик ба шахсияту хайсияти адабии носири қиргиз рӯз аз рӯз зиёд гашта, онхо аз паҳлуҳои ҳаёти шахсию адабии вай маълумоти бештару дақиқтареро донистан мехостанд ва омили асосии нигошта шудани ин мақола низ ҳамин будааст. Дар ин мақола А. Қодиров оид ба даврони кӯдакию наврасӣ ва рӯзгори Чингиз Айтматов дар шароити сахти ҷанг маълумот дода, роҷеъ ба хонаводаи нависанда низ баъзе ишорахо дорад. Қобили зикр аст, ки дар ин навишта баъзе ихтилофу иштибоҳот мушоҳида мешавад. Аз ҷумла, А. Қодиров дар мақолааш чунин навиштааст: “Вай акнун сардори оила шуда буд. Боқӣ се бародари дигар ва хоҳараш аз вай ҳам хурдсолтар буданд” [9, с. 34].

Чунонки аз соири сарчашмаҳо ва ёддоштҳои худи адиб огоҳӣ дорем, Чингиз Айтматов як бародар бо исми Илгиз ва ду хоҳар яке бо номи Лютсия (Лютсия бо бародараш Рево дугоник ба дунё меояд, аммо Рево фақат шаш моҳ умр дида

фавтидааст) ва дигаре бо номи Розетта доштааст, на се бародар. Аммо матлаби муҳиме, ки аз ин иттилоъ ба даст меорем, ин аст, ки ҳақиқатан ҳам адиб нахустфарзанди оила маҳсуб ёфта, бародар ва хоҳаронаш аз ӯ хурдсоланд.

Мақолаи дигар доир ба қиссаи “Ҷамила” аз ҷониби адабиётшиноси шинохтаи тоҷик Соҳиб Табаров таҳти унвони “Қиссаи мусаввир” дар маҷаллаи «Садои Шарқ» соли 1970, № 5 тасниф мегардад. Соҳиб Табаров дар бораи мазмун ва мавзӯи асар изҳори назар намуда, аз ҷумла чунин менигорад: “Нависанда ба воситаи қиссаи “Ҷамила” тафаккур, фаҳмиш, эҳсосоти хонандаро бедор мекунад, ба ӯ чигунагии зебоии зиндагии инсониро дар симои Ҷамила ва муҳаббати поки вай нишон медиҳад. Ӯ бо ин гуфтанӣ мешавад, ки на танҳо ҷаҳону зиндагӣ дигар гаштааст ва муносибати занони саодатманди Шарқи Советӣ, аз ҷумла занони қиргиз, ба ҳаёт ба куллӣ тағйир ёфтааст, балки ҳаётдӯстии онҳо шаклу мазмуни нав пайдо кардааст” [15, с. 19].

Дар идома Соҳиб Табаров ҳусну қубҳи тарҷумаи тоҷикии қиссаро баён намуда, аҳамияти онро дар афкори бадеии эстетикии тоҷик таъкид кардааст, ки яке аз нахустин кори мунаққидона перомуни нақду баррасии тарҷумаи қиссаи “Ҷамила” маҳсуб меёбад. Соҳиб Табаров назари мунаққидонаи хешро нисбати тарҷумаи қисса ба забони тоҷикӣ ва мутарҷими он Ф. Муҳаммадиев иҷро намуда, оид ба тарҷумаи асар менависад: “Тарҷимаи “Ҷамила” аз бисёр асарҳои бадеии тарҷимашудаи солҳои охир ба куллӣ фарқ мекунад, чунки Фазлиддин Муҳаммадиев, ки худаш нависандаи соҳибзавқ мебошад, ба аксарияти хусусият ва нозукиҳои асари бадеӣ ва қонунҳои эҷодию тарҷима сарфаҳм рафта, онҳоро дар матни тоҷикии асар нигоҳ дошта тавонистааст” [15, с. 56]. Ба андешаи донишманд, тарҷумаи асар дорои комёбӣ ва камбудиҳо буда, дар кул мутарҷим муваффақ гардидааст, ки хусусиятҳои миллии асарро нигоҳ дорад.

Боиси тазаккур аст, ки оид ба фаъолияти эҷодӣ ва тафсири шахсияти носири қиргиз дар адабиётшиносии тоҷик айни замон миқдоре аз татқиқотҳо анҷом пазируфтаанд, аммо дар бораи масъалаи тарҷумаи осори нависанда ба забони тоҷикӣ корҳои хеле кам сомон ёфтаанд. Дар ин самт корҳои шоёни таваҷҷуҳ мақолаи мазкури Соҳиб Табаров ва тақризи «Оқибати саҳлангорӣ»-и Абдураҳмон Абдуманнонов аст, ки дар асоси мактуби ирсол намудаи яке аз хонандагон ба маҷаллаи «Садои Шарқ», ки соли 1985, № 6 нигошта мешавад.

Тарҷумаи қиссаи “Киштии сафед”, ки ба тоҷикӣ ба калами нависанда Сорбон тааллуқ дорад, натавонистааст хонандаи хушсалиқаро қонеъ кунад ва муаллифи тақриз тарҷумаи асарро нақд намуда, аз ҷумла таъкид кардааст, ки: “Дар тарҷума тахрифи мазмуни калимаву ҷумлаҳо, ғалат истифода бурдани калимаву таъбирот, ҷумлаву ибораҳои аз лиҳози сохт вайрон ба таври фаровон ба назар мерасанд” [3, с. 76].

Дар тақризи мазкур Абдураҳмон Абдуманнонов матлаби ҷолиберо оид ба масъалаи тарҷумаи асарҳои Чингиз Айтматов ба забони тоҷикӣ зикр намудааст: «...тадқиқи сифати тарҷумаҳои тоҷикии осори Чингиз Айтматов ки аз ҷониби марҳум Хабиб Ахрор (повестҳои “Нахустин устод”, “Чашми шутур”, “Ниҳолаки руймолсурхаки ман”, “Рӯбарӯшавӣ”), Фазлиддин Муҳаммадиев (повестҳои “Ҷамила”, “Ал-видоъ, Гулсара!” ва романи “Дуроҳаи Бӯронӣ”), Сорбон (повести “Киштии сафед”), Т. Ботиркулов ва Б. Муртазоев (повести “Роҳи каҳкашон”) анҷом пазируфтаанд, як қисми таркибии тадқиқи протссеси инкишофи насри имрузаи тоҷик низ мебошад. Ин корест, ки вақту имконияти муносибро тақозо дорад ва агар амалӣ шавад, ҳам барои беҳбудии ташкилу танзими кори тарҷума ва ҳам барои баланд бардоштани сифати он аҳамияти калон касб хоҳад кард» [3, с. 78].

Зимнан, дар сиёсати ҳукумати шӯроӣ анъанае вуҷуд дошт, ки рӯзҳои маданияти давлатҳои аъзои ин понздаҳгона дар ҷумҳуриҳои якдигар баргузор мегардид, ки ин анъана то кунун роиҷ аст. Бахшида ба чунин санаҳо, ки хусусияти таквимӣ доранд, китобҳо ва мақолаҳои зиёде таълиф гардидаанд. Салимшо Ҳ. дар арафаи Рӯзҳои маданияти РСС Қирғизистон дар Тоҷикистон, соли 1976 маҷаллаи «Садои Шарқ» мусоҳибаи “Марҳабо, муштоқи дидорем”-ро нашр менамояд. Рӯзноманигор бо устод Мирзо Турсунзода ва Чингиз Айтматов ҳамсуҳбат гардидааст. Мақолаи мазкур аз муаррифӣ намудани ин ду шахсияти шинохта, мақому мансаб ва мукофотҳои онҳо шурӯъ гардидааст, ки барои шинохти шахсияти адабии Мирзо Турсунзода ва Чингиз Айтматов метавон онро ба ҳайси як маъхази воқеан дақиқ пазируфт.

Дар соли 1977 бошад, Рӯзҳои маданияти тоҷик дар Қирғизистон баргузор мегардад. Нависандаи маъруфи тоҷик Фазлиддин Муҳаммадиев баъд аз ин чорабинӣ таассуроти хешро дар маҷаллаи “Садои Шарқ” таҳти унвони “Нориниёнем мо, қайдҳои

сафар” нашр менамояд, ки дар он кисматеро ба нависанда Чингиз Айтматов бо исми “Чингизи мо” аз чоп баровардaнд. Нависанда дар мақола оид ба таърихи тарҷумаи қиссаи “Ҷамила” далели муҳимеро меорад: “...Инак, дар андеша будам, ки ба воситаи телевизион чӣ мегӯям. Муъмин Қаноат ба имдодам расид ва гуфт, ки повестҳои Чингиз Айтматовро ба тоҷикӣ ту тарҷума кардаӣ ва забони тоҷикӣ баъди забони русӣ дувумин забонест, ки повести машҳури “Ҷамила” нашр шудааст” [11, с. 56].

Ҳамчунин, дар ин мақола таваҷҷуҳи моро тавсифе, ки устод Мирзо Турсунзода дар баёни макоми Чингиз Айтматов карда будааст, ба худ ҷалб намуд ва овардани онро ин ҷо ба маврид мешуморем: “Лашкаркаши муғул Темурчини Чингизхон нисфи оламро гирифт. Бо зарби шамшер гирифту ба харобазор, макони зоғу бум мубаддал кард. Ба ҳар кишваре мерафт пешопеши қӯшуни хунхораш лашкари тарсу ваҳм, ғаму андуҳ ва мусибат мешитобид. Ва номи ӯ дар таърих Чингизи золим, Чингизи хунхор сабт гардид. Хушбахтона, ҳамзамони мо Чингизи дигар аст, ки нисфи олам не, балки қалби китобхонҳои ҳамаи оламро фатҳ кардааст. Ин Чингиз Айтматов, нависандаи номии қирғиз аст. Вай ҳам ҷаҳондида ва ҷаҳонгашта аст. Лекин ба ҳар диёре ки сафар накунад, пешопеши вай лашкари сулҳофарини китобҳояш, филмҳояш, киссаҳои дилнишинаш оид ба меҳру муҳаббат, дӯстию садоқат ва сулҳу амонӣ мешитобанд. Чингизи фирӯз, Чингизи фотеҳ, маҳз ҳамин дӯсти ҳамқалами мо - Чингиз Айтматови қиргиз аст” [11, с. 87].

Дар адабиётшиносии тоҷик аз ин тавсифи беҳтаре наметавон дар мақоми адабӣ ва нависандагии Чингиз Айтматов пайдо намуд.

Қаблан ишора шуд, ки мақолаҳои оид ба шахсияту осори адиб аксаран хислати тақвимӣ доштанд. Муаллифон бештар дар асоси санаҳои таърихӣ: солномаҳои зодрӯзи адиб, даҳаҳои адабиёт, соҳиби ҷоиза гардидани асарҳо ё худи нависанда ва ғайра такя намуда, ҳунар, ва тавоноии адибро нишон доданд . Дар соли 1978 Чингиз Айтматов 50-сола мешавад. Бахшида ба ин сана дар маҷаллаи «Садои Шарқ» мақолаҳои гуногун нашр мегардад. Маъмулан, диққати муаллифонро ҷанбаи бадеӣ дар эҷоди асарҳои адиб ҷалб намуда, дар бисёр маврид онҳо аз ин боб мушоҳидаҳои хешро баён намудаанд. Аз ин лиҳоз, аксари мақолаҳо, ки ба муносибати санаҳои таърихист, арзиши ҳунарӣ ва бадеии осори адибро баррасӣ намудаанд, аз ҷумла Р. Қудрат “Шаҳбози адабиёт” , мусоҳибаи Ғ. Ҳотамов бо нависанда “Чингиз Айтматов: Пешаи ман - ҳақиқатнигорӣ”, Б. Абдураҳмонов “Суруди зиндагӣ”, А. Рашидов “Рамзи зебоӣ” ва ғайра. Вобаста ба иқтидори ҳунари адиб нуктаҳои ҷолибро, ки аз ҷониби Асил Рашидов дар мақолаи пажӯхишии “Рамзи зебоӣ” баён шудааст, яке аз дақиқтарин тадқиқот нисбат ба мақолаҳои дигар метавон шуморид. Асил Рашидов масоили таркиби бадеии қиссаи “Киштии сафед”-и Чингиз Айтматовро ба миён гузошта, кушиш ба харҷ додааст, ки таҳлили илмӣ ва муҳаққиконаро ба сомон расонад. Тафсири масъаларо то мавриди дигар мавқуф гузошта, алҳол ба ҳамин қадар иктифо мекунем, ки муаллиф тавонистааст, ба асарҳои оламшумули Чингиз Айтматов баҳои сазовор бидиҳад.

Ба назари мо, дар миёни дигар тадқиқотҳое, ки аз ҷониби мунаққидони тоҷик анҷом пазируфтаанд, дар баёни шарҳи ҳол ва таҳлили таълифоти Чингиз Айтматов корҳои зиёд аз ҷониби олими шинохта Акбар Турсун анҷом пазируфтааст. Фазилати нависандагии Чингиз Айтматовро Акбар Турсун на танҳо чун як мунаққид баҳо додааст, ҳамчунин аз дидгоҳи як дӯст, ки ин пайванд миёни онҳо солҳои зиёд вуҷуд доштааст, баён намудааст. Дар як қатор маҷаллаҳои “Садои Шарқ” аз муносибати дӯстона ва назари мунаққидонаи худ гуфтор ва навиштаҳои хешро ба сурати мақоллаҳои ёддоштӣ, публисистӣ, илмӣ ва очерку мусоҳибаҳо тасниф намудааст, ки дар шинохти чеҳраи адабии Чингиз Айтматов ва осори ӯ манбаи арзишманде ба шумор мераванд. Аз ҷумла, очерки силсилавии “Гурози ҳафтчӯш”, мақолаҳои “Насри муосир” ва “Нигорандаи баландахтар” ва ғайра, ки дар маҷаллаи «Садои Шарқ» соли 1980 аз чоп баромаданд.

Акбар Турсун дар офаридани қаҳрамони ҷадиду типи нав дар адабиёти муосир бартариро ба Чингиз Айтматов додааст: “Чунон ки ишора рафт, дар майдони адабиёти солҳои ҳафтод қаҳрамонҳои типи нав арзи вуҷуд карданд, ки соҳибназару соҳибтараддуданд. Аммо ягонтои онон мисли Едигеи Ч. Айтматов дар масъалаҳое, ки мавриди андеша ё баррасии эшон қарор гирифтаанд, ин қадар амиқ нарафтааст; гап дар сари масъалаи мавриди баҳс ё доираи мавзуъ не, балки дар вусъати тафаккуру тааммуки каҳрамон ва дар тарзу тариқи проблемагузории ӯст» [16, с. 98].

Дар маҷаллаи “ Садои Шарқ ” июли соли 1982, № 8 тақриз ба романи “Дуроҳаи Буронӣ” таҳти унвони “Силсилаи хотирот” аз ҷониби файласуф Муҳаммадқул Ҳазратқулов чоп мешавад. Тақризи Муҳаммадқул Ҳазратқулов шиносномаи мухтасарест дар бораи романи аввалини Чингиз Айтматов. Дар тақризи мазкур муаллиф оид ба услуби истифодабарии носир аз ривояту устураҳои халкӣ дар кулли асарҳояш, махсусан дар ин роман сухан рондааст: “Нависанда достонҳои халкиро барои зинда тасаввур намудани ғояҳои хаёти иҷтимоӣ ва ғанӣ гардонидани ҷахони ботинии каҳрамонони асар моҳирона истифода намудааст” [12, с. 107]. М. Ҳазратқулов аз ин асар маҳз нуктаҳоеро бозгӯ ва ташреҳ кардааст, ки барои дар замири мардуми тоҷик пайдо намудани худшиносии миллӣ, худогоҳӣ, шинохти асли хеш, гиромидошти анъанот ва расму оини миллӣ судманд буданд. Зоҳиран, маҳз унвон гузоштани тақриз “Силсилаи хотирот” дар ду сабаб аст: пайдарпайии андешаҳои Едигеӣ ва хотироти инсонҳо, ки дар ин самт унвони тақриз бо таркиби асар ҳамқофия мешавад. Ба ҳар ҳол тақризи М. Ҳазратқулов дар роҳи шиносонидан ва тафсири фалсафию илмии романи “Дуроҳаи Буронӣ”-и Чингиз Айтматов қадами муҳим буд.

Дар маҷаллаи “Садои Шарқ”, №9, соли 1987 аз ҷониби С. Абдулло ва М. Хоҷаева мақолаи “Набарди инсону табиат” нашр мешавад, ки муаллифон назари хешро оид ба романи дувумини адиб “Зеркунда” (“Плаха”) баён намудаанд. Дар мақола муллифон оид ба кашфиётҳои нависанда, ки дар ҳар як асари ҷадидаш ҳатман дида мешавад, чунин гуфтаанд: “Ҳар як асари тозаи Чингиз Айтматов аз ягон ҷиҳат ибтикоре доштааст ва ӯ имруз, бешак аз он ҳунармандони нодирест, ки равиши умумии насри муосиро муайян мекунанд ва бо як қатор кашфиётҳои бадеии худ, аз ҷумла Модаргизол - аз қиссаи “Киштии сафед”, Манкурт - аз романи “Дуроҳаи буронӣ”, кудак аз “Саги алое, ки дар гирди баҳр медавад” ва ниҳоят Модагург Акбара - аз “Зеркунда” дар қатори бузургтарин нависандагони аср ҷой гирифт» [1, с. 101].

Соли 1988-и садаи бистро метавон давраи нави таҳқику тарҷумаи осор ва шинохти адиб дар Тоҷикистон ҳисобид. Ба ифтихори 60-умин солгарди Чингиз Айтматов мақолаҳо ва тарҷумаи асарҳои адиб шурӯъ ба нашр намуданд. Ҳарчанд маводи дар ин давра ба чоп расида, бештар хислати тақвимӣ доштанд, аммо моҳиятан аз якдигар фарқ мекарданд. Ин тамоили мусбат барои шинохти осори Чингиз Айтматов шароите фароҳам овард, то таҳқиқва тарҷумаи асарҳои адиб умку вусъати бештар пайдо намояд. Аз ҷумла мақолаҳои зерин: М. Хоҷаева “Ҷумлаи олам дар ӯ ғунҷидааст”, Ф. Қосимов ва Р. Абдурахмон “Таассурот ва мулоҳизаҳо”, А. Турсун “Нависандаи бузурги замон”, Ю. Акобиров “Адиби мумтоз” ва ғайра дар маҷаллаи «Садои Шарқ» нашр мегарданд.

Осори безаволи Чингиз Айтматов таваҷҷуҳи адабиётшиносон, адибон ва мутарҷимони точикро баъд аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Точикистон низ ҷалб намуда, дар ин зимина маколаҳо нашр гардида истодаанд. Ато Ҳамдам ва Истад Қосимзода аз осори адиб на танҳо кори тарҷумониро анҷом додаанд, балки ҳаёт ва фаъолияти нависандаро низ таҳқиқ намудаанд. Дар маҷаллаи “Садои Шарқ” соли 2004 бахшида ба Рӯзҳои фарҳанги Қирғизистон дар Точикистон ва 75-солагии адиб мақолаи онҳо таҳти унвони “Чингиз-баҳр” аз нашр мебарояд. Ин мақола хислати ёддоштӣ дошта, тадқиқоте маҳсуб меёбад, ки дар он доир ба шахсияти инсонии нависандагии Чингиз Айтматов сухан меравад.

Қобили зикр аст, ки Чингиз Айтматов 10-уми июни соли 2008 дар синни 79-солагӣ аз олам чашм мепӯшад. Оид ба ин санаи таърихӣ дар матбуоти даврии тоҷик мақолаҳои сӯгворӣ аз ҷумла мақолаҳои Рустами Ваҳҳоб “Виҷдони бедори қарн” ва “Чингиз Айтматов даргузашт”, изҳори ҳамдардии Раёсати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон: “Сӯгворӣ. Чингиз Айтматов”, Гулрухсор Сафиева “Чингиз Айтматов-шоҳпуле байни Осиё ва Урупо”, М. Юсуфӣ “Чингиз тасхиргари дилҳо”, ва дигар мақолаҳо дар маҷаллаи «Садои Шарқ» аз нашр мебароянд.

Мунаққид ва адабиётшинос, шодравон Давронов А. У. дар бораи осори Айтматов корҳои шоёне анҷом додааст. Ӯ қиссаи “Ҷамила”-ро мавриди нақди хеш қарор дода, мақолаи “Дар бораи банду басти повести “Ҷамила”-ро менигорад, ки бо ин мақола соли 2009 дар ҳамоиши байналмилалии «Айтматов ва нависанда», ки дар ватани адиб баргузор гардида буд, суханронӣ менамояд. Ин мақолаи дар маҷмуаи ин ҳамоиш нашр мешавад. Услуби хоси адиб, ки дар рафти нақли воқеоти қисса аз ровӣ, наврас - Саид истифода бурдааст - диққати мунаққидро ба худ ҷалб кардааст.

Дар асоси таҳлил ва баррасие, ки перомуни мавзӯи мавриди назар анҷом додем, метавон чунин натиҷа гирифт, ки шахсияти Чингиз Айтматов ва мавқеи ӯ дар афкори

адабии тоҷик мақоми махсус дорад. Осори пурмуҳтавои адиб ба тарзи кофӣ мавриди тадқиқ ва нақду баррасии олимони тоҷик қарор гирифта, таваҷҷуҳи мунаққидону донишмандонро бештар ҳунар ва тавони нависандагии адиб ҷалб намудааст. Бояд тазаккур дод, ки мақолаҳои фавқ ба истиснои чанд маврид, ки дар маҷмӯаи мақолаҳо ва ё китоби адабиётшиносон ҷой дода шудаанд, бештар дар рӯзномаю маҷаллаҳо ба табъ расидаанд ва мо низ аз онҳо истифодаи фаровон намудем, ки ҳамин вижагӣ ба мақолаи мо хислати муқаддимавӣ, феҳрестӣ ва гузоришотиро додааст.

Боиси зикр аст, ки мақолаҳои мукаммали илмие, ки асарҳои адибро баррасӣ ва таҳлил намудаанд, аксар перомуни қиссаи "Ҷамила", "Киштии сафед" ва романи "Дуроҳаи Буронӣ" буда, доир ба дигар китобҳои адиб муаллифон гузориши ахборӣ баён намудаанд, ё дар шакли мухтасар назари хешро ироа кардаанд, ки дар шинохти комили масъала ҳукми муқаддимотиро доранд.

Адабиёт:

1. Абдулло С., Хоҷаева М. Набарди инсону табиат. //Садои Шарқ, №9, 1987. - С. 110-117.
2. Абдуҷабборов Т., Валихучаев Б. Таронаи ишк, қиссаи хаёт // Садои Шарк, №3, 1961.
3. Абдуманнонов, А. Оқибати саҳлангорӣ. //Садои Шарқ, №6.- 1985.
4. Абдурахмонов Б. Суруди зиндагӣ. (Ба муносибати 50-солагии зодрӯзи адиб) // Садои Шарк,1978.- № 5.
5. Айтматов Ч. Ҷамила: Повест, аз русӣ тарҷумаи Ф. Муҳаммадиев. - Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1961.
6. Асил Р. Рамзи зебоӣ // Садои Шарқ, 1978. - № 3.
7. Бақозода Қ. Асари сазовори аср (Ч. Айтматов сазовори мукофоти Ленинӣ). // Садои Шарқ, 1963. - № 4.
8. Боконбоев С. Киштии сафед // Садои Шарк , № 6, 1976.
9. Қодиров А. Роҳи эҷодиёти нависанда // Садои Шарқ, № 2, 1963.
10. Қудрат, Р. Шаҳбози адабиёт // Садои Шарқ, № 12, 1978.
11. Муҳаммадиев Ф. Нориниёнем мо. Чингизи мо // Садои Шарқ, №4.
12. Ҳазратқулов М. Силсилаи хотирот // Садои Шарқ, № 6, 1982.
13. Ҳотамов F. Мусоҳиба бо нависанда Чингиз Айтматов: Пешаи ман -рӯзноманигорӣ // Садои Шарқ, 1978. - № 3.
14. Саломов F. Рӯҳи ту бар ӯ ҳаёт аст // Садои Шарқ, № 4, 1972.
15. Табаров С. Ҳаёт, адабиёт, реализм. Китоби чорум. Душанбе: Ирфон, 1984.
16. Турсун А. Насри муосир //Садои Шарқ, №11, 1982. - С. 94.
17. Турсун А. Нигорандаи баландахтар //Садои Шарқ, № 4, 1983.

ЧИНГИЗ АЙТМАТОВ ГЛАЗАМИ ТАДЖИКСКИХ ПИСАТЕЛЕЙ И ИССЛЕДОВАТЕЛЕЙ В ЖУРНАЛЕ «САДОИ ШАРК»

Вопросы стиля, своеобразие формы произведений, а также жизнь и творческая деятельность известного киргизского писателя Чингиза Айтматова, всегда были и остаются в центре внимания таджикского литературоведения. Таджикскими литературоведами и журналистами было опубликовано много научных и публицистических статей, воспоминаний, которые указывают на значительную роль киргизского писателя в художественной мысли таджиков. Статья содержит анализ критических исследований таджикских учёных, писателей и журналистов, посвящённых творчеству Чингиза Айтматова. Новизна излагаемых сведений состоит в том, что автором собраны все материалы о Чингизе Айтматове, выходившие на таджикском языке начиная с 60-х годов XX столетия и до настоящего времени. Внимание таджикских критиков и учёных привлекали мастерство и писательский талант Айтматова. Фундаментальные научные статьи были посвящены повестям "Джамиля", "Белый пароход" и роману "Буранный полустанок".

Ключевые слова: Чингиз Айтматов, повесть, роман, исследование, жизнь и литературная деятельность, художественные произведения.

CHINGHIZ AYTMATOV AS SEEN BY TAJIK WRITERS AND RESEARCHERS IN THE JOURNAL "SADOI SHARQ"

The issues of style, peculiarity of the form of literary production, life and literary activity of the renowned Kyrgyz writer Chinghiz Aytmatov always were and remain in the focus of attention of the Tajik Literary criticism. Tajik literary crities and journalists published a lot of scientific and publicistic articles and reminiscences which testify to the considerable role of the Kyrgyz writer in imaginative

ideas of Tajiks. The article contains the analysis of critical researches of Tajik scholars, writers and journalists devoted to the creation of Chinghiz Aytmatov. The novelty of the data presented lies in the fact that the author collected all the materials about Chinghiz Aytmatov published in Tajik since the 60-ies of the XX-th century up to nowadays. The attention of Tajik critics and scientists is drawn with the mastership and literary talent of Aytmatov. Fundamental scientific articles dwell on the narratives "Djamilya", "The White Ship" and the novel "And Last a Day more than an Age".

Keywords: Chinghiz Aytmatov, narrative, novel, research, life and literary activity, literary productions.

Сведения об авторе: Хасанова Бунафша Насриддиновна, аспирант кафедры теории и истории таджикской литературы Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни, e-mail: bunafshd85@mail.ru

About author: Hasanova Bunafsha, post-graduate student of the chair of theory and history of Tajik literature, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini

ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ ҚИССАИ ХОБИ ЮСУФ ПАЁМБАР ДАР ИНҶИЛ, ҚУРЪОН ВА ДОСТОНИ «ЮСУФ ВА ЗУЛАЙХО»-И АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

Ширинова Б. Б.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Абдураҳмони Ҷомӣ дар таърихи фарҳанги ориёнажодон яке аз адибони хеле сермаҳсул маҳсуб мешавад. Ӯ шоир ва мутафаккири бузургест, ки ҳамаи эҷодиёти худ, аз ҷумла достони «Юсуф ва Зулайхо»-ро ба васфи инсони комил ва ба манфиати мардум бахшида, инсонпарвариву маърифат ва дӯстиро тарғиб намудааст. Бинобар ин табиист, ки осори ӯ дар тӯли асрҳо аксари кишварҳои Машриқу Мағрибро тасхир карда, дар дили мардуми олам маскан гирифтааст. Дар мамлакатҳои Шарқ бошад, алалхусус дар Тоҷикистон, Эрон, Афғонистон, Ҳиндустон ва Покистон маҳбубияти Абдураҳмони Ҷомӣ ва эҷодиёти манзуму мансури ӯ беандоза бузург аст. Дар пайравии Ҷомӣ намояндагони бузурги адабиёти ӯзбек, озар, туркман. пашту, урду, турк, қазоқ, курд, Панҷобу Кашмир ва ғайра, аз қабили Навоӣ, Фузулӣ, Таймурози I, Хатток, Огоҳӣ, Муқимӣ, Махтумқулӣ, Абай, Муҳаммад Иқбол, Халилулоҳи Халилӣ ва дигарон асарҳо эҷод карда, анъанаҳои ӯро дар адабиёти халқи худ идома додаанд. Ҳамчунин осори Ҷомӣ то имрӯз чандин бор бо забонҳои Шарқу Ғарб тарҷума шудааст, ки дар байни онҳо тарҷумаҳои «Чиҳил ҳадис» ва «Нафаҳот-ул-унс» ба забони ӯзбекӣ аз ҷониби шогирдаш Навоӣ аз зумраи аввалинҳо мебошанд.

Дар байни осори таълифкарда ва тарҷумашудаи Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ достони «Юсуф ва Зулайхо» ҷойгоҳи махсусе дорад. Мувофиқи ахбороти сарчашмаҳо, қиссаи Юсуфу Зулайхоро аввалин бор Абулмуайяди Балхӣ ва пас аз он Бахтиёр ном шоир ба риштаи назм кашидаанд. Аммо ин манзумаҳо, мутаассифона, то замони мо нарасидаанд. Аз нахустин шоироне, ки қиссаи Юсуфу Зулайхоро комилан ба риштаи назм кашида, ба шакли достони пурраи ҳамосӣ даровардаанд, Абулқосим Фирдавсӣ мебошад.

Ҳамчунин ба мо дастнависи хеле қадимаи бо наср навишташуда дар мавзӯи ишқи Юсуфу Зулайхо дастрас аст, ки нусхаи ягонаи он дар Лондон мавҷуд буда, ба Вазорати корҳои хориҷии Ҳиндустон тааллуқ дорад. Муаллифии ин дастхатро баъзе муҳаққикон ба шайх Абдуллоҳи Ансорӣ (1006-1088) нисбат медиҳанд. Вале, чунонки Е.Э.Бертелс таъкид доштааст, ин нисбатдиҳӣ аз ҳақиқат каме дур аст [2, с. 167].

Чунонки маълум аст, қиссаи Юсуф ва Зулайхо монанди ҳикояти Лайлӣ ва Маҷнун диққати шоирони зиёдеро ба худ ҷалб кардааст. Дар ин бора шоирони зиёди форсу тоҷик, аз ҷумла Масъуди Ҳиротӣ, Шоҳини Шерозӣ ва дигарон манзумаҳо навиштаанд. Ва пӯшида нест, ки дар ин зимн ҳар шоире аз намояндагони даврони мухталиф, бешак, ба ашъори салафони худ назар доштааст ва яке аз заминаҳои ашъори ӯ ҳамоно осори бузургони пешин будааст.

Чунин достонҳои шавқангези ду дилдода дар асри XV диққати шоири бузург Абдурраҳмони Ҷомиро низ ба худ мекашанд ва ӯ дар соли 888 ҳиҷрӣ (мутобиқ ба соли 1483 мелодӣ) «Юсуф ва Зулайхо»-ро ба назм даровардa, як асари ҷовидонае меофарад.

Куҳан шуд давлати Ширину Хусрав,
Ба Ширине нишонам Хусрави нав…
Чу тӯтӣ табъро созам шакарҳо
Зи ҳусни Юсуфу ишқи Зулайхо [3, с. 193].

Дар муҳтавои ин асар, ки ҳодиса, воқеа ва ривоёти зиёдеро фаро мегирад, тавсифи хобҳо низ мақоми хоссае дорад. Аз ҷумла, дар ибтидои достон шоир ду бор хоб дидани Зулайхо Юсуфро ба риштаи назм кашидааст:

Ба хобаш чашми суратбин ғунуда,
Вале чашми дигар аз дил кушуда.
Даромад ногаҳаш аз дар ҷавоне,
Чӣ мегӯям, ҷавоне не, ки ҷоне [7, с. 163].

ххх

Зи ногаҳ з-ин хаёлаш хоб бирбуд,
Набуд он хоб, бал беҳушие буд.
Ҳанӯзаш тан наёсуда ба бистар,
Даромад орзӯи ҷонаш аз дар [7, с. 174].

Аммо дар миёни ин хобҳо як хоби Юсуф пайғомбар, ки ҳамчунин дар манбаъҳои дигар, аз ҷумла дар китоби муқаддаси масеҳиён - Инҷил ва паёми илоҳӣ ба мусулмонон - Қуръон омадааст, қобили таваҷҷуҳи бештаре буда, метавон онҳоро аз ҷиҳати муҳтаво ва махсусиятҳои забонию бадеӣ бо ҳам қиёс намуд.

Қиссаи хоб дидани Юсуф дар Инҷил мазмунан чунин нигошта шудааст: «Ва Юсуф хобе дида, онро ба бародарони худ нақл кард ва онҳо боз зиёдтар аз ӯ нафрат карданд. Ба онҳо гуфт: Хоберо, ки дидаам бишнавед: Инак, мо дар киштзор бандҳо мебастем ва инак, банди ман бархост ва рост истод ва инак бандҳои шумо гирд омада ба банди ман саҷда карданд. Бародаронаш ба ӯ гуфтанд: Наход, ки бар мо подшоҳӣ мекарда бошӣ? Наход, ки бар мо ҳукмфармо мешуда бошӣ?» [2, 37, 5-7].

Ҳамчунин дар Инҷил омадааст, ки Юсуф боз як хоби дигаре дид ва онро низ ба падараш Яъқуб ва бародаронаш нақл кард: «Инак, боз хобе дидам ва инак офтоб ва моҳтоб ва ёздаҳ ситорагон ба ман саҷда карданд» [2,37,9]. Баъди ин падар Юсуфро мазаммат намуда гуфт: «Ин чӣ хобест, ки дидаӣ. Наход, ки ман ва модарат ва бародаронат омада ба ту то замин саҷда мекарда бошем? » [2, 37,10].

Дар Инҷил таъкид ёфтааст, ки баъди огоҳӣ ёфтан аз чунин хоб бародаронаш ба Юсуф ҳасад бурданд ва падар инро хуб дар хотир нигоҳ дошт. Ва рӯзе, ҳангоме ки бародарон дур аз хонаашон чорво мечарониданд, Яъқуб Юсуфро фиристонд, то ки аз аҳволашон хабар гирифта, ӯро аз онҳо огоҳ созад. Юсуф шодон раҳсипор шуд ва бародарони худро пайдо кард. Онҳо ӯро аз дур диданд ва гуфтанд, ки «Инак, соҳиби хобҳо ба ин ҷо меояд [2,37,19]» ва ҳангоме ки Юсуф ба наздики онҳо меомад, онҳо қасд карданд, ки ӯро кушта, ба чоҳ афкананд ва ба дигарон бигӯянд, ки ҳайвони даррандае ӯро хӯрдааст. Баъд захрхандае карда байни худ гуфтанд, ки «ва бубинем, ки хобҳояш чӣ мешавад» [2, 37,20].

Қиссаи хоб дидани Юсуф (а)-ро агар аз Қуръони Карим бигирем, бо чунин мазмун аст: «(Ёд кун) чун Юсуф ба падари худ гуфт: Эй падари ман! Ба дурустӣ, ки ман ба хоб ёздаҳ ситора ва офтобу моҳро дидам; инҳоро барои худ саҷдакунанда дидам. Гуфт: Эй писараки ман, хоби худро пеши бародарон баён макун, ки он гоҳ дар ҳаққи ту ҳиллае биандешанд! Ҳамоно Шайтон душмани ошкори одамӣ аст. Ва ҳамчунин Парвардигорат туро баргузинад ва ба ту илми таъвили аҳодисеро биомӯзад ва неъмати Худро бар ту ва бар фарзандони Яъқуб тамом кунад, чунон ки онро пеш аз ин бар ду падари ту - Иброҳим ва Исҳоқ тамом карда буд. Ҳамоно Парвардигори ту Донои Устуворкор аст» [3,12, 4-6].

Бояд таъкид намуд, ки дар Қуръони маҷид аз ин қисса хулоса мегардад, ки «Ба дурустӣ, ки дар қиссаи Юсуф ва бародарони ӯ барои суолкунандагон нишонаҳо ҳаст [3,12,7]».

Ба қиссаи хоб дидани Юсуф паёмбар дар достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Абдураҳмони Ҷомӣ муроҷиат намуда, қабл аз таҳлили асли матн мехостем таъкид созем, ки мазмуни онро муҳаққиқи эронӣ Муҳаммади Тамаддун ба тарзи зайл тавсиф намудааст: «Ҳангоми саҳар бо тулӯи офтоби оламтоб, ки мардум сар аз бистари хоб бар медоштанд, дар ҳамин соат тифли ҳашту нуҳсола - Юсуф аз хобгоҳи худ берун парид ва шитобон ба утоқи бузурге равон шуд. Падарҷон, хитоб кард ӯ, хоби шефтае дидам, дидам, ки дунёро рушноии бузурге фаро гирифта ва ман ба чеҳраи кушода истодам ва

ёздаҳ ситораву моҳ маро сачда мекунанд. Бо шунидани ин суханон симои падар шукуфонтар шуд ва таъкид дошт, ки фарзанди азизам, хобе, ки дидаӣ, руъёи содиқа аст ва яқин башорат аз илму мақоми баландест, ки Яздон туро ба он таъйид хоҳад фармуд, оре, руъёи ту рамзест, ки аз ҳадоёи осмонӣ бархурдор хоҳӣ шуд» [5, с. 12].

Дар тавсифи Муҳаммади Тамаддун [5, с. 12] аз ин хоб падари Юсуф - Яъқуб азамату рӯҳонияти фарзандашро эҳсос намуд, алавияти мақом ва равшанбиниашро дар шахсияти он кӯдак мушоҳида кард, ки шояд силсилаи анбиёи бузург аз ин хонадон бархоста ва шояд чароғи хонадони Иброҳим ба воситаи ҳамин кӯдак равшан шуда ва азамати мақоми руҳонии Исҳоқ ва ҷаддаш Иброҳим ба ӯ вогузор гардад.

Ба пеши рӯ чу Юсуф қиблае ёфт,
Зи фарзандони дигар рӯй бартофт.
Бале, ҳар ҷо, к-аз он сон маҳ битобад,
Агар хуршед бошад раҳ наёбад[7,9].

Ҳамчунин Муҳаммади Тамаддун нигоштааст, ки Юсуф дар хоби дигаре дида буд, ки асои забарҷаде ба ӯ доданд ва он асоро ба замин фурӯ бурд ва бародаронаш ҳам ҳар яке асои худашонро фурӯ бурданд, вале асои ӯ онгоҳ шоху барг бароварда ва дарахте шукуфону тануманд гашт, дар ҳоле, ки бародаронаш бо ҳамон чӯбдасте монданд. Ва бародаронаш зери сояи баргу пояи асои ӯ қарор гирифтанд [7, с. 9].

Сазовори таъкид аст, ки муҳаққиқи эронӣ Муҳаммади Тамаддун дар тавсифи қиссаи хоби Юсуф бо такя бар достони Ҷомӣ ҳикоятро оид ба хоб дидани ёздаҳ ситораву моҳ айнан овардааст, вале ба тахайюли бадеӣ роҳ дода, қиссаро дар бораи асои Юсуф ва бародаронаш аз худ афзудааст. Дар худи достони «Юсуф ва Зулайхо» аз ҷониби Абдураҳмони Ҷомӣ қиссаи хоби мазкур чунин нигошта шудааст:

Шабе Юсуф ба пеши чашми Яъқуб,
Ки пеши ӯ чу чашмаш буд маҳбуб,
Ба хоби хуш ниҳода сар ба болин,
Ба ханда лаъли нӯшин кард ширин.
Зи ширинханда он лаъли шакарханд
Ба дил Яъқубро шӯре дарафканд.
Чу Юсуф наргиси сероб бикшод,
Чу бахти хеш чашм аз хоб бикшод.
Бад-ӯ гуфт: «Эй шакар шармандаи ту,
Чӣ мӯҷиб дошт шаккархандаи ту?»
Бигуфто: «Хоб дидам меҳру маҳро,
Зи рахшанда кавокиб ёздаҳро,
Ки яксар доди таъзимам бидонанд,
Ба сачда пеши рӯям сар ниҳоданд» [4, с. 209].

Чунонки мебинем, ин тавсифи Ҷомӣ мазмунан ба хоби дуюми дар Инҷил омада ва хоби дар Қуръон зикргардида монанд аст. Ҳамчунин, Ҷомӣ ҳушдор додани падар Юсуфро, ки дар Инҷилу Қуръон низ зикр шудааст, дар достони худ ба риштаи назм кашидааст:

Падар гуфто, ки бас кун з-ин сухан бас!
Магӯй ин хобро зинҳор бо кас!
Мабод ин хобро ихвон бидонанд,
Ба бедорӣ сад озорат расонанд.
Зи ту дар дил ҳазорон ғусса доранд,
Дар ин қисса каят фориғ гузоранд,
Наёранд аз ҳасад ин хобро тоб,
Ки бас равшан бувад таъбири ин хоб [7, с. 209].

Дар баробари ин дар достони «Юсуф ва Зулайхо» чун дар Қуръон муаллиф аз хоби дидаи Юсуф ва нақли он ба падар хулосаҳои амиқи ахлоқӣ баровардааст, ки ба нигаҳ доштани забон, санҷида гуфтани сухан ва махфӣ доштани сирри мардумон иртибот доранд. Дар байтҳои поин Абдураҳмони Ҷомӣ бо як бадеияти баланде ин маъниро ба тарзи зайл инъикос намудааст:

Падар кард ин васият, лек тақдир
Ба боде бигсилад занҷири тадбир.
Ба як тан гуфт Юсуф он фасона,
Ниҳод онро ба ихвон дар миёна.
Шунидастӣ, ки ҳар сир, к-аз ду бугзашт,

Ба андак вақт вирди ҳар забон гашт.
Ҳакиме гуфт, к-он ду ҷуз ду лаб нест,
К-аз он сир бигзаронидан адаб нест.
Басо сир, к-аз ду лаб афтад ба берун,
Даруни сад диловарро кунад хун.
Чӣ хуш гуфт он накӯгӯю накӯкор,
Ки сар хоҳӣ саломат, сир нигаҳ дор [7, с. 210].

Чунонки мебинем, дар баёни қиссаи хоб дидани Юсуф байни Инҷил, Қуръон ва достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Абдураҳмони Ҷомӣ умумиятҳои зиёде мушоҳида мегарданд. Ин умумият дар ҳар се манбаъ қабл аз ҳама дар он ифода меёбад, ки хобҳои дидаи Юсуф сабаби ҳушдор кардани падар ӯро ва боиси нафрати бародаронаш нисбат ба ӯ гардиданд. Ҳамчунин, дар Қуръон ва достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Абдураҳмони Ҷомӣ аз қиссаи хоб дидани Юсуф бевосита баъд аз нақл кардани он хулосаҳои ахлоқӣ бардошта шудаанд. Вале дар баробари ин баъзе фарқиятҳо низ байни инъикоси қиссаи хоб дидани Юсуф дар Инҷил, Қуръон ва достони Абдураҳмони Ҷомӣ вуҷуд дорад, ки аз як тараф ба мазмун ва аз ҷониби дигар ба забон, услуб ва махсусиятҳои бадеӣ иртибот доранд. Ин фарқиятҳо аз ҷиҳати мазмуни қисса чунинанд:

Аввалан, дар «Инҷил» омадааст, ки Юсуф хоби дидаашро дар қатори падар ба бародарон нақл мекунад, ки ин на дар оятҳои Қуръони Карим асту на дар достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ. Зеро дар ин ду манбаъ омадааст, ки Юсуф хобашро танҳо ба падар нақл карда аз ӯ ҳушдор мегирад.

Сониян, дар «Инҷил» оид ба хоб дидани киштзор ва бандҳои даравшуда ва бастаи бародарон сухан меравад, ки байни онҳо банди бастаи Юсуф бартарият дошта, банди бародаронаш ба он саҷда менамоянд. Чунин тавсиф дар Қуръон ва достони Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дучор намеояд.

Сеюм, дар Қуръони маҷид танҳо хоб дидани Юсуф ёздаҳ ситора ва офтобу моҳро, ки бар ӯ саҷдакунанда будаанд, зикр ёфтааст. Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ, аз диди мо, дар чунин баён маҳз ба китоби муқаддаси «Қуръон» такя намуда, ба он образҳои шоиронаи худро афзудааст.

Фарқиятҳо аз ҷиҳати забону услуб ва бадеият низ табиист, ки дар баёни қиссаи хоб дидани Юсуф дар Инҷил, Қуръон ва достони Абдураҳмони Ҷомӣ «Юсуф ва Зулайхо» вуҷуд доранд, ки таҳқиқи алоҳидаро талаб мекунанд.

Хулоса, гуфтаҳои боло собит месозанд, ки қиссаи як хоби Юсуф оид ба сарнавишти ояндаи паёмбарии худ, ки дар китобҳои муқаддаси Инҷилу Қуръон ва достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Абдураҳмони Ҷомӣ омадааст, бо ҳам аз ҷиҳати мазмун якранг буда, танҳо фарқиятҳои ҷузъие доранд. Вале бо такя ба ин манбаъҳо, махсусан ба оятҳои қуръонӣ, Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ тавонистааст бо истифода аз истеъдоди табиӣ, тахайюли ғанӣ ва рангину шоиронаи худ достоне офарад, ки бо бадеиёту муҳтавои пурарзиши хеш чун ҷузви «Ҳафт авранг»-и ҷовидонаи ӯ на танҳо дар ганҷинаи адабиёти форсу тоҷик, балки дар таърихи фарҳанги ҷаҳонӣ то имрӯз ҳам мақоми сазоворро ишғол менамояд.

Адабиёт:

1. Бертельс Е. Э. История персидско-таджикской литературы. – М., 1960.
2. Инҷил. Ҳастӣ Китоби муқаддас. – Стокголм, 1999.
3. Қуръон. Сураи «Юсуф» Қуръони карим. Муҳаммадҷон Умаров. – Душанбе, 2007.
4. Низомии Арӯзи Самарқандӣ. Чаҳор мақола. - Душанбе, 1986.
5. Тамаддун М. Қиссаи пурмоҷарои Юсуф ва Зулайхо. – Душанбе, 1992.
6. «Ҳафт авранг»-и Ҷомӣ. - Тошканд, 1914.
7. Ҷомӣ Абдурраҳмон. Осор. Ҷилди чорум. «Субҳат-ул-аброр», «Юсуф ва Зулайхо». - Душанбе, 1988.

СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ РАССКАЗА О СНЕ ЮСУФА, ОТРАЖЕННОГО В БИБЛИИ, КОРАНЕ И ПОЭМЕ АБДУРАХМАНА ДЖАМИ «ЮСУФ И ЗУЛАЙХО»

В статье проанализирован и сопоставлен сон Юсуфа о своей пророческой миссии, который отражен в священных писаниях - Евангелии, Коране и в поэме «Юсуф и Зулайхо» Абдурахмана Джами. Автором, на основе показа общностей и отличий данного рассказа в упомянутых источниках, принята попытка доказать, что Абдурахман Джами создал свое

знаменитое произведение – поэму «Юсуф и Зулайхо» вдохновляясь именно этими священными христианскими и мусульманскими книгами.

Ключевые слова: Евангелия, Коран, Джами, Юсуф, Зулайхо, Якуб, сон, общность, отличие.

COMPARATIVE ANALYSIS OF THE STORY OF THE DREAM OF YUSUF REFLECTED IN THE BIBLE, THE QURAN AND THE POEM OF ABDURRAHMAN JAMI "YUSUF AND ZULAIKHO"

In the article analyzed and comparedthe dream of Yusuf about his prophetic mission, which is reflected in the Scriptures - the Bible, the Qur'an and in the poem "Yusuf and Zulaikho" of Abdurahman Jami. On the basis of the showing of similarities and differences of this story in the above-mentioned sources the author is attempted to prove that Abdurahman Jami created his famous work - poem "Yusuf and Zulaikho" inspired by these sacred Christian and Muslim books.

Keywords: Bible, Koran, Jami, Yusuf, Zulaikho, Jacob, dream, similarity, difference.

Сведения об авторе: Ширинова Бахтинисо Бахридиновна, ст. преподаватель кафедры таджикского литература Таджикского государственного института языков им. С. Улугзода, e-mail: ms.bakht@mail.ru

About author: Shirinova Bakhtiniso, senior teacher of chair of Tajik literature, Tajik State Institute of Languages named after S. Ulugzoda

ПАЙРАВОНИ ШЕЪРИ ҲОФИЗ ДАР АДАБИЁТИ ОЛМОН

Қурбонов М., Қурбонова З. Б.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Адабиёти пурбору сермаҳсуле, ки дар бораaш тамоми олимону адибони дунё сухан меронанд, адабиёти форсӣ-тоҷикист, ки дар тӯли ҳазорсолаҳо адибони забардасту оламшумуле чун Фирдавсию Хайём, Саъдию Ҳофиз… барин нобиғаҳоро ба воя расонидааст, ки имрӯз тамоми аҳли фарҳанги дунё аз осори шаҳдбори онҳо мечашанд. Назми Ачам ба воситаи шеъри Саъдию Ҳофиз ба эҷодиёти адибони Аврупо таъсири худро расонд. Он сеҳри сухане, ки дар шеъри Саъдию Ҳофиз ниҳон аст таваҷҷуҳи адибони Аврупо ба монанди Гёте Ҳюго, Жерар де Нервалу Ҳейнрих Ҳайне баринҳоро ба худ кашид. Дар илми шарқшиносии дунё олимони зиёде ба монанди Ян Рипка, Э. Броун, Николсон, Хонум Эва, Бартолд ва дигарон дар бораи назми форсӣ-тоҷикӣ тадқиқотҳои зиёди илӣ гузаронида, таъсири онро ба адабиёти Аврупо нишон додаанд. Онҳо кӯшиши кушодани он гирехҳои нокушудаи назми форсӣ-тоҷикиро карданд. Лекин ҳамагон инро хуб медонанд, ки назми Ачам кушодани ин сеҳри сухан ва санъати волои сухангӯиро танҳо ба шайх Саъдию хоҷа Ҳофиз додааст.

Барои ҳамин ҳам шарт нест, ки дар бораи мавқеи шайх Саъдию хоҷа Ҳофиз ба мардуми ҳамзабону ҳамдинаш, ки бе панду андарзҳои намкинашон ҳатто гоме ҳам намезананд, сухан ронем. Чунки бе тарғибу ташвиқ дар кишварҳои форсизабон мавқеи онҳо то дараҷаҳои баланд расидаанд, ки имрӯз мардуми ин сарзамин девонҳои Саъдию Ҳофиз ва Мирзо Бедилро ҳамчун китобҳои муқаддас дар зери болиштҳо ва гаҳвораҳои кӯдакони хеш мегузоранд.

Садсолаҳо мегузарад, вале асарҳои ин бузургон барои ҳамаи толибилмон ҳамчун китоби ахлоқию тарбиявӣ мемонад. То ибтидои асри ХХ дар ҳамаи мадрасаҳо дар баробари китобҳои муқаддаси дини ислом «Ҳафтяк»-у «Чаҳоркитоб» ин девонҳо омӯхта мешудаанд. Имрӯз замоне расидааст, ки мо мавқеи Ҳофизро дар Ғарб бояд ҷӯем. Рисолаҳои илмии олимони тоҷик Р. Қудратов, Р. Деҳотӣ, Матлубаи Мирзоюнус ва профессор Шокир Мухторов тарҷума ва баргардонишҳои шоирон Салимшоҳ Ҳалимшоҳ,Шуҷоъуддини Шифо,Лоиқ Шералӣ,Шералӣ Раҳим аз таъсири эҷодиёти Ҳофиз ба адибони Аврупо дарак медиҳанд.

Аввалин тарҷумаҳои осори шоир ва мутафаккири олмон Волфганг Гёте бо забони тоҷикӣ ҳануз охири солҳои панҷоҳуми асри ХХ аз тарафи шоири тоҷик Салимшоҳ Ҳалимшоҳ сурат гирифта буд. Шоири тоҷик «Ба Ҳофиз» ном шеъри Гётеро дар рузномаи «Маориф ва маданият» (12.12.1959) ба чоп расонд.

Девони ғарбӣ-шарқӣ, ки аз дувоздаҳ дафтар иборат аст ва ҳар як дафтари он бо забони форсӣ ва арабӣ унвон дода шудааст. Рақамгузории дувоздаҳ ба қавли мутарҷими ин асар мумкин ба дувоздаҳ моҳи сол алоқамандӣ дошта бошад. Ба фикри мо, агар хонандаи борикбин хуб назар кунад, байни ин дафтарҳо ягон нишонае намебинад, ба ғайр аз ишқ, бода ва ғазал, ки дар он пайравӣ ба шеъри Ҳофиз ҳис мешавад. Махсусан, се дафтаре, ки бо унвонҳои «Муғаннинома», «Ишқнома» ва «Ҳофизнома» дар девон номгузорӣ шудаанд, пурра дар пайравии шеъри Ҳофиз суруда шудаанд.

Аслан мавзӯи Шарқ дар адабиёти Ғарб таърихи дуру дарозе дорад. Ҳанӯз соли 1818 баъди таълифи асари Гёте «Девони Ғарбию Шарқӣ» дар маданияти ҷаҳон як ҳодисаи нодир ба вуҷуд омад. Шоирони романтики немис офаридани сюжету образҳои шарқиёнаро дӯст медоштанд чунки ин кишварро диёри афсонавӣ шумурда ва аз тарафи дигар ориённажодаш меҳисобиданд. Барои ҳамин ҳам дар ашъорашон нақшу ҷило, рангу таровати муҳити аҷиби Шарқ ва умуман унсурҳои шарқиро тасвир мекарданд. Ба вуҷуд омадани «Девони Ғарбию Шарқӣ» - и Гёте ба қавли профессор Шокир Мухторов ин маҳсули қироати бардавоми ӯ аз фарҳанги мардумони Шарқ аст, вале гумон аст, ки шоири олмонӣ бе мутолиаи асарҳои Саъдӣ ё Ҳофиз ба таълифи асараш шурӯъ мекард.

Охири асри XVII замони зуҳури фалсафаи бузурги немису инқилоби буржуазии Фаронса буд. Дар ҳамин замони навпарастӣ аҳли қаламии Аврупо ба суханҳои волою идеяҳои инсонпарваронаи бузургони Шарқ бештар таваҷҷуҳ пайдо намуданд. Дар байни аврупоиён Гёте авалин шахсе буд, ки бозёфтҳои фарҳангию офаридаҳои бузурги форсигӯёнро аз ҳамзамононаш хубтар дарк намуда, ба ҳамзамонону ояндагонаш Ҳофизро муаррифӣ намуд. Шарқ аз назари Гёте, пеш аз ҳама, Шарқи Фирдавсию Саъдию Ҳофиз аст, - мегӯяд профессор Шокир Мухторов дар асараш «Мақолот» (2001). Дар баробари ин муаллиф аз 12 китоб иборат будани «Девони Ғарбию Шарқӣ»-ро ёдовар мешавад, ки дар он суханони Гёте дар бораи нозимони Шарқ дарҷ шудааст: «Ин нуктаро бипазиред, ки сухансароёни Шарқ аз мо шоирони Ғарб тавонотаранд» ва дар «Девони Ғарбию Шарқӣ» - чунин сатрҳои шеърӣ аз номи муаллиф сабт шудаанд:

Агар таманои шоирӣ дорӣ,
Ба диёри шеъру суруд сафар бикун.
Агар сурудаҳои шоирро фаҳмидан хоҳӣ,
Роҳи меҳани шоирро пеш бигир [4, с. 15].

Пайдоиши романтизм дар адабиёти Аврупоӣ ба пазироиши шеъри Аҷам дар Аврупо заминаҳо омода сохт. Инсонпарварӣ ва ватандӯстӣ, ки хоси назми форсӣ аст яке аз мавзӯъҳои асосӣ ва писандидаи шоирони романтики Аврупо гардид. Тарҷумаи олмонии Жозеф фон Ҳоммер – Пушгольд солҳои 1812-14 бо номи «Муҳаммад Шамсиддин Ҳофиз» ин нахустин тарҷумаҳои ғазалҳои Ҳофиз ба забони олмонӣ буд, ки дар ду китоб дарҷ ёфта дар илми ховаршиносии Аврупо шароит фароҳам овард.

Мутолиаи ашъори Ҳофиз бо забони олмонӣ Гётеро водор сохт, ки боз ҳам бештар Шарқро омӯзад. Дар баробари омӯзиши ғазалҳои Ҳофиз шоири олмонӣ аз паи омӯхтани ашъори шоирони тавонои дигари форс ба монанди Фирдавсӣ, Низомӣ, Анварӣ, Румӣ, Саъдӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ шуда, ба ҳар яки онҳо баҳои арзанда додааст. Баъди мутолиаи девон хонандаи нуктасанҷ дарк мекунад, ки Гёте дар бораи эҷодиёти бузургтарин сухансароёни шарқ сухан ронда, дар байни онҳо бештар ба Ҳофиз рӯ овардааст. Шеърҳое, ки дар девон дар васфи Ҳофиз суруда шудаанд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки Гёте бештар Ҳофизро писандидааст. Ишқномаҳои Гёте боис шуданд, ки Ҳофиз аз ҷониби шоирони бузурги замон истиқбол шавад. Аз тарафи дигар, ишқномаҳои Ҳофиз тавонист, ки муҳаббати оҳиста-оҳиста хомӯшшавандаи Гётеро нисбат ба назм аз сари нав бедор кунад. Шеъри Ҳофиз Гётеро маҷбур сохт, ки қалам ба даст гирифта, илҳомномаҳо ва назираҳои худро дар пайравии ин сухансарои тавонои тоҷику форс сарояд:

Ҳофизо, кош чу ту нодиргуфторӣ кунам,
Пайрават бошаму гӯям сухани хостае.
Резакорӣ зи ту омӯхтаву пардозам,
Шеъри мумтозу гаронмояву перостае.
Гар тақозои маонӣ надиҳад дастурам,
Суханеро пайи такрор наорам ҳаргиз.
То ба тарзи ту кунам шеъру ғазалпардозӣ
Эй Маликушшуарои ҳама дунё Ҳофиз,

Ҳамчунон, ки шараре тахтгаҳи шоҳонро
Эй басо сӯхта дар ҳоли хароб афкандаст,
Ҳофизо ҷону тани шоири олмониро
Оташи шеъри ту андар табутоб афкандаст [2, с. 270].

Чи хеле ки мебинем, тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки Гёте Шарқро надидааст, вале рӯҳи Ҳофиз, шеъри оламшумули ӯ онҳоро бо ҳам пайвастааст. Дидани Шарқи афсонавӣ орзуву ҳаваси Гёте буд. Ӯ мехост Шарқро бинад, монанди Шайх Саъдиву Хоҷа Ҳофиз либоси шарқиёна дар тан карда ғазалсароӣ кунад. Гёте дилдодаи Шарқ буд ҳатто мехост, ки бо вазну қофияи ғазалиёти Ҳофиз назира нависад, вале ба ин комёб нагардид. Ба ҳар ҳол ғазалҳои гуфтаи ӯ пояи ғазалсароиро дар шеъри аврупоӣ гузошт. Бо кашфи Ҳофиз Гёте дар «Девони Ғарбию Шарқӣ» ба шарқшиносони Аврупо дар роҳи шарқшиносӣ дасти ёрӣ дод. Ба қавли адабиётшинос, устоди забон ва адабиёти форсии донишгоҳи Берн Кристоф Бюргел – «Ҳофиз ва Гёте» ду нуқтаи авҷи таърихи рӯҳи инсонӣ аст…. Девони Гёте бошад, натиҷаи таҷрибаҳои мустақил рӯҳи ӯ бо Ҳофиз аст». Гёте худро бо Ҳофиз дар мувофиқа ҳис мекард. Дар шеърҳои ӯ тазмин не, балки назира дида мешавад, чунки Гёте дар девони Ҳофиз мавзӯъҳои ашъорашро ёфта буд. «Ҳофиз дар шинохти Гёте бузургтарин ва босафотарин шоирест, ки ба забонҳои ин ҷаҳон сахт дилбастагӣ дорад. Ӯ аз ҳар чизе ки дасту пои инсонро мебандад эътироз мекунад, аз тааллуқ дурӣ меҷӯяд. Ҳамчунин ба назар мерасад, ки вай мисли риндони бесару по қаландарона зистанро пеша кардааст. Барои он ки Ҳофизро дуруст дарк кунем, бояд ӯро дар ҳалқаи замонӣ ва миллии худаш мавриди омӯзиш қарор диҳем. Аммо барои касе, ки бо ӯ каму беш ошноӣ пайдо кардааст, Ҳофиз тамоми умр ҳамсафару шарики меҳрубон мешавад». Гёте дар девони худ ҳатто боби махсусеро бо номи «Ҳофизнома» номгузорӣ кардааст, ки ин муҳаббати беандозаи ӯро нисбат ба Ҳофиз ва назми форсӣ-тоҷикӣ нишон медиҳад:

Ҳофиз ту мисоли ҷовидонӣ,
Чун умри абад надорӣ поён
Ҳар як ғазалу чакомаи ту
Ҳар нақши сарир хомаи ту
Вобаста фақат ба хеш бошад
Чун чанбари осмони гардон [2, с. 267].

Хулоса, Ҳофиз аз диди Гёте дар тарҷумаи мутарҷими эронӣ Маҳмуди Ҳаддодӣ чунин тасвир шудааст: «Ҳофиз ин ҷамилтарин ҷони шоирона ба ин поя аз табаҳҳур расида буд. Вай тамоми Қуръонро дар тааллуқи хеш дошт ва ба равшанӣ медонист ҳар боре чӣ ақидаеро бар он бино мекунанд. Худ мегӯяд: «Ҳар чӣ кардам, ҳама аз давлати Қуръон кардам». Дарвоқеъ шеъри романтикии Аврупо ба истиқболи Ҳофиз барин шоири озодандешу инсонпарвар, васфкунандаи ишқ ва зиндагии инсон, адиби лисонулғайб баромад. «Ҳофиз кашфи илми шарқшиносии Олмон бозёфти романтизми аввали асри XIX Аврупо шуда монд», - мегӯяд профессор Шокир Мухтор, ки ба кашфи ҳақиқии он Гёте саҳмгузор шуд. Гёте дар ҳама маврид худро муриди асосии хоҷа Ҳофиз номида, вақти давот ба даст гирифтан аз рӯҳи ӯ мадад металабад:

Ҳофизо, бо ту баробар будан,
Ин хаёлест маҳол!
Хешро чун ту ба қадр афзудан,
Нест чун айни вубол!…
Ба забони қаламам ҷуръати гуфтор бидеҳ,
Ман муриде зи муридони туам, эй устод! [6, с. 269].

Адабиёт:

1. Атахонов Т. Гёте ва Ҳофиз // Мактаби советӣ. – 1983. - № 1. – С. 23-28.
2. Волфганг Гёте. Девони ғарбӣ-шарқӣ / Тарҷумаи Маҳмуди Ҳаддодӣ.-Душанбе, 2011. -384 с.
3. Деҳотӣ Р. Омӯзиши Ҳофиз ва шарҳи осори ӯ дар Олмон. - Душанбе, 1984.
4. Мухторов Ш. Мақолот. – Душанбе, 2001.
5. Мухторов Ш. Нури Ҳофиз. - Душанбе, 2002. - 216 с.
6. Мухторов Ш. Савтҳои Ховар. - Душанбе, 1986. - 240 с.
7. Шерали Раҳим. Шарҳе ба «Девони ғарбӣ ва шарқӣ». - Душанбе, 1996.

ПОСЛЕДОВАТЕЛИ ПОЭЗИИ ХАФИЗА В НЕМЕЦКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

Данная статья посвящена изучению творчества Хафиза Ширази в Германии. Автор статьи, ссылаясь на труды учёных разных стран, пришёл к выводу, что Хафиз Ширази как великий поэт имеет большую популярность среди европейских читателей.

Ключевые слова: литературные связи, запад и восток, поэт, перевод, персидская литература, образ.

FOLLOWERS OF HAFIZ'S POETRY IN GERMAN LITERATURE

This article dedicated to study of creation of Hafiz Shirazi in Germany. The author paid attention to the works of various scientists of different countries and made a conclusion that Hafiz Shirazi as a great poet has popularity among the European readers.

Keywords: literary relations, west and east, Persian literature, poet, translation, Persian literature, image.

Сведения об авторах: Курбонов Маджид, кандидат филологических наук, доцент кафедры теории и истории таджикской литературы Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни, e-mail: abdumajid63@mail.ru

Курбонова Зирагул Бобомуродовна, старший преподаватель кафедры иностранных языков Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни, e-mail: abdumajid63@mail.ru

About authors: Kurbonov Majid, PhD in Philology, Associate Professor of the chair of theory and history of Tajik literature, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini

Kurbonova Ziragul, senior teacher of chair of foreign Languages, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini

«ТИББИ ШОҲЗОДАМУҲАММАД» ВА АРЗИШИ ФАРҲАНГӢ-АДАБИИ ОН

Давлатбеков Л.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мусаллам аст, ки таърихи оғози кутуби тиббӣ ба тавассути тарҷумаҳо аз забонҳои юнониву сурёнӣ ба арабиву форсӣ ва инчунин аз шарҳҳои зиёде ба ин навъи китобҳо навишташуда ва китобҳои таълимӣ дар аввали аҳди исломӣ сарчашма мегирад ва анъанаи таснифи ин навъи китобҳоро дар Бадахшон низ метавон мушоҳида намуд. Рушду нумӯи илми тиб дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX ба номи Шоҳзодамуҳаммад ибни Шоҳпартовӣ мансуб аст. Донишманди тоҷик, профессор Юсуф Нуралиев, ки рисолаҳои зиёди пурарзишро доир ба илми тиб тасниф намудааст, дар яке аз таълифоташ иброз доштааст: «Тибби замони Сомониён пас аз асри X ба ҷилватарин машъали тибби Шарқ ва устувортарин поя ва раҳнамоии тибби Ғарб табдил ёфт. Пайравони аз Сайд Исмоили Ҷурҷонӣ (1045–1137) сар карда то Шоҳзодамуҳаммади Бадахшонӣ (в. 1937) садҳо китоб ва рисолаҳои ҷолиб дар бахшҳои гуногуни тиб ба забони форсӣ- тоҷикӣ иншо намуданд» [3, с. 332]. Дар бораи Шоҳзодамуҳаммад ибни Шоҳпартовӣ маълумоти нисбатан васеътар дар даст дорем. Бори аввал доир ба фаъолияти тиббии Шоҳзодамуҳаммад А. А. Бобрынский маълумот додааст. Ӯ менависад: «…12 насл пеш ҷаддаи аввали ӯ Шоҳмаланг ба ин кӯҳистон аз шаҳри Сабзавори Хуросон омада буд» [1, с. 4-5].

Падари Шоҳзодамуҳаммад – Саид Фаррухшоҳ ибни Шоҳпартовӣ, ки дар «Таърихи Бадахшон»-и Қурбонмуҳаммадзода ва Муҳаббатшоҳзода доир ба ӯ сухан меравад [3], яке аз донишмандони шаҳири Бадахшон маҳсуб шуда, ҳафт сол дар мадрасаи Бамбайи Ҳиндустон таҳсили илм кардааст ва инчунин дар баробари омӯхтани соири улуми замонаш дар маърифати тасаввуф низ саъй намудааст.

Соли 1993 бо саъйю кӯшиши муҳаққиқи ҷавони фарҳанги минтақаи номбурда Умеди Шоҳзодамуҳаммад китоби «Тибби Шоҳзодамуҳамад» нашр гардид, ки таҳиягар, муаллифи муқаддима, луғот ва тавзеҳот низ худи мавсуф аст. Мураттиб ва ношири китоб рочеъ ба зиндагӣ ва фазои фарҳангӣ, фаъолияти шоирӣ, табибӣ, усулҳои табобат, осори Шоҳзодамуҳаммад ва махсусан доир ба рисолаи номбурда ва усули таҳқиқи

муаллифин он, истифода аз сарчашмаву китобҳои дигар маълумоти нисбатан муфассал додааст [5].

Шоҳзодамуҳаммад ибни Шоҳпартовӣ, тибқи навиштаи Умеди Шоҳзодамуҳаммад, соли 1869 дар Сарои Баҳор ном деҳаи хушманзараи Поршневи ноҳияи имрӯзаи Шуғнон таваллуд шудааст. Ӯ аз кӯдакӣ ба машқи хат ва хаттотӣ машғул шуда, нозукиҳои онро аз амакаш Шоҳниёз омӯхтааст. «Дар захираи дастнависҳои шарқии Шӯъбаи ленинградии Институти халқҳои Осиё асарҳое ба монанди «Умм-ул-китоб», «Мабдаъ ва миод», «Саҳифат-ун-нозирин», «Ҳафтбоб» ва ғайра вуҷуд доранд, ки бо дасти ин муҳаққиқ китобат шудаанд. Аз рӯи дастхати Шоҳзодамуҳаммад «Ваҷҳи дин»-и Носири Хусрав соли 1924 дар матбааи ковиёнии Берлин ва баъдтар дар Теҳрон ба табъ расид» [5, с. 4].

Байни мардуми Бадахшон Шоҳзодамуҳаммад ҳамчун табиб машҳур буд ва аз ҳисоби ин касб рӯз мегузаронид ва Мирсаид Миршакар ҳангоме, ки солҳои 20-уми асри гузашта дар аввалин мактаби шӯравии деҳаи Поршневи ноҳия Шуғнон таҳсил мекард, борҳо бо Шоҳзодамуҳаммад ҳамсӯҳбат шудааст ва дар хусуси ин донишманд чунин навиштааст: «Шоҳзодамуҳаммад ошкоро мегуфт, ки инсон маҳсули табиат аст ва барои саломатии худ на ба мулло муроҷиат кунаду на ба тӯмору дуохонии вай, бояд ба модари худ, табиат муроҷиат кунад. Дар назди ҳавлияш ҳазор хел гулу гиёҳҳои даштиву кӯҳӣ мекорид ва аз рӯи нусхаи Абӯалӣ ибни Сино дору тайёр мекард. Доруро барои онҳое медод, ки ба ҳикмати ӯ бовар доштанд. Музди меҳнаташро танҳо баъд аз шифо ёфтанаш оварда медоданд. Аз онҳое, ки шифо намеёфтанд, музд намегирифт» [2, с. 19].

Шоҳзодамуҳаммад дар асоси омӯзиши асарҳои тиббии Абӯалӣ ибни Сино, Исмоили Ҷузҷонӣ, «Тибби Акбар», «Тибби Юсуфӣ», «Уммулилоҷ», «Мизонуттиб» ва амсоли инҳо сатҳи дониши хешро рифъат бахшидаву дар асоси донишҳои фарогирифта ва амалияи табобаташ китобе мусаммо ба «Тибби Шоҳзодамуҳаммад» тасниф намудааст. Муҳаққиқ дар қисмати аввали китоб вобаста гардишу ҳаракати ҷирмҳои кайҳону замин як низоми ҷолиберо эҳдо мекунад, ки кори табибу табобат аз он бояд берун набошад ва дар сурати дурусту воқеӣ санҷидан ба назардошти ҳамаи рукну қоида ва табоеъ он корҳо осону муфид мегарданд [5, с. 8].

Муаллиф зимни таълифи рисола аз сарчашмаҳо ва адабиёти зиёди тиббии донишмандони гузаштаи аврупоӣ ва Шарқ истифода намуда, дар фаъолияти амалии тиббии хеш усули хосро ба кор мебурд. Мураттиби китоб дар қисмати «Ҳаёти ва осори Саид Шоҳзодамуҳаммад» дар хусуси усули табобати ин донишманд қайдҳои ҷолибе дорад: «Табиби Бадахшон ҳам мисли Шайхурраис ибни Сино пеш аз муолиҷа набзу забони беморро санҷида, қорура ва кумизро тадқиқ намуда, баъд ба табобат сар мекард, дар таҳриқи мараз вақту соат, шабонарӯзӣ, ҳафтаву чилларо ба инобат мегирифт. Табобати ниҳоӣ аксар чил рӯз, андак, ду-се ҳафта давом мекард, ба баъзе касалиҳо, ки гузашта бошанд, муолиҷаи бештар тавсия медод. Ӯ рӯзона тамоми фаъолияташро ба қабулу дармони одамон сарф мекард, шабҳо дар ҷустуҷӯи асарҳои нав мешуд…» [5, с. 7].

Муаллиф дар рисолаи хеш аз осори сершумори марбут ба илми нуҷум ва тиб ҳар масъалае, ки барои табобат муфид бошад, ба касрат истифода намудааст. Аз андешаронихои Шоҳзодамуҳаммад мусаллам аст, ки ҳаракати ҷирмҳои осмонӣ ва замин ба саломатии одамон низ муассир аст. Аз ин ҷиҳат дар низоми таълимоти ӯ фаъолияти табиб бояд аз гардиши ситораҳо ва умуман ҷирмҳои осмонӣ ва замин беробита ва берун набошад. Агар талаботи дар боло зикргардида зимни табобат ба инобат гирифта шавад, кори табиб натиҷаи матлуб дода метавонад. Аз ин ҷиҳат муаллиф дар муқаддимаи рисола қайд менамояд: «Худои азза ва ҷалла ин оламро дувоздаҳ рукн ва ҳафт қоида ва чаҳор табоеъ офарид. Бидон, ки рукни Ҳамал ва Савр ва Ҷавзо ва Саратон ва Асад ва Сунбула Мизон ва Акраб ва Қавс ва Ҷаддӣ ва Далв ва Ҳут. Аммо дар вуҷуди одам ин дувоздаҳ рукн ороста гардонид ва дар ин дувоздаҳгона ҳафт ситора мувофиқ ва муваккал гардонидааст. Ҳамчунин Қамар, Аторуд, Зӯҳра, Шамс, Миррих, Муштарӣ, Зуҳал мувофиқ кард. Дигар дар вуҷуди олам ҳам ҳамин чизҳои ҳафтгона ороста кард: дил ва ҷигар ва шуш ва сипурз ва заҳра ва гурда ва димоғ ва низ дувоздаҳ бурҷ ва чаҳор табоеи саъд ва нахс ва ҳафт кавокиб ва ҳар кадоме миҷози онҳоро аз гарм ва сард ва хушк ва тар биёфарид. Ва мо тариқи инҳоро баён мекунем. Дил гарму хушк аст ва шуш ҳам гарму хушк аст, супурзу заҳра сарду тар, гурда мӯътадил…» [5, с. 8].

Рисола аз панҷ боб ва ҳар як боб аз зербобҳо иборат аст ва зербобҳо аз ҷиҳати ҳаҷми худ гуногун мешаванд. Масалан, боби аввал китоб «Дар баёни донистани набз ва қорура» унвон дошта, фасли аввали он «Дар баёни донистани набз ба тариқи ҳиндуён» ном дорад, ҳамагӣ аз панҷ ҷумла иборат аст, вале мақсад ва таъиноти ӯ дар ин гузориш хеле дақиқ аст: «Атибои Ҳинд чунин гуфтаанд, ки се ангушт бар набзи мариз ниҳанд, агар дар зери ангушти аввал ҷаҳад, ғалабаи сафрост ва рафтори он чун ғук ва зох ва куланг бувад. Ва агар дар зери ангушти миёна ҷаҳад, ғалабаи балғам аст ва рафтори он чун рафтори товус ва кабӯтар бувад. Ва агар дар зери ангушти ақиб ҷаҳад, ғалабаи бод аст ва рафтори он чун зулуҷа ва мор аст. Агар тез ҷаҳад, гуруснагӣ ғолиб, агар ҷалд ҷаҳад, аризаи таб. Агар гарм ҷаҳад, ғалабаи хун, агар сард ҷаҳад ва оҳиста, гаронии шикам ва агар соате ҷаҳад ва соате кам гардад, сиҳат мумкин набувад» [5, с. 14].

Дар масъалаи шинохтани набз муаллиф қавли ҳукамои мутақаддиминро, ки бархе мансуб ба фарҳанги мардуми Юнон ва қисмати дигар мансуб ба аттибои машриқзаминанд, мустафод намуда, нуқтаи назари эшонро дар масъалаи мавриди назар ба қавли Ҷолинус як мешуморад. Масалан, муаллиф дар фасли сеюми боби аввал менависад: «Чун Аристотолис ва Улис ва Дардонус ва Суқрот ва Ҳурмус… ва Арсаъотин ва Ибни Тарфис ва Фарқус ва Атримош ва Анфар ва Абдуллоҳ ва Муҳаммади Закариё ва Чарчун ва Луқма Муъаҷҷаш ва Луқмони Ҳаким ва Тафротуни ҳаким ва Ҷолинуси ҳаким ва Хоҷа Бузурҷмеҳри ҳаким ва Абулфазл ва Аҳмади Нишопурӣ ва Абутолиб ва Ҳасани Кирмонӣ ва Абӯалӣ Сино ва ин ҳакимон, ки ёд кардем, ба қавли Ҷолинуси ҳаким муттафиқанд ва ҳеҷ кас дар ин боб сарфи зиёд накардааст. Ва он чунон аст, чун хоҳанд, ки ба далел набз бидонанд, ки набз далолат ба ҳаёт мекунад ё ба мамот. Ва агар набз далолат ба ҳаёт мекунад, пас ҳаким илоҷи он мариз бикунад ва агар далолат ба мамот кунад, пас даст аз ӯ боздорад» [5, с. 15].

Аз андешаву мулоҳизаҳои Шоҳзодамуҳаммад аён аст, ки тамоми аҷзои дар табиат мавҷуд барои инсон бе манфиат нест ва инсон бояд ба иқтизо ва равиши ақли хеш аз он оқилона истифода барад. Муаллиф аз хосияти оддитарин рустаниҳо оғоз карда, то бузургтарин ҳайвонот, аъзои бадани инсон ва ҳатто чирку гандидаҳоро аз мавқеи ҳамин талабот баррасӣ намудааст.

Масалан, фасли дуюми китоб, ки «Хосияти баҳоим» ном дорад, 21 ҳайвони даррандаву ғайри даррандаро дар судбахшӣ ба саломатии одам манфиатбахш шуморидааст. Ин қисм оид ба фавоиди паланг оғоз ёфта, муаллиф дар хусуси хосияти ин ҷонвари дарранда сухан меронад ва матлабро то андозае дар пайравии сабки насри классикӣ баён намудааст. Таркиби ҷумлаҳо мураккаб буда, аз чанд ҷумлаи сода сохта шудаанд ва дар оғози ҳар як ҷумла бо истифодаи пайвандаки тобеъкунандаи «агар» тобиши шартиро буруз намудаанд: «Агар касе гӯшти палангро бихӯрад, фарбеҳ кунад ва далер гардад. Агар суффори хурмо биёсоянд ва бар ӯ гӯшт пур кунанд, ба паланг диҳанд, бухӯрад, бимирад. Агар аз пӯсти паланг камар созанд ва бар миён банданд ва ба ҳар кӣ ҷанг кунад, зафар ёбад. Агар нофи паланг бо худ дорад, саг бар вай бонг накунад. Агар ҳамоил кунад ва бар кӯдак бандад, аз чашми бад дур бошад. Агар заҳраи палангро хушк карда, бар баҳақ кунад, нофеъ бувад. Агар мӯи палангро дар хона дуд кунад, ҳар муше, ки дар хона бошад, ба беруни ҳавлӣ ҳама гирд оянд» [5, с. 21].

Муаллиф 47 навъи зироатро номбар ва роҷеъ ба таркиб ва табъи онҳо андешаронӣ намуда, хосияти шифоҳияшонро ба таври мӯъҷаз, вале аниқу фаҳмо тавзеҳ додааст. Тавзеҳоти муаллиф дар мавриди хосияти баъзе сабзавот ҳамагӣ аз се, чор ва панҷ ҷумла иборат аст. Роҷеъ ба хосияти каду сухан ронда, ба чанд иллату дард нофеъ буданашро ба таври зайл қайд намудааст: «Каду сарду тар аст, дардро зоил кунад ва табро бибарад. Дарди меъда ва ҷигарро сокин кунад. Оби барги ӯро бар омос ниҳанд, суд дорад. Агар тухми ӯро бо шаккар хӯранд, муҷомиатро қувват диҳад. Агар тухми ӯро се рӯз дар равғани кунҷид кунад ва ба кор барад, беддона барояд. Агар пӯсти кадуи кӯҳна бо равғани заъфарон бисояд, бар калаф шавад, калафро бибарад» [5, с. 31].

Аз матни рисола мусаллам аст, ки муаллиф ба мизоҷи гиёҳҳо ва адвия таваҷҷуҳи хоса дода, доруро дар робита ба аломат ва хусусияти табиати мариз омода мекард, ки дар робита он бо мизоҷи бемор бештар таъсир мекард. Инчунин, усули муҳимми табобати Шоҳзодамуҳаммад дар он зоҳир мешавад, ки ӯ аксари адвияро дар таҷрибаи амалии хеш санҷида, нофеъ буданашро ба тариқи зайл: «муҷарраб аст», яъне аз таҷриба гузаронида шуд, таъкид менамояд.

«Тибби Шоҳзодамуҳаммад», агар асари сирф тиббӣ бошад ҳам, то андозае арзиши адабиро низ молик аст. Муаллиф зимни ташреҳи табобати бемориҳо баъзан аз

овардани ривоятҳо низ худдорӣ накардааст. Аз ин ҷиҳат рисолаи номбурда то андозае қисмати «Дар илми тиб ва ҳидояти табиб»-и «Чаҳормақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандиро ба хотир меорад, вале ин ҷо бояд қайд намуд, ки ривоёт хеле мухтасар, тақрибан аз як ё ду ҷумлаи дароз иборат буда, мақсуд аз муштамил гардонидани он усули табобат ба воситаи адвияи гуногун аст. Ин навъи ривоятҳо бештар ба шахсияти имомони тариқаи ташайю, вале аксар ба имом Ҷаъфари Содиқ, як ривоят ба Ҳазрати Алӣ(а) ва як ривоят ба имом Ризо марбутанд. Мусаллам аст, ки дар ин гуна ривоятҳо ду нафар персонаж, ки дуюмӣ албатта бемор аст, ширкат меварзанд:

«Айзан: ҷиҳати сурфа шахсе ба хидмати Ҳазрати Содиқ (имом Ҷаъфари Содиқ- Л. Д.) шикоят кард, фармуданд: анҷидони мисриро бо ҳамон қадар набот суфуф намояд ва бихӯрад як рӯз ё ду рӯз. Он мард гуфт: як бор хӯрдам, бартараф шуд» [5, с. 78].

«Айзан: ҷиҳати сурфаи кӯҳна ва тоза шахсе ба Ҳазрати Имом Ризо арз кард ва шикоят намуд. Ҳазрат фармуд: бигир ва фулфули сафед ва ҳарики сафед ва сунбул ва қоқила аз ҳар як ҷузве ва фарфюн ду ҷузв бикӯб ва аз ҳарир берун намо, бо асал каф гирифта, сиришта кун ва ҳаббе аз он ба оби бодиёни нимгарм дар вақти хоб бихӯр, нофеъ аст» [5, с. 78].

Муаллиф дар қисмати «Дар баёни шинохтани ақсоми табҳо, ки аз сардӣ ва гармӣ ва хушкӣ бошанд», роҷеъ ба таби пайваста ду ривоят аз имом Ҷаъфари Содиқ ва як ривояти Ҳазрати Алӣ(а) оварда, аз забони онҳо тарзи мудовоти амрози зикршударо ин тавр баён намудааст. Мусаллам аст, ки ин ҳикояҳо аз рисолаҳои тиббӣ гирифтааст. Ҳикоятҳо асосан аз муколамаҳо хурд иборат буда, дар онҳо яке аз персонажҳо савол медиҳад ва дигаре ба ӯ ҷавоб мегардонад. Аксари ин ривоятҳо аз чор ё панҷ ҷумла иборатанд, ки усули табобати ин ё он бемориро нишон додаанд. «Аз Ҳазрати Содиқ манқул аст, ки барои дафъи таб ҳеҷ чиз нофеътар аз оби сард нест, миқдоран даҳ дирам қанд ба оби сард ношто хӯрдан барои таб нофеъ аст. Ҳазрати Содиқ аз шахсе пурсиданд:

- Беморон худро ба чӣ мудово мекунанд?

- Гуфт: ба давоҳои талх. Фармуданд: қанди сафедро бикӯб ва оби сард бар он бирез ва бемор онро бихӯрад, таби ӯ рафъ шавад» [5, с. 99].

Ривояти дуюм, ки аз Ҳазрати Содиқ дар «Тибби Шоҳзодамуҳаммад» омадааст, низ ба илоҷи таб мансуб буда, қаҳрамони ривоят тарзи мудовои онро ба тарзи зайл нишон додааст:

«Айзан: аз Ҳазрати Содиқ манқул аст, ки илоҷи таб ба се чиз аст: ба қай ва арақ ва мусҳил. Ва аз таби рабъ шахсе шикоят кард ба Ҳазрати Содиқ. Фармуд: наботро бо қанд бисой, дар миёни об бирез, ҳар вақт ташна шавӣ, бихӯр. Он мард чунон кард, шифо ёфт. Ва Ҳазрат фармуд дар муолиҷаи таб: ғаби асали кӯҳна бо сиёҳдона мамзуҷ карда бихӯрад, шифо ёбад… [5, с. 99].

Дар баробари истифодаи ривоёт, ки он чун арзиши адабии «Тибби Шоҳзодамуҳаммад» муаррифӣ гардид, рисола аз аҳамияти фарҳангӣ-забоншиносӣ низ орӣ нест. Муаллифи рисола номи бархе адвияро агар ба забонҳои форсӣ, ҳиндӣ, арабӣ, русӣ оварда бошад, қисмеро ба забонҳои мардуми Бадахшон истифода кардааст. Зоҳиран, ин ҷо матлаби муаллиф возеҳ аст, ки китоб ба хонандагони сершумор фаҳмо ва дастрас бошад. Хусусияти дигари муҳимми рисола мабно бар мустафоди истилоҳоти душворфаҳм аст. Муаллиф мусталеҳоти мураккаб ва аз фаҳм дурро дар ҳошияи китоб шарҳ додааст. Баъди хатми китоб номгӯи луғати мусталеҳот ва калимаҳои тиббиро оварда тавҷеҳ додааст, ки бешубҳ аз забонҳои гуногун ва сарчашмаҳои қадимаи тиббӣ гирифта шудаанд.

Ҳамин тариқ, дар нимаи дуюми асри XIX ва нимаи аввали асри XX ҳаёти фарҳангӣ-адабии Бадахшон суннати деринаи насрнависии адабиёти форсии тоҷикӣ дар робита бо шароитҳои нави сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ идома ёфта, агарчи дар шеваи мухталиф ва ё хилофи қоидаи гузаштагон эҷод шуда бошанд ҳам, равиш умумии он қатъ нагардид.

Адабиёт:

1. Исмоилиён / Тарҷума ва мураттибони чоп Н. Ҷонбобоев ва Ш. Муҳаммадшерзодшоев. – Хоруғ, 1992. – 40 с.
2. Мирсаид Миршакар. Айёми ҷавонӣ / М. Миршакар. – Душанбе: Ирфон, 1972. – 110 с.
3. Нуралиев Ю. Тиб ва табобат дар замони Сомониён / Ю. Нуралиев // Сомониён ва эҳёи тамаддуни форсӣ-тоҷикӣ. – Душанбе, 1377 ҳ. / 1999.

4. Қурбон Мухаммад-зода (Охун Сулаймон), Мухаббат Шо-зода (Саид Футуршо). История Бадахшана (Факсимильний текст на языке фарси). – М., 1973. - 248 с.
5. Тибби Шоҳзодамуҳаммад / Мураттиб, таҳиягар, муаллифи муқаддима, луғот ва тавзеҳот Умеди Шоҳзодамуҳаммад. – Хоруғ, 1993.

«МЕДИЦИНА ШОЗОДАМУХАММАДА» И ЕЁ КУЛЬТУРНО-ЛИТЕРАТУРНЫЕ ЦЕННОСТИ

В статье рассматриваются некоторые литературные элементы в одной из медицинских книг. Автор в статье вкратце говорить об особенности легенды, и подчеркивает, что данная книга имеет культурно-литературное значение.

Ключевые слова: медицина, автор, словарь, легенда, персонаж, диалог, терминология, Медицина Шозодамухаммада.

"MEDICINE SHAKHZODA MUHAMMAD" AND ITS CULTURAL AND LITERARY VALUE

The article deals with some fictional elements in a medical book. The author of the article briefly talk about the features of the legend, and emphasizes that this book has a cultural and literary value.

Keywords: medicine, author of the dictionary, the legend, character, dialogue, terminology, Medicine Shakhzoda Muhammad.

Сведения об авторе: Давлатбеков Лоло, кандидат филологических наук, доцент, докторант Таджикского национального университета, e-mail: rusik-2871@mail.ru

About author: Davlatbekov Lolo, PhD in Philology, Associate Professor, doctoral candidate of Tajik State University

МОҲИЯТИ ТАЪЛИМИ "БАҲОРИСТОН"-И АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ ДАР МАКТАБ

Муборакиён С.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

"Баҳористон"-и Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ яке аз барҷастатарин асарҳои пандуахлоқии адабиёти классикии форсу тоҷик ба шумор меравад ва дар миёни осори ин мутафаккири бузург аз мавқеи хосса бархӯрдор аст. Дар қиёс бо осори мансури он замон забони ин асар нисбатан содаву равон буда, бо усули насри мусаҷҷаъ иншо гардидааст. "Баҳористон", ба эътирофи худи Ҷомӣ, дар пайравӣ ба "Гулистон"-и Саъдии Шерозӣ таълиф карда шуда, мисли он дорои муқаддима, ҳашт боб ё равза ва хотима мебошад, ки мавзӯъҳои гуногунро дар бар мегиранд. Боби аввали асар саргузашти орифон, боби дувум ҳикмати бузургон, боби севум саргузашти подшоҳон, боби чаҳорум тарғиби саховатмандӣ, боби панҷум ишқу муҳаббат, боби шашум мутоибаҳои шӯху сафобахш, боби ҳафтум суханварӣ ва зикри шоирон ва боби ҳаштум ҳикояҳои тамсилиро фаро гирифтааст.

"Баҳористон" пеш аз ҳама асари тарбиявӣ мебошад, ки парвариши ахлоқи некро барои насли наврас тарғиб мекунад. Аз ин ҷост, ки асари мазкурро адиб дар соли 1487-и мелодӣ чун китоби дарсӣ барои писари 10-солаи худ - Зиёуддин Юсуф таълиф менамояд. Аммо дар маҷмӯъ асар бо ҷанбаи тарбиявии худ, ки ахлоқи олии ҷамъияти замонашро тарғиб менамояд ва фаровон будани маводди таълимӣ барои доираи васеи хонандагон иншо шудааст. Чуноне ки дар интиҳои муқаддимаи асар Ҷомӣ ба хонандагон муроҷиат намуда, зикри хайрашро умедворӣ дорад:

«Ҳар кас зи некбахтон з-ин тозарас дарахтон
Дар сояе бишинад ё мевае бичинад.
Он беҳ, ки пеш гирад оини ҳақгузорӣ,
Роҳи карам сипорад, расми дуо гузинад» [1, с. 15].

Пораҳои панду ахлоқии ин асар ба китобҳои дарсии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дохил гардида, имконият медиҳанд, ки хонандагон аз синни хурди мактабӣ ба ғояҳои олии инсондӯстонаи ин абармарди адабиётамон шинос шаванд. Зарурати ба доираи васеи хонандагони тоҷик дастрас намудани ин асарро ҳанӯз соли 1946 Абдусалом Деҳотӣ таъкид карда буд: «Ба насри бадеии классикҳои худ ниҳоят ташна будани

хонандагони тоҷикро ба назар гирифта, ба нашриёти давлатии Тоҷикистон тавсия мекунем, ки «Баҳористон»-и Абдурраҳмони Ҷомиро, ҳеҷ набошад, бо як қатор ихтисорот дар ояндаи наздик чоп карда, дастраси омма гардонад» [4, с. 56]. Бобоҷон Ғафуров низ ба ин асари Ҷомӣ баҳои баланд медиҳад: «Баҳористон»-и вай намунаи беҳтарини насри асри XV шинохта мешавад» [3, с. 346]. Дар ин кори хайр хизмати Аълохон Афсаҳзод сазовори тақдир аст. Ӯ аввал соли 1966 нашри оммавӣ ва соли 1972 матни нахусти илмии «Баҳористон»-ро бо ҳуруфоти арабӣ дастраси хонандагон гардонидааст. Баъдан чандин маротиба ин асар дар Тоҷикистон ба нашр расонида шудааст.

Табиист, ки омӯхтани мазмуну муҳтавои чунин асари гаронарзиш, ки забону услуби он намунаи барҷастаи насри равону дилкаши асри понздаҳи адабиёти форсу тоҷик аст, барои хонандагони муассисаҳои таълимӣ амре зарурӣ маҳсуб мешавад. Дар "Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои V-XI" (Душанбе, 2007) барои таълими Абдураҳмони Ҷомӣ дар синфи VII 5 соат ва дар синфи IX 12 соат ҷудо гардидааст. Маълум аст, ки дар синфҳои 5-7 мувофиқи талаботи вазифаҳои таълими адабиёт омӯзиши эҷодиёти адибон бо усули дарси хониши адабӣ сурат мегирад, аммо дар синфҳои 8-11 бошад, мавзӯъҳои дарсӣ аз таърихи адабиёт ба таври васеъ омӯзонида мешаванд. Дар ин марҳилаи омӯзиш дар баробари донистани мазмуни асари бадеӣ инчунин маҳорату ҳунари худи адиб дар эҷоди осори бадеӣ таҳлилу баррасӣ мегардад. Дар синфи 9 омӯзгорон имкон доранд, ба таври васеъ оид ба мундариҷаи "Баҳористон", муносибати Ҷомӣ бо Саъдӣ ва монандии «Гулистон»-у «Баҳористон», мундариҷаи ғоявии асар, рӯзгори орифон, панду ҳикмат, сифати подшоҳон, саховат, ҳазлу шӯхӣ, илму ҳунар, рӯзгори шоирон ва ҳазлу мутоиба, тамсилот дар ин асар, намунаи ҳикояҳо ва таҳлили онҳо ба шогирдон маълумоти зиёд диҳанд. Инчунин метавон аз ин асар ҳамчун мавод барои хониши беруназсинфӣ истифода намуд.

Дар ин асар тарғиби ахлоқу одоби нек тавассути ҳикоёте аз рӯзгори шайхону орифон, ҳикмати донишмандони бузург, амали хайри ҳокимону мансабдорон, ҳиммату саховати шахсони таърихиву афсонавӣ, тасвири шефтагиву вафодории ошиқон ва инчунин ҳикоятҳои пандомӯзи тамсилӣ дар бораи ҳайвонот сурат гирифтааст.

Хонандагон ҳангоми омӯзиши мазмуну мундариҷаи китоби "Баҳористон" пеш аз ҳама бо намунаи барҷастаи осори насрии асри 15 шинос мешаванд. Матнҳои равону марғуби ҳикоятҳои асар дар омехтагӣ бо порчаҳои назмӣ нишон медиҳад, ки насри он замон, ҳарчанд чун осори манзуми давр ба қуллаҳои ниҳоят баланд нарасида бошад ҳам, дар ривоҷу равнақ будааст. Нақлу ҳикоятҳои асар дар тарзи нигориш ва устухонбандӣ ниҳоят рангоранг мебошанд.

Дар байни осори бадеии замони Ҷомӣ "Баҳористон" ба ҳайси қомусест, ки урфу одат ва хислату рафтори тамоми табақаҳои ҷомеаи замонро дар хеш гунҷонидааст. Барои хонандагон омӯзиши ин асар аз ҷиҳати пандомӯзиву ибратбахшӣ хеле нишонрас буда, дар пеши назари онҳо манзараҳои ҳузновари фақиронаи мамлакат, нобасомониҳои ҷамъият, ривоҷи бозори зулми шоҳон, ғорати туркони чағатоӣ, дурӯяғӣ ва бедиёнатии ходимони дин ҷилвагар мешавад.

Мавқеи гуманистии нависанда дар асар хеле устувор аст. Андешаҳои ӯ дар бораи қадру қимат ва мақому манзалати волои инсон, ки аз аслу насаб ва сарвату мол вобастагӣ надоштаву марбути ақлу дониш ва маънавиёти баланд аст, хеле муассиранд. Хусусан, ҳал намудани масъалаҳои иҷтимоӣ бар пояи адолату озодӣ ва хайрхоҳиву халқпарварӣ қобили таваҷҷуҳанд. Адиб инсонҳои замони худро тибқи ақидаи замонаш ба ду гурӯҳ - золиму мазлум ҷудо намуда, зидди ҷабру зулм сухан мегӯяд, ҳокимону давлатдоронро ба адлу саховат, бечорагонро ба қаноат даъват мекунад. Адиби инсондӯст аз ҳеҷ чиз наҳаросида дар танқиди ҳокимони золим ғояи пешқадами аз шоҳи диндори золим беҳтар будани подшоҳи бедини одилро такрор мекунад:

Адлу инсоф дон на куфру на дин,
Он чи дар ҳифзи мулк даркор аст.
Адли бедин низоми оламро
Беҳтар аз зулми шоҳи диндор аст [1, с. 45].

Ӯ ҳатто аз айбу нуқсонҳои инсонҳои одӣ ҳам чашм намепӯшад ва одату амалҳои манфури ҳар табақаи ҷомеаро, аз қабили бадмастиву кибру ҳасад, бухлу ҳасаду ҳавобаландӣ накӯҳиш менамояд.

Оид ба яке аз мавзӯъҳое, ки барои таълими насли наврас аҳаммияти зиёд дорад, дар қисмати фоидаи равзаи дувум адиб исбот карданӣ мешавад, ки илму дониш пушту

паноҳи ҳар шахс буда, мояи иззати вай дар байни мардум мегардад. Дар ҳикояте Искандар чун шоҳи тавоно намоён гардида, дар муқобили ӯ гурӯҳи одамони дар айни ҳол нотавоне тасвир ёфтаанд, ки Искандар онҳоро бесилоҳ намудааст. Бо вуҷуди ин онҳо нисбат ба Искандар бартарӣ доранд, зеро онҳо меҳру шафқат ба дониш дошта, вайрон накардани қалъаро маҳз барои дар он ҷо будани ҳакиме дархост менамоянд. Камхирадиву кӯтоҳандешии Искандар дар суҳбати ӯ бо ҳаким ва маънан шикаст хӯрданаш аён мегардад. Дар ин ҷо адиб ба хонанда нишон медиҳад, ки қудрату тавоноии шахс дар илму дониш мебошад. Ин ақидаро ӯ дар қасидаи «Луҷҷат-ул-асрор»-и худ бори дигар таҳвият медиҳад:

Гар надорад симу зар доно манеҳ номаш гадо,
Дар бараш дил баҳри дониш ӯ шаҳи баҳру бар аст [2, с. 34].

Мавзӯи касбу ҳунар ва вобаста ба он мақом пайдо кардани шахс дар равзаи чаҳоруми асар ибтидо гирифта, минбаъд давом мекунад. Агар Ҷомӣ дар байти аввали қитъаи зер қимати мардро ба дараҷаи ҳунараш донад:

Қимати мард на аз симу зар аст,
Қимати мард ба қадри ҳунар аст.

Дар сатри дуюм ақидаи барои замонаш пешқадамеро баён намуда, минбаъд бандаи ҳунармандро аз хоҷаи беҳунар боло мегузорад:

В-ай басо банда, ки аз касби ҳунар,
Қадраш аз хоҷа басе бештар аст [1, с. 60].

Яке аз масъалаҳои муҳими «Баҳористон» мавзӯи шеъру шоирӣ мебошад, ки дар равзаи ҳафтум баён шудааст. Сабаби ба ин мавзӯъ рӯй овардани Ҷомӣ ҳамон анъанаи умумии адабиётамон мебошад, ки дар асарҳои бадеӣ бошад ҳам, оид ба олимони машҳур, ҳакимон, шайхони маъруф ва шоирони номӣ ба хонандагон маълумоти ибтидоӣ медоданд. Чунин маълумотҳо дар ҳикоятҳои гуногуни «Баҳористон» низ кам нестанд. Бо вуҷуди ин, Ҷомӣ як боби асарашро пурра ба ин мавзӯъ бахшида чун донишманди таърихи адабиёт кӯшидааст, ки роҳи инкишофи адабиёти форсу тоҷикро ба хонандагони асараш - насли ҷавон баён намояд. Ҷомӣ аз шоирони гузашта бузургонро интихоб намуда, дар бораи сиву нуҳ шоир, аз Рӯдакӣ сар карда то Навоӣ, ба таври мухтасар маълумотҳои гуногун медиҳад, аз ҷиҳати мазмун маълумотҳои ӯ тарафҳои гуногуни эҷодиёти адибонро мекушояд.

Ҷолиби диққат аст, ки адиб хеле мухтасар бошад ҳам, давраҳои муайяни тараққиёти жанрҳоро баён месозад, қасидаву ғазал, маснавиву қитъа ва рубоӣ барин жанрҳоро ном мебарад. Ин боб ба хонанда дониши муайяни адабиётшиносиву таърихӣ дода, фаҳмиши онҳоро дар ин самт ғанӣ месозад. Моҳияти таълими ин боби асар барои хонандагон боз дар он зоҳир мегардад, ки тибқи "Барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои V-XI" аз синфи 5 то 7 омӯзондани нозукиҳои авзони шеър, қофия, санъатҳои бадеӣ ва дигар мафҳумҳои адабӣ пешниҳод шудааст, ки ин барои баланд бардоштани завқ ва маърифати адабии хонандагон мусоидат мекунад.

Омӯзгорон ҳангоми омӯзиши ин асар имкон доранд, ки аз методу усулҳои гуногун, аз ҷумла методи суҳбат тавассути саволу ҷавоб ва методи муқоисавӣ истифода намуда, дарсро ҷолиб ва пурсамар гардонанд [5, с. 53].

Ҳамин тариқ, «Баҳористон»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ ба ғайр аз он ки доираи васеи хонандагони худро дорад, таълими мазмуну мундариҷаи он барои наврасон дар мактаб низ пураҳаммият аст. Зиёд будани ҳазлу ҳаҷв ва мутоибаву масал дар равзаҳои ҷудогонаи асар низ ба манфиат аст, чунки наврасон ҳама гуна рафтору амалро бо ҳазлу ҳаҷв хуштар қабул мекунад. Маҳз ҳамин ҷиҳатҳо ин асарро барои наврасон хеле шавқовар мегардонад.

Адабиёт:

1. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Баҳористон / Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Аълохон Афсаҳзод.-М.: Ховар, 1987. –177 с.
2. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Фотиҳату-ш-шубоб / Матни илмӣ-интиқодии Аълохон Афсаҳзод.-М.: Адабиёти Ховар, 1973. - 611 с.
3. Ғафуров Б. Тоҷикон, охирҳои асри миёна ва давраи нав. –Китоби дуюм. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 214 с.
4. Деҳотӣ А. «Баҳористон»-и Ҷомӣ. Куллиёт. Ҷ. 5. – Душанбе: Ирфон, 1966.
5. Миров Т. Дастури методии «Адабиёти тоҷик». – Душанбе, 1986.

ЗНАЧЕНИЕ ПРЕПОДАВАНИЯ «БАХАРИСТАНА» АБДУРРАХМАНА ДЖАМИ В ШКОЛЕ

Одно из произведений таджикской классической литературы, изучение которого имеет ценное значение для обучения и воспитания юношей в средней школе, является «Бахаристан» Абдуррахмана Джами. Отрывки из этого сочинения, которые вместили в учебник общеобразовательных средних школ, дают возможность о том, что дети с ранних лет могли знакомиться с гуманистическими взглядами этого мыслителя. В данной статье автор рассматривает значение этого сочинения в школьной программе.

Ключевые слова: «Бахаристан», Абдуррахман Джами, персидско-таджикская литература, проза, обучение, школа.

THE IMPORTANCE OF TEACHING ABDURRAHMAN JAMI'S "BAHARISTAN" AT SCHOOL

One of the works of Tajik classical literature that studying of which is valuable in training and education of youngsters at secondary comprehensive schools, is Abdurrahman Jami's "Baharistan". Extracts from this work that provided for in the textbooks of secondary comprehensive schools, makes it possible that children from an early age will be able to get acquainted with the humanistic view of this thinker. The author explores the importance of this work at school curriculum in this article.

Keywords: "Baharistan", Abdurrahman Jami, Persian-Tajik literature, prose, training, school.

Сведения об авторе: Муборакиён Сиддик, директор научно-инновационного центра Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни, e-mail: mseddiq@mail.ru

About author: Muborakiyon Siddiq, director of scientific and innovation center of the Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni

БОВАРҲО ВА ФАРҲАНГИ МАРДУМӢ ДАР ШЕЪРИ ҚАЙСАРИ АМИНПУР

Ҷуйборӣ А.
Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии
Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қайсари Аминпур аз шоирони барҷастаи даҳаҳои ахир аст, ки ашъораш дар миёни шеърдӯстон бо иқбол рӯбарӯ шудааст. Корбурди фарҳанги мардумӣ дар ин амр саҳми басазое доштааст. Таваҷҷуҳи шоир ба боварҳо ва фарҳанги марбумӣ барои таъсиргузорӣ ва иртиботи ҳар чи бештар бо мухотаб дар ашъори ӯ ҷилваи хос дорад. Дар ин мақола ба корбурди ин боварҳо ва русум ва инъикоси он дар шеъри Аминпур ишора мешавад.

Фарҳанги мардум дорои шохаҳои мутааддид аст, ки яке аз шохаҳои он бовар ва одоб ва русум аст. Боварҳо ва суннатҳо бо таваҷҷуҳ ба тааҳҳуд ва имон ва кӯшиши Қайсари Аминпур барои баҳрагирӣ аз забоне сода ва самимӣ дар ҳама ҷои шеъраш чашмгир аст. Гузашта аз боварҳо дар бораи муқовимати ҳаштсолаи мардум дар ҷанг, ки аз боварҳои мардумии ҷадид аст, дар шеъри ӯ боварҳое ба чашм мехӯрад, ки дар шеъри гузаштагон низ марсум будааст. Эътиқодот ва боварҳои дар шеъри ӯ шомил боварҳои динӣ ва мазҳабӣ ва одобу русум мебошад, ки дар зер ба он ишора мешавад:

Озмоиши оташ (вар). Дар Эрони бостон дар муҳокимаҳои мубҳаму мушкил ду тараф даъворо мавриди озмоиш ба номи «вар» қарор медоданд ва ҳар кас мувофиқ мешуд, ӯро ҳақдор медонистанд аз ҷумлаи ин озмоишҳо нӯшонидани оби омехта ба гӯгирд ва гузаштан аз миёни оташ буд [6, с. 4995].

Аминпур бо таъсирпазирӣ аз ҳамин дидгоҳи куҳан дар шеъри зер ба ин нукта ишора доштааст:

Аммо моро аз озмоиши оташ ҳарос нест [1, с. 376].

Бар об савор будани ҷаҳон:

Худо ибтидо обро,
Сипас зиндагиро аз об офарид,
Ҷаҳон нақш бар об,
Ва он об бар бод [1, с. 165].

Шоир дар шеъри боло илова бар ишора ба эътиқоди гузаштагон, ки офариниши ҷаҳонро аз чаҳор унсури хоку боду обу оташ медонанд, бо киноя зебо ҷаҳонро барбод ва беҳуда медонад.

Мутобиқи эътиқоди қудамо, замин бар об бар сахра ва сахра бар кӯҳони гов ва гов бар кумкум (тӯдае аз реги ба ҳам часпида) ва он кумкум бар пушти моҳӣ ва он моҳӣ бар бод ва бод дар ҳиҷобе аз зулмат ва зулмат бар сарӣ (хок, замин) ва чун бар сарӣ расӣ, дониши халоиқ ба поён раса два ҳеч кас надонад, ки он сӯй чист, ҷуз Худой.

Паридани пилки дил. Ин бовар навъе «равшанбинӣ» маҳсуб мешавад, ки реша дар метафизика дорад.

Дубора пилки дилам мепарад, нишонаи чист?
Шунидаам, ки меояд касе ба меҳмонӣ [1, с. 304].

Дуктур Зарринкӯб дар бораи ин бовар мегӯяд: «Ҷунбидан ё ихтилоҷи баъзе аз андомҳои одамӣ дар бовари омиёна нишонаи вуқӯи пешомадҳои гуногун медонистаанд. Аз рӯи ихтилоҷи аъзо аз қадим байни эрониён равишҳое доштааст ва дар «ал-Феҳрист», номи китобе дар ин замина, омадааст, ки ба эрониёни қадим мансуб шудааст. Ихтилоҷи аъзо ва маърифати аҳкоми он то ин авохир дар Эрон шуҳрати тамом дошт ва дар адаб низ дар боби он баъзе ҳикоёт омадааст. Аз ҷумла, дар «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт»-и Авфӣ ҳикояте аст, ки намунае аз фолҳои роиҷ ба паридани чашмро ба даст медиҳад ва низ аз он эътиқод оммаро дар боби завқу фаросат фолгирон дарёфт» [5, с. 259].

Чиҳилсолагӣ ва давраи камол. Пешиниёнро ақида бар ин буд, ки чиҳилсолагӣ ҳангоми булуғи фикрӣ ва ақлист [2, с. 661].

Гузаштан аз чиҳил,
Расидан ва камол,
Чи фикри коли кӯдаконае!
Зиҳӣ хаёли хом! Тамом! [1, с. 149].

Ҷуфт шудани кафш. Пошнаҳои кафш, ки ҷулӯи ҳам ҷуфт шавад, соҳибаш пулдор мешавад [9, с. 57].

Аммо чаро,
Ҳай, ҳар чи иттифоқе,
Қанддон ва истаконҳоро дар синӣ мечинам.
Ё ҳар чи кафшҳоямро ҷуфт мешаванд,
Дар гӯши ман дигар садои занг намеояд [1, с. 112].

Шоир бо ҷуфт шудани кафшҳо ва чида шудани қанддон ва истакон мунтазири дарёфти хабаре хуш аст, аммо зоҳиран ин интизори ӯ бесаранҷом мешавад.

Намози шикаста. Намози мусофир комил нест. Намозе, ки мусофир ба ҳангоми сафар ба ҷой меоварад ва ду ракъат аст.

